**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН
БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ТДУ 1
ТКБ 87
Қ – 84**

**ҚОСИМОВ ҚУРБОНАЛИ АБДУСАМАДОВИЧ**

# МУЪТАЗИЛА ВА ФАЛСАФАИ АҚЛГАРОИИ ОН
**(таҳлили таърихӣ-фалсафӣ)**

**ДИССЕРТАТСИЯ**
барои дарёфти дараҷаи илмии
номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси
09.00.03 – Таърихи фалсафа

**Роҳбари илмӣ:**
Доктори илмҳои фалсафа, профессор
**Назариев Рамазон Зибуҷинович**

Душанбе – 2023

## МУНДАРИҶА

**ФЕҲРИСТИ ИХТИСОРАҲО** ........................................................................ 3

**МУҚАДДИМА** .......................................................................................... 4-16

**БОБИ I. ЗАМИНАҲОИ ТАЪРИХӢ-ИҶТИМОӢ ВА ҒОЯВӢ-НАЗАРИЯВИИ ПАЙДОИШИ МУЪТАЗИЛА ВА ФАЛСАФАИ ОН**

§ 1. Шароити таърихӣ ва иҷтимоии пайдоиши муътазила ..........................17-38

§ 2. Сарчашмаҳои ғоявии фалсафаи ақлгароии муътазила ва мутафаккирони он ..........................................................................................39-60

§ 3. Тамоюлоти ақлгарои (ратсионализм)-и муътазила ..............................61-82

**БОБИ II. ФАЛСАФАИ АҚЛГАРОИИ МУЪТАЗИЛА**

§1. Усулҳои бунёдии таълимоти ақлгароии муътазила.............................83-104

§2. Хусусиятҳои ақлгароии таълимоти муътазила бар пояи назарияҳои метафизикӣ ва табиатшиносии он .........................................................105-123

§3. Инсон, ақл ва иродаи ӯ дар таълимоти муътазила ........................ 11244-142

ХУЛОСА.........................................................................................................143-149

РӮИХАТТИ АДАБИЁТ..........................................................................150-162

ИНТИШОРОТИ ИЛМӢ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ .......... 163-164

# ФЕҲРИСТИ ИХТИСОРАҲО

КОА – Комиссияи Олии Аттестатсионӣ

ДДОТ - Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

# МУҚАДДИМА

**Муҳимияти мавзуи таҳқиқот**. Аҳамияти ин таҳқиқоти диссертатсионӣ пеш аз ҳама дар он ифода меёбад, ки он ҳамчун яке аз мактабҳои ақлонии ислом ва таълимоти динию фалсафии он дар ҳошияи муносибатҳои муосири байналхалқӣ ва геополитикаи умумиҷаҳонӣ ба шакли хеле мутазод ва гуногунранг муаррифӣ гардидааст. Ҳодисаҳои даҳсолаҳои охир, ки бо ҷараёни сиёсикунонии ҷомеаҳои кишварҳои минтақаи исломӣ алоқамандаид ва нақши идеологии ислом сиёсӣ, ноустувории рафтору муносибатҳои қолабие, ки дар он муқаррар шудаанд, баръало нишон доданд, ки онҳо дар замони мо он қадар тағйир наёфтаанд. Чунин вазъият, бешакк, таҳқиқи бештар дақиқкоронаи идеологияи исломӣ ва фаҳмиши интиқодии дастовардҳои илмии мутафаккирони мусулмонро на танҳо дар соҳаи маънавӣ, балки сирф илмӣ тақозо мекунад. Чунин муносибат барои дарки мушкилоти замони муосир, ки ба ин ё он восила бо таълимоти ислом иртибот дорад, мусоидат хоҳад кард.

Дар ин замина таҷдиди назар намудани мероси фалсафии мактабҳои ақлгароии ислом, ки муътазила аз ҷумлаи аввалини онҳост ва пайравони ин мактабҳо барои ҳаллу фасли масъалаҳои баҳсбарангези вобаста ба олам ва инсон барои муайян намудани роҳҳои таҳаввулоти зеҳнӣ дар мисоли ақлгароӣ саҳми бузург гузошта буданд, хеле муҳим аст. Таҷрибаи ақлгароии муътазилиён басо ибратбахш аст. Ба шарофати онҳо барои рушди фарҳанги маънавии ҷомеа, муносибатҳои одамон дар шаклҳои гуногуни ҳамзистӣ ва мубориза фикрӣ-ақлонии мазҳабҳои мухолифи дохилӣ, ки ба шуури иҷтимоӣ таъсири бузург гузошта буд, асоси бунёдӣ гузошта шуд. Фаъолияти муътазилиён ба ташаккулёбии фалсафа мусоидат карда, барои пайдоиши мактабҳои нави ақлгароӣ дар ислом замина гузошт. Таҳқиқи ин таҷриба барои таърихи фалсафаи муосир ва рушд ёфтани он бешубҳа, муҳим аст.

Мафҳумҳо, ақидаҳои сершумори беназир ва аслӣ, ки аз сарчашмаҳои қадимаи фалсафӣ, баҳсҳо ва мубоҳисаҳои фалсафӣ бармеоянд, «рангҳоеанд», ки мо дар манзараи онҳо давраи пуртуғёнро мушоҳида мекунем. Ин даврае буд, ки

дар он муътазила худро бо тамоми қувваи ақлгароиаш, ки пояҳои он ба асри VII рост меоянд, зоҳир намудааст. Дар робита бо ин, қайд кардан зарур аст, ки ҳаракатҳои мухталифи муосири исломӣ ба роҳҳои воқеии ҳаллу фасли ин мушкилоти доғи ҷомеаи мусулмонӣ ниёз доранд. Дар солҳои охир ба таври назаррас ривоҷ ёфтани ақоиди идеологии исломӣ, ки асосан ба усулҳои бунёдгароӣ асос ёфтаанд ва барои ноил шудан ба «қудрати Аллоҳ дар рӯи замин» ва бо ҳар роҳу восита, аз ҷумла бо роҳи зӯрӣ барпо намудани ҷомеаи ба истилоҳ ормонии исломиро тарҳрезӣ мекунанд, ба мушоҳида мерасад. Дар иртибот бо ин масъала, дар замони мо руҷуъ овардан ба таълимоти муътазила, ки аввалин мактаби ақлгароиро дар шароити асримиёнагии ислом ба вуҷуд оварда буданд, дар ҳаллу фасли мушкилоте, ки ҷамоатҳои гуногуни муосирро ба ташвиш овардааст, аҳамияти хосса дорад.

Дар ахлоқи муътазилиён ҳадафи инсон ҳамчун касби саодат муайян мегардад, ки барои он хайру накӯкориро дар зиндагӣ ташвиқ мекунанд. Ҳудуди саодат бо ақл муайян карда мешавад ва бо ёрии он инсон накӯкорӣ намуда, аз шарру бадӣ парҳез мекунад. Нигоҳдошти ақидаҳои тавҳидии умумиисломӣ ва дар баробари он – тасдиқи афзалияти ақл бар имон аҳамияти худро гум накардааст. Маҳз муътазилиён пешбари ғояе буданд, ки бар зидди догматизм ва авторитаризм барои ба эътидол овардани ҷаҳони ислом нигаронида шуда буданд. Имрӯзҳо теологияи мутакаллимон бо хусусиятҳо ва хосиятҳои хосси тафаккури асримиёнагӣ (рӯ овардан ба гузашта, парастиши ақл ба хотири дифоъ аз илоҳиётшиносӣ) барои интихоби мавқеи ҳаётии инсони муътақид-мусулмон таъсири бузург мегузорад. Дар муборизаи пайравони дин ва ҳаёти дунявӣ муътазила қодир аст барои баррасӣ ва таҳлили масъалаҳои ормонии динӣ ва дунявӣ хидмат намуда, ҳамчун як навъ қолаби классикӣ мавриди истифода қарор гирад.

Муътазила ҳамчун ҳомили ақоиди ақлонӣ ва руҳияи интиқодӣ, мудофеи фарҳанги мусулмонӣ пас аз як аср ба аввалин мазҳабе табдил ёфт, ки таҳти таъқиб ва фишор қарор гирифт, зеро ки дар ҷустуҷӯи ақидавии онҳо мутафаккирони суннатгарои исломӣ мухолифат бо эътиқодоти умумиисломиро

медиданд. Дар натиҷаи он фарҳанги мусалмонон пас аз «асри тиллои»-и худ, ки дар он муътазила ҳамчун нуқтаи олии руҳияи интиқодии ақлонӣ зоҳир шуда буд, ба бӯҳрони амиқ рӯ ба рӯ омад. Ҳамзамон то ба имрӯз таъсири таълимоти муътазила ба ҳамаи ҳаракатҳои мазҳабӣ ва сиёсии он замон, намояндагони мактабҳои ҳам фалсафӣ ва ҳам динӣ, бешак, бузург буд. Аз ин рӯ, таҳлили ин таъсирот, таҳқиқи робитаҳо ва мухолифати муътазилиён ба мактабҳои дигари фикрии исломӣ аҳамияти хосса дорад. Таҷрибаи муколама ва мубоҳисаҳои муътазила бо ин мактабҳо қобили таваҷҷуҳ аст, ки дар аснои он ихтилофҳои мураккаби ҷаҳонбиние, ки ба тамоюлоти арзишмандии инсон дахл доштанд, ҳаллу фасл меёфтанд. Барои фарҳанги умумиҷаҳонӣ он дорои аҳамияти калони илмӣ дорад. Бо дар назардошти ин, таҳлили таълимоти муътазила ҳамчун яке аз мактабҳои фалсафӣ-ақлгароӣ то ба имрӯзҳо ба иллати дар сатҳи ниҳоят паст ва порчавӣ омӯхта шудани он мубрамият дорад.

Муносибати ақлонӣ ва интиқодии муътазила ба олам, ҷомеа ва инсон дар таърихи тамаддуни исломӣ самараи зиёде оварда, дар даҳсолаҳои охир талошҳои мутафаккирони исломиро барои эҳёи ин равия ривоҷ додааст. «Навмуътазила» равияест, ки имрӯз аз ҳисоби як қатор муҳаққиқон ва олимони ақлгаро ташаккул ёфтааст, ки он асосан аз арзишҳои маънавӣ-дунявӣ дифоъ мекунад. Аз ин ҷо бармеояд, ки аҳамияти таҳқиқи таълимоти муътазила ҳамчун муассиртарин равияи ақлгароӣ дар муҳити ислом қобили шакку тардид нест.

Тоҷикистон, ки имрӯзҳо ҷомеаи дунявӣ ва давлати миллӣ месозад, мақоми ақлгароӣ дар фарҳанги муосири он хеле бузург аст, ки он ба анъанаҳои кишвар такя мекунад. Аҳамияти анъанаҳои ақлгароии муътазила дар ин раванд комилан бо равиши дунявии сиёсати имрӯзаи давлат мувофиқат дорад.

**Сатҳи омӯзиши мавзуъ**. Аз таърихи муътазила маълум аст, ки ба иллати таъқибу шиканҷаҳои муътазилиён аз ҷониби руҳониёни мутаассиб ва мухолифони дигари ин мактаби фикрӣ, адабиёти зиёди онҳоро нобуд карда буданд ва то замони мо теъдоди камтарини онҳо расидааст. Барои ҳамин ҳам, таҳқиқоти осори муътазила муддати тӯлонӣ дар ҳадди паст қарор дошт ва рушди нисбии он фақат ба нимаи дуюми асри XX рост меояд. Ҳарчанд то ин дам ҳам

таҳқиқоти алоҳидае, ки дар онҳо маълумоти аввалин дар бораи муътазила дода шудааст, хусусияти таърихӣ-энсиклопедӣ доранд, низ вуҷуд доштанд, аммо онҳо миқдоран ночиз буданд. Масалан, Х. Штайнер ҳанӯз дар охири асри XIX ба омӯзиши муътазила ҳусни таваҷҷуҳ зоҳир намуда, дар асараш ин равияро «озодфикрӣ дар ислом» номидааст. Ба ин гурӯҳ асари Ҳ. Галландро, ки дар ибтидои асри XX навишта шуда, маълумоти аввалинро барои аврупоиён дар бораи таърих ва ақоиди муътазила медиҳад, низ ҳамроҳ кардан мумкин аст.[1] Умуман, адабиёти илмӣ-таҳқиқотиеро, ки ба омӯзиши мавзуи рисолаи диссертатсионӣ бахшида шудааст, ба се гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст. Ба гурӯҳи аввал, таҳқиқоти давраҳои асримиёнагии муҳаққиқону мутафаккирони ислом ва худи муътазила, ки дар бораи таърихи пайдоиши муътазила, фирқаҳо ва мутафаккирони маъруфи он, ақоиди динӣ ва фалсафии ин мактаби фикрӣ ба таври мухтасар тавсиф намудаанд, тааллуқ доранд. Ба қатори онҳо асарҳои Абу-ул-Ҳасан Ал-Ашъарӣ, Абдулқодир Ал-Бағдодӣ, Абу Бакр Ал-Боқилонӣ, Ибни Ҳаликон, Ибни Халдун, Ибни Маттавейҳ, Ибни Мискавайҳ, Ибни Надим, Амру-л-Ҷоҳиз, аш-Шариф Ал-Ҷурҷонӣ, Абу-л-Муъало Ал-Ҷувайнӣ, Муҳаммад Абд-ул-Карим аш-Шаҳристонӣ, Қозӣ Абд-ул-Ҷаббор[2] ва дигарон дохил мешаванд.

Ба гурӯҳи дуюм таҳқиқотеро ворид кардан мумкин аст, ки онҳо ба таври васеъ фалсафаи калом ва илоҳиётшиносии исломро дар бар гирифта, муътазила ва фалсафаи онро ҳамчун як ҷузъи таркибии онҳо мавриди таҳлил қарор додаанд ва бештар хусусияти тавсифӣ-энсиклопедӣ доранд. Ба қатори онҳо таҳқиқоти муҳаққиқон А. Корбен, Е.А. Фролова, Т.К. Иброҳим, М. Аркун, М. Бернард, В. Маделунг, В. М. Уотт, Р.М. Франк, Й. ван Эсс, М. Кук, А.В. Сагадеев, М.Н. Вольф, И.С. Кирабаев, М. Т. Степанянтс, А.И. Игнатенко, Е.Н. Фролова, Н.В.

[1] Steiner H. Die Mu'taziliten oder die Freidenker im Islam: ein Beitrag zur Allgemeiner Kulturgeschichte. NABU PR, 2010; Galland H. Essai sur les Mo'tazélites: Les rationalists de l'Islam. Paris, 1906.

[2] Ал-Ашъарӣ Абу ал-Ҳасан. Мақолот ал-исломиин ва ихтилоф ал-мусалиин. – Висбаден, 1980; Ал-Бағдодӣ Абдулқодир. Ал-фарқ байн ал-фирақ. - Ал-Қоҳира, 1328 ҳ.; Абубакр ибн Боқилонӣ. Китоб ут-тамҳид. – Бейрут, 1957; Ибн Ҳаликон. Вафиёт ул-аъён. Ҷ. 6. – Бейрут, 1972; Ибн Халдун. – Бейрут, 1982; Ибн Маттавейҳ. Ат-тазкира фи аҳком ал-ҷавоҳир ва ал-аъроз. - Ал-Қоҳира, 1975; Ибн Мискавейҳ. Таҷоруб ал-уммам. – Теҳрон, 1376 ҳ.қ.; Ибн Надим. Ал-Фиҳрист. Бейрут, 2009; Ал-Ҷоҳиз Амру. Ал-Ҳайвон. Ҷ. 7. – Бейрут, 1414 ҳ.; Ал-Ҷурҷонӣ ал-Шариф. Шарҳ ало ал-мавоқиф ли-л Изд ал-Иҷӣ. Ҷ. 2. б/т.; Ал-Ҷувайнӣ Абу ал-Маъалло. Аш-Шомил фи усул ад-дин. – Ал-Искандария, 1969; Аш-Шаҳристонӣ Муҳаммад. Ал-Милал ва ан-ниҳал. Ал-Қоҳира, 1416 ҳ.; Қозӣ Абу ал-Ҳасан Абдулҷаббор. Ал-Муътазила ва хамс усулиҳим. – Риёз, 1996.

Ефремова, А. Дананӣ ва дигарон[1] дохил мешаванд. Дар байни таҳқиқоте, ки бевосита ба омӯзиши ақидаҳои динию фалсафии муътазила ва ё осори фалсафӣ-динии мутафаккирони он бахшида шудаанд, корҳои илмӣ-таҳқиқотии Р.М. Франк, Ф. О. Нофал, Ҷ.Ф. Ҳурранӣ, А.Н. Нодир, М. Мусаев ва дигарон муҳиманд.[2]

Дар таҳқиқи муътазила ва фалсафаи он дар баробари таҳқиқи таълимоти умумии калом муҳаққиқону олимони тоҷик низ саҳми арзанда доранд. Дар омӯзиши калом ва намояндагони он таҳқиқоти З. Вазиров, А.А. Шамолов, З.М. Диноршоева, С. Ахмедов ва дигарон назаррас аст.[3] Агар З. Вазиров дар асараш доир ба пайдоиши калом, робитаи он бо фиқҳ, шариат ва баъзе масъалаҳои динӣ-фалсафӣ ва фалсафӣ-иҷтимоӣ таваҷҷуҳ карда бошад, А.А. Шамолов масъалаҳои вобаста ба заминаҳои иҷтимоӣ-фарҳангии ташаккул ёфтани ҷаҳонбинии Муҳаммад Ғаззолӣ, таълимоти динию фалсафӣ, ақоиди тасаввуфӣ ва иҷтимоӣ-сиёсӣ ва ахлоқии ин фақеҳ ва мутафаккирро мавриди таҳлил қарор додааст. З.М. Диноршоева низ заминаҳои иҷтимоӣ-фарҳангии ташаккул ёфтани ҷаҳонбинии Муҳаммад Ғаззолиро дар пайвастагӣ бо ҳаёт ва фаъолияти мутафаккир ва инчунин масъалаҳои таҳаввулоти фикрӣ, муносибати ӯ ба фалсафа, интиқод аз таълимоти машоиёни шарқӣ ва файласуфони дигари исломиро таҳлил намудааст.

---

[1] Корбен А. История исламской философии. Пер. с франц. А.А. Кузнецова. – М.: Прогресс-Традиция, 2010; Фролова Е.А. Арабская философия. Прошлое и настоящее. – М.: Языки славянских культур, 2010; Ибрагим Т.К. Религиозная философия ислама: калам. Казань: Казанский ун.-т, 2013; Arkoun M. Pour une critique de la raison islamique. Paris, 1984; Madelung W.F. Religious schools and sects in medieval Islam. London: Variorum repr., 1985; Watt W.M. Islamic philosophy and theology. Edinburgh, 1962; idem: The formative period of Islamic thought. Edinburgh, 1973; Van Ess J. Anfänge muslimischer Theologies: zwei antiqadaritische Traktate aus dem ersten Jahrhundert der Hiğra. Beirut, 1977; Cook M. Early Muslim dogma. A source-critical study. Cambridge etc.: Cambridge univ. press, 1981; Сагадеев А.В. Калам (Обзор) // Классический ислам: традиционные науки и философия. Сборник обзоров. М., 1988. С. 47–85; Вольф М.Н. Средневековая арабская философия: мутазилитский калам. Учебное пособие. Новосибирск, 2005; Кирабаев И.С. Социальная философия мусульманского Востока. - М., 1987; Степанянц М.Т. Мусульманские концепции в философии и политике. - М., 1982; Фролова Е.Н. Проблема знания в арабской философии. - М., 1983; Игнатенко А.И. Халифы без халифата. - М., 1988; Ефремова Н.В. Ислам: философия, религия, культура: учебное пособие; М.: Ин-т философии РАН, 2015; Dhanani, A. Kalam and Hellenistic Cosmology: Minimal Parts in Basrian Mu'tazili Atomism. Ph.D. diss., Harvard University, 1991.

[2] Frank R.M. Beings and their attributes: The teaching of the Basrian school of the Mu‘tazila in the classical period. Albany, 1978; Нофал Ф.О. Ибрахим ибн Саййар ан-Наззам. М.: Языки Славянской культуры и ОО “Садра”, 2015; Hourani G.F. Islamic Rationalism: the Ethics of 'Abd al-Jabbar. - Oxford: Clarendon Press, 1971; Nader A.N. Le système philosophique de mu‘tazila (premiers pensers de’l Islam). Beyrouth, 1956; Мусаев М. Мутазилиты. М., 1997.

[3] Вазиров З. Социальная философия калама. - Душанбе, 2000; Худи ҳамин муаллиф: Очерки социальной философии калама и футуввата. - Душанбе: Дониш, 1991; Шамолов А.А. Философско-теологические воззрения Газали. Автореф. на соискание уч. ст. доктора филос. наук, - Душанбе, 2003; Диноршоева З.М. Мухаммад ал-Газали и его отношение к философии. - Душанбе, 2002; Ахмедов С. Философия калама в современном исламе. – Душанбе, 2004.

С.Ахмедов бошад, дар монографияи хеш шароит ва омилҳои иҷтимоӣ-ғоявии ташаккул ёфтан ва тамоюлоти модернгароӣ ва таҷдидсозии каломро дар шароити муосир бо баррасии масъалаҳои фалсафаи ислоҳотчиёни фалсафаи исломӣ ва инчунин онтология ва гносеологияи каломро ба таври мукаммал таҳқиқ намудааст. Ин монография яке аз таҳқиқоти бунёдии фалсафаи калом дар доираи илмии пасошӯравӣ ба шумор меравад. Муаллифи диссертатсия, сарчашмаҳои таҳқиқотӣ-илмии барояш дастрасро муфассал омӯхта, ба хулосае расид, ки масъалаи ақлгароии муътазила ба таври амиқ ва пурра таҳқиқ нашуда, бештар хусусияти тавсифӣ ва иттилоотӣ доранд.

Ҳамин тавр, гуфтан мумкин аст, ки дар бораи масъалаи ақлгароии муътазила ба ҷуз аз якчанд таҳқиқоти асримиёнагӣ ва муҳаққиқони муосир, ки бештар хусусияти тавсифӣ ва иттилоотӣ доранд, кори мукаммале дар даст надорем.

**Робитаи кори таҳқиқотӣ бо барномаҳо (лоиҳаҳо)-и илмӣ**. Кори таҳқиқотӣ дар доираи самти илмӣ-таҳқиқотии кафедраи умумидонишгоҳии фалсафа ва фарҳангшиносӣ сурат гирифта, дар рафти он муаллиф ҳафт мақола омода ва нашр кардааст, ки мазмуни онҳо дар диссертатсия инъикос ёфтааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ КОРИ ТАҲҚИҚОТӢ

**Робитаи кор бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Рисолаи диссертатсионӣ дар доираи фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон (ДДОТ) ба номи Садриддин Айнӣ иҷро карда шудааст.

**Объекти таҳқиқот:** фалсафаи калом ва таърихи рушди он.

**Предмет таҳқиқот:** фалсафаи муътазила ва моҳияти ақлгароии он.

**Ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот** - таҳлили ҷанбаҳои ақлгароӣ ҳамчун ҷузъи таркибии сохтори фалсафии муътазила мебошад. Барои расидан ба ин ҳадаф иҷрои **вазифаҳои зерин** тақозо карда мешавад:

- муайян кардани консептҳои фалсафии ақл дар таълимоти муътазила ва асосҳои назариявӣ-методологии омӯзиши он;

- баррасии раванди ташаккулёбии тамоюлоти ақлгароӣ дар ақоиди мутафаккирони муътазила;

- таҳлили усулҳо (принсипҳо)-и муҳимтарини таълимоти муътазила дар доираи робитаи тарафайни бо дин ва фалсафаи он;

- омӯзиши хусусиятҳои ақлонии фалсафаи муътазила дар асоси таҳлили назарияҳои метафизикӣ ва табиатшиносии он;

- таҳқиқи масъала дар бораи он ки чӣ тавр дар фалсафаи ақлгароии муътазила мушкилоте, ки бо ақл ва иродаи инсон ҳамчун пояи асосии фалсафаи ақлгароии муътазила робита доранд, ҳаллу фасл ёфтаанд.

**Методология ва усулҳои таҳқиқи мавзуъ**. Заминаи методологии таҳқиқотро маҷмуи принсипҳо, муносибатҳо, усулҳои таҳқиқотии фалсафӣ ва мантиқӣ ташкил медиҳанд. Ба ғайр аз ин, аз ҷониби муаллиф барои кушоиши бештари мазмуни мавзуъ усулҳои таҳқиқотии таърихӣ, фалсафӣ-муқоисавӣ, мантиқӣ-таҳлилӣ, герменевтикӣ, муназзамӣ-сохторӣ ва ғайри онҳо ба кор бурда шудаанд. Дар навбати хеш, муносибати байнифаннӣ ба диссертант имконият дод, ки таърихи фалсафаи муътазиларо ба таври васеътар баррасӣ ва таҳлил намояд. Баъзе усулҳо ва равишҳои таҳқиқотии илмҳои ҷомеашиносӣ, равоншиносӣ, забоншиносӣ ва ғайра мавриди истифода қарор гирифтааст.

Асоси назариявии таҳқиқотро асарҳои мутафаккирони муътазила ва мактабҳои дигари фикрии ислом, муаррихону ҷомеашиносон, фарҳангшиносон, шарқшиносону бидъатшиносони Ғарб, муҳаққиқону олимони кишварҳои гуногун ва Тоҷикистон ташкил медиҳад.

**Навгониҳои таҳқиқоти мазкур** дар нукоти зерин ифода меёбанд:

- дар ҳудуди пасошӯравӣ масъалаи ақлгароии муътазила ба таври муназзам ва мушаххас бори нахуст мавриди таҳлил қарор гирифт;

- ба исбот расидааст, ки синтези ғояҳо, назарияҳо ва таълимоти динҳо ва мактабҳои фалсафию динии гуногун барои муътазила майдони муколамаҳо ва мубоҳисаҳоро ба вуҷуд оварда, дар онҳо усулҳо ва шаклҳои таҳқиқоти масъалаҳо мавриди озмоиш қарор гирифта, барои пайдоиши фалсафаи исломӣ замина муҳайё кардаанд;

- исбот гардид, ки дар таълимоти мутафаккирони муътазила тамоюлоти ақлонии фалсафаи он хусусияти муайянкунандагӣ дорад;

- муқаррар ва тасдиқ гардид, ки барои консепти ақлгароии муътазила панҷ усул (*ал-усул ул-хамса*)-и муътазила ҳамчун асоси назариявии таҳқиқи мубоҳисавии ақл ва имон мақоми калидӣ дорад;

- нақши ақл ва маърифати ақлонии муътазила ҳангоми дарки масоили метафизикӣ ва табиатшиносӣ аз ҷониби пайравони он ба исбот расида, муқаррар гардид, ки дар онҳо мақоми ақл бар эътиқод болотар гузошта шудааст. Ба ин васила барои рушди донишҳои ақлонии инсон асос гузошта мешавад.

**Муқаррароти зерин барои дифоъ пешниҳод карда мешаванд**: 1) Тибқи назарияи даврият таърихи муътазиларо дар иртибот бо мафҳуми *миҳна* (*ар. озмоиш*, яъне озмоиши ақлонии матни муқаддас) – истилоҳе, ки ҳамчун марзи ҷудошавии давраи таъқибу фишорҳои халифаҳои аббосӣ, ки дар натиҷаи он мутафаккирону олимони озодфикр зиндонӣ ва ё ба қатл расида буданд, ба кор меравад. Халифаи аббосӣ Маъмун назарияи махлуқ будани Қуръонро эълом кард ва ба офарида будани матни муқаддас қоил шуд. Мушкилии бузурге, ки барои уламо ба миён омад, дар он буд, ки аксарияти онҳо ё аз рӯи эътиқод ё манфиати шахсиашон бо андешаи халифа розӣ буданд ва дигари онҳо аз тарс онро қабул намуда, танҳо чанд нафарашон ба он муқобилат карданд. Бояд таъкид кард, ки мактаби муътазила дар натиҷаи таҳаввулоти ахлоқӣ ва сиёсии замони худ ба вуҷуд омада, сипас ба соҳаи илоҳиётшиносии каломӣ гузашт. Дар ин фазои баҳсҳои илоҳиётшиносӣ, фалсафӣ ва муноқишаҳои сиёсӣ муътазила ҳамчун мактаби озодандеши Ислом давомдиҳанда ва тақвиятдиҳандаи ғояҳои қадария ба вуҷуд омад, ки он ҳам сиёсатро бо дин омезиш медод;

2) Барои ташаккул ёфтани таълимоти муътазилиён омилҳо ва сарчашмаҳои гуногун вуҷуд доштанд. Қабл аз ҳама, саволҳое, ки мусулмонон дар ҳаёти рӯзмарраашон ба онҳо бархӯрд намуда, дар Қуръон ба ҳамаи онҳо посух гирифта наметавонистанд, ба баҳс дар бораи худи китоби муқаддас, дар бораи офарида шудани он, масъала дар бораи он ки оё Қуръон қадим аст ва ё махлуқ оварда расониданд. Дар айни ҳол, дар мактаби калом монанди мактабҳо ва мазҳабҳои

ақлгароии исломӣ дар масъалаи каломи илоҳӣ, ки баъдтар дар зери таъсири афкори файласуфони юнонӣ дар илми мантиқ инъикос меёфт, ин мубоҳисаҳо шиддати бештар пайдо карданд. Аз муҳимтарин омилҳои дохилии ташаккул ёфтани таълимоти муътазила, хусусан, назарияи ҷабр ва ихтиёр мактаби қадария ва таълимоти он буд. Қадария дар масоили динӣ, монанди имон ва куфр, қазо ва қадар, сифоти Худо, махлуқ будани Қуръон ва ғайра ба баҳс ворид мегарданд. Ҳамчунин шабоҳати зиёде, ки байни бисёре аз эътиқодоти муътазила бо афкори зардуштӣ вуҷуд дорад, дар масъалаҳое монанди сифоти Худо, озодии ирода, иститоат пеш аз афъол, лузум ва вуҷуби имони ақлӣ, ҳусну қубҳи зотӣ, хайри маҳз аз зоти Худо ва ғайра мушоҳида мешавад;

3) Муътазилиҳо дар асоси баррасии масъалаҳо дар бораи табиати ваҳдат, Худо, инсон ва чунин падидаҳои динӣ, ба монанди ваҳйи илоҳӣ ва китоби муқаддас, мустақилияти ақл дар робита бо ваҳй ва бартарияти эътиқоди ақлониро бар зидди эътиқоди анъанавӣ (нақлӣ) тасдиқ ва озодии иродаи инсонро ҷонибдорӣ мекарданд. Ақлгароӣ (ратсионализм) ва масъалаи масъулияти инфиродии шахс, ки дар таълимоти онҳо мавқеи хосса дорад, танҳо гуногунрангии андешаҳоро дар байни муаллифони муътазила афзоиш медод. Намояндагони он аз тақлид ва пайравии сатҳӣ ба нуфузи суннатҳо, айнан ва бетағйир пазируфтани ин ё он тафсирҳои матни муқаддас ва ғайри он даст кашида, онҳоро бо усули таҳлили танқидӣ ва усули диалектикии баёни фикр иваз мекунанд. Ахлоқи муътазилиён низ монанди табиатшиносӣ ва кайҳоншиносии онҳост: он қотеан бар ақлгароӣ бунёд гирифта, дар айни ҳол бо ваҳйи илоҳӣ низ мувофиқат дорад. Муътазилиҳо баъзан кӯшиш мекунанд, ки ваҳйро бо детерминизми табиат ва қудрати эҳтимолии Худо «оштӣ» диҳанд, аммо дар масъалаи бунёдии фалсафаашон, ки тибқи он инсон озод ва барои ҳаёту фаъолияташ масъул аст, ба созиш намерасанд;

4) Консепсияи «панҷ усули муътазила» (*ал-усул ул-хамса*) дар адабиёти шарқшиносӣ роиҷ аст. *Усули аввали муътазила тавҳид* ё ягонагии раднашавандаи Худо аст ва муътазилиҳо мавҷудияти сифатҳои ғайр аз зоти илоҳиро инкор мекунанд. Сифатҳои зот ё нафси Худо *илм, қудра* (қувват) ва *ҳайй*

(зиндагӣ) ва онҳо мисли Худо абадӣ ва тағйирнопазир буда, аз зоти Ӯ ҷудо нестанд. *Усули дуюм, адли илоҳӣ аст*, ки тибқи он барои муътазила Худои одил нисбат ба Худое, ки дорои иродаи мутлақ аст, бештар афзалият дорад. «Ал-адл» – Худо аст, ки ба инсон ҳуқуқ медиҳад, то ки ӯ амалеро анҷом диҳад ва ба туфайли ин озодӣ, ӯ ҳақ дорад мукофот ё ҷазо гирад. Дар доираи *усули сеюми ал-ваъд ва ал-ваъид* муътазилиён боварӣ доранд, ки Худо барои иҷрои адолати худ, ҳамаи аъмоли нек ва бади инсонро дар ин олам «сабт» мекунад. Муътазилиён «ал-ваъд»-ро ба маънои навиди подош ва «ал-ваъид»-ро ба маънои таҳдид бо азоб мефаҳманд, ки чуниин фаҳмиш пурра ба таълимоти умумиисломӣ мувофиқат мекунад. *Усули ал-манзила байна-л-манзилатайн* ба истилоҳ, мавқеи миёнаравӣ байни муъмин ва кофир буда, аввалин принсипест, ки дар доираи он Восил ибни Ато мафҳумҳои «муъмин», «кофир», «мунофиқ» ва «фосиқ»-ро бо сабабҳои ихтилофи мусалмонон бо ҳуқуқ ва таълимоти ислом пешниҳод кардааст. Усули панҷуми муътазила *амр би-л-маъруф ва наҳй ъан-ил-мункар* аст, ки он тибқи ақидаи Абд-ул-Ҷаббор, он амр барои ҳақ ва манъ кардан аз ботил буда, таъкид мекунад, ки азбаски ҳадафи усули панҷум амр бар хайру ростӣ ва мамнуъ аз шарру бадӣ аст, инсон набояд ба чораҳои душвор ва ногувор даст занад, зеро ки ин корро бо усулҳои осон ва қулайтар анҷом додан мумкин аст. Ин кор, ба андешаи ӯ, ҳам дар доираи ақл ва ҳам ваҳй зоҳир мегардад;

5) Таълимоти муътазила дар бораи табиат ва сифатҳои ашё ба ин маънӣ аст: а) таълимот дар бораи он ки ашё ё ҷисмҳо аз маҷмуи аразҳо таркиб меёбанд; б) таълимот дар бораи он ки ашё аз маҷмуи ҷисмҳои ба ҳам пайвастшаванда иборатанд; в) таълимот дар бораи он ки ҷисмҳо аз ҷузъҳо (атомҳо) ва аразҳои ба онҳо хос иборатанд. Муътазилиён дар коркарди масоили вобаста ба шинохти табиат дастгоҳи мафҳумҳои зиёдро ба кор бурдаанд: истилоҳи «офаридашуда» («муҳдас») маънои объекти донишро дорад, ки он чун навъи лаҳзаи муайяни ибтидоӣ шарҳ дода мешавад. Он чиро, ки офарида шудааст, метавон минбаъд ба чизе тақсим кард, ки он ҳангоми мавҷуд буданаш фазоро ишғол мекунад ё намекунад. Аввали онҳо атом (ҷузъ, ҷавҳар) ва дуюм араз аст. Нобудшавии атомҳо ва аразҳои мухолифи онҳо принсипест, ки назарияи тағйироти

муътазилиён бар он асос ёфтааст. Онҳо бовар намекунанд, ки Худо фаъолияти атомҳо ё ҷисмҳоро бо фармонаш таваққуф менамояд. Хосиятҳои ҷузъ (атом), ки фазоро ишғол мекунад, чунинанд: он воҳиди калонеро аз тариқи ба худ илова намудани атоми дигар ташкил медиҳад; он як қисми фазо (макон)-ро пур мекунад; бо он фазоро чен мекунанд; он имкон намедиҳад, ки атоми дигаре дар он ҷои онро ишғол кунад;

6) Муроди муътазилиён аз ақл ҳамон ақли назарии файласуфони юнонӣ мебошад. Аз назари муътазилиён, ҳатто исботи вуҷуди Худо ва нубувват танҳо аз тариқи тафаккури ақлӣ муяссар шуда метавонад ва тақлид дар ин боб ҷоиз нест. Ақлро ба манзалати як абзори мустақил барои касби маърифат ва дониш, аз як тараф ва имкони фаъолияти озоди инсон, аз ҷониби дигар, қабул мекарданд. Ба маънои дигар, аз нигоҳи маърифатшиносӣ онҳо тавоноии ақлро дар касби дониш пазируфта, ҷанбаи шаръии онро низ ба далелҳои ақлӣ, ба ирода, хоҳишҳо ва завқи худи инсон вобаста медонистанд. Бо ин муносибаташон онҳо тавонистанд ба таҳияи афкори фалсафӣ шуруъ кунанд: барои онҳо ақл акнун танҳо қуввае ба ҳисоб намерафт, ки барои таъмини усулҳои тафсири ваҳйи илоҳӣ хидмат кунад, балки он як худкифое буд барои ба даст овардани ҳақиқат. Аз ин ҷо, инсон ҳамеша фармонбардор ва ё мунтазири амру фармони илоҳӣ буда наметавонад: хусусияти биологӣ ва психологии ӯ чунин таркиб ёфтааст, ки дар вуҷуди ӯ иродаи қавии «Ман» ташаккул ёфтааст. Офариниши амалҳо ё феълан ба вуҷуд овардани таъсирҳои воқеӣ дар фазо барои инсон имконнопазир аст; аммо таҳти иродаи хеш қарор додани чунин таъсирҳо дар фазою замон, ки аз сабабҳои муайян ба вуҷуд пайдо мешаванд, дар ихтиёри инсон аст ва ин ҳама қудрати ӯст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсия** бо истифода аз усулҳои тадқиқоти мухталифи илмӣ тасдиқ карда мешавад ва онҳо имкон додаанд, ки ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии мавзӯи диссертатсия таҳти таҳлили объективӣ ва ҳамаҷонибаи сарчашмаҳо ва адабиёти гуногуни илмӣ қарор гирад, ба низом даровардан ва таҳлили диссертатсия таъмин карда шуда, натиҷаҳои илмии аз тарафи умум эътирофшуда, инчунин таърифҳо, ақидаҳо ва тавсияҳои илмию амалии муаллифон, муқаррароти тадқиқоти илмӣ ва

наховарии онҳо дар муқоиса бо дастовардҳои илмии мавҷуда муқоиса гардида, барои таҳияи диссертатсия заминаи мусоиди илмӣ фароҳам оваранд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки дар он ба таври мудаллал матлабҳои зерин ба исбот мерасанд: таълимоти муътазила бо ғояҳои ақлгароии он ҳамеша арзишҳои аслии фарҳанги исломӣ ва на он чизеро, ки пешвоёни гурӯҳҳои гуногуни ифротгаро, аз ҷумла салафия, бо тамоюли тахрибкоронаашон таблиғ менамоянд, дифоъ мекунад.

Аз ин нуқтаи назар маводи диссертатсия аҳамияти калони илмӣ дошта, ҳангоми таълими курсҳои таърихи фалсафа, фалсафаи иҷтимоӣ, диншиносӣ, фарҳангшиносӣ, сиёсатшиносӣ, низоъшиносӣ ва муносибатҳои миллӣ ба кор рафта метавонанд. Муқаррароти дар диссертатсия пешниҳодшуда барои сохторҳои давлатӣ ва шахсӣ, ки фаъолияти онҳо бо рушди муносибатҳои фарҳангӣ бо кишварҳое, ки дар он ҷо навмуътазила ривоҷ меёбад, муфид буда метавонанд.

**Саҳми шахсии унвонҷӯи дараҷаи илмӣ** дар таҳқиқи хусусиятҳои хоссаи ақлгароии муътазила дар иртибот бо масъалаҳои метафизикӣ, онтологӣ, гносеологӣ, антропологӣ ва табиатшиносии он муайян мегардад. Назари муаллиф дар бораи фаҳмиши динӣ ва фалсафии ақлгароии муътазила аз таҳлили муқоисавии ақоиди ақлонии муътазила бо мактабҳои фикрии ислом, динҳои дигар ва таълимоти файласуфони Юнони қадим бармеояд. Саҳми шахсии муаллифи рисола инчунин аз асоснок кардани равишҳои фалсафӣ ва методологӣ, муайян кардани ҳадаф, сатҳи омӯзиши таҳқиқот, вазифаҳо ва принсипҳои он, дар таҳияи навгониҳо ва муқаррароти барои дифоъ пешниҳодшуда, омода кардани нашрияҳои илмӣ, ки ҷараён ва натиҷаҳои тадқиқотро инъикос мекунанд, иборат аст.

**Тасвиб (апробатсия)-и натиҷаҳои таҳқиқот**. Муҳтавои муҳимтарин ва натиҷаҳои кори таҳқиқотӣ дар шакли маърузаҳо ва гузоришҳои муаллиф дар машваратҳои методологӣ, конфронсҳои илмӣ-амалии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (2019-2023) пешниҳод гардида, дар маҷмуаҳои илмӣ ба чоп расидаанд. Онҳо дар 4 мақолаи муаллиф дар

маҷаллаҳои аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқшуда ва 3 мақолаи дигар дар маҷаллаҳои дигари илмӣ ба нашр расида инъикос ёфтаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсия аз муқаддима, ду боб (ҳар кадом иборат аз се фасл), хулоса ва рӯихати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

# БОБИ I. ЗАМИНАҲОИ ТАЪРИХӢ-ИҶТИМОӢ ВА ҒОЯВӢ-НАЗАРИЯВИИ ПАЙДОИШИ МУЪТАЗИЛА ВА ФАЛСАФАИ ОН

## § 1. Шароити таърихӣ ва иҷтимоии пайдоиши муътазила

Муътазила ҷараёни фикриест, ки дар нимаи аввали асри II ҳиҷрӣ/VII мелодӣ аз ҷониби Восил ибни Ато (699-748) дар Басра таъсис дода шуда, то асри VII ҳиҷрӣ/XII мелодӣ фаъолият доштааст. Ин ҷараёни фикрӣ ҳамчун як шохаи каломи ислом аст, ки таълимоти он бар ақл ва тафаккури ақлгароӣ поя гирифтааст. Дар тӯли таърихи пайдоиш ва рушди хеш муътазила ба ду қисм ҷудо мешавад: муътазилаи Басра ва муътазилаи Бағдод. Муаррихон Басраро зодгоҳи муътазила ва Бағдодро ҳамчун минтақаи интишор ёфтани он маҳсуб медонанд, ки дар ниҳояти кор ба шохаҳои алоҳидаи муътазила табдил ёфта, мутафаккирон-пайравони хосси худашонро доранд. Аз ин рӯ, дар таҳқиқи минбаъдаи ин масъала баҳс дар бораи шахсиятҳои ин ду шохаи муътазила бо тобишҳои хоссаи афкори онҳо пешкаш мегардад.

Давраи аввали хилофати Аббосиён (аз оғози он то ба замони Ал-Мутаваккил) давраи иқтидори ин мактаби фикрӣ буд ва давраи *миҳна* – давраи авҷи он маънидод карда мешавад. Таърихи рушди муътазиларо дар маҷмуъ дар доираи назарияе, ки дар таърих ҳамчун назарияи даврии инкишоф маълум аст, фаҳмидан ва тавсиф додан мумкин аст. Ин назария як рӯйдоди таърихиеро тавсиф медиҳад, ки тибқи он марҳилаи таваллуд ё пайдоиш, сипас, рушд ё пешрафт ва баъд марҳилаи коҳиш ё суқутро дар бар мегирад.

Муътазила низ дар тӯли таърихи худ ин марҳилаҳои таърихиро аз сар гузаронидааст. Мувофиқи назарияи даврӣ таърихи муътазиларо дар иртибот бо мафҳуми *миҳна* (*ар. озмоиш*, яъне озмоиши ақлонии матни муқаддас) – истилоҳе, ки ҳамчун марзи ҷудошавии давраи таъқибу фишорҳои халифаҳои аббосӣ, ки дар натиҷаи он мутафаккирону олимони озодфикри зиндонишуда ва ё ба қатл расида буданд, ба кор меравад. Аз ин ҷо, барои дақиқтар омӯхтани таърихи пайдоиши муътазила, қабл аз ҳама, бояд моҳияти мафҳуми *миҳнаро* пурратар шарҳ дод.

Манзур аз *миҳна* дар ин ҷо дастгоҳи тафтиши ақоидӣ аст, ки дар ҳамкории муътазила бо халифаи Аббосиён Маъмун (786-833) дар охири ҳукмронии худ барои озмоиш ё имтиҳони ақоиди мухолифони расмии ҳукумат таъсис гардида буд ва то ба сари қудрат омадани халифаи дигари Аббосиён Мутаваккил (821-861) идома ёфта буд. Тибқи маълумоти манбаъҳои мавҷуда, Маъмун дар соли 212 ҳиҷрии қамарӣ назарияи махлуқ будани Қуръонро эълом кард ва ба офарида будани матни муқаддас қоил шуд, аммо азбаски заминаи мусоид набуд, дар ибтидо онро расман эълон ва таблиғ накард. Аммо дар охири ҳукмронии худ, чор моҳ қабл аз маргаш, Маъмун тавассути номаҳое, ки ба Бағдод фиристода буд, ба он ҳуқуқи расмӣ бахшида, ҳукумат ва нерӯҳои низомии худро барои пешбурди он истифода бурд. Чунин сиёсат мухолифони ин ғоя ва ҳатто онҳоеро, ки бар зидди он сукутро ихтиёр карда буданд, ба сахтӣ ва гирифторӣ дучор кард ва ин сиёсат бо пуштибонии Муътасим (794-842) ва Восиқ (811/812-847) то соли 234 ҳиҷрӣ идома ёфт.[1]

Яке аз мушкилоти асосии омӯзиши муътазилаи давраи ибтидоӣ аз он иборат аст, ки то давраи мо тақрибан ягон асари асосӣ ва намунаи пешинатарини он нарасидааст. Мо бо таълимоти муътазила ё аз маҷмуаҳои мураттабшудаи чунин муҳаққиқон, монанди қозӣ (фақеҳ) Абдулҷаббор (ваф. 1025) ё аз ҷониби мунаққидони он, аз ҷумла Ашъарӣ (ваф. 935) ва ё аз навиштаҳои муаррихони фалсафа ва фирқаҳои динӣ, аз қабили ал-Бағдодӣ (ваф. 1038) ва аш-Шаҳристонӣ (ваф. 1154) иттилоъ ёфта метавонем. Аммо матолибе, ки ба мо дастрас аст, фаровон буда, ҳар як таҳқиқоти илмии муътазила бар таҳқиқи ин сарчашмаҳо асос меёбад.

Маъхазҳои таърихӣ аз эътирофи расмии хилқат ё эҷоди Қуръон пас аз рӯйдодҳои соли 218 ҳиҷрӣ ёдовар шудаанд. Сухан дар бораи он меравад, ки Маъмун аз замони эълом шудани миҳна то маргаш дар Бағдод ҳузур надошт ва дар ҷанг бо империяи Византия ширкат меварзид. Дар оғози соли 217 ҳиҷрӣ Абу Мусҳир-уд-Димишқӣ (757-833), ки яке аз фақеҳони маъруфи суриягӣ буд, андешаи расмии ҳукуматро пазируфт ва махлуқ будани Қуръонро эътироф кард.

---

[1] Абдулазиз Бадавӣ. Ал-Ислом байн ал-уламо ва ал-ҳукком. – Бағдод, 1965. С. 159-160.

Соли 218 мелодӣ, Маъмун аз Ракқа номае бо дастурнома барои таъсиси маҳкамае барои ташхис ба ҳокими Бағдод навишт, ки номи *миҳнаро* гирифтааст. Дар ин мактуб гуфта мешуд, ки назари расмии ҳукуматро ҳамаи пешвоён ва олимони бузурги фиқҳ ва тафсир бояд дар маҷлисашон ташхис намоянд. Мушкилии бузурге, ки барои уламо ба миён омад, дар он буд, ки аксарияти онҳо ё аз рӯи эътиқод ё манфиати шахсиашон бо андешаи халифа розӣ буданд ва дигари онҳо аз тарс онро қабул намуда, танҳо чанд нафарашон ба он муқобилат карданд. Бо вуҷуди талошҳои фирқаи бағдодии муътазила, ки доварон ва ровиён миҳнаро озмоиш карданд, сиёсати халифа ба муқовимати шадиди бархе аз фақеҳон дучор омад: аксари пурсидашудагон ба офариниши Қуръон иқрор шуданд, аммо ин эътирофот танҳо шифоҳӣ ва аз тарс буданд, дар пурсишномаи расмӣ ба хотири гумроҳ кардани мардум, мавриди ҳамла қарор гирифтанд ва Маъмун дастур дод, ки ҳар кас ба мухолифат бо он бипардозад, дастгир шавад.[1]

Мувофиқи навиштаҳои муаррих ва файласуф Ибни Мискавайҳ (932/936-1030), Ал-Маъмун ҳамроҳ бо нома баъзе одамони наздикашро аз ҷумлаи уламо ва илоҳиётшиносон ба ин ҷаласа фиристод, ки ба туфайли он дархости халифа қабул гардид. Бо вуҷуди ин, марги бармаҳали Ал-Маъмун ба ӯ имкон надод, ки натиҷаи дилхоҳ ба даст орад. Пеш аз маргаш ӯ ба ҷонишини худ Ал-Муътасим тавсия дод, ки аз пайи ин амал шуда, нисбат ба эътиқодоти мухолиф, хусусан муътазилиён сахтгиртар шавад.[2] Ал-Муътасим дар соли 219 ҳиҷрӣ барои идомаи санҷиш ё имтиҳон дар робита бо офарида будани Қуръон номае содир намуд, ки онро Табарӣ дар китоби таърихаш сабт кардааст, аммо дар он ишорае ба *миҳна* ҷой надорад.[3] Аксари муаррихон давраи Ал-Муътасимро давраи густариши *миҳна* меноманд, вале дар онҳо ягон ишора ба рӯйдодҳо ва ҷараёнҳое, ки рух додаанд, вуҷуд надорад, ҳатто баъзан дар баъзе маъхазҳо хабарҳои зиддунақз ҷой доранд.[4] Чунин ба назар мерасад, ки хабарҳои таърихнигорон дар таърихҳои худ сабткарда бештар ба хотири моҷарои Аҳмад ибни Ҳанбал, бунёдгузори фиқҳи ҳанбалӣ бо маҳкамаи *миҳна* дар соли 220 қамарӣ мебошад, ки вай ба сабаби

[1] Ибн Мискавейҳ. Таҷоруб ал-уммам. – Теҳрон, 1376 ҳ.қ. С. 166.
[2] Ибн Мискавейҳ. Таҷоруб ал-уммам. – Теҳрон, 1376 ҳ.қ. С. 167.
[3] Табарӣ Муҳаммад ибни Ҳарир. Таърихи Табарӣ (ар-Русул ва ал-мулук). – Теҳрон, 1575. С. 5770.
[4] Баҳор Малик-уш-шуаро. Муҷмал ат-таворих ва ал-қиссас. – Теҳрон, 1318. С. 359.

мухолифат бо ақидаи расмии ҳукумат шадидан ба шиканҷа дучор гардидааст. Аммо пас аз даргузашти Ал-Маъмун, вазъи сиёсӣ тадриҷан ба муноқиша бо муътазила мубаддал гашт ва илоҳиёшиносони суннатгаро, ки аз ақидаҳои Аҳмад ибни Ҳанбалро пуштибонӣ мекарданд, дар давраи ҳукмронии Ал-Мутаваккил сар боло бардоштанд.

Бояд таъкид кард, ки мактаби муътазила дар натиҷаи таҳаввулоти ахлоқӣ ва сиёсии замони худ ба вуҷуд омада, сипас ба соҳаи илоҳиётшиносии каломӣ гузашт. Пас аз қатли Усмон ибни Аффон, ворисi сеюми пайғомбар Муҳаммад дар соли 656, мусалмонон ба гурӯҳҳои гуногуни сиёсӣ тақсим шуданд, ки бо ҳам меҷангиданд. Ин тақсимоти сиёсӣ дар давраи ҳукмронии Уммавиҳо ва Аббосиён идома ёфт ва дар байни мусалмонон эҳсоси ногуворӣ ва ноумедии умумӣ ба вуҷуд овард. Онҳо мехостанд ба саволашон дар бораи он ки оё дар ин хунрезӣ Худо ё мардум гунаҳгоранд ва агар мардум дар чунин фасод гунаҳгор бошанд, ҷазои онҳо чӣ гуна хоҳад буд, посух меҷустанд.[1]

Муаррихон дар сабаби номи муътазила ихтилофи назар доранд. Масалан, Ал-Бағдодӣ дар китобаш «Ал-Фарқ байн-ал-фирақ» навиштааст: «Сипас, дар замони Ҳасани Басрӣ (ваф. 728) маълум гардид, ки дар замони Восил ибни Ато дар масъалаи қазову қадар ва инчунин дар масъалаи «манзила байн ал-манзилатайн» ихтилоф рух дод ва Амр ибни Убайд ибни Боб (ваф. 761) низ бо афкори бидъатиаш ба ӯ пайваст. Ал-Ҳасан ҳардуи онҳоро аз маҷлисаш берун карда, аз паси деворҳои масҷиди Басра ҷудо кард. Пас, онҳо ва пайравони онҳоро барои эътизол шуданашон ва аз қавли уммат дар даъвояшон, ки фосиқ аз миёни уммати ислом на муъмин аст ва на кофир, «муътазила» номид».[2] Бояд тазаккур дод, ки шаклҳои гуногуни қиссаҳо вуҷуд доранд, ки одатан барои шарҳи таърихи ибтидои муътазила истифода мешаванд. Ҳикояҳо дар атрофи ихтилофи назариявии Восил ибни Ато ва шарики ӯ Амр ибни Убайд ва Ҳасани Басрӣ бисёранд, аммо воқеият ин аст, ки талошҳо барои баҳсу мунозираҳои каломӣ ва дар пояи он ҷустуҷӯи озодфикрии инсон нисбат ба таълимоти тағйирнаёбандаи

---

[1] Аш-Шахрастани Мухаммад ибн Абд ал-Карим. Книга о религиях и сектах. Ч. 1. Ислам. Пер. с араб., введ. и коммент. С.М. Прозорова. - М.: "Наука", 1984. С. 56-59.
[2] Ал-Бағдодӣ Абдулқодир. Тафарруқ байн ал-фирақ. - Ал-Қоҳира, 1988. С. 35.

динӣ тавлид гардида буд. Ҳатто дар мавриди гуфтаи «фосиқ аз байни уммати ислом на муъмин аст ва на кофир», ки дар доираи шариати динӣ фақеҳону илоҳиётшиносон онҳоро ба ҷурме гунаҳгор менамуданд, ки на кофиранду на муъмин, мавқеи миёна ба миён омад, ки он баъдтар бо унвони «ал-манзала байн ал-манзалатайн» маъруф гардид.

Сабабҳо ва омилҳое, ки ҷараёни *миҳнаро* ба вуҷуд оварданд, аз ҷумлаи масъалаҳои умдае мебошанд, ки ба он дар омӯзиши масъалаи пайдоиши муътазила таваҷҷуҳи камтар зоҳир кардаанд, дар ҳоле ки дарки ин сабабҳо ва омилҳо ба равшан шудани масъалаҳо ва нофаҳмиҳои зиёд мусоидат мекунанд. Ва раванди ташаккули ин қудрат метавонад ба пешгирии зишткориҳо то андозае муносибат дошта бошад. Қабл аз ҳама, қайд кардан ҷоиз аст, ки пас аз бунёди аввалин ҳукумати исломӣ дар Мадина, ки дар ҳузури паёмбар ва таҳти роҳбарии бевоситаи ӯ ташкил карда шуд, ӯ ба ғайр аз масъулияти динии ба мардум расонидани ваҳй, иҷрои вазифаҳои давлатиро низ ба дӯш дошт. Бо таваҷҷуҳ ба далелҳои мантиқӣ ва ақлонӣ, метавон гуфт, ки халифаҳои Ислом низ ҳамчун ворисони ӯ ҳокимони қаламрави қудрати истисноии паёмбар буданд. Дар ин давра халифа на танҳо барои роҳбарии маъмурӣ ва сиёсӣ масъул буд, балки сатҳи олии ҳокимиятҳои судӣ, иқтисодӣ ва дигар мақомотро низ ба уҳда дошт. Бо саршавии давраи Уммавиён, агарчи тамаркузи ҳокимияти сиёсӣ самтҳои васеътарро фаро гирифта бошад ҳам, аммо он дар қолаби зулму истибдод зоҳир гардид, аммо маълум буд, ки Муовия ва ворисони ӯ, дар ҳамаи ҷанбаҳои вазифаҳои ҳукуматӣ бартарию афзалияте надоштанд. Бо ҳамаи ин, тадриҷан қудрати сиёсӣ ва маъмурӣ аз ҷониби онҳо пурра соҳибихтиёрӣ гардид, аммо вазифаҳои дигар, хусусан фатвоҳои динӣ ва ҳукмҳои судӣ, ба зиммаи онҳое афтоданд, ки ҳокимони Уммавия онҳоро нисбат ба худашон салоҳиятноктар медонистанд ва ба ҷуз ҳифзи намуди зоҳирии корҳо, аз мақоми илмии онҳо баҳра мебурданд. Ин сиёсатро Аббосиён давом дода, дар оқибати кор байни онҳо ва мардуми ғайриараб, аз як тараф ва амлокдорони маҳаллӣ ва фақеҳону уламои дин, ки норозигиашон аз муносибати аббосиён меафзуд, аз тарафи дигар, муносибати сард ба вуҷуд омадан гирифт. Эҳсосоти динӣ ва таҳқиқи масоили

динӣ хусусияти умумӣ пайдо мекард, ки дар баробари он фалсафа низ ба қадамҳои аввалинаш ноил мегардад. Ба ақидаи Г.Э. фон Грюнебаум, «ниёзи ирсӣ ба шарҳу эзоҳи нокомиҳои иҷтимоӣ ва ҷустуҷӯи воситаҳои решакан намудани онҳо дар дин ва маъодшиносӣ ҷой дошт. Дар айни ҳол, барои олами исломии онрӯза, - ба ин маънӣ имрӯзҳо низ он тақрибан ба тағйироте дучор наомадааст, - таҳқиқоти теологӣ-фалсафӣ маъмулан, аз вазъиятҳо ё мушкилоти сиёсӣ тавлид меёфтанд. Намунаи одии он мактабе буд, ки бар асари мубоҳисаҳо ва мубориазаҳои тӯлонӣ низоми таълимоти диниро ташаккул дод; инҳо муътазилиён, яъне «онҳое, ки эътизол кардаанд», ба ҳисоб меравандъ».[1]

Аммо пеш аз пайдоиши муътазила заминаҳои дигари сиёсию иҷтимоӣ дар хилофат зоҳир мешуданд. Пеш аз ҳама, дар айни долу зарби ин ихтилофҳои дохилӣ Уммавиён ба шарофати қудраташон тавонистанд ҳокимиятро барои қабилаи худ - Бану Уммавия аз соли 661 пас аз вафоти Алӣ то соли 750, вақте ки Аббосиён онҳоро сарнагун карданд, мустаҳкам кунанд. Дар давраи Уммавиён рушди зиддиятҳои зиёди сиёсиву динӣ идома дошт, ҳар як гурӯҳ бо далелҳои хосси худ барои қонунӣ сохтани даъвоҳояшон ҳамеша сиёсатро бо дин мепайвастанд. Дар давраи ин сулолаи аввали халифаҳои ислом суннатҳо муттаҳид карда шуданд, ки он равишҳои илоҳиётшиносӣ ва сиёсии *мурҷияро* ҳамчун як мактаби фикрӣ, ки аҳамияти ҷамоати мусулмониро муқаррар мекард ва тибқи он роҳбарият бояд дар байни ҷамоат зиндагӣ мекард, ба эътидол овард.[2] Онҳо изҳор доштанд, ки будани халифае, ҳатто агар ӯ ҳокими бад бошад, нисбат бар он ки умуман халифае набошад, беҳтар аст. Шояд бо ин амалашон, онҳо салоҳияти қонунӣ ва пазируфтани Уммавиёнро ба унвони халифаҳо муқаррар карданд, бо вуҷуди он ки барои бисёре аз мусалмонон Бану Уммавия ғосиби ҳокимият маҳсуб меёфтанд. Донистани он ки мурҷиён озодона дар заминаи мафҳуми онҳое, ки ҳукм дар бораи рафтору кирдори инсонро «ба таъхир меандозанд» ба вуҷуд омадаанд, тақрибан номумкин аст, зеро ин маънои луғавии худи мурҷия аст (араб.المرجئة –»ба таъхир андохтан») ва ё он як мактабе буд, ки

[1] фон Грюнебаум Г.Э. Классический ислам. Очерк истории (600-1258). - М.: “Наука”, 1988. С. 86.
[2] Montgomery W. The Formative Period of Islamic Thought, Edinburgh University Press, Edinburgo, 1973, pp. 119-128.

Уммавиён барои асоснок кардани роҳбарият ва нигоҳ доштани қудрати сиёсии хеш онҳоро ба вуҷуд оварда буданд. Андешаи онҳо дар бораи ҷонишини Паёмбар ин буд, ки ҳар касе, ки ба ин мақом таъйин шудааст, ҳатто агар аз шароити зарурӣ бархӯрдор нашуда бошад ҳам, воҷиби итоат аст ва маъсият шарти хилофат нест. Ин бардоштҳо комилан ба фоидаи Муовия ва халифаҳои Уммавия буданд, зеро он чунин маънӣ дошт, ки хилофати онҳо хуб бошад ё бад, он бо хости Худо анҷом дода шудааст ва бояд дар ҳар сурат аз ҷониби мусалмонон пуштибонӣ шавад. Шарқшиноси маъруфи муосири рус С.М. Прозоров ин матлабро чунин ҷамъбаст кардааст: «Маводе, ки дар дасти мо ҳаст, бароямон имкон медиҳанд, ки баъзе андешаҳоямонро дар бораи мурҷиён ва таълимоти онҳо баён кунем. Пеш аз ҳама, бояд хусусияти сиёсии пайдоиши ҳизби мурҷияро тасдиқ намоем. Пайравони аввалини мурҷия як гурӯҳи динӣ ва сиёсӣ буданд, ки бо садоқати худ ба Уммавиён ва мавқеи бетарафӣ дар арзёбии мубориза барои қудрати сиёсӣ дар давраи хилофати аввал фарқ мекарданд».[1]

Ҳамаи мактабҳои дар ибтидои ислом, пеш аз муътазила ва ё дар баробари он, бо далелҳои мантиқиашон ба густариши мубоҳиса дар атрофи муносибатҳои дин ва сиёсат мусоидат карда, талош меварзиданд, ки фаъолиятҳои сиёсии худро аз ҷиҳати теологӣ асоснок намоянд. Раванди мазкур баъзан баръакс низ ҷараён дошт: далелҳои диниро аз нуқтаи назари сиёсӣ асоснок менамуданд. Дар байни ин ихтилофҳо ва баҳсҳои шадид, ки боиси низоъ барои омадан ба сари қудрат, низоъҳо ва шӯришҳо гардиданд, дар ин ҷода боз ду мактаби муҳим - қадария ва ҷабария низ нақши бузург доштанд.

Қадарияро мактаби иродаи озод меноманд, ки он низ нақши муҳими сиёсӣ дошт. Пайдоиши қадария вокуниш ба пайдоиши Ҷабария аст, ки пайравони он бар асари андешаронӣ дар маъниҳои зоҳирии баъзе оятҳои Қуръон ва дар натиҷаи бовариашон ба «қазои лозим» ва «қадари ҳатмӣ», ки дар воқеъ, боварӣ ба навъе ҷабр аст, ҷомеаи исломро омодаи таҳаммули зулм бо номи «ризо ба қазо ва қадари илоҳӣ» сохта, ба мусалмонон талқин мекарданд, ки Худо тамоми

[1] Прозоров С.М. К истории мусульманской догматики: мурджииты // Ислам в истории народов Востока (сборник статей). - М.: «Наука», 1981. С. 22. 197 с.

корҳои олам, аз ҷумла аъмолу афъол ва сарнавишти инсонро аз некиву бадӣ пешакӣ таъйин кардааст. Онҳоро тағйир додан ё табдил додан ғайриимкон аст ва ғайр аз итоат ва ризоият дигар чорае нест. Ҳар гуна изҳори бадбинӣ ва шикоят нишонаи норозигӣ аз қазою қадари илоҳӣ ва амре норавост. Пас аз расидан ба хилофат, Муовия низ аз ин ақидаи ҷабргароёна ва биниши динии ин мусалмонон истифода карда, онро ҳамчун василаи сафед кардани амалҳои худ ва посух додан ба эътирозҳо ва танқидҳои мардум истифода бурд ва таъкид кард: «Бояд ба ҳукумати вай, ки қазои илоҳӣ аст, розӣ бошанд ва шикваю шикоят накунанд».[1]

Баръакси ҷабариён далелҳои илоҳиётшиносии қадариён умуман чунинанд: Худо барои инсон шароитро офаридааст ва инсон ҳақ дорад, ки дар он байни некӣ ва бадӣ ихтиёр дошта бошад. Инсон бо зеҳни ақлгароии хеш, ки ба он қадария боварӣ дошт, ҳуқуқ дорад, ки бадӣ ва некиро маърифат карда тавонад ва барои он ҳеҷ ихтилофе вуҷуд надорад.[2] Пайравони қадария агарчи пояи фикрии муътазила буданд, аммо пайравони худи муътазила буда наметавонистанд, ба далелҳои зерин: аввалан, асосгузори қадария аз рӯи маълумоти гуногун ё Маъбад-ул-Ҷавҳонӣ (699-700 ё 703-04) ва ё Ғайлон-уд-Димашқӣ (ваф. 742) мебошад, дар ҳоле ки тибқи гуфтаи худи муътазилиён ва чуноне ки дар боло зикр намудем, асосгузори муътазилия Восил ибни Ато мебошад. Аммо таъсири ин ду шахсияти маъруфи қадария ба ақоиди муътазила инкор нашудааст. Масалан, аш-Шаҳристонӣ дар китоби машҳураш «Китāб ул-милал ва ан-ниҳал» навиштааст: «Таълимоти дигар дар бораи эътирофи озодии ирода аст. Дар ин масъала онҳо (муътазилиён – Қ.Қ.) аз пайи Маъбад-ул-Ҷавҳонӣ ва Ғайлон-уд-Димашқӣ рафтаанд».[3] Сониян, қадариён ба принсипи «ал-манзилатун байн ал-манзилатайн» бовари надоштанд (ин ки муртакиби кабира на муъмин аст ва на кофир), аммо Ғайлон, ки ба навъе *ирҷоъ* (гуфтор дар бораи он ки муртакиби маъсияти кабира муъмин аст ва ҳеҷ гуноҳе аз имон надорад, ҳамчунон ки бо вуҷуди куфр ҳеҷ тоате суд намерасонад) ақида доштааст. Принсипи зикршуда эҷоди Восил ибни Ато ва ҳадди ҷудокунандаи байни ӯ ва пайравонаш аз

---
[1] Ҷаҳонгирӣ Муҳсин. Қурбони нахустин // Маҷаллаи "Маориф". Фарвардин-тир. № 13, 1367 ҳ.қ. С. 6.
[2] Ҳамон ҷо. С. 7-9.
[3] Аш-Шахрастани Мухаммад ибн Абд ал-Карим. Книга о религиях и сектах. Ч. 1. Ислам. Пер. с араб., введ. и коммент. С.М. Прозорова. - М.: "Наука", 1984. С. 57.

фирқаҳои дигар аст, то он ҷо, ки Восил пас аз баёни ин принсип, чунонки аллакай медонем, аз доираи шогирдии устоди худ Ҳасани Басрӣ ҷудо шуда, муътазилияро таъсис доданд; сеюм, бо қадария ном гирифтани ин фирқа далели равшанест бар ин ки масъалаи асосии онҳо қазою қадар аст, дар ҳоле ки масъалаи асосии муътазила «ал-манзилатун байн ал-манзилатайн» мебошад.

Бо вуҷуди ин, чунин ба назар мерасад, ки муътазила таълимоти қадарияро ба куллӣ аз худ карда, бисёре аз усулҳои таълимоти ин мазҳабро дар ақоиди хеш ба кор бурдааст ва онҳо дар ин таҳқиқотамон дар ҷои муносиби он шарҳ дода хоҳанд шуд. Дар сатҳи сиёсӣ бошад, қадария инчунин ба муқобили Уммавиён, ки онҳоро ғосибони қудрат мешумориданд, силоҳ ба даст гирифтанд. Баъзе шӯришҳои онҳо дар давраи Уммавиён ин далелҳоро инъикос мекунанд, ки онҳо низ асосҳои динӣ доранд: ҳамон тавре ки шахс иродаи озод дорад, то некӣ ва бадиро интихоб кунад, пас ҷомеа низ бояд қодир бошад, ки ҳокимони худро интихоб кунад. Бо ин далелҳо онҳо муборизаашонро алайҳи Уммавиён ҳақ мебароварданд, то уммат озодона халифаҳои худро таъйин кунад. Бо худи ҳамин сабабҳо Уммавиён қадариёнро таъқиб мекарданд, баъзе пешвоёни шӯришҳои пайравони ин мактабро бар зидди сулолаи аввали ислом ба қатл расонда ва ё бераҳмона саркӯб мекарданд. Муаррих ат-Табарӣ дар асари худ «Таърих ал-русул ва ал-мулук» нигаронии Уммавиёнро дар бораи шӯришҳо ва муқовимати якравонаи пайравони қадарияро бар зидди ҳукумати ҷорӣ то он даме ки халифаи Уммавиён Ҳишом (724-743) Ғайлон уд-Димашқиро ба ҳайси яке аз муҳимтарин пешвоёни қадария, бо баҳонаи он ки ӯ аз таълимоти озодии иродаи инсон ва озодии қудрати ҷомеа дифоъ кардааст, ба қатл расонидааст.[1]

Бо ин сабабҳо, ба ғайр аз ғояҳои дигар, қудрати сиёсии минбаъдаи хилофат – сулолаи Аббосиён асосҳои таълимоти қадарияро пазируфта, ҳатто қабл аз табаддулоташон алайҳи Уммавиён, чунонки Н. Нюберг қайд мекунад, «ба таълимоти муътазила дарафтоданд». Аммо то ба ҳол барои тасдиқи ин нукот маъхазҳо нокифояанд ва далелҳои дақиқро барои ҳосил намудани итминони комил таъмин карда наметавонанд. Муаллифи мазкур инчунин қайд мекунад, ки

[1] Табарӣ Муҳаммад ибни Ҳарир. Таърихи Табарӣ (ар-Русул ва ал-мулук). – Теҳрон, 1375. С. 1773.

«Аббосиён бо пайравони муътазила муносибати хуб доштанд ва мабодии таълимоти онҳо ҳамчун асоси ғоявии идеологияи Аббосиён пазируфта шудааст».[1]

Дар мубориза маънавӣ бо онҳо, чунонки зикр кардем, нақши ҷабария – мактаби ба ном «қазою қадар» бориз аст, ки он дар Басра ба миён омада, намояндаи аввали он Ҷаъд ибни Дирҳам (соли 724 ба қатл расид). Ҷабариҳо тарафдорони қазою қадари мутлақи илоҳӣ буданд ва боварӣ доштанд, ки инсон амалҳои худро озодона иҷро намекунад, балки аз ҷониби Худо маҷбур карда мешавад. Ба ҷабариҳои «ҳақиқӣ» гурӯҳи *ҷаҳмия* тааллуқ доштанд, пайравони Ал-Ҳусейн-ан-Наҷҷор (*наҷҷория*) бошанд, ҳамчун ҷабариҳои «муътадил» ба ҳисоб мерафтанд. Ҷабариҳои «муътадил» мазмунҳои гуногуни мафҳуми *касбро* тафсир медоданд ва ба ин васила «дар робита бо консепсияи қадариҳо» мавқеи созишро пеш гирифтанд. Онҳо боварӣ доштанд, ки дар татбиқи амалҳои инсон ду «фоъил» ширкат меварзанд - Худо, ки ин амалҳоро меофарад ва инсон, ки онҳоро «касб мекунад».[2]

Дар ин фазои баҳсҳои илоҳиётшиносӣ, фалсафӣ ва мунокишаҳои сиёсӣ муътазила ҳамчун мактаби озодандеши Ислом, ҳамчун давомдиҳанда ва тақвиятдиҳандаи ғояҳои қадария ба вуҷуд омад, ки он ҳам сиёсатро бо дин омезиш медод. Дар ин ҷо баҳогузории худи ҳамон Н.С. Нюберг қобили таваҷҷуҳ аст, ки ба андешаи вай муътазила «аз рӯзҳои аввали пайдоиши сулолаи дуюми Ислом – Аббосиён пурра ба фаъолияти онҳо содиқ буд». Вай инчунин робитаи файласуфи муътазилӣ Восил ибни Ато ва Аббосиёнро шарҳ дода, ба чунин хулоса мерасад: «Умуман, таълимоти Восил дар бораи «манзилат» танҳо дар сурате ба таври комил пазируфта шуда метавонад, ки агар дар он шаффофияти барномаи сиёсии Аббосиёнро то ба сари қудрат расидани онҳо мушоҳида карда тавонем. Ҳамаи ин моро ба он водор месозад, ки илоҳиётшиносии Восил ва муътазилаи ибтидоиро ҳамчун ҳаракати илоҳиётшиносии «Аббосиён» муаррифӣ намоем».[3] Албатта, ин мавқеи муаллифи мазкур ниҳоӣ ва айнӣ набуда, фақат

[1] Nyberg N.S. "Mu'tazila", en Encyclopaedia of Islam (1), E. J. Brill, Leiden, 1928, vol. III, pp. 787-789.
[2] Гогиберидзе Г. М. Исламский толковый словарь. — Ростов н/Д: Феникс, 2009. С. 49-50. 266 с.
[3] Nyberg N.S. "Mu'tazila", p. 789.

ҳамчун як андешаи шахсии муаллиф баҳогузорӣ карда мешавад. Масалан, муҳаққиқи франсавӣ К. Кахен нисбат ба муносибати ниҳоят наздики муътазилиён бо Аббосиён шак дорад ва барои исботи фикраш ба вуҷуд надоштани далелҳои муътамад дар сарчашмаҳои арабӣ дар боби ин масъала ишора мекунад.[1] Гузашта аз ин, дар давраи халифа Ал-Мутаваккил (822-861) муътазила ҳамчун мазҳаби бидъат эълон гардида, дар муқобили он мактаби илоҳиётшиносӣ ва фиқҳии нав – ашъария зуҳур мекунад. Аз ҷониби дигар, он файласуфони мусалмон, ки зери таъсири анъанаи фалсафии юнонӣ қарор гирифта буданд, мавқееро ишғол карданд, ки нисбат ба мавқее, ки мактаби илоҳиётшиносии ашъариён ишғол намуда, бояд муътазилиёнро танқид кунанд ва бартариро ба даст оваранд ва бар зидди онҳо ҳамчун муборизони ортодоксии исломӣ бароянд, баръакс, ба муътазилия наздиктар буданд ва суннати ақлгароии онро идома доданд.

Баъзе таълимоти Ҳасани Басриро Амр ибни Убайд (699-761) ва пайравонашон идома доданд. Дар пайдоиш ва рушди ин мактаб дар Басра Абу-л-Ҳузайл Ал-Аллоф (ваф. 835), Иброҳим ан-Наззом (ваф. 845), Муаммар ибни Аббод-ул-Ҷубоӣ (ваф. 933) ва Абу Ҳошим ибни Ал-Ҷубоӣ (ваф. 933) ва дар Бағдод Бишр ибни Ал-Мутамир (ваф. 825), Сумома ибни Ал-Ашрас (ваф. 828), Абу Мӯсо Ал-Мурдор (ваф. 840), Аҳмад ибни Довуд (ваф. 854), Абу-л-Қосим Ал-Каъбӣ (ваф. 931) ва дигарон саҳми бузург доштанд. Ба ғайр аз ин, чунонки дар боло зикр намудем, Ал-Маъмун, халифаи Аббосиён дар Бағдод ба рушди афкори ақлгароӣ ва фалсафа мусоидат намуд. Вай инчунин мактаби муътазиларо сарпарастӣ карда, дар ин муддат чанд нафар донишмандони онро дар маъмурияти ҳукуматӣ мансаб дод.

Дар байни зиёиёни Басра ғояҳои юнонӣ ва усулҳои ақлонии таҳлилу таҳқиқоти юнониён, хусусан дар таълимоти Дирор ибни Амр (728-815) - мутафаккири дигари муътазила, ки шуҳрат пайдо карда буд, қувват гирифтанд. Дирорро аксаран муътазилӣ ва ҳам «устоди калом» меномиданд, гарчанде ки ба ақидаи У. Монтгомери, муътазила ба таври қавитар, тавре ки баъдтар муқаррар

[1] Cahen C.Les peuples musulmans dans l’histoire médiévale. Damas:Institut Français de Damas, 1977, p. 142.496 c.

гардид, бо фаъолияти вориси ӯ Муҳаммад ибни Ҳузайл-ул-Аллоф (ваф. такр. 841-849) иртибот дорад.[1] Аз тарафи дигар, ба гуфтаи Абумансур ибни Муҳаммад Ал-Бағдодӣ, Дирор ибни Амр ҳатто мактаб ё мазҳабе бо номи «дирария» ё «дарария» таъсис додааст, ки номаш дар маъхазҳои дигари арабӣ низ зикр шудааст.[2] Аз ҷониби дигар, Абу Яъқуб ан-Надим рӯихати асарҳои Дирорро тартиб додааст, ки дар байни онҳо « ал-манзила байна-л-манзилатайн» ва «Та'вил ул-Қур'āн»-ро қайд кардан мумкин аст. Мактаби муътазилаи Басра дар Бағдод низ пайравони худро дошт ва гарчанде ки принсипҳои асосии таълимоташон яксон буданд, аммо дар тафсир ва таҳлили баъзе мавзуъҳо баъзе фарқиятҳо ҷой дошта буданд. Аз ин ҷо, метавонем дар бораи ду шохаи муътазила – дар Басра ва дар Бағдод сухан ронем. Дар мактаби Басра масъалаи муносибати байни Худо ва сифатҳои Ӯ махсусан мавриди баҳс қарор гирифтааст, аммо назарияи сифоти илоҳии басриҳо бурҳонҳои дақиқ надошта, аз возеҳият ва умқи маънии зарурӣ баҳра набардоштааст. Муътазилаи Бағдод бошад, ба далели таъсирпазириаш аз фалсафаи Юнони қадим дар мақоми муайян сохтани сифатҳои Худо ба бурҳонҳои ақлонӣ такя намудааст.[3]

Бояд тазаккур дод, ки ақлгароии муътазилиён ҳақиқатан аз тафаккури классикии юнонӣ ғизо гирифтааст, зеро он умуман ба қоидаҳои ҳукмҳои истидлолӣ содиқ буд ва барои ниёзҳои худ як қатор консепсияҳоеро, ки аз юнониён гирифта буданд, бознигарӣ намудааст. Аммо ин маънои комилан аз эътиқоди динӣ дуршавии онҳоро надошт. Ақлгароии муътазилиён, ки тибқи он аҳкоми эътиқод пеш аз ваҳй барои ақли инсон ошкор буд, пазириши фармонбардоронаи хулосаҳои мудаллалро пешбинӣ мекунад, аммо фақакт онҳоеро, ки набояд хилофи амри ваҳйонӣ бошад. Аз ин ҷо, таъсири афкори юнониро набояд муболиға кард, зеро муътазилиён дар бораи фалсафаи пеш аз сукротӣ, атомистӣ ё стоикӣ маълумоти хеле кам доштанд ва сарчашмаҳои онҳо асосан Арасту ва навафотуниҳо буданд. Муътазилиён гарчанде бо мушкилоти фалсафӣ сару кор доштанд, аммо ба маънои аслии калима файласуф набуданд.

---

[1] Montgomery W. The formative period of islamic thought, University Press, Edinburgh 1973, p. 219. 424 c.
[2]Ал-Бағдодӣ Абдулқодир. Тафарруқ байн ал-фирақ. - Ал-Қоҳира, 1988. С. 16-17.
[3] Козим Мусавӣ Буҷнурдӣ. Доират ал-маорифи бузурги исломӣ. Ҷ. 12. – Теҳрон, 1367. С. 333.

Онҳо донишҳои классикиро дар баррасӣ ва таҳлили масоили аслан илоҳиётшиносии худ ба кор мебурданд. Аз нигоҳи назариявӣ ҷолибтарин усулҳои ақидавии муътазила ва он ки сазовори баррасии муфассал аст - ин тафовути мутлақи онтологӣ байни Худо ва мавҷудоти зинда буда, аслест, ки аз таълимоти тавҳид бармеояд. Ин масъала ва усулҳои дигари муътазила дар яке аз бахшҳои оянда муфассалтар таҳлил хоҳем кард.

Муътазилаи Басра дар мабоҳиси назарӣ ворид гашта, афкорашон асосан бо ҳавзаи назари ҷадалҳо ва мунозираҳо, яъне мантиқ иҳота шудааст, аммо бағдодиҳо кӯшидаанд, ки майдони амалӣ ва ахлоқиашонро ба мабоҳиси назариявӣ бахшида, дар пояи корҳои назарӣ ба ҳадафҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ расанд.[1] Ин вижагӣ омиле буд то муътазилаи Бағдод ба ҷараёне қудраттлаб ва мутамоил ба ҳукумат дар асри худаш табдил шавад; онҳо ҳатто дар равиши таблиғии худашон низ ба сиёсат эътимод мекарданд. Пешкаш намудани назарияи офарида будани Қуръон, эҷоди давраи миҳнат дар партави қудрати Аббосиён ва номаи Маъмун ба ҳокими Бағдод, ки дар он омада буд – «касе, ки махлуқ будани Қуръонро эътироф накунад, эътиқоде ба ягонагии Худо надорад», инчунин баёни назарияи сифоти илоҳӣ, рабт додани офарида будани Қуръон бо «амр би-л-маъруф» ва «наҳй аз мункар» дар мароҳили ниҳоӣ, ки иҷрои он ба қудрату силоҳ вобаста аст, низ бо ҳамин масъала иртибот дорад.

Доираи баҳси ду мактаб дар сифати қудрати илоҳӣ ин аст, ки оё қувва барои анҷом додани ягон феълу амал натиҷаи саломат ва сиҳат аст ё арази махсусест, ки бояд пеш аз феъл ба фоъили он пайвастагӣ дошта бошад? Басриҳо муътақид буданд, ки қудрати Худо бар феъл ҳангоми таҳаққуқи феъл эҷод мешавад, ҳарчанде ки ниёзи инсон ба қудрат бар феъл вуҷуд дорад. Намояндаи машҳури муътазилаи басрӣ Абу-л-Ҳузайл Ал-Аллоф тасдиқ кардааст, ки «инсон дар зоти худаш ва дар чизи дигар тавассути сабабе, ки дар зоти ӯ ҳосил мешавад, амал карда метавонад. Аммо эҳсоси лаззат, ранг, гушнагӣ, мазза, бӯй, гармӣ, хунукӣ, рутубат, хушкӣ, тарс, шуҷоат, гушнагӣ, маърифат ё дониш, ки дар ҳоли

[1] Умарҷӣ Аҳмад Шавқӣ. Ал-Муътазила фи ал-Бағдод ва асаруҳм фи ал-ҳаёт ас-сиёсийа ва ал-Фикрийа. Ал-Қоҳира, 1420. С. 187.

дигар ҳосил мешаванд, - феъли Худоянд».[1] Онҳо боварӣ доранд, ки феъли шахс ё вуҷуди қодир ба ду қисм тақсим мешавад: феъли мубтадо (ибтидокунанда) дар мисоли ирода ва феъли мутаваллид (тавлидшаванда), ки он дар навбати хеш низ ба ду қисм ҷудо мешавад: феъле, ки аз иллати худ фосила дорад ва феъле, ки аз иллати худ фосила надорад. Пояи таҳлилу таҳқиқи басриҳо ин аст, ки «инсон аз он ҷиҳат, ки тандуруст аст, қодири мухтор аст».[2]

Ба таври умум бошад, муътазила дар ҷомеаи онрӯза нуфуз пайдо намуда буд ва ҳатто пешвоёни сиёсии ислом, аз қабили халифа Маъмун, пайрави ин мактаби динӣ буд ва ҳарчанд ӯ хилофатро дар даст дошт, аммо, чунонки дар боло зикр намудем, ҳамаи мансабдорони давлатиро маҷбур кард, ки ба усулҳои ақидавии муътазила пайравӣ кунанд. *Миҳна* бошад, хусусияти як навъ инквизитсияи исломӣ гирифта, барои таъқиби онҳое, ки ба муътазила муқобилият мекарданд, эҷод гардида буд. Дар асоси ин хулосаҳо, метавон гуфт, ки сарҳади таҳаммулпазирӣ дар муътазила, гарчанде ки он як мактаби тафаккури озод дар ислом маҳсуб меёбад, дар доираи сиёсат вайрон гардида буд. Аниқтараш, ҳангоме ки сухан дар сатҳи муҳокимаи назарияҳои «муқаддас» мерасид, мактабҳои мухталифи фикрии Ислом ҳам далелҳои ақлонӣ ва ҳам далелҳои имониро ба кор мебурданд; баъзеи онҳо исбот карданд, ки фалсафа ақли инсонро ба сӯи куфр ва бехудоӣ мерасонад, аз ин рӯ, баъзан баҳсҳо ба тоқатнопазирӣ, хусусан, дар атрофи таълимоти пайравони муътазила мепечиданд. Ин баҳсҳо дар ҳоле сурат мегирифтанд, ки дар минтақа таълимоти динии расмӣ ҳукмрон буд.

Дар байни муътазилиён баъзе зиёиён, муҳаққиқон ва ашхоси бонуфуз низ ҳамроҳ буданд. Дар байни онҳо зикри Абу Усмон Амр ибни Баҳр-ул-Ҷоҳиз (ваф. 868-869), ки ба низомоварандаи насри арабӣ ва яке аз муаллифони асили асримиёнагии исломӣ буд, ҷоиз аст. Яке аз китобҳои муҳимтарини ӯ «Китāб ул-бухала» («Китоби бахилон») буд, ки омодагии динии муаллиф, дониши амиқи ӯ дар бораи дин ва суннатҳои исломӣ дар он ба осонӣ мушоҳида мешаванд. Ин аз

[1] Ал-Аш‘ари Абу-л-Хасан. Макалат ал-исламиййин ва-хтилаф ал-мусаллин (О чем говорили люди ислама и в чем разошлись творившие молитву) / пер. с араб. Смирнова А.В. // Степанянц М.Т. Восточная философия: вводный курс. Избранные тексты. – М.: Восточная литература, 1997. С. 381.
[2] Қозӣ Абу ал-Ҳасан Абдулҷаббор. Табақот ал-муътазила. Ал-Қоҳира, 1972. С. 25.

тавсифи сершумори ӯ дар бораи гурӯҳҳои гуногуни фирқаҳо, мазҳабҳо, инчунин ҳадисҳои паёмбари Ислом аён аст. Ҳадафи Ал-Ҷоҳиз аз тавсифи мазҳабҳо, фирқаҳо ва мактабҳои гуногуни динӣ, ки дар тӯли солҳо аҳамияти сиёсӣ низ доштанд, аз чӣ иборат буд? Ин тавсифҳо дар «Китāб ул-бухала» барои омӯзиши воқеияти таърихӣ чӣ аҳамият доранд? Дар посух ба ин саволҳо мо метавонем дар бораи баъзе ҳадафҳои ин муаллифи басрӣ ҳукм ронем. Аз як тараф, мо метавонем интиқод ва мухолифати ӯро бо мактабҳо ва мазҳабҳои гуногуни динӣ мушоҳида кунем, ки бо онҳо ҳеҷ гуна муносибат ва на талошҳои якхелаи ақидавӣ надоштааст. Барои Ал-Ҷоҳиз, интиқоди кинояомези ӯ афкори интиқодии ӯро тақвият бахшиданд, ба монанди ҳукмҳои кинояомези ӯ дар бораи тарафдорони шуубия – ҷараёне, ки барои баробарии тамоми мусалмонон дар имкониятҳои онҳо барои соҳибшавӣ ба мансабҳои маъмурӣ, низомӣ ва ғайра, новобаста аз он ки онҳо араб ё ғайриараб буданд, саъй меварзид. Шуубия инчунин тобишҳои зиддиарабӣ ва баъзан зиддиисломӣ дошт, аз ин сабаб он норозигии зиёдро дар ҷомеаи онрӯзаи исломӣ ба бор овард. Ал-Ҷоҳиз инчунин алайҳи Хориҷиён ва инчунин Набита, ки мехостанд ҳокимияти сиёсии Уммавияро дар хилофат барқарор намоянд, шадидан танқид намуд.[1] Пайравони ҷараёни охирӣ Уммавиёнро ситоиш мекарданд ва таъкид менамуданд, ки ҳама бояд боварӣ дошта бошанд, ки Бану Уммавия мусалмони намунавӣ ва меҳрубонанд. Тибқи гуфтаи И. Голдтсиер, онҳое, ки Уммавиёнро васф мекарданд, аз фирқаи Холид-ул-Касрӣ пайравӣ карданд, ки гӯё дар бораи он ҳадисе ҳам ҷой дорад, ки ин қабила ва ёварони онро васф кардааст.[2]

Ал-Ҷоҳиз ҳамаи гуфтаҳои мадҳӣ ва бисёр муболиғаҳои дигарро нисбат ба Уммавиён рад кардааст. Киноя ва танқиди шадиди ӯ ба мардум таъсири калон расонд. Бо ворид кардани ин ҳама ба мазмун ва мундариҷаи таърихии ин давра мо метавонем аҳамияти «Китāб ал-бухала» ва инчунин дигар асарҳои Ал-Ҷоҳизро, ки эҳсосоти замон, баҳсҳои илоҳиётшиносӣ ва ихтилофотро инъикос кардаанд, қайд намоем. Ал-Ҷоҳиз ғояҳои худро хеле возеҳ баён мекард ва

---

[1] Pellat Ch. The Life and Works of Jahiz, The University of California Press, Berkeley & Los Angeles, 1969, pp. 82-86.
[2] Goldziher I. (2005 Muslim Studies. Edited by S. M. Stern. Translated by C. R. Barber and S. M. Stern. London, Routledge) Vol. I, p. 381. 254 pp.

ақидаҳои мазҳабӣ ва илоҳиро, ки хилофи ақидаҳои ӯ буданд, танқид мекард. Бо киноя, ӯ ақоидашро тақвият дода, тавонист, ки қудрати бештаре дошта бошад, то баъзе мактабҳо ва фирқаҳоро ба роҳи хато рафтанашон бовар кунонад. Вобаста ба ин, «Китāб ал-бухала» эътибори азимеро, ки Ҳасани Басрӣ дар байни мардум дошт, нишон медиҳад.

Аз китоби мазкур бармеояд, ки Ҳасани Басрӣ як зиёии машҳур буд, ки ҳамчун илоҳиётшиноси барҷаста ва босалоҳият дар масъалаҳои ҳуқуқӣ ва динӣ шуҳрати бузургро ба даст овардааст. Аз тарафи дигар, вазъияти махсуси ӯ низ имкониятҳои ҳаракатдиҳандаи ҳаёти иҷтимоии ӯро ҳамчун *мавло* (араб. ҷамъаш – *мавлӣ* – мардуми озод дар минтақаҳои аз ҷониби арабҳо забтшуда, ки Исломро қабул кардаанд ва таҳти ҳимояти ягон қабилаи араб қарор гирифтаанд), ки ӯ сарфи назар аз табъизи доимӣ нисбат ба мусулмонони ғайриараб тавонистааст дар давраи Уммавиён ба мартабаҳои баланди иҷтимоӣ расида тавонад. Дар айни замон бояд дар хотир дошт, ки Ҳасани Басрӣ ба истилоҳ як сутуни мустаҳками дин буд, ки мавъизаҳои ӯ ҳатто то замони мо боқӣ мондаанд. Гарчанде ки ҷонибдории Ҳасани Басрӣ аз Уммавиён мавзуи баҳс боқӣ монда бошад ҳам, аммо дақиқ аст, ки ӯ дар шӯришҳои сарлашкари Уммавиён Абдурраҳмон ибни Ашъас ё ҳокими Хуросон Язид ибни Муҳаллаб (672-720)-ро напазируфта ва ширкат наварзидаст. Ӯ дар муносибат бо онҳо ҳам эҳтиёткории баланд нишон додааст ва ҳам ба ин ҳаракатҳо муқобилат кардааст.[1]

Тавре ки аксаран дар манбаъҳои асримиёнагии исломӣ дида мешавад, баъзеҳо бар хилофи ақидае мебароянд, ки он машҳури умум ва аз ҷониби онҳо қабулшуда ба ҳисоб меравад. Ҳамин тавр ҳам ақидаи ан-Надим аст, ки ӯ дар «Китāб-ул-феҳрист»-аш тасдиқ намудааст, ки Ҳасани Басрӣ ба ҳадде вафодориашро дар нисбати шӯриши Ибни Ашъас дар Моварооуннаҳр изҳор намудааст. Аммо, вақте ки Уммавиён ин ошӯбро саркӯб карданд ва пас аз таъқиби пайравони Ибни Ашъас, Ҳасани Басрӣ ба ҳокими Ироқ Юсуф Ал-Сақафӣ (661-714) рӯ овард, ки ҳоким пас аз ҷаримаи маъмурӣ, ӯро авф намуд. Сипас, ан-Надим тавзеҳ медиҳад, ки Ҳасани Басрӣ худро таҳти ҳимояи ин ҳоким

[1] Табарӣ Муҳаммад ибни Ҳарир. Таърихи Табарӣ (ар-Русул ва ал-мулук). – Теҳрон, 1318. С. 1318.

дар амону бехатарӣ эҳсос накардааст ва барои ҳамин аз марги ас-Сақафӣ дар соли 714 хурсанд будааст.[1]

Чаро симои Ҳасани Басрӣ дар «Китāб ул-бухала» ва дигар асарҳои Ал-Ҷоҳиз аз аҳамияти хосса бархӯрдор аст? Дар нисбати нуфузу обрӯ ва эътибори динии ин илоҳиётшинос ва фақеҳи бузург, чунонки қаблан дар бораи он аллакай ишора шуда буд, шубҳае вуҷуд надорад, аммо эҳтимолан, Ал-Ҷоҳиз симои ин шахсиятро барои он таъкид мекунад, ки решаҳои муътазила ҳадди ақалл дар Басра пайдо шудаанд ва аз он Ҳасани Басрӣ ва Ал-Ҷоҳиз баромадаанд.[2] Аммо, чунонки маълум аст, саҳми Ал-Ҷоҳиз дар муътазила кам аст, гарчанде ки ӯ дар мубоҳисаҳо бо пайравони калом дар Басра фаъол буд ва ҳамчун пайрави Ибни Сайёр ан-Наззом маҳсуб меёфт. Ба ғайр аз ин, азбаски Ал-Ҷоҳиз баъдтар ба равиши сиёсии динии худ муваффақ мешавад, баъзеҳо ӯро созандаи мактаби фикрие донистаанд, ки онро «Ҷоҳизия» номиданд. Аз ҷумла, Ал-Бағдодӣ дар асари маъруфаш «Ал-фарқ байна-л-фирақ» ишора кардааст, ки «Ҷоҳизия» мактаби тарафдорони Ал-Ҷоҳиз аст ва бисёриҳо даъво доштанд, ки ба ин муаллиф барои он пайравӣ кардаанд, ки онҳо аз зебоии забони асарҳояш беандоза мутаассир буданд. Аммо, Ал-Бағдодӣ андешаи охирро танқид карда, дар робита ба китобҳои Ал-Ҷоҳиз чунин изҳор доштааст: «Навиштаҳои ӯ возеҳанд, гарчанде ки онҳо маъно надоранд ва калимаҳои даҳшатбор доранд, гарчанде ки мундариҷа доранд».[3] Аз ҷониби дигар, Ан-Надим бо овардани як фақара (сархат)-и дароз аз Ал-Ҷоҳиз қайд кардааст, ки муаллифи Басра ҳамаи инро «барои бузургдошти худ ва арҷгузорӣ ба кори худаш» навиштааст. Дар ин порча аз ҷумла омадааст: «Ҳангоме ки Ал-Маъмун китобҳои маро дар бораи имомат мутолиа намуд, онҳоро мувофиқи он хоҳишаш, ки ба ман амр шуда буд, дарёфт. Вақте ки ман баъди ба Ал-Ҷоҳиз дар бораи омӯзиши китобҳоям аз ҷониби халифа супориш гирифтан ва дар бораи муҳтавои онҳо гузориш доданаш ба назди ӯ рафтам, аз он ки Ал-Ҷоҳиз дастур дод, ки китобҳои маро омӯзад ва дар бораи мундариҷаи онҳо ба ӯ гузориш диҳад, Ал-Маъмун ба ман гуфт:

[1] Ибн Надим. Ал-Фиҳрист. Бейрут, 2009. С. 556.
[2] Ал-Бағдодӣ Абдулқодир. Тафарруқ байн ал-фирақ. - Ал-Қоҳира, 1988. С. 388-389.
[3] Ҳамон ҷо. С. 160.

«Инсонест, ки қобилияти зеҳниашро мо эҳтиром мекунем ва барои пешниҳоди маълумоти дақиқ доданаш таърифу тавсиф ёфта, дар бораи ин китобҳо бароямон бо тафсилоти дақиқ дар бораи ин китобҳо ва фаровонии маводи муфид гузориш додааст».[1]

Ал-Бағдодӣ «ҷоҳизия»-ро як фирқаи «қадария», мактаби озодии ирода медонист, зеро ба ақидаи ӯ, Ал-Ҷоҳиз исбот мекард, ки чизе ба ҷуз аз тавассути иродаи озод сурат намегирад. Ал-Бағдодӣ, идеяҳои Ал-Ҷоҳизро мавриди интиқод қарор дода, изҳор доштааст, ки бузургтарин бидъатҳои муаллифи басрӣ аз он иборат аст, ки ӯ гӯё нобудшавии ҷисмҳоро пас аз офаридани онҳо ғайриимкон шуморидааст. Ба гуфтаи муаллифи «Китāб ал-фарқ байна-л-фирақ», Ал-Ҷоҳиз боварӣ дошт, ки Худо қодир аст чизеро офарад, аммо барои нобуд кардани он қодир нест, зеро ба назари ӯ, Худо наметавонад пас аз офариниш танҳо боқӣ монад.

Ал-Бағдодӣ бидъатҳои дигари Ал-Ҷоҳизро шарҳ дод: андешаи ӯ дар бораи он ки Аллоҳ касеро маҷбур намекунад, ки ба ҷаҳаннам равад, аммо худи дӯзах аз рӯи табиаташ одамонро ба худ ҷалб мекунад ва сипас нафсҳои онҳоро ҳамеша дар он ҷо нигоҳ медорад. Монанди ҳамин, биҳишт низ табиатан одамонро ҷалб мекунад ва Худо ҳеҷ касро маҷбур намекунад, ки ба он ҷо равад. Барои хотима додан ба ҳамаи мухолифатҳояш бо Ал-Ҷоҳиз, ки осори ӯро бидъат ва навиштаҳояшро бемазмун ва зишт меҳисобид, зеро дар онҳо дар бораи дуздон, одамони бевиҷдон, айёрии қаллобон, ҷой доштани фоҳишагарӣ, лаззату нуқсонҳои одамони ҳарис сухан мерафт, Ал-Бағдодӣ онҳоро таҳти интиқоди шадид қарор додааст. Дар хулосаи суханонаш Ал-Бағдодӣ дар бораи Ал-Ҷоҳиз навиштааст: «Мазмуни ин ҳамаи китобҳояш ба ӯ, ба фаъолияташ ва аҳли оилааш мувофиқ аст».[2]

Ҳамон тавре ки Ал-Бағдодӣ алайҳи Ал-Ҷоҳиз барои ғояҳои муътазилия ва дигар таълимоти он муқобилат кард, бисёре аз мусулмонони дигар низ муътазиларо тадриҷан рад карданд. Аксуламалҳо алайҳи муътазила ва пирӯзии

[1] Ибн Надим. Ал-Фиҳрист. Бейрут, 2009. С. 399.
[2] Ал-Бағдодӣ Абдулқодир. Тафарруқ байн ал-фирақ. - Ал-Қоҳира, 1988. С. 166.

мактаби илоҳиётшиносии ашъария имконият доданд, ки шахсияте чун Аҳмад Ибни Ҳанбал ба мабодии ғоявии муътазила, илоҳиётшиносии схоластикӣ ва ақидае, ки Қуръон офарида аст, шадидан ва қатъӣ муқобилат намуд. Бо сабаби мухолифати Ибни Ҳанбал дар замоне ки муътазила мактаби ҳукмрон буд, ӯро ба зиндон кашида буданд ва зоҳиран шояд ҳатто шиканҷа гирифта бошад. Аммо ӯ шахси ягонае набуд, ки алайҳи муътазила баромада бошад ва танҳо касе буд, ки тафсирҳои мухталифро ба миён оварда, мавқеҳои гуногунро баён намудааст ва роҳҳои расидан ба Худоро нишон дода бошад. Дар байни онҳо, аз ҷумла, суфиён ва орифони дигари исломӣ буданд, ки маърифати Худоро ба воситаи муҳаббат (*маърифа қалбия*, касби дониш тавассути қалб), таҷрибаи шахсӣ дар зикр, эътимоди комил ба Худо (*таваккул ʻала-л-Аллāҳ*), маҳлулшавӣ бо Ӯ (*ал-фанā'*) ва даст кашидан аз ҳамаи чизҳои моддӣ, ва ғайра дар таҷрибаи машҳури «анā-л-Ҳаққ» («Ман Худоям»)-и Абу Мансур Ал-Ҳаллоҷ (ваф. 922) ҷустуҷӯ менамуданд. Ақоиди муътазилиёнро инкор намуда, худи пайравони тасаввуфи «ҳулулия» ба таъқиботи руҳониён дучор омаданд. Сабабаш, чунонки Е.А. Фролова менависад, дар он буд, ки моҳияти ҳулул дар он ифода меёфт, ки «ишқ инсон ва Худоро бо ҳам мепайвандад: руҳи илоҳӣ ба нафси инсон ворид гардида, тамоми корҳои ин нафсро таҷаллӣ мекунад. Дар як вақт, Худо дар қалби ориф хештанро мушоҳида карда метавонад. «Мо ду руҳем, ки дар як ҷисм таҷаллӣ ёфтаем»- гуфта буд Ал-Ҳаллоҷ. Ин таълимотро дар бораи таҷаллӣ ислом бо дар назардошти он ки дар он таъсири масеҳият аст, рад намуд. Дар ниҳояти кор, Ал-Ҳаллоҷ барои ақидаҳояш ба қатл расид, ки падидае нодир аст дар Ислом».[1]

Аммо муҳимтарин мухолифат бо муътазила аз дохили худи ин мактаби фикрӣ пайдо шуд: Ал-Ашъарӣ (873-985), ки ҷонибдори ин мактаб буд, аз принсипҳои он даст кашида, бар зидди он як қатор далелҳои илоҳиётшиносиро таҳия кард. Дар маҷмуъ, «тафовути ашъария ва муътазила асосан аз эҳтиёткории онҳо дар ҳаллу фасли як қатор масъалаҳои хоси калом иборат буд: онҳо абадияти баъзе сифатҳои илоҳи («сифатҳои моҳият», ба мисли дониш, ирода ва ғ.)-ро эътироф карданд; «офарида» шудани Қуръонро дар робита бо «маъно» инкор

[1] Фролова Е.А. Арабская философия. Прошлое и настоящее. – М.: Языки славянских культур, 2010. С. 88. 460.

карда, дар ин ҳолат гуфтори «ҳиссӣ» ё «лафзӣ» (*калам ҳиссӣ, калам лафзӣ*) ва гуфтори «ботинӣ», «дар зоти хеш» (*калам нафсӣ*) фарқ мекунад; онҳо саъй карданд, ки нуқтаҳои назари пайравони қадария ва ҷабарияро бо ҳам мутобиқ созанд, ба консепсияи *касб* таваҷҷуҳ доштанд; имкони «руъё»-ро аз ҷониби солеҳони Худо дар олами дигарро эътироф намуда, ҳамзамон имкони шарҳи онро рад мекарданд».[1]

Таълимоти муътазилӣ, чунони ки қаблан зикр карда будем, як таълимоти давлатие буд, ки аз ҷониби табақаи боло ва бидуни ширкати наздики аксарияти диндорон дастгирӣ меёфт. Барои ин, барои муътазила осон буд, ки паси дарҳои пӯшида ба хилватнишинӣ рафта, аз тазодҳои сиёсӣ рӯ гардонда, худро пурра ба таълимоти каломӣ бахшад. Дар давраи тӯлонии муттаҳид шудани шохаи суннии ислом муътазила ҳанӯз фаъолияташро давом медод. Агар дар ҷое ишора рафта бошад, ки ин фаъолият дар байни илоҳиётшиносони шиа (ҳам имомиён, аз қабили ал-Муфид (с.1022), ки аз адолати илоҳӣ ва озодии инсон пуштибонӣ мекарданд ва ҳам зайдиҳои Яман) рух дода бошад, набояд фаромӯш кард, ки илоҳиётшиносони муътазилии суннӣ, ки махсусан бо мазҳаби ҳанафия пайвастагӣ доштанд, фаолият менамуданд. Бо вуҷуди ин ки ба иллати вуҷуд надоштани дастгирии расмӣ ё майдони оммавии фаъолият имкон надоданд, ки таълимоти муътазилӣ дар давраи баъдӣ, ҳадди аққал то ҳукмронии Салҷуқиён (миёнаҳои асри V/XI), ниҳоят ба шукуфоиии хеш мерасад, олимони зиёд назарияҳои муътазилиёни пешинаро таҳия ва такмил медоданд. Як навъ намунаи олиие, ки ба анҷоми давраи фаъолияти воқеии муътазилиён ишора мекунад, тафсири муҳими Қуръон буд, ки онро ал-Замахшарӣ (ваф. 1144) навиштааст, ки сарчашмаҳои асосии илҳоми ӯ дар ин тафсирҳо ғояҳои озодии иродаи инсон ва инкори сифатҳои илоҳӣ мебошанд. Дар баробари ал-Замахшарӣ яке аз муфассирони дигари Қуръон, ки ақидаи муътазилиро дошт, ат-Табарӣ (ваф. 1155) буд. Дар давраҳои оянда муътазила тадриҷан нуфузашро аз даст дода, қисман ба таълимоти шиа пайваст ва қисман дар афкори яҳудиён эҳё гардид (масалан, дар ақидаҳои Саъди Гаон, яҳудии мисрӣ (ваф. 942) ва Юсуф ал-Басир,

[1] Ислам: Энциклопедический словарь. – М.: Наука, 1991. С. 32.

ки дар асри IX зиндагӣ мекард ва қисман дигар қодир набуд, ки ба ақидаҳои ашъариён ва бунёдгароёни исломии ҳанбалӣ муқобилат кунад.

Маҳз дар вақтҳои охир таваҷҷуҳ ба муътазилия, бахусус дар миёни аҳли зиё ва файласуфон боз ҳам бештар шудааст. Хоҳиши бозёфт ва эҳёи унсурҳои ақлгароӣ дар тафаккури классикии исломӣ (баъзан бо таҳрифи маънои аслии матн ё сарчашма) ва далелҳои таълимотӣ ҷой дорад, ки метавонанд исломро бо силоҳҳои нав ва мукаммалтаре барои муқовимат бо чолишҳои муосир муҷаҳҳаз созанд. Эҳёи муътазила дар заминаи баҳсҳои густурда дар бораи таҷдиди ислом ё исломисозии муосир ба назар мерасад. Нахустини онҳо ба зарурати бознигарии амиқ дар бораи унсурҳое, ки мафкураи исломиро ташаккул медиҳанд, иртибот доранд, то ки онҳоро ба шароити ҷаҳони муосир мувофиқ созанд. Дуюми онҳо ба иддаои мутафаккирони ошкортари исломӣ дар бораи он марбут аст, ки гӯё идеологияи исломӣ қодир аст, бар асоси вижагиҳои ақлгароии тафаккури исломӣ муҳити муосири оламро назорат кунад. Навмуътазила муҳимтарин нуқтаи ибтидоии ҳардуи ин тамоюл гардид, ки яке аз намояндагони он Аҳмад Амин (1886-1954) буд, ки ӯ тасвири мухтасар ва аслии таҳаввули равияҳои мухталифи ҳаёти ақлониро дар тӯли таърихи ислом бо истинод ба сарчашмаҳои классикӣ ва саҳми шарқшиносии аврупоӣ нишон дода, аз ҷумла, бознигарии нақши муътазила ишора кардааст.

Ҳамин тариқ, аз гуфтаҳои фавқуззикр ба хулоса расидан мумкин аст, ки муътазила нахустин мактаби фикрии каломӣ буд, ки ба фалсафаи исломӣ асос гузоштааст. Аз тарафи дигар, бояд ба назар гирифт, ки муътазила боварӣ дошт, ки таълимоти асосии динии он эътиқоди ҳақиқии исломист, ки ҳар як муъмин бояд онро қабул кунад. Аммо дастрасӣ ба кори мураккаби мутафаккирони онҳо барои одамони одӣ душвор буд. Муътазилиҳо, чунонки қайд кардем, озодандешон ва каломиҳои ақлгаро буданд: онҳо боварӣ доштанд, ки бо ёрии ақл онҳо эътиқоди ҳақиқӣ ва ҳақиқатро мефаҳманд. Барои ҳамин онҳо саъй мекарданд, ки таълимоти диниро низ тавассути ақлгароӣ ва мантиқ тафсир намоянд. Онҳо фалсафаро низ дар робита бо истифода аз ақл дар масъалаҳои илоҳиётшиносӣ тафсир намуда, масъалаи адолати Худо, офарида шудани Қуръон

ва озодии иродаи инсонро матраҳ намуданд. Дар баррасӣ ва таҳлили ин масъалаҳо равиши ақлгароии муътазила ногузир ба озодфикрӣ ва озодихоҳии онҳо ва аз тарафи дигар, боиси норозигӣ ва эътирози мутаассибони дини ислом оварда расонидааст.

## § 2. Сарчашмаҳои ғоявии фалсафаи ақлгароии муътазила ва мутафаккирони он

Ҳамзамон бо интишор ёфтани Ислом берун аз нимҷазираи Арабистон ҷаҳонбинии нав, ки баъдтар дар шакли фалсафа мавқеашро дар ин минтақа боз ҳам бештар тақвият дод, маълум гардид, ки он аз биниш ва фаҳмиши суннатии арабҳои кӯчӣ билкулл фарқ дошт. Ин ҷаҳонбинӣ, қабл аз ҳама, барои амиқтар дарк намудани падидаҳо ва ҳодисаҳои олами муҳит ва беруна тавассути ба даст овардани донишҳои нав бо истифодаи ақл ва мантиқ барои фаҳмидани на фақат донишҳои динӣ, балки муқаррароти дини Ислом, аз ҷумла, ваҳйи илоҳӣ мусоидат намуд. Дар чаҳорчӯбаи ин ҷаҳонбинӣ олам аз ҷониби мутафаккирони мусалмон ҳамчун як системаи ягона матлаби идроки он қарор гирифта, барои фаҳмиши принсипҳои гуногуни фалсафӣ, аз ҷумла, детерминистӣ замина гузошт. Дар ташаккули ин ҷаҳонбинӣ, бешакку шубҳа, саҳми муътазилиён назаррас буд.

Таълимоти муътазилӣ дар Шарқи мусулмонӣ замоне ба миён омада, рушд ёфт, ки захираҳои илму донишҳо дар бораи табиат ва ҷомеа нисбат ба кишварҳои Ғарб ба маротиб бештар ва беҳтар буд. Муътазила дар зоти хеш як навъ самти ашрофонаю баргузидаро ташаккул дода, дар байни мардуми оддӣ пуштибонӣ пайдо накард. Ин нуктаро қайд карда, И.А. Османова навиштааст: «Муътазилиён баргузидагони зеҳнии ислом буданд, ки ба онҳо имкон медод ба издиҳоми «нодон» ҳавобаландона нигоҳ кунанд. Дар баробари ин муҳаққиқон саъю кӯшишҳои муътазилиёнро қайд мекунанд, ки таваҷҷуҳи оммаи васеъро ба созмони фалсафию назариявии худ чалб намуда, дар вуҷуди онҳо қобилияти таҳлили интиқодиро тарбия намоянд. Ҳақиқатан, мо дар ягон ҷое далели гузариши дастаҷамъии оммаро, ки барои аксари онҳо ақидаҳои олӣ комилан дастнорас буданд, ба ҷониби муътазилиён намеёбем»[1].

Табиист, ки таълимоти муътазилиён дар ҷои холӣ ба миён наомада буд ва барои ташаккул ёфтани он омилҳо ва сарчашмаҳои гуногун вуҷуд доштанд. Ба ғайр аз сабабҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар ин раванд сарчашмаҳои ғоявии

[1] Османова И.А. Мутазилитское движение в средневековом исламе // Исламоведение. 2016. Т. 7. № 4. С. 34.

муътазиларо бояд мавриди омӯзиш қарор дод, ки он аз нигоҳи гуногунрангӣ ва аҳамияташ доираи васеъ дорад. Қабл аз ҳама, масъалаҳое, ки мусулмонон дар ҳаёти рӯзмарраашон ба онҳо бархӯрд намуда, дар Қуръон ба ҳамаи онҳо посух гирифта наметавонистанд, ба баҳс дар бораи худи китоби муқаддас, дар бораи офарида шудани он оварда расонданд. Ин мубоҳисаҳо, чунонки дар бахши аввали ин кор қайд карда будем, барои пайдоиши мактабҳои ақлгароии ислом, ки муътазила яке аз авалинҳояшон буд, оварда расонданд.

Фаҳмиши Қуръон ҳамчун сарчашмаи таълимоти муътазилиҳо дар бораи тавҳид, яъне яккахудоӣ мебошад. Дар баробари он, дар доираи ин таълимоти муътазила масъала дар бораи он ки оё Қуръон қадим аст ва ё махлуқ, баҳси асосӣ сурат мегирад. Чуноне ки С. Ахмедов қайд кардааст, «муътазилиён тасдиқи қадим будани сифатҳои Худо, махлуқ набудани Қуръонро таҳти шубҳа қарор дода, андешаи худашонро дар бораи қазою қадари илоҳӣ, дар бораи биҳишт ва дӯзах байн менамуданд»[1]. Тасдиқи қадим будани Қуръон маънои онро дорад, ки ду ё ҳатто бештар аз он қадимҳо вуҷуд доранд, ки маънои касрати қадимҳо, яъне *та‘аддуд ал-қудамаро* ташаккул медиҳад. Дар ҳоле ки аз нигоҳи илоҳиётшиносии исломӣ эътирофи мавҷудияти қадим ба ғайр аз Худо ба ширк мерасонад. Е.А. Фролова дар ин бора менависад: «... муътазилиҳо ба натиҷае расиданд, ки Қуръон қадим буда наметавонад – дар акси ҳол, он дар баробари Аллоҳ вуҷуд медошт ва пас, Қуръон, ҳарчанд илоҳӣ бошад ҳам, ба ҳар ҳол, махлуқ аст. Чунин андеша ба мазмуни Китоб низ мухолифат дошт. Агар ба назар гирифт, ки ба ғайр аз Қуръони илоҳӣ, ки дар лавҳи маҳфуз сабт шудааст, инчунин Қуръоне вуҷуд дорад, ки барои одамон нозил шудааст, ки он танҳо тақлиди Калом-ул-лоҳ буда, қудсият ва дахолатнопазирии он ба ҳадди зиёд паст мефароянд».[2]

Баҳс дар атрофи масъалаи *халқ-ул-Қуръан* хусусияти ҷолиб ва беназири таълимоти муътазилиён дар муқоиса бо дигар мазҳабҳои илоҳиётшиносии исломӣ ба шумор меравад. Ин як баҳси мураккаб ва ҳайратангез буд, ки дар

[1] Ахмедов С. Философия калама в современном исламе. - Душанбе, 2004. С. 9.
[2] Фролова Е.А. Арабская философия. Прошлое и настоящее. – М.: Языки славянских культур, 2010. С. 56.

заминаи иҷтимоию сиёсӣ фоҷиаи хунинро ба бор овард. Ин ихтилофот ва мубоҳисаҳо, чунонки дар қисмати пештари ин таҳқиқотамон зикр карда будем, бо давраи ҳукмронии халифа Ал-Маъмун анҷом ёфт. Бо ин ҳама, масъалаи қадим ё махлуқ будани Қуръон минбаъд ҳам чун мавзуи баҳси мактабҳои гуногун давом гирифт: баёни дидгоҳҳои муътазилиён дар Қуръон дар муқобили ақидаҳои аҳли суннати Ислом махсусан шадид давом меёфт ва ҳар ду ҷониб кӯшиш менамуданд, ки мавқеашонро нигоҳ доранд ва дифоъ намоянд. Мубоҳисаҳо дар бораи ин масъала аввалин гуфтугӯи ғоявӣ дар илоҳиётшиносӣ буд, ки мафҳум ва моҳияти *ақидаро* ба мубоҳисаҳои илмӣ ва соҳаи фалсафа ворид мекунад. Он як навъ адабиёти илоҳиётшиносии мусулмонӣ буд, ки дар асри VIII дар натиҷаи ин гуна муборизаҳои ғоявӣ ба миён омада, афкори исломиро ба майдони фалсафаи исломӣ ворид месозад. «Пешинаи мустақими ақида адабиёте ба ҳисоб меравад, ки дар услуби раддия навишта шудааст. Аммо агар раддия ошкоро хусусияти мубоҳисавӣ дошта бошад, ақида ҳамчун баёни муъҷаз ва дақиқи мавқеи мактаб ё муаллифи алоҳида дар масъалаҳои асосии таълимоти динӣ ва ҳуқуқ пешкаш мегардад».[1]

Бешакк, азбаски таълимоти ақлгароии муътазила дар пояи таълимоти илоҳиётшиносии умумиисломӣ барпо шуда буд, таъсири мактабҳои дини-фиқҳӣ, аз ҷумла мазҳаби ҳанафиро, ки таърихан қабл аз муътазила ба миён омадааст, нодида гирифтан мумкин нест. Аз ҳолномаи Абуҳанифа маълум аст, ки ӯ дар ибтидо ба омӯзиши илоҳиётшиносӣ машғул будааст. Илоҳиётшиносиро аз худ намуда, ба хулосае омад, ки баҳсу мунозираҳои доимӣ дар бораи ҷабр, қадар, ташбеҳ, танзиҳ, адл ва ҷавр боиси афзоиши фазилат ва садоқати динии инсон намегардад. Гузашта аз ин, ба баъзе саволҳои вобаста ба ҳаёти воқеӣ дар китоби муқаддас ва сарчашмаҳои дигари динӣ ҷавобҳо пайдо кардан имкон надошт, ки боиси баҳсҳои беохир ва бесамар мегардиданд. Ҳамин тавр, масалан, ӯ аз баррасии масъалаи тақдир (қадар) худдорӣ кард, зеро ба гуфтаи ӯ, «он қуфлест, ки калидаш гум шудааст». Ба ӯ аввалин асари хаттӣ оид ба фиқҳи исломӣ «Ал-Фиқҳ ул-акбар» ё «Асл ат-тавҳид» нисбат медиҳанд, ки дар он масъалаи тавҳид,

[1] Ислам: Энциклопедический словарь. - М.; Наука. Гл. ред. восточной литературы, 1991. С. 17.

дар бораи сифатҳои Аллоҳ, Қуръон ҳамчун каломи Худо, қудрати Худо, дар бораи озодии иродаи инсон, корҳои неку бад ва ҷазои онҳо, тақдир, адолат, дар бораи фазилатҳои иноснӣ ва ғайра зикр шудаанд. Аз ин номгӯи масъалаҳо маълум аст, ки Абу Ҳанифа ҳамон масъалаҳоеро мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор медиҳад, ки дар осори муътазила мақоми хосса доранд. Ин маънои ба равиши ақлгароӣ ворид будани Абу Ҳанифаро нишон медиҳад ва билхосса, ки дар ҳаллу фасли масоили вобастаи он Абу Ҳанифа дар баҳсҳо бо муътазилиён ворид шудааст: «Дар ин асар («Ал-Фиқҳ ул-акбар» - Қ.Қ.) муборизаи зидди ақидаҳои мурҷиъҳо ва муътазила равшан нишон дода шудааст... Абу Ҳанифа ва наздиктарин пайравони ӯ усули истифодаи принсипҳои ақлгароии ҳукм аз рӯи қиёс ва истеҳсонро дар ҳалли фасли масъалаҳои ҳуқуқӣ мураттаб сохта буданд. Ӯ имконияти истифодаи меъёрҳои урфро ҳамчун яке аз сарчашмаҳои ҳуқуқ асоснок кардааст»[1].

Бояд тазаккур дод, ки муътазила, бешубҳа, бо илоҳиётшиносӣ ё калом алоқаи зич дорад. Умуман, чунонки Т. Иброҳим қайд мекунад, «дар адабиёти классикии арабу мусалмон мафҳуми «калом» (араб. *калом* – маънои таҳтуллафзии он «сухан», «андешаронӣ», «баҳс») ба маънои васеаш нисбат ба ҳама гуна баҳсҳо дар мавзуи динӣ ва фалсафӣ, аз ҷумла, муҳокимаҳои илоҳиётшиносони масеҳӣ ва яҳудӣ истифода мегардид. Ба маънои махсуси он бошад, истилоҳи «калом» (шакли пурраи он «илм ул-калом») як фанни зеҳниро дар назар дошт, ки он таълимоти динии исломро аз дидгоҳи ақл асоснок мекунад, яъне он моҳиятан илоҳиётшиносии ақлгароӣ/фалсафии ислом ба ҳисоб мерафт. Мактаби ибтидоии каломро, ки дар нимаи аввали асри IX рушд кардааст, муътазилиҳо ташаккул медоданд».[2] Дар айни ҳол, дар мактаби калом монанди мактабҳо ва мазҳабҳои ақлгароии исломӣ дар масъалаи каломи илоҳӣ, ки баъдтар дар зери таъсири афкори файласуфони юнонӣ дар илми мантиқ инъикос меёфт, ин мубоҳисаҳо шиддати бештар пайдо карданд.

---
[1] Ислам: Энциклопедический словарь. - М.; “Наука”. 1991. С. 11.
[2] Ибрагим Т.К. Религиозная философия ислама: калам. Казань: Казанский ун.-т, 2013. С. 4.

Фалсафаи юнониён, умуман, ба афкори файласуфони мусулмон ва афкори онҳо ҳақиқатан таъсири калон расонда буд. Таъсири Афлотун ва Арасту ба ҳадде буд, ки онҳо файласуфи дуюмиро «Муаллими аввал» номиданд. Охирин ва бузургтарин файласуфи давраи эллинистӣ Плотин низ дар тафаккури мусулмонон нақши хеле муҳим дошт. Ғояҳои фалсафии Плотин ба Сурия ва Миср, алалхусус ба Ал-Искандария, ки муҳимтарин маркази фарҳангии давраи эллинистӣ буд, паҳн шуданд. Дар Ал-Искандария навиштаҳои Афлотун аввал ба забони суриягӣ, баъд ба забони арамеӣ *(arāmāyā)* ва дар ниҳоят, ба арабӣ тарҷума мешуданд. М. Иқбол дар бораи чунин тарзи муносибат ба тарҷумаи асарҳои юнониён навиштааст: «Аммо бояд дар хотир дошт, ки ҳикмати юнонӣ ба сӯи Шарқ тавассути Ҳаррон ва Сурия ҷараён дошт. Суриягиҳо ба охирин мактаби юнониҳо, яъне ба навафлотуния ҳусни таваҷҷуҳ зоҳир намуда, ба мусалмонон он чиро интиқол доданд, ки онро фалсафаи ҳақиқии Арасту меномиданд.

Дар нисбати муътазилиён гуфтан мумкин аст, ки ҳанӯз дар давраи Аббосиён, аниқтараш дар давраи пеш аз фаъолияти муътазилии Восил ибни Ато (яке аз поягузорони муътазила), онҳо на танҳо таҳти нуфузи фалсафаи юнонӣ, балки каломи масеҳӣ ва яҳудӣ қарор гирифтанд. Аш-Шаҳристонӣ дар бораи ин таъсирҳои ғоявӣ чунин навиштааст: «Шуйухи муътазила ба мутолиаи китобҳои фалсафие, ки дар замони Маъмун тарҷума ва шарҳ шуда буданд, пардохтанд ва равишҳои фалсафиро бо калом даромехтанд».[1] Мутафаккирони давраи ибтидоии муътазила истилоҳоти зиёди фалсафии ин сарчашмаҳои динӣ ва фалсафӣ, аз қабили ҷавҳар ва араз, ҳудус ва қадим, ҷузъи ло-йатаҷаззо ва амсоли онҳоро ба таври фаровон истифода мебурданд, ки он терминологияи дақиқи онҳоро ташкил дод, ба таври ғайримустақим ба ташаккул ёфтани фалсафаи нав таъсир гузоштааст.

Дар робита бо ин, дар таҳқиқоти шарқшиносон омилҳои берунии ин таъсирот ба афкори мутафаккирони исломӣ, хусусан, муътазилиён, аз ҷиҳати маҷоз шумурдани дахолати ақлонияти фалсафӣ ва дахлу сарфи он дар

[1] Аш-Шаҳристонӣ Муҳаммад. Ал-Милал ва ан-ниҳал. Ал-Қоҳира, 1416 ҳ. С. 36.

фаровардҳои нақлӣ дар китоби Ҳ.А. Волфсон «Фалсафаи калом» мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст, ки саросари он бозёбии ҷанбаҳои муштараки фалсафаи каломии муътазилӣ ва собиқаи он буда, натиҷаи муассир будани мутафаккирони муътазила аз ғайри он мебошад. Масалан, муаллифи ин китоб дар бораи таъсирпазирии муътазила аз илоҳиётшиносӣ ва фалсафаи пешгузаштагони ин мактаб нақл мекунад, ки баъзе аз мутафаккирони қадимтар, ки назарияи иродаи озод ва ихтиёрро таҳқиқ менамуданд, муаллимони масеҳӣ доштаанд ва пас, ин ғоя дар зери таъсири масеҳият дар муқобил бо эътиқоди бумии исломӣ ба ҷабр ва ихтиёр пайдо шуда бошад. Дар робита ба сифатҳои Худо, менависад муаллифи мазкур, ки ҳам тасдиқ ва ҳам инкори ин сифатҳо низ решаҳои масеҳӣ доранд ва Юҳаннои димишқӣ пеш аз муътазилиён ба ин эътиқод сару кор дошта, таъкид намудааст, ки сифатҳо ҷуз Худо чизи дигар нестанд. Дар баҳси махлуқ будани Қуръон низ, ӯ сарчашмаи ин матлабро аз Логоси масеҳӣ мешуморад.[1]

Аз ҷониби дигар, Ҳ.А. Волфсон яҳудияро дар эътиқод ба офарида будани Қуръон муассир медонад. Аз назари ӯ, дар боби қадимӣ ё офарида будани Қуръон, эътиқод ба қадимии он аз бовар ӣ ба қадима будани Таврот ва ихтилофи назар дар ин боб дар заминаи ихтилофи яҳудиён дар мавриди он бармеояд. Инчунин, қайд мекунад муаллифи мазкур, ақидаи Восил ибни Ато дар бораи ихтиёр ва озодии ирода тақрибан тарҷумаи ақидавӣ ва ё ҳадди ақалл таъсири раббониёни яҳудӣ мебошад.[2] Муаллиф дар идомаи баҳсаш таъсири фалсафаи юнонӣ ба муътазилиёнро низ қайд мекунад. Тибқи гуфтаи ӯ, назарияи теологии эътиқод ба ҷузъи ҷудонашаванда (*ҷузъ ла-йатаҷазза*) ва назарияи холо аз файласуфони атиқа мебошанд ва инкори низомии муътазилӣ нисбат дар мавриди ҷузъи ҷудонопазир аз нуқтаи назари ин файласуфон гирифта шудааст.[3]

Тааҷҷубовар он аст, ки файласуфони мусулмони ҳам арабҳо ва ҳам форсҳо баҳсро дар бораи он ки чиро таълимоти воқеии Арасту ва Афлотун мешумориданд, идома медоданд ва ҳеҷ гоҳ андешае ба сарашон наомада буд, ки

[1] Wolfson H.A. The Philosophy of the Kalam. Cambridge, Massaghusets and London, Harward University Press, 1976, pp. 58-63.
[2] Ҳамон ҷо. С. 68-69.
[3] Ҳамон ҷо. С. 64-65.

донистани забони юнонӣ барои фаҳмидани фалсафаи онҳо комилан зарур аст.[1] Аз ҷумлаи онҳо муътазилиён низ буданд, ки осори файласуфони юнониро дар шакли тарҷумаҳо мавриди таҳлил қарор медоданд ва барои ташаккул додани ҷаҳонбинии нави фалсафӣ бо синтези он бо ақоид ва назарияҳои исломӣ саъю талош меварзиданд.

Аз муҳимтарин омилҳои дохилии ташаккул ёфтани таълимоти муътазила, хусусан, назарияи ҷабр ва ихтиёр мактаби қадария ва таълимоти он буд. Қадария дар дохили мурҷиъа рушд ёфта, баъдтар аз он ҷудо мешавад ва дар масоили динӣ, монанди имон ва куфр, қазо ва қадар, сифоти Худо, махлуқ будани Қуръон ва ғайра ба баҳс ворид мегарданд. Аз муҳимтарин пешвоёни қадария Ғайлон-уд-Димашқӣ (ваф. такр. соли 742) буд, ки дар навоҳии Шом тарафдорони зиёд дошт, ки онҳо баъдтар мазҳаби ғайлонияро ташаккул доданд. Ӯ ба инкори сифот ва офарида будани китоби муқаддас боварӣ дошта, ба қазою қадар муътақид буд ва хайру шарро аз феълу кирдори инсон медонист. Баррасии ақоиди Ғайлон нишон медиҳад, ки ӯ пеш аз муътазила ба баҳс дар бораи усули панҷгонаи муътазила пардохтааст. Муътазила усули панҷгонаи худро бар асоси ин ақоид бунёд дода, онро амиқтар ва доманаашро васеътар намуда, ба он хусусияти фалсафӣ бахшида буд.[2] Қадариҳо тарафдорони ақида дар бораи озодии мутлақи инсон буданд. Ба андешаи онҳо Худо дар бораи ин ё он феъл ё амали инсон танҳо баъд аз сурат гирифтани он огоҳ мешавад ва инсон дар консепсияи онҳо холиқи аъмолу афъоли худаш мебошад. Баъдтар ақоиди қадария ба таълимоти муътазила дар бораи *адли илоҳӣ* ворид гаштанд. Аммо қадария, гарчанде ки «падари фикри»-и муътазила буд, аммо худи муътазила набуд, ба се далел: муассиси онҳо ба ривояте Савсани Насронӣ (ваф. 70 ҳ.ш.) аз аҳли Басра будааст, дар сурате, ки асосгузори муътазила, чунонки аллакай медонем, Восил ибни Ато ба ҳисоб меравад; сониян, қадариҳо ба принсипи «манзала байна манзалатайн» (ин ки на муъмин аст ва на кофир) муътақид набудаанд; сеюм, номи ин мактаб ҳамчун

[1] Iqbal, M. (2001) The Development of Metaphysics in Persia. East Lansing, Mi (1st pub. London 1908), p. 22.
[2] Атвон Ҳусайн. Фирқаҳои исломӣ дар сарзамини Шом дар асри Уммавӣ. Тарҷю Ҳамид Ризо Шайхӣ. – Машҳад, 1371. С. 31-33.

қадария худ далели равшан бар он аст, ки масъалаи асосии онҳо қадар буда, масъалаи асосии таълимоти муътазила ҳамон принсипи дар боло зикршуда аст.[1]

Инчунин, ҳангоме ки сухан дар бораи пайдоиши қадария ва ташаккул ёфтани таълимоти он меравад, на фақат муҳаққиқони алоҳида, балки маъхазҳои динии исломӣ низ дар бораи решаҳои зардуштӣ будани онҳо ҳарф задаанд. Масалан, дар ҳадисе, ки аз ҷониби Аҳмад ва Абу Довуд аз суханҳои Ибни Умар нақл кардаанд, оварда шудааст, ки пайғомбари Ислом фармудааст: «Қадариҳо – маҷусҳо (яъне зардуштиҳо – Қ.Қ.)-и ин умматанд, агар ба беморӣ дучор шаванд, онҳоро аёдат накунед ва агар эшон бимиранд, дар ҷанозаашон ширкат наварзед».[2] Дар ҳамин сароғози баҳс бояд тасдиқ кард, ки чигунагии нисбат миёни қадария ва зардуштия дар ҳадиси мазкур аз дер боз мавриди назари муҳаққиқон қарор гирифтааст ва мурУре бар осори илоҳиётшиносӣ нишон медиҳад, ки баъзе аз намояндагонашон кӯшидаанд, то робитае миёни онҳоро дарёбанд. Мутаассифона, дар ин кор, зиддияти мазҳабӣ бар ҷустуҷӯи илмӣ бартарӣ дорад: аз як тараф ашъариён ва детерминистҳо чунин тасдиқ кардаанд, ки ҳамон тавре ки маҷусҳо ба ду манбаъ - некиву бадӣ имон овардаанд, муътазилиён низ ба ду маншаъ барои афъол эътиқод дошта буданд - яке Худо ва дигаре инсон аст; бо ин роҳ, онҳо саъй кардаанд, то мавзуӯи қиёсро миёни қадар ва маҷусро ба вуҷуди як навъи санавият дар феълҳо рабт диҳанд. Аммо аз сӯи дигар, муътазилиён ва детерминистҳо гуфтаанд, ки ашъариён намунаи қадария мебошанд, зеро онҳо ба мисли маҷусҳо бадии оламро натиҷаи амали Худо дар офариниши аҳриманӣ мешуморанд ва ё масъалаҳое, ба мисли издивоҷ бо маҳоримро ба қазо ва қадари илоҳӣ нисбат медиҳанд ва барои бандагон дар баробари Худои нур ва Худои зулмот ба ягон феъле қоил нестанд.[3]

Дар таҳқиқоти ду муҳаққиқи эронӣ – Носир Гузашта ва Алӣ Рамазон Дамовандӣ, ки ба «таборшиносии ангораҳои эътизолӣ дар матнҳои зардуштӣ» бахшида шудааст, аз мавзуъҳои шабеҳи дар боло зикршуда ва муқоисаи онҳо, маълум мегардад, ки андешаҳо ва эътиқодоти муътазилиҳо дар ғояҳои зардуштия

---

[1] Ҷаҳонгирӣ Муҳсин. Қурбони нахустин // Маҷаллаи “Маориф”. Фарвардин-тир. № 13, 1367 ҳ.қ. С. 5.

[2] Аль-Ашкар У.С. Судьба и предопределение (ал-Када ва-л-кадар) / Пер. с арабско- го, вступ. слово и прим. Э.Р. Кулиева. Серия «Вероучение в свете Корана и сунны». Выпуск 8. - М.: Фонд, 2007. С. 61.

[3] Ҷаҳонгирӣ Муҳсин. Қурбони нахустин. С.13.

ва Эрони бостон решаи амиқ дошта, ба муътазила таъсири зиёд доранд. Ба андешаи онҳо, фирқаҳои муътазила ва қадария «бар асари нуфузи каломи зардуштӣ дар ислом пайдо шуданд; ба ҳамин далел мухолифони ин фирқаҳо қадария ё муътазиларо маҷусон ва ё зардуштиёни уммати ислом мехонданд ва мегуфтанд, ки зардуштиён ба ду асл – хайр ва шарр муътақид буданд ва инсонро дар баргузидани яке аз он ду мухтор медонистанд ва муътазила низ инсонро дар баргузидани роҳи хайр ва шарр озод мепиндоштанд.[1] Муаллифони мазкур дар истинод бар Абд ул-Қоҳир Ал-Бағдодӣ (ваф. 1037) – фақеҳ ва мутакаллими машҳур қайд кардаанд, ки ӯ ҳангоми бозгардонидани ақоиди файласуфи мактаби муътазилии калом Абу Исҳоқ ибни Сийяр ан-Наззом (тақр. 760/765-835/846), китобе бар зидди дугонагароён ё санавиён навишта, аз ақоиди эшон интиқод намудааст. Санавиён, ба ақидаи ӯ, бар онанд, ки нур дар ҳар ҳоле кори хайр анҷом медиҳад ва бар анҷом додани корҳои шарр тавоно нест; торикӣ бошад, ҳамеша кори шарр анҷом медиҳад ва барои кори хайр тавоно нест.[2] Ан-Наззом аз ин ки торикии санавиёнро ба далели корҳои бад накуҳиш медиҳанд, дар тааҷҷуб мондааст, зеро «кори хайр аз торикӣ барнамеояд». Ал-Бағдодӣ аз ан-Наззом эрод гирифтааст, ки «шумо эътиқод доред, ки Худовандро мебояд ба далели анҷоми корҳои шоистае ҳамчун додгарӣ ва ростгӯӣ шукргузор бошем, бо ин ки ақида доред, ки Худо тавоноӣ, ситамкорӣ ва дурӯғро надорад».[3] Аммо баҳс дар ин ҷо решаи қадария ё муътазила аст. Нахустин шахсе, ки дар бораи қазою қадар суҳбат карда, онро ривоҷ додааст, Маъбад Ал-Ҷаҳнӣ (соли 70 ҳ.қ. ба қатл расид) буд. Номи ӯро Ибни Надим Абу Юнус Ал-Асворӣ, маъруф ба Санусия зикр кардааст. Ибни Надим дар бораи яке аз аввалин ашхосе, ки дар бораи қадар, адл ва тавҳид сухан рондааст, маҳз Ал-Асвориро дар назар дорад.[4]

Ҳамон тавре ки ба далелҳои таърихӣ ва динӣ дар манотиқи мухталифи форсзабонон гароиш ба фирқаи ҷабарӣ ё мурҷиъӣ бо комёбии бештар мувоҷеҳ буданд, дар манотиқи мухталифи сиёҳпӯстон ва кӯҳистон ва низ шарқи Эрон, ба

---

[1] Носир Гузашта ва Алӣ Рамазони Дамовандӣ. Торшиносии ангораҳои эътизолӣ дар мутуни Зардуштӣ // Маҷаллаи “Илоҳиёти татбиқӣ (илмӣ-паҳуҳишӣ)”. № 17. 1396 ҳ.қ. С. 64.
[2] Нофал Ф.О. Ибрахим ибн Саййар ан Наззам. - М.: ООО «Садра»: Языки славянской культуры, 2015. С. 55.
[3] Ал-Бағдодӣ Абдулқодир. Ал-фарқ байн ал-фирақ. – Бейрут, б/т. С. 101.
[4] Ибни Надим. Ал-Фиҳрист. – Теҳрон, 1381.С. 290.

фирқаҳое аз ислом мутаваҷҷеҳ шуда буданд, ки таълимоти онҳо бештар бар адлгароӣ ва ихтиёр асос гирифтааст. Ин матлаб махсусан дар нуфузи ақидаҳои хориҷиён ва муътазилиёну мотуридиёни минтақаи Мовароуннаҳр мушоҳида мешавад. Бешакку шубҳа, яке аз муҳимтарин омили пешрафти ин ақоид собиқаи таърихӣ ва фарҳангии мардуми он мебошад. Шом бо собиқаи ҳузури тӯлонимуддати масеҳият дар он барои қабули ақоиде маҷбур гардид, ки бо дастгоҳи каломӣ ва ҷаҳонбинии масеҳӣ шабоҳате дошта бошад. Масъалаҳое, чун гуноҳи азалӣ, итоат ба қазою қадари илоҳӣ ва масоили дигари он, ки дар илоҳиёти масеҳият меҳварият доранд, бешакк, заминае муносиб ва кӯмакрасон барои зуҳур, рушд ва густариши илоҳиёти ҷабарӣ, қадарӣ ва муътазилӣ муҳайё сохт. Ҳамин тавр, сарзаминҳое, ки пеш аз футуҳоти арабҳо ҳамчун ҷузъи ҳокимияти Сосониён буданд, ба далели дини расмӣ будани зардуштия даруни марзҳои ин давлат аз назари фалсафӣ ва илоҳиётшиносӣ зери боварҳои ин дини ҳукмрон қарор доштанд. Асоси дини Зардушт озодии ирода ва мухтор будани шахс мебошад, дар натиҷа, пас аз истилои мусулмонон низ ин навъи ҷаҳонбинии динӣ ва фалсафӣ дар байни эрониёни навмусалмон бештар паҳн шуд, зеро он бо собиқаи зеҳнӣ ва таърихии эшон ба маротиб ҳамоҳангтар ва наздиктар менамуд. Агар беадолатиҳои ҳокимони арабро низ дар ин сарзамин ба ҳисоб гирем, он шаҳодате барои мақбулияти гароишҳои адолатхоҳона хоҳад буд ва дар натиҷа, ихтиёр дар назди ҳомиёни манофеи мардуми форснажодро ба миён меовард. Ҳамчунин шабоҳати зиёд, ки дар байни бисёре аз эътиқодоти муътазила бо афкори зардуштӣ вуҷуд дорад, ба андозае ҳаст, ки наметавон ба он бетаваҷҷуҳ буд. Ин шабоҳат, хусусан дар масъалаҳое монанди сифоти Худо, озодии ирода, иститоъат пеш аз афъол, лузум ва вуҷуби имони ақлӣ, ҳусну қубҳи зотӣ, хайри маҳз аз зоти Худо ва ғайра мушоҳида мешавад.

Умуман, ин таъсироти мактабҳо ва динҳои гуногун барои ташаккул ёфтани таълимоти ақлгароии муътазила замина гузоштанд, ҳангоме сурат гирифтанд, ки фаъолияти тарҷумаи осори файласуфони юнонӣ тавассути Ҳаррон ва Сурия ба Бағдод ва Басра интишор ёфт. Маҳз дар ҳамин ду шаҳри қадимаи аҳли форс муътазилиён таълимоташонро мукаммал намуда, дар ниҳояти кор ба ду фирқа ё

мактабҳои фикрии бо ҳам муқобил тақсим шуданд: мактаби Басра ва мактаби Бағдод.

Шаҳри Басра, ки ба фазли мавқеи барои тиҷорат мувофиқ ба майдони омезиши таълимот ва назарияҳои эллинии юнонӣ, масеҳӣ, буддоӣ, монавӣ, яҳудӣ ва дигарон табдил ёфта буд, барои соҳибназарони он давра ғизои маънавии ғанӣ муҳайё намуда, фазои илмӣ ва таҳқиқотиро барои ақлгароии исломӣ тавсиа дод. Аз ин ҷо, Басра ҳамчунин ба маркази илмие, ки дар он ҷо андешаҳои каломии муътазила оғоз гардид, табдил ёфт. Восил ибни Ато, Амр ибни Убайд ва Абу-л-Ҳузайл и Аллоф аз бунёдкорони ин мактаб ба ҳисоб мераванд. Сипас, дар охирҳои асри дуюми ҳиҷрӣ Бағдод ҳамчун пойтахти Аббосиён низ ба маркази илмии дигаре барои ривоҷ додани афкори муътазила табдил ёфт. Ҳардуи ин ду фирқа дар пешрафти он ва ҳаллу фасли масоили каломӣ ихтилофоти ғоявӣ ва ихтилофоти зиёд дошта буданд. Мутакаллимони машҳури мактаби Басра инҳо буданд: Восил ибни Ато, Амр ибни Убайд, Абу-л-Ҳузайл Аллоф, Иброҳим ибни Сайёр Ал-Наззом, Алӣ Ал-Асвор, Муҳаммад ибни Уббод Ал-Саламӣ, Ибод ибни Сулаймон, Ҳошим Ал-Футӣ, Амр ибни Баҳр-ул-Ҳофиз, Абу Яъқуб Ал-Ҳишом, Абу Алӣ ибни Ҷуббоъӣ, Қозӣ Абд-ул-Ҷаббор ва дигарон. Маъруфтарини мутакаллимон дар мактаби Бағдод инҳо буданд: Бишр ибни Муътамир, Сумама ибни Ашрас, Ҷаъфар ибни Ҳарб, Аҳмад ибни Довуд, Муҳаммад Ал-Аскофӣ, Абу-л-Ҳусайн Ал-Хайёт, Амр ибни Баҳр ул-Ҷоҳиз ва дигарон.

Илова бар тақсимбандии зикршуда назарҳои дигар низ вуҷуд доранд, ки аз ҷумлаи онҳо таснифоти зерин мебошанд: аввалан, тақсимбандии Саъд Солеҳи аз-Зуваҳӣ, ки ӯ ду мактаби Басра ва Бағдодро тазаккур дода, ба пайравони мактаби Басра номҳои Восил ибни Ато, Амр ибни Убайд, Усмон ибни ат-Тавил, Абу-л-Ҳузайл Аллоф, Абу Бакр Ал-Асамм, Муҳаммад ибни Уббод ва дигаронро зикр намудааст. Ба пайравони мактаби Бағдод бошад, Бишр ибни Муътамир, Абу-ул-Ҳасан ибни Ал-Мурдор, Аҳмад ибни Довуд, Сумама ибни Ашрас ва дигаронро шомил намудааст... Ҳамин тариқ, тақсимбандии Абд ур-Раҳмон Бадавӣ низ ҷой дорад, ки ӯ дар китобаш «Ҳалқаи аслӣ» ба вуҷуд омадани мактаби Басраро ба номҳои Восил ибни Ато ва Амр ибни Убайд ва мактаби Бағдодро ба номи Бишр

ибни Муътамир пайваст менамояд.Лозим ба ёдоварист, ки дар баъзе китобҳои каломӣ муҳимтарин бунёдгузорони таълимоти каломии муътазила дар Басраро Абу-л-Ҳузайл Аллоф ва ан-Наззом ва дар Бағдод - Бишр ибни Муътамир номидаанд.[1]

Бо се нафар муҳимтарин намояндагони маъруфи муътазила ва таълимоти онҳо ошноӣ пайдо мекунем. Пеш аз ҳама ин гуфтор ба яке аз асосгузорони муътазила – Восил ибни Ато, ки кунияи Абу Ҳузайфаро гирифтааст, дахл дорад. Аслан зодаи Мадина аст, аммо ба Басра кӯчида, дар он ҷо ба узвияти маҳфили Ҳасани Басрӣ шомил мегардад. Аммо, чунонки дар бахши аввали таҳқиқотамон зикр кардем, бо Ҳасан дар боби сарнавишти инсон ба мухолифат омада, ба «гуноҳи кабира» даст ёфт ва бо зумрае аз ҳамфикронаш ин маҳфилро тарк мекунад. Таълимоти Восил ибни Ато ба «панҷ усул»-и муътазила такя мекунад. Мавқеи сиёсии ӯ бо рад кардани таълимоти хориҷиён ва мурҷиъиён ва изҳорот дар бораи он ки дар ҷангҳои «Ал-Ҷамал» («Шутур») (656) ва Сиффин (657) байни Алӣ ва рақибонаш яке аз тарафҳо (бидуни номбар кардани он тараф) ҳақ набуд, муайян мегардад. Тибқи гуфтаи Ал-Ҷоҳиз, ӯ аввалин доксограф (шахсе, ки афкор ва ақоиди файласуфони қадимро дар таҳқиқоти муаллифони баъдӣ тавсиф медиҳад) буд, ки мафҳумҳои «мулҳидон», хориҷиҳо (хавориҷ), шиаҳои «ғулот» ва ҳашавиёнро тасниф кардааст.[2] Вай муаллифи якчанд асар, аз ҷумла «Ал-Манзила байн Ал-манзилатайн», «ат-Тавҳид ва Ал-адл», «Табақат аҳл ил-илм ва Ал-Ҳақ», «ас-Сабил ила маърифат ил-Ҳаққ» ва ғайра мебошад. Асарҳои охирин дар таърихи фиқҳи исломӣ нақши муҳим дошт: Восил ибни Ато дар он чаҳор роҳи шинохти Ҳақро қайд кардааст: тавассути Китоб, ҳадиси дуруст, ҳадиси саҳеҳи якдилона қабулшуда (хабар муҷтамаъа алайҳи), тавассути исботи мантиқӣ ва андешаи якдилона (иҷмаъ Ал-умма); ин «усулҳои маърифат» баъдтар имомони ислом, алалхусус аш-Шофеиро барои таъсиси чаҳор усули фиқҳ илҳом бахшиданд.[3]

---

[1] Неъматӣ Фарҳод. Нақши Куфа дар густариши ташаййуъ то қарни чаҳоруми ҳиҷрӣ. – Қум, 1385. С. 261.
[2] Ислам. Энциклопедический словарь. М.: «Наука», Гл. ред. вост. лит-ры, 1991. С. 48.
[3] Ҳамон ҷо. С. 48.

Восил ибни Ато асарҳои зиёдро таълиф намудааст, ки дар байни онҳо *Китāб ул-алф мас'ала фи радд 'ала ил-мāнавиййа* (онро Қозӣ Абд-ул-Ҷаббор дар китобаш *Фазл ул-и'тизал*[1] зикр намудааст», ки чуноне аз номи худи китоб бармеояд, ба муқобили ақидаҳои монавиён навишта шудааст; *Китāб аснāф ил-мурҷи'а* (онро Ибни Надим дар китобаш «Ал-Феҳраст»[2] зикр кардааст) – дар муқобили ақоиди мурҷиъиён ва таснифи гурӯҳҳои онҳо; *Китāб ут-тавба* (онро Ибни Надим ва Ибни Халикон[3] зикр кардаанд) – мавзуи он иттисоли наздик бо мабдаи аввал, ки ба сабаби он фирқаи муътазила пайдо шуда, ҳукмест дар бораи гуноҳи кабирае, ки ба он ин фирқа роҳ додааст; *Китāб мā'āни Ал-Қур'āн*, ки онро Ибни Надим ва Ибни Халикон дар китобҳояшон зикр кардаанд ва аз гуфтаҳояшон бармеояд, ки ин китоб тафсири баъзе аз оятҳои Китоби муқаддас мебошад; *Китāб ли-хутба аллати асқат минҳо «ар-рā»*, ки дар бораи он Ал-Мақризӣ маълумот додааст ва он рисолаи калон буда, дар он ҳарфи «рā» умуман вуҷуд надорад ва яке аз асарҳои бадеии калом аст; *Китāб табақāт аҳл ил-'илм ва ил-ҷаҳл*, ки онро Ибни Халикон зикр кардааст. Чунин бармеояд, ки Восил ибни Ато дар ин китобаш фирқаҳои мухталифи каломиро, ки дар усул ул-эътизол мухолифат варзидаанд (монанди ҷабария, ҳашавиййа, мурҷиъа ва дигарон), тасниф намуда, ақоиди онҳоро ба таври интиқодӣ баррасӣ намудааст; яке аз асарҳои асосии Восил ибни Ато бо номи «*Китāб ул-манзила байн ал-манзилатайн*» аст, ки онро Ибни Надим ва Ибни Халикон зикр кардаанд. Ин китоб дар бораи асли аввали усулҳои панҷгонаи Восил ибни Ато буда, маҳз аз барои ҳамон ӯро аз доираи Ал-Ҳасан ул-Басрӣ хориҷ намудаанд. Дар он ҳамчунин мунозираи Восил бо ҳамрадифаш Амр ибни Убайд дар боби номи «муртакиб-ул-кабира» («ба гуноҳи кабира воридшуда») шомил аст; *Китāб ул-хутаб фи т-тавҳид ва-л-'адл,* ки онро Ибни Надим ва Ал-Мақризӣ[4] зикр кардаанд ва он, чунонки аз номаш маълум аст, ба масъалаҳои тавҳид ва адолати илоҳи бахшида шудааст. Инчунин китобҳои дигари Восил ибни Ато, ки

---

[1] Қозӣ Абу ал-Ҳасан Абдулҷаббор. Фазл ал-эътизол. Ал-Қоҳира, 1965. С. 241.
[2] Ибни Надим. Ал-Фиҳрист. – Теҳрон, 1381.С.251.
[3] Ибни Халикон. Вафиёт ул-аъён. Ҷ. 6. – Бейрут, 1972. С. 6-7.
[4] Ал-Мақризӣ Аҳмад ибни Алӣ. Ал-Мавоъиз ва ал-эътибор фи зикр ал-хуттат ва ал-осор. – Бейрут, 1314 ҳ. С. 238.

ҳаҷмашон нисбатан нисбатан кӯчактар буда, бештар ё хусусияти илоҳиётшиносӣ ва ё фиқҳӣ доранд, маъруфанд.

Аш-Шаҳристонӣ дар асари машҳури худ «Ал-Милал ва-н-ниҳал» мегӯяд, ки таълимоти муҳимтарини Восил ибни Ато аз инҳо иборатанд: 1) инкори сифатҳои Худо ба монанди илм, қудрат, ирода ва ҳаёти абадӣ; 2) Эътирофи иродаи озодии инсон дар интихоби аъмоли нек: «Инсон – офаридгори хайр ва шарр, имон ва беимонӣ, итоат ва фармонбардорӣ буда, барои ин аъмолаш мукофот мегирад. Худои мутаъол бошад, ба ӯ қувва мебахшад, то ки ин аъмолро ба иҷро расонад... Имкон надорад, ки Аллоҳ ба инсон барои иҷрои коре амр намояд, дар ҳоле ки ӯ қудрати иҷрои онро надорад ва қувваеро дар хештан дарнмеёбад, ки барои феъле ҳаракат намояд».[1] 3) Боварӣ ба он, ки касе гуноҳи азим содир мекунад, на муъмин аст ва на кофир, аммо мавқеи миёнаро ишғол мекунад ва касе, ки гуноҳи азим содир мекунад, ба ҷаҳаннам меравад. Дар китоби мазкур оварда шудааст, ки Восил ибни Ато дар посух ба саволи шахсе дар бораи он ки оё онҳое, ки гуноҳи кабира содир кардаанд, кофир ҳисоб кардан мумкин аст ё не, гуфтааст: «Ба андешаи ман, шахсе, ки гуноҳи кабира содир кардааст, на било шарт муъмин ва на било шарт кофир буда, дар манзилат ул-манзилатайн қарор дорад: ӯ на муъмин ва на кофир аст».[2] 4) Ақидаи ӯ дар бораи он ки яке аз тарафҳои муқобил, ки дар набардҳои «Ал-Ҷамал»(«Шутур») ва «ас-Сифин» ширкат варзидааст, зотан ба иштибоҳ роҳ надодааст ва инчунин ақидаи ӯ дар бораи Усмон, қотилони ӯ ва ҳампаймонҳои ӯ, ки ӯро тарк карда буданд, ҳатман ба хато рафтааст.

Намояндаи дигари маъруфи муътазила Абу-л-Ҳузайл Аллоф (748-840) мебошад, ки аз аҳли мактаби Басра буда, аз устодаш Усмон ибни Холид ас-Савил дар бораи ақидаҳои муътазила бисёр чизҳоро омӯхтааст. Ас-Савил дар навбати худ дарсҳои мустақимро дар бораи таълимоти муътазила аз Восил ибни Ато гирифтааст. Абу Ҳузайл дар Басра маскун мешавад ва пас аз Восил ибни Ато роҳбари дуюми бахши басрагии муътазила пазируфта мешавад. Ал-Ҳузайл аз

[1] Аш-Шахрастани Мухаммад. Книга о религиях и сектах. Часть 1. Ислам. Пер. с араб., введ. и коммент. С.М. Прозорова. - М.: “Наука”, Гл. ред. вост. лит-ры, 1984. С. 57.
[2] Ҳамон ҷо. С. 58.

осори гуногуни фалсафаи юнонӣ иттилоот доштааст ва аз ин рӯ, донишҳои ӯ дар соҳаи фалсафа барои такмил додани таълимоти асосии муътазила бо равиши фалсафӣ кӯмаки назаррас намуд. Хусусан, дониши ӯ дар бораи мантиқ ӯро ба ҷадалкунандаи моҳир бар зидди гурӯҳҳои дигари исломӣ табдил дод ва худи муътазиларо бар он водор сохт, ки рушди босуръатро аз сар гузаронад.

Мувофиқи маълумоти аш-Шаҳристонӣ дар байни ақоиди дигари ӯ муҳимтаринашон чунинанд: аввалан, Худо ҳамчун офаридгор аст, ки бо илми худ дар ҳама ҷо ҳозир аст; илм зоти ӯст, қодиртарин ба азамати қудраташ буда, азамати қудрати Ӯ – зоташ мебошад. Дар идомаи ин сифот аш-Шаҳристонӣ навиштасат, ки Ал-Ҳузайл «ин андешаҳоро аз файласуфҳо иқтибос овардааст, ки онҳо эътироф кардаанд, ки зоти Ӯ ягона буда, дар он касрате вуҷуд надорад ва он ки сифат на ҷанбаи иловагии зот, мафҳуми воқеие нест, ки дар зоти Ӯ ҷой дошта бошад, балки сифат – зоти Ӯст».[1] Сониян, Абу-л-Ҳузайл қоил бар иродаи Худо буд ва он аз ягон навъи иллате вобастагӣ надошт, ки тавассути он Худо чизеро хоста бошад. Ин таълимотро, - мегӯяд аш-Шаҳристонӣ, - бори нахуст Ал-Ҳузайл кор кардааст, ки баъдтар илоҳиётшиносон ба ӯ пайравӣ кардаанд. Сеюм, дар бораи каломи Аллоҳ – «кун»" («бошад!») аст, ки он асосан маъноеро ҳамчун фармоиш, маҳрумият, ахбор ё паҳнкунии ахбор дар бар мегирад. Ин офариниш барои Худо фармоне нест, ки маънои «будан»-ро дар муқоиса ба аҳкоми динӣ дар бар гирад. Чаҳорум, ақидаи Абу-л-Ҳузайл дар бораи қадар аслан шабеҳи андешаҳои пайравони фирқаҳои дигари муътазилӣ буд, аммо дар ҳолатҳои алоҳида ӯ аз ҳар кадоми онҳо ақидаеро пайравӣ менамуд: ӯ «пайрави қадария дар баррасии ҳаёти индунявӣ, ҷабарӣ – дар нисбати фаҳмиши ҳаёти ухравӣ ба ҳисоб мерафт. Зеро ки тибқи таълимоти вай дар бораи фаъолиятҳои сокинони ҳарду абадият (биҳишту дӯзах) дар ҳаёти ухравӣ ҳамаи онҳо заруранд, одамон бар онҳо қудрат надоранд ва ҳамаи онҳо аз ҷониби Худои мутаъол офарида шудаанд ва ҳатто агар онҳоро одамон ба иҷро расонидаанд, онҳо барои иҷро шудани онҳо маҷбуранд».[2] Панҷум, Ал-Ҳузайл тасдиқ мекард, ки фаъолиятҳои сокинони

[1] Аш-Шахрастани Мухаммад. Книга о религиях и сектах. Часть 1. Ислам. С. 59.
[2] Ҳамон ҷо. С. 60.

ҳарду абадият хотима меёбанд ва охирини онҳо ба оромии абадӣ ва абадӣ хоҳанд рафт. Дар он оромиш барои сокинони биҳишт анвои гуногуни лаззатҳо пешкаш мегарданд ва дар ҳамон оромиш азобҳо барои сокинони ҷаҳаннам ҷамъ оварда мешавад. Ин ба таълимоти пайравони ҷаҳмия наздик аст, зеро онҳо ҷисмонӣ будани биҳишт ва дӯзахро эътироф менамуданд. Абу-л-Ҳузайл ин таълимотро маҳз аз он сабаб пазируфт, ки ҳангоме ки дар масъалаи пайдоиши ҷаҳон ӯ маҷбур шуд ба хулосае расад, ки «падидаҳое, ки ибтидо надоранд, ба падидаҳое монанданд, ки интиҳо надоранд, зеро ҳар падидаи алоҳида беҳудуд аст» ва пас гуфт: «Ман на дар бораи амалҳое сухан мегӯям, ки ҳудуд надоранд, монанди он ки ман дар бораи амалҳое сухан намегӯям, ки ибтидо надоранд, балки дар бораи он ҳарф мезанам, ки одамон ба оромии абадӣ хоҳанд расид»- гӯё ӯ боварӣ дошт, ки воҷиб дар нисбати феъл барои сукун ё оромӣ ҳатмӣ нест».[1] Шашум, ин ки табиати инсон на намуди зоҳирӣ, некӯаҳволӣ ва саломатии ӯст, балки табиати инсон нафси ӯст. Ҳафтум, бо истифода аз ақл ва исботи ақлонӣ ва на тавассути нафс инсон метавонад Худои худро маърифат кунад. Дар натиҷа, агар инсон дар шинохти Худо беэътиноӣ кунад, вай ба азоб дучор хоҳад шуд, зеро бо истифода аз ақли худ инсон хубу бадро шинохта метавонад, бинобар ин, инсон бояд ба некӣ, адолат ва рафтори дуруст рӯ оварда, уҳдадор бошад, ки аз амалҳои золимӣ, дурӯғгӯӣ ва ҳама корҳои бад дурӣ ҷӯяд. Ҳаштум, дар бораи марг ва кори хайр. Марг, бешубҳа, ба сари инсоният ва тамоми махлуқот хоҳад расид, ба шарте ки онҳо берун аз шарти ҳаёт ба қатл нарасида бошанд. Инсон қодир нест, ки муҳлат ва меъёри маргро кам ё зиёд кунад. Дар мавриди кори хайр, менависад аш-Шаҳристонӣ, Ал-Ҳузайл чунин ақида дорад, ки ҳама чизи барои инсон муфид ҳамчун ҳадяест, ки Худо барои инсон ато намудааст. Дуюм, насиби барои инсон таъиншуда бо қонуне, ки Худо муқаррар кардааст, иртибот дорад: агар он ҳалол бошад, инсон метавонад онро истеъмол намояд ва баръакс. Нуҳум, бо офариниши ин олам Худо ният надошт, ки аз афзалиятҳои махлуқот фоидае ба даст орад, зеро бартарии офариниш барои худи махлуқ муқаррар шудааст. Даҳум, Ал-Ҳузайл чунин мешуморад, ки «як *хабари мутавотир* бояд ҳамчунин

[1] Аш-Шахрастани Мухаммад. Книга о религиях и сектах. Часть 1. Ислам. С. 60.

бо хабари бист нафар одамон тасдиқ гардад, ки дар байни онҳо як ё якчанд нафари онҳо ростқавлу поквиҷдонанд. Дар Замин ҳамеша гурӯҳи одамоне ҳастанд, ки, дӯстони Худо, бегуноҳ, ростгӯ буда, гуноҳҳои кабира содир намекунанд. Онҳо ҷавҳари исботу бурҳонанд ва на ҳамеша пайгири ҳадисҳо, зеро ки қисме аз онҳое, ки теъдодашон бешумор аст, дурӯғ гуфта метавонанд, ба шарте ки аз дӯстони Аллоҳ набошанд ва дар миёни онҳо ягон шахси бегуноҳ нест».[1]

Ҳамаи ин андешаҳои бештар хусусияти теологӣ доштаи Ал-Ҳузайл ба таълимоти минбаъдаи мутафаккирони исломӣ ва берун аз он таъсир расонидааст. Аммо дар баробари ин, афкори фалсафии ӯ низ, ки бо теология робитаи устувор дошт, барои ин мутафаккирон заминаи асоси ташаккулёбии ҷаҳонбинии фалсафии онҳо мегардад. Қабл аз ҳама, сухан дар бораи баъзе мақулаҳои фалсафӣ меравад, ки онҳоро Ал-Ҳузайл дар зери таъсири фалсафаи юнониёни қадим ба кор бурдааст. Ӯ зери таъсири ақоиди Демокрит ва Эпикур ба хулосае омадааст, ки «олам аз ҷавҳарҳои фард, яъне аз аҷзои ло-йатаҷаззо (ба ҷузъҳо тақсимнашаванда) таркиб меёбад» ва аҷзоро барои он ло-йатаҷаззо мешуморад, ки агар онҳо ба ҷузъҳо ҷудо мешуданд, онҳоро на аввал ва на ниҳоят намебуд; ва агар аввал мебуд, пас он қадим мебуд ва агар қадим мебуд, ҳодис намешуд».[2] Дар таърифи «ҷисм» ӯ овардааст, ки он бояд ҳадди ақал «шаш ҷузъ»-ро дар бар гирад, яъне рост ва чап, пеш ва қафо, боло ва поён дошта бошад. Сипас баён мекунад, ки ин ҷавҳарҳо бо сифатҳое тасниф мешаванд, ки буданашон барои ҷисм ҳатмӣ бошад, зеро ки бо сифатҳои дигар, ба монанди ранг, таом, истироҳат, бӯй ва амсоли онҳо тасниф намешаванд ва «ҷавҳар дар созмон додани ҷисм ба онҳо ниёз надорад».[3]

Ал-Ҳузайл тасдиқ мекунад, ки табиат аз қисмҳои ҷудонашаванда ё аниқтараш аз ҷавҳарҳои фард ва ё ба истилоҳи имрӯза - атомҳо иборат аст. Ин атомҳо, ба қавли ӯ, андоза, яъне дарозӣ, паҳн ва баландӣ надорад ва инчунин дар дохили он хусусияти ҷамъшавӣ ва ҷудоӣ вуҷуд надорад ё ба ибораи дигар, он

[1] Ҳамон ҷо. С. 61.
[2] Алӣ Мустафо ал-Ғуробӣ. Абу Ал-Ҳузайл Ал-Аллоф. Аввал мутакаллим исломӣ. Таассур би ал-фалсафа. – Ҳиҷоз, 1949. С. 53.
[3] Ҳамон ҷо. С. 53.

комилан ягона аст. Бояд қайд кард, ки назарияи атомро бори аввал муътазилиҳои нимаи асри сеюми ҳиҷрӣ, алалхусус Ал-Ҳузайл, Муъаммар ибни Аббод ас-Саломӣ ва Аббод ибни Сулаймонӣ қабул ва баррасӣ намудаанд.

Намояндаи маъруфи дигари муътазила Ал-Наззом (185-221 ҳ.) буд, ки номи пурраи ӯ Иброҳим ибни Сайёр ибни Ҳана ибни Исҳоқ ан-Наззом аз пайравони мактаби муътазилии Басра буд. Ба ғайр аз илоҳиётшинос, ӯ инчунин шоири хеле оличаноб, забоншинос ва файласуф ба шумор меравад, ки дар рушди тафаккури исломӣ таъсири зиёд дорад. Ба синну сол ӯ аз Ал-Ҳузайл хурдтар буд ва маълум аст, ки ан-Наззом шогирди ӯ будааст. Вай дар давраи хукмронии халифаҳо Ал-Маъмун ва Ал-Муътасим зиндагӣ карда, дар соли 231/845 вафот кардааст. Тибқи аксарияти таҳқиқоти ба ан-Наззом бахшидашуда як адабшинос ва шоири беназир будааст ва инчунин фалсафаи юнониро хуб омӯхта, дар асарҳои худ онро ба ҳадди зиёд мавриди истифода қарор додааст.[1] Ғояҳои асосии таълимоти ӯ чунинанд:

Аввалан, инкори қудрати Худо бар аъмоли шарр ва гуноҳҳои инсон. Баъзе муътазилони дигар қудрати Худоро бар аъмоли бад инкор намекунанд, аммо офарида будани бадиро аз ҷониби Ӯ инкор мекунанд. Ба ақидаи онҳо, Худо бар бадӣ қудрат дорад, аммо Ӯ ин қудратро барои офаридани шарр ва аъмоли бад истифода намебарад. Ан-Наззом, бар хилофи онҳо, тасдиқ мекунад, ки агар шарр ё гуноҳ сифат ё моҳияти чизе бошад, пас имконияти пайдоиши шарр ё қудрати эҷоди он худ ба худ бадӣ хоҳад буд. Аз ин рӯ, онро ба Худо нисбат додан мумкин нест, зеро ки Ӯ холиқи адолат ва хайр аст. Ба ин монанд, ан-Наззом муътақид аст, ки дар зиндагии баъдӣ Худо наметавонад ҷазо ва подоши сокинони дӯзахро сабук кунад ва ё ин ҷазо ё подошро каму зиёд ва онҳоро наметавонад аз биҳишт ё ҷаҳаннам берун кунад. Дар мавриди айбдоркунӣ дар бораи он ки инкори қудрати Худо бар шарру бадӣ ва беқудратии Ӯ дар муқобили шарр исботу тасдиқро тақозо мекунад, ан-Наззом посух медиҳад, ки ин ҳам айнан аз инкори феъли Худо дар офаридани шарр бармеояд. Ан-Наззом навиштааст: «Он ки шумо маро ба исботи қудрати илоҳӣ маҷбур мекунед,

[1] Ал-Бағдодӣ Абдулқодир. Ал-фарқ байн ал-фирақ. – Бейрут, б/т. С. 113.

шуморо ба ҷониби феъл маҷбур мекунад, зеро ба ақидаи шумоён Ӯ ин феълро новобаста аз он ки тобеи Ӯст, иҷро карда наметавонад. Байни ин ду мавқеъ ҳеҷ тафовути куллӣ вуҷуд надорад».[1] Худо, ки хайр ва адолати мутлақ аст, наметавонад муаллифи бадӣ бошад. Ғайр аз он, агар Худо бар бадӣ қудрат дошта бошад, пас мантиқан бармеояд, ки Ӯ нодон ва нотавон аст. Аммо ин ғайриимкон аст; бинобар ин, натиҷаи зарурии он низ ғайриимкон аст.

Пайдарпайии мантиқии далелҳои ан-Наззомро метавон чунин шарҳ дод: агар Худо бар бадӣ қудрат дошта бошад, пас рух додани бадӣ имконпазир аст ва азбаски фарзия дар бораи пайдоиши чизи имконпазир боиси ғайриимконият намегардад, фарзияи дигарро эҷод мекунем, ки ба ҳар ҳол шарру бадӣ рух додааст. Инак, Худо метавонист дар бораи бадиҳои рӯйдода огоҳ бошад ва ё на. Ан-Наззом қазияи зеринро пешниҳод мекунад: агар гӯем, ки Ӯ дар ин бора донише надоштааст, пас ҳатман аз он натиҷа бармегирифтем, ки Ӯ дар ҷаҳолат қарор дошт; ва агар гӯем, ки Ӯ ин донишро дошт, аз ин хулоса мебаромад, ки Ӯ ба ин бадӣ ниёз дошт, зеро агар ӯ ба он ниёз намедошт, бадиро намеофарид. Вақте ки инсон ба чизе эҳтиёҷ надорад ва дар бораи шарру бадиҳои аслии он огоҳӣ дорад, агар ӯ оқил бошад, ба он ҳеҷ иртиботе нахоҳад дошт. Дуруст аст, ки Худо ҳаким аст; пас, вақте ки ягон бадӣ аз ҷониби Ӯ ба амал ояд, аз он бармеояд, ки Ӯ ба он ниёз дорад, вагарна Ӯ ҳеҷ гоҳ онро халқ намекард. Аммо азбаски андеша дар бораи он ки Худо ба бадӣ ниёз дорад, ҳамчунин андеша дар бораи он ки Ӯ шарро офаридааст, ботил аст.[2]

Сониян, ғояи инкори иродаи Худо. Дар ин ҷо мавқеи ан-Наззом бо муътазилиёни дигар ҳаммонанд аст. Илоҳиётшиноси маъруфи исломи давраи асримиёнагӣ Аш-Шаҳристонӣ ба тундравии хоси талошҳои муътазилиён дар пуштибонӣ аз тавҳид ишора карда, таъкид кардааст, ки «муътазилиён ба ҳадде ифрот нишон додаанд, ки бо инкори сифатҳои илоҳӣ. ба инкори [Холиқ] расидаанд»[3].

[1] Аш-Шахрастани Мухаммад. Книга о религиях и сектах. Часть 1. С. 62.
[2] Нофал Ф.О. Ибрахим ибн Саййар ан Наззам. С. 81-83.
[3] Аш-Шахрастани Мухаммад. Книга о религиях и сектах. Часть 1. С. 33..

Ба ғайр аз қувваи феъл, ан-Наззом эътироф намекунад, ки Худо иродае дошта бошад, ки он ҳам аз қувва ва ҳам феъл афзалият дорад. Ба андешаи ӯ, агар ба Худо иродаро нисбат диҳем, пас бояд дар назар дошта бошем, ки Худо чизҳоро мувофиқи дониши худ меофарад. Хоҳиши ӯ бо феълаш ҳамсон аст ва агар гуфта шавад, ки Худо амали одамонро мехоҳад, дар назар аст, ки Ӯ ба онҳо амр медиҳад, ки чӣ гуна бояд амал кард. Чаро ан-Наззом иродаи Худоро инкор мекунад? Аввалан, ба ақидаи ӯ, ирода - ниёзмандиро тақозо мекунад. Касе, ки хоҳише дорад, ягон ноқисие дорад ва ё муҳтоҷи чизест, ки ба он ниёз дорад ва азбаски Худо комилан аз махлуқоти худ мустақил аст, камбудие эҳсос намекунад ва ба чизе ниёз надорад. Аз ин рӯ, иродаи Худо аслан маънои феъли Ӯ ва ё амри Ӯро дорад, ки ба инсон таҳвил карда мешавад.[1]

Сеюм, ан-Наззом тақсимнашавандагии заррачаҳоро инкор мекард ва ба тақсимшавии онҳо то ба беохирӣ боварӣ дошт. Таҳти тақсимшавии беохир ӯ дар назар дошт, ки ҳар як ҷисм аз зарраҳое иборат аст, ки ба андозаи номаҳдуд тақсим мешаванд, яъне ҳар як нисфи нисфе нисфи нисфи дигар шудан мегирад. Ҳангоми раванди тақсимшавӣ ҳеҷ гоҳ ба ҳадде намерасем, ки баъди он гуфта тавонем, ки ин ҳаддро минбаъд ба нисф тақсим кардан мумкин набошад. Ҳамин тавр, барои тай кардани масофае, ки аз нуқтаҳои бепоён иборат аст, ҳатман вақти бепоён талаб карда мешавад. Пас, оё тай кардани масофа ғайриимкон аст? Оё ин маънои рад кардани вуҷудияти худи ҳаракатро надорад? Маълум аст, ки дар миёни файласуфони юнонӣ Парменид ба ин маънӣ бо далелҳои зерин худи ҳаракатро инкор карда буд: «Аввалан, ба он далел, ки дар ҷараёни тағйирот ашё аз нобудии чизе ба будиши чизи дигар, яъне аз нестӣ ба ҳастӣ таҳвил меёбанд. Аммо, чунин гузариш ғайриимкон аст, зеро нестӣ вуҷуд надорад. Аз ин рӯ, ҳаракат ғайриимкон аст; сониян, азбаски аз нобудӣ ягон чиз пайдо шуда наметавонад ва нест намешавад, он ҳеҷ гоҳ набудааст ва нахоҳад буд, аммо дар замони ҳозира он чиз ҷудонашаванда ва ба шакли куллӣ вуҷуд дорад. Аз ин ҷо бармеояд, ки агар ҳаракат ба яке аз чизҳои мавҷуда мутааллиқ мебуд, он дар ҳар

[1] Аш-Шахрастани Мухаммад. Книга о религиях и сектах. Часть 1. С. 62.

лаҳзаи мавҷудияташ дар шакли пурраю куллӣ дода мешуд, яъне ба оғозаш дар вақт шуруъ накарда, дарҳол ба поён мерасид».[1]

Ан-Наззом хулосаи ин файласуфони юнониро қабул накард ва барои рафъи ин душворӣ назарияи «тафраҳ» («ҷаҳиш»)-ро пешниҳод кард. «Тафраҳ» маънои онро дорад, ки чизи ҳаракаткунанда аз як нуқтаи масофа ба нуқтаи дигари он ба тарзе ҳаракат мекунад, ки аз байни ин ду нуқта якчанд нуқтаро «парида» мегузарад.[2] Ба маънои дигар, чизи ҳаракаткунанда тамоми нуқтаҳои масофаро убур намекунад, балки аз болои онҳо ҷаҳида мегузарад, ки он воқеан ба таълимоти муосири «гузариши квантӣ» қаробат дорад. Аш-Шаҳристонӣ ин назарияи ан-Наззомро дар мисоли ҳаракати мӯрча чунин шарҳ додааст: «... мӯрча дар болои харсанг аз як ҳадд ба ҳадди дигари он ҳаракат намуда, масофаи беҳудудро тай мекунад. Чӣ тавр чизи ҳудуддошта беҳудудиро тай мекунад? Ӯ (яъне ан-Наззом – Қ.Қ.) гуфтааст: «Қисми харсангро бо хазидан ва қисми дигари онро бо ҷаҳиш тай мекунад». Ӯ чунин тайкунии масофаро ба арғамчине монанд кардааст, ки онро аз болои чӯбе дар мобайни чоҳи чуқуриаш ба андозаи панҷоҳ оринҷ [то ба ҳадди дигар], ки дар он сатил баста шудааст, партофта бошанд. Ба арғамчини дарозиаш панҷоҳ оринҷ аз охири дигари он чизи вазнине баста шудааст, то ки тавассути он арғамчини дар мобайни он буда ба боло кашида шавад. Ҳангоме ки сатил ба қисми болоии чоҳ мерасад, он аллакай масофаи сад оринҷро тавассути ин арғамчин тай мекунад...»[3] ва амсоли он.

Ҳамин тариқ, намояндагони дигари муътазила ва таълимоти онҳо низ дар рушди фалсафаи ақлгарои исломӣ саҳми зиёд доштаанд, аммо барои маҳдуд будани ҳаҷми кори таҳқиқотиамон аз баррассии боқимондаи онҳо сарфи назар намудем. Аз навиштаҳои фавқуззикр бошад, ба чунин хулоса мерасем, ки муътазила аввалин ҳаракати ақлгаро дар таърихи аввали ислом буд, ки аз манобеи динию фалсафии мутафаккирони эллинӣ, динҳои зардуштӣ (ба он маъно, ки аксари пайравони он дар ибтидо зардуштӣ буданд) ва масеҳӣ баҳра гирифтааст. Дар ҳоле ки Қуръон сарчашмаи дигари муҳимтарин ва дониши

[1] Месяц С.В. Движение // Античная философия: Энциклопедический словарь. - М.: Прогресс-Традиция, 2008. С. 295.
[2] Аш-Шаҳристонӣ Муҳаммад. Ал-Милал ва ан-ниҳал. - Ал-Қоҳира, 1416 ҳ. С. 76.
[3] Аш-Шахрастани Мухаммад. Книга о религиях и сектах. Часть 1. С. 63.

мусалмонони муътазилӣ буд, ки дар пояи масоили муҳимтарини он, хусусан дар доираи муносибати интиқодии онҳо ба тафсири масоили ягонагии Худо, сифатҳои Ӯ, адолати илоҳӣ ва ғайра муътазилиён кӯшиш кардаанд, ки ин гуна догмаҳоро дар партави ақлҳои инсонӣ тафсир намуда, барои рушди фалсафа санги асосро гузоранд. Маҳз таъсири ҳамин муносибати онҳо ба тафаккури интиқодӣ нисбат ба масоили бунёдии дини ислом аст, ки дар замони муосир муҳаққиқону файласуфҳои мусалмон барои эҳё намуднаи суннати муътазилӣ ҷаҳду талошҳо варзидаанд.

## § 3. Тамоюлоти ақлгарои (ратсионализм)-и муътазила

Ақлгароӣ ба маънои таваҷҷуҳ ба истифода аз тафаккури мантиқӣ ва риторикаи диалектикӣ дар давраи асримиёнагии ислом унсури хосси афкори фалсафӣ ва илоҳиётшиносии он буд. Илова бар баҳс дар бораи ҳаққонияту асолати мундариҷа ва муҳтавои сарчашмаҳои умумӣ, то ба замони мо матнҳои хеле қадимаи аслии муайян расидаанд, ки дар онҳо афкори гуногун дар бораи мухолифати иродаи озод ва детерминизми диалектикӣ баррасӣ мешаванд. Истифодаи ин гуна ақоид дар чунин навиштаҳои қадимӣ далели истифодаи мантиқро дар риторикаи мазҳабии исломӣ ва хусусан, муътазила аз давраҳои ибтидоии ислом собит мекунад. Воқеан, ратсионализм дар тӯли таърихи ислом ҳамеша рақибони қавӣ дошт, аммо он ҳамчун ҷараёни асосии тафаккури фалсафӣ боқӣ монда буд.

Муътазила, чунонки маълум аст, қадимтарин мактаби каломии исломӣ буд ва бешубҳа, яке аз муҳимтарин ҷараёнҳои мактаби ақлгарои ислом маҳсуб меёбад. С. Ахмедов дар ин бора чунин навиштааст: «Ақл яке аз меъёрҳои асосии ҳақиқати ин ё он ҳукм мегардад. Дар натиҷа илоҳиётшиносии ақлгаро пайдо мешавад, ки яке аз навъҳои он муътазилизм буд. Барои ҳамин, намояндагони муосири калом муътазилиёнро пайравони нахустини калом ва файласуфони дини мусулмонӣ мешуморанд»[1]. Муътазилиҳо, ки авлавияти ақли инсонӣ ва озодии иродаи инсонро пайгирӣ менамуданд (бар хилофи қазою қадар), имкон пайдо карданд, ки дар таълимоти ақлгарояшон гносеология, онтология ва психологияро ҳамчун низоми нави илмӣ мураттаб созанд. Ин ҳама, бо тақозои замон, албатта, танҳо дар асоси баррасии ақидаи онҳо дар бораи табиати ваҳдат, Худо, инсон ва чунин падидаҳои динӣ, ба монанди ваҳйи илоҳӣ ва китоби муқаддас сурат гирифта метавонист. Ба ғайр аз ин, муътазилиҳо дар таълимоти ахлоқии худ низ баҳс мекарданд, ки масъалаи хайру шарро ҳам танҳо бо корбурди ақли инсонӣ фаҳмидан мумкин аст. Онҳо ба мустақилияти ақл дар робита бо ваҳй ва бартарияти эътиқоди ақлгароиро бар зидди эътиқоди анъанавӣ (нақлӣ) тасдиқ

[1] Ахмедов С. Философия калама в современном исламе. - Душанбе, 2004. С. 9.

мекарданд. Муътазила озодии иродаи инсонро ҷонибдорӣ мекард ва чунин меҳисобид, ки бар зидди адолати илоҳӣ ҷазо додани одами накукор ё афв кардани шахси беадолат мухолифи таълимоти ислом аст. Ин ва дигар масъалаҳои баҳсашонро муътазилиён дар муқоиса бо таълимоти мактабҳои дигари каломӣ, хусусан ашъария - як мактаби каломии асри X ва миёнарав дар байни ақлгароии муътазила ва антропоморфизми суннатгароён буд, ки мутобиқсозии бомуваффақияти тафаккури фалсафии эллиниро ба теологияи ортодоксии мусулмонӣ ифода мекард. Умуман, чуное ки Е. Фролова менависад, «муътазилиён мартабаи ақлро боло мебардоштанд ва онро аз имон ва эҳсос бартар мешумориданд. Ақл - ҳам дар ҳалли фасли масъалаҳои шаръӣ ва ҳам умуман дониш довар буд. «Савганд ба умрам, - навиштааст нависандаи маъруф Ал-Ҷоҳиз (ваф. 868), ки ақидаҳои муътазилиёнро пайравӣ мекард, - чашмон хато мекунанд ва эҳсос дурӯғ мегӯяндт, фақат ақл ба дониши боэътимод дастрасӣ дорад...».[1]

Ҳарчанд озодандешони муътазилӣ бо руҳияи интиқодӣ ва шаккоконаашон фарқ мекарданд, онҳо низоми тафаккури наверо ба вуҷуд наовардаанд. Аммо, афкори муътазила ҳамчун саромади аввалини низоми комил ва томи фалсафӣ дар ислом баҳогузорӣ мегардад: ин низом аз илоҳиётшиносии фалсафӣ (дар давраи Уммавиён) ба фалсафаи илоҳиётшиносӣ (дар ақоиди муътазилиҳои давраи Аббосиёни аввал) ва сипас ба худи фалсафа интиқол меёбад, гарчанде ки агар он дар доираи андешаҳое, ки бояд теологӣ бошанд (дар замони муътазилиҳои машҳури нимаи аввали асри IX), рушд ёфтааст. Муътазилони асосии давраи аввали Аббосиён - Дирор ибни Амр, Бишр ибни Муътамир (ваф. 825), Сумама ибни Ашрас (ваф. 828), Муъаммар ибни Аббод (соли 830), Ҷаъфар ибни Ҳарб (ваф. 850) ва се файласуфи бузург Абу-л-Ҳузайл Ал-Аллоф (ваф. 842), ан-Наззом (ваф. 846) ва Ал-Ҷоҳиз (ваф. 868) ба ҳисоб мераванд. Ба шакли умум, агар ҳама муътазилиҳо дар яке аз масъалаи асосии афкорашон – инсон ҳамчун мавҷуди озод ва оқил - мувофиқат доштанд, онҳо равияи хоссаеро ташкил надодаанд, ки

[1] Фролова Е.А. История арабо-мусульманской философии. Средние в.а и современность: Учебное пособие. - М., 2006. С. 33.

дар дохили он таълимоти қатъии онҳо ба дигарон таҳмил дода шуда бошад. Ақлгарои (ратсионализм)-и методологии онҳо ва масъалаи масъулияти инфиродии шахс, ки дар таълимоти онҳо мавқеи хосса дорад, танҳо метавонад гуногунрангии андешаҳоро дар байни муаллифони муътазила афзоиш диҳад: «Бо ин (гуногунандешӣ-Қ.Қ.) боигарии ғояҳои дар ин мактаби фикрӣ интишорёфтаро нишон медиҳад: як устоди онҳо, пеш аз ҳама, зери таъсири ақоиди форсӣ ё ҳиндӣ, дигаре –зери таъсири ақоиди юнонӣ, сеюмӣ – сурияги ва ғайра қарор дошта буданд. Аз ин рӯ, робитаи устод ва шогирд [...] бинобар саҳми хоси ҳар як шогирд ба фалсафа хеле ноустувор буд. Шогирд [...] изҳори назари худро оид ба масъалаҳои берун аз таълимоти муътазила, ки аз масоили матраҳнамудаи устодаш фарқ мекард, дареғ намедошт».[1]

Дар ин мисол ҷараён ва рушди зиндаи тафаккурро, ки аз схоластика берун аст, мушоҳида кардан мумкин аст. Аз ҷониби дигар, муътазила пеш аз он ки ба як низоми теологӣ-фалсафӣ табдил ёбад, пеш аз ҳама, ҳамчун усули таҳқиқот бо истифодаи ақлгароӣ дар маҷмуъ мебошад. Чунин муносибат ба он оварда мерасонад, ки намояндагони он аз тақлид ва пайравии сатҳӣ ба нуфузи суннатҳо, айнан ва бетағйир пазируфтани ин ё он тафсирҳои матни муқаддас ва ғайри он даст кашида, онҳоро бо усули таҳлили танқидӣ ва усули диалектикии баёни фикр иваз мекунанд: «Муътазилиён матнҳоро аз нигоҳи таҳлили интиқоди шадид мавриди омӯзиш қарор медиҳанд».[2] Ин кӯшишҳои инфиродии онҳо барои таҳлили интиқодӣ иҷтиҳод номида мешавад, аз ҷумла ва махсусан барои фаҳмиши Китоби муқаддас. Дар марҳилаи ташаккул ва шукуфоии афкори фалсафа иҷтиҳод тадриҷан ба муқобили суннати тақлидгароӣ ба кор меравад, аммо дар давраи баъдӣ дари иҷтиҳод баста шуда, аз сари нав суннатгароӣ, ҳуруфгароӣ ё тафсирҳои ирфонӣ бартарӣ пайдо мекунанд. Ҳамин тавр, муътазилиён ба қудрати ақл истинод варзида, хурофот ва илмҳои бардурӯғро маҳкум менамуданд: «Мактаби муътазила астрологияро маҳкум мекунад [...]. Муаллифони муътазилӣ бо ҷидду ҷаҳд миёни астрономия, ки илм аст ва

[1] Nader A. N. (1956), Le système philosophique des Mu‘tazila, Beyrouth, Les lettres orientales, p. 20.
[2] Bouamrane C. (1978), Le problème de la liberté humaine dans la penséemusulmane, Paris, Vrin, 79.

астрология, ки хурофот аст, тафриқа мегузоранд».[1] Пайравони ин мактаби фикрӣ муъҷизаҳоеро, ки дар ҳадисҳо зикр шудаанд, машкук дониста, дар ҳолатҳои дигар онҳоро рад мекарданд. Руҳияи мусбатгароии онҳо фарзияро дар бораи он ки қонунҳои табиат ҳам дар олами заминӣ ва ҳам берун аз он вайрон карда мешаванд; онҳо назарияшиносони детерминизми табиӣ мебошанд: «Ҳар як ҷисми табиӣ, - мегӯянд муътазилиҳо, - детерминистӣ аст, яъне ба қонунҳои собит ва тағйирнопазир итоат мекунанд».[2] Ақл ҳамчун мабдаи нигоҳдоште ба кор меравад, ки барои боварӣ ба муъҷизаҳо ва инчунин ба иллати ғоии Арасту монеъ мегардад.

Ахлоқи муътазилиён низ монанди табиатшиносӣ ва кайҳоншиносии онҳост: он қотеъан бар ақлгароӣ бунёд гирифта, дар айни ҳол бо ваҳйи илоҳӣ низ мувофиқат дорад: «Муътазилиҳо тасдиқ мекунанд, ки ақли ба қадри кофӣ рушдёфта қодир аст, ки ба зоти худаш ва қабл аз ҳама гуна ваҳйҳо барои кашф кардани ҳақиқатҳои бузурги ахлоқӣ сабабгор бошад [...]. Ваҳй бояд танҳо ин маълумоти ақлро тасдиқ кунад, доираи онҳоро васеъ кунад ва ҳеҷ гоҳ бо онҳо дар мухолифат набошад».[3] Дар сатҳи қатъии фалсафӣ, ду принсипи ахлоқ - ақл ва иродаи озод ҳамчун масъалаҳои асосии он ба шумор мераванд. Мутазилиҳо баъзан кӯшиш мекунанд, ки ваҳйро бо детерминизми табиат ва қудрати эҳтимолии Худо «оштӣ» диҳанд, аммо дар масъалаи бунёдии фалсафаашон, ки тибқи он инсон озод ва барои ҳаёту фаъолияташ масъул аст, ба созиш намерасанд.

Ин ақида ҳамчунин мебоист ба фалсафаи сиёсӣ, ки аз теократияи дар таълимоти теологии ибтидоӣ ҳукмфармо дур буд, оварда расонад. Чунонки бармеояд, муътазилиён теократияи муътадилро ҷонибдорӣ мекарданд: қудрати сиёсӣ бояд ба ворили қонунии пайғамбар тааллуқ дошта бошад, аммо ин роҳбар дар сурате воқеан, қонунӣ хоҳад буд, ки агар ӯ сиёсати одилонаеро, ки манфиати умумро ҷонибдорӣ мекунад, амалӣ намояд. Аммо, дар ақоиди баъзе муътазилиён масъалаи эътирофи қудрати меросӣ ё қудрате вуҷуд надошт, ки он ҳамчун дорои

---

[1] Bouamrane C. (1978), Le problème de la liberté humaine dans la penséemusulmane, Paris, Vrin. C. 81.
[2] Nader A. N. (1956), Le système philosophique des Mu‘tazila, p. 145.
[3] Ҳамон ҷо. С. 162.

манбаи илоҳӣ муаррифӣ мегардид. Ҳадди ақал онҳо муътақид буданд, ки исён бардоштан бар зидди қудрати сиёсӣ, ки озодии иродаи одамонро пахш мекунад ва озодиҳои асосии иҷтимоиро саркӯб мекунад, дуруст аст.[1]

Ҳамин тариқ, тарзи тафаккури гуманистии муътазилиҳо ва фалсафаи онҳо дар маҷмуъ, озодии нопурраро дар дин ба фоидаи тарзи тафаккури ақлгароӣ ва илмӣ нишон медиҳад. Бо вуҷуди ин, муътазилиҳо монанди мутафаккирони исломӣ пайрави эътиқоди динӣ боқӣ мемонанд ва сохтори ҷаҳонбинии онҳо дар чаҳорчӯбаи динӣ созмон дода шудааст. Ин матлабро дар асоси таҳлили методологии фалсафӣ ва илоҳиётшиносии муътазила метавон равшан кард. Пеш аз ҳама, бояд қайд кард, ки дар масъалаи нахустин воридкунандаи равиши ақлгароӣ дар таълимоти ислом ду нуқтаи назар вуҷуд дорад: ба гуфтаи аш-Шаҳристонӣ,[2] ақлгароиро бори аввал муътазилиён пайгирӣ намудаанд, дар ҳоле ки Ибни Халдун ақлгароии нахустинро дар таълимоти илоҳиётшиносӣ ва фалсафӣ ба ашъариён нисбат медиҳад ва мегӯяд: «Каломи ашъарӣ бар ду равиш мустақарр буд: яке аз он аз ҷониби фақеҳони пешина ва дигари он аз ҷониби онҳое ба кор мерафт, ки баъдан ба майдони баҳс ворид гаштанд. Дар равиши дуюм масъалаҳои физикӣ, илоҳиётшиносӣ ва мантиқи фалсафӣ бештар мавриди муҳокима қарор мегирифтанд»[3].

Ба ғайр аз ин нуқтаи назари шарқшиноси маъруф Ҳ. Волфсон, ки каломи муътазилиро ба ду давра ҷудо кардааст - давраи ғайрифалсафӣ, ки аз соли 26 ҳиҷрӣ то ба ибтидои ҳаракати тарҷумонӣ (асри II) ва давраи фалсафӣ, ки аз нимаи дуюми асри II то ба охири ҳаёти интеллектуалии онҳо идома ёфтааст, ҷолиб аст. Муътазилаи фалсафӣ, чунонки ин муаллиф қайд мекунад, ҳукмҳои дедуктивӣ ва қиёсӣ ва аммо ғайрифайласуфҳо танҳо бо усули қиёсии қадима, яъне усуле, ки дар муҳокимаҳои даврони ибтидоии ислом ба кор мерафт, шиносоӣ доштанд.[4] Бо ин даврае дар назар дошта мешавад, ки он пас аз муътазила дар ибтидои асри чорум (такр. соли 300 ҳиҷрӣ), замоне буд, ки

---

[1] Nader A. N. (1956), Le système philosophique des Mu‘tazila, p. XVI.

[2] Аш-Шахрастани Мухаммад. Книга о религиях и сектах. Ч.1. Ислам. Пер. с араб., введ. и коммент. С.М. Прозорова. М.: «Наука», 1984. С. 33.

[3] Ибни Халдун. – Бейрут, 1982. С. 86.

[4] Wolfson H. A. Philosophy of Kalam, Garward University Press, Cambridge, Massachusetts and London, 1976, p. 20-21.

Абулҳасани Ашъарӣ (260-334 ҳиҷрӣ) аз муътазила ҷудо шуда, таълимоти нави худро бар асоси ҳадис ва фиқҳи аҳли суннат эълон кард. Ин таълимот, ки бар асоси он мактаби ашъария таъсис ёфт, табиатан хилофи таълимоти муътазила буд. Яке аз таълимоти дигар ва муҳимтарини ӯ мухолифат ба ақлгароии муътазилиён ва тафаккури фалсафӣ, хусусан бар зидди ҳукмҳои дедуктивӣ ва қиёсӣ-мантиқии онҳо буд. Ҳамин тавр, муътазилиён бар равиши ақлгароӣ ва усулҳои дигари фалсафӣ истинод меварзиданд, ки ашъариён онҳоро на ҳамеша эътироф менамуданд. Аммо суол ин аст, ки оё ашъариён дар мухолифати худ бо муътазилиҳо ва файласуфони дигар тавонистанд, ки ақлро комилан сарфи назар кунанд? Ҷавоб ба ин суолро метавон бо баррасии дидгоҳи ашъарии ақл ва муқоисаи он бо дидгоҳи муътазила ва файласуфон пайдо кард, ки он таҳқиқи махсуси ҳаҷман калонтарро тақозо мекунад.

Муътазилиён дар давраи дуюми вуҷудияти мактаби фикриашон ба китобҳои тарҷумашудаи фалсафии мутафаккирони юнонӣ рӯ оварданд. Албатта, ин маънои онро надошт, ки онҳо ҳамаи маводи ин китобҳоро айнан қабул карданд. Гузашта аз ин, онҳо ҳатто усули ягонаи истифодаи ин матнҳоро надоштанд. Дар мавриди усули нави қиёси мантиқӣ, ки онро муътазилиён коркард намуда буданд, бо иттико бар қавли Ҳ. Волфсон, бояд гуфт, ки он зоҳиран ба усули қиёси пешина монанд буд, аммо аз ду ҷиҳат фарқ мекард: аввалан, дар истифодаи маълумоти фалсафӣ ба ҷои маълумоти матнҳои динӣ ва сониян, дар истифодаи маълумоти васеъ ва гуногун. Ба ибораи дигар, шакли пешинаи қиёс маълумоти диниро дар шакли тамсил истифода мебурд, дар қиёси нав бошад, ба андозаи зиёд хулосаҳои фалсафӣ ба кор мерафтанд. Ин матлабро олими мазкур чунин шарҳ медиҳад: «Исботи моро барои ин фарзия бояд дар он ҷуст, ки баъзе аз олимони ислом, ки таҳти таъсири ин тарҷумаҳо қарор гирифта буданд, маънои қиёсро аз «аналогия"-и [юнонӣ – Қ.К] ба «силлогизм» иваз намуданд ва қиёсро ба маънои фиқҳии пешинаи он – «аналогия» бо истилоҳи «тамсил» иваз карданд. Ҳамин тариқ, масалан, ҳам Ибни Сино ва ҳам Ғаззолӣ қиёсро ба маънои «силлогизм» ва «тамсил», чунонки дар фиқҳ устувор буд, ба маънои «аналогия», яъне монандии байни ашё ба кор мебурданд; сипас,

истилоҳи «тамсил»-ро зикр карда, Ибни Сино қайд мекунад, ки «маҳз ҳамин чизест, ки одамони замони мо онро қиёс меноманд» ва Ғаззолӣ бошад, қайд мекунад, ки «маҳз ҳамин чизро устодони фиқҳ ва устодони калом қиёс меноманд».[1]

Ҳамин тавр, дар илова ба қиёс онҳо тамсили баробариро ба кор мебурданд, ки дар он баробарии ҳар ду тарафи тамсил ва инчунин тамсили шабоҳат, ки дар он монандии ду тараф дар назар дошта мешуд, ба кор мебурданд. Онҳо дар тамсилҳо ва маҷозҳояшон ақидаҳои зиёди фалсафиро истифода бурда, ақлгароии фалсафиро эҷод менамуданд ва онро дар баррасии масъалаҳое ба монанди офариниши олам, мавқеи инсон дар он, озодии ирода, Худо ва сифатҳои ӯ, дин ва соҳаҳои он, рӯзи растохез, олами пас аз марг ва ғайра ворид менамуданд. Ин ва масъалаҳои дигар ҳамчун асос барои баҳсҳои минбаъдаи теологӣ байни муътазилиҳои наслҳои оянда ва мактабҳои дигари калом ба мисли ашъария ва ҳатто файласуфон бо ворид кардани саволҳои нави фалсафӣ хизмат менамуданд. Дар айни замон, мутафаккирони бузурги муътазила, хусусан Абу-л-Ҳузайл , ан-Наззом, Ал-Ҷоҳиз ва дигарон аз осори файласуфони юнонӣ дарак доштанд ва дар мавриди зарурат таълимоти онҳоро дар баҳсҳои худ истифода мебурданд. Аммо маълум аст, ки онҳо танҳо ба ақидаҳое таваҷҷуҳ зоҳир менамуданд, ки бо таълимоти Қуръон мувофиқ буданд, зеро ки барояшон риояи Қуръон як принсипи бешакки онҳо ба ҳисоб мерафт.

Ҳамин тариқ, муътазилиён ҳарчанд дар сатҳҳои гуногун чунин ақидаро пайравӣ менамуданд, ки ақл ягона воситаи ҳалли мушкилоти динист, шарҳ ва тафсири масъалаҳои онро дар доираи ақлоният ногузир мешумориданд. Иқболи Лоҳурӣ, гарчанде ки мухолифи ақидаҳои муътазила буд, ақлгароӣ (ратсионализм)-и муътазилиро чунин тавсиф додааст: «Аммо муҳимтарин саҳми ҷонибдорони ратсионализм (муътазилиҳо – Қ.Қ.) дар тахминҳои сирф метафизикӣ, шарҳи онҳо дар бораи модда аст, ки баъдтар онро мухолифонашон - ашъариҳо ба ақидаҳои худ дар бораи табиати Худо мутобиқ карданд. Таваҷҷуҳи ан-Наззом асосан аз хориҷ кардани ҳама гуна худсариҳо дар ҷараёни

[1] Wolfson H. A. Philosophy of Kalam, p. 21.

муташаккили табиат иборат буд. Ҳамин таваҷҷуҳ ба табиатшиносӣ Ал-Ҷоҳизро низ водор сохт, ки иродаи инсонро аз назари комилан манфӣ муайян кунад».[1] Ба ин маънӣ, муътазилиён динро маҷмуи эътиқоди тобеи низоми мантиқӣ мешумурданд, аз ин рӯ, онҳо имконпазирии мустақилияти комили ақлро аз таҷрибаи объективӣ - ҳам дар донишҳои илмӣ ва ҳам динӣ таъбир менамуданд.

Пайравони муътазила дар эътиқодашон муттаҳид буданд, ки ба ҳар гуна таълимоти исломӣ бояд аз нигоҳи ақлоният ҳусни таваҷҷуҳ зоҳир кард. Қариб ҳамаи муҳаққиқони соҳибнуфузи ин мактаби фикрӣ муътақид буданд, ки баррасиҳои муътазила асосан дар атрофи ду консепсияи муҳимтарин – тавҳид ва адли илоҳӣ тамаркуз буд ва ин консепсияҳоро онҳо ҳамчун масъалаҳои истисноии ҳақиқӣ арзёбӣ менамуданд. Гарчанде ки онҳо мавзуъҳо ва масоили дигарро низ мавзуи баҳсашон қарор медоданд, аммо қобили таваҷҷуҳ аст, ки бисёрии онҳоро мантиқан ба ин ду ғояи бунёдӣ – тавҳид ва адл пайваст мекарданд. Ҳамин тариқ, мувофиқи хулосаи яке аз муҳаққиқони машҳури таърихи фалсафаи ислом, профессори амрикоӣ Маҷид Фахрӣ, то охири асри IX дар таълимоти муътазила панҷ принсипи асосии он ташаккул ёфта буданд: тавҳид, адл, ваъда ва ваъид, ал-манзила байна-л-мазилатайн ва амр би маъруф ва наҳй мин мункар.[2] Таҳқиқоти охирини таърихӣ, менависад олими дигари покистонӣ Фазл ур-Раҳмон, ки муътазила як гурӯҳи зиёиёни мусулмон буданд, ки дар арсаи муноқишаҳои бузурги идеологӣ дар Шарқи Наздик дар асрҳои аввали рушди ислом муваффақ буданд, то онро аз ҳуҷумҳои идеологии гностисизм, насрония, зардуштия ва буддоия дифоъ кунад. Яке аз аслиҳае, ки онҳо аз дини Ислом дифоъ мекарданд, - илова мекунад муаллиф, - таълимоти озодии ирода ва масъулияти инсон буд, ки онро мехостанд аз рӯи ақидаҳои фалсафии аслии юнонӣ ташаккул диҳанд.[3]

Муътазилиён бо баррасии ин масъалаҳо ҳарчи бештар ба ихтилофоти байни ақоиди динӣ ва ақлӣ-мантиқӣ ва фалсафӣ рӯ ба рӯ омада, аз ин рӯ, дар баробари таъбири ақлгароӣ ба таъвил даст мезананд ва дар ниҳоят, ақл ва

[1] Iqbal M. The Development of Metaphysics in Persia. A Contrbution to the History of Muslim Philosophy. Iqbal Academy Pakistan. Retrieved. Lahore, 2014.
[2] Fakhry M. (1983) A History of Islamic Philosophy. Columbia University Press, p. 46.
[3] Rahman, Fazlur 1979. Islam. University of Chicago, p. 26.

фалсафаро бар дин афзалият медиҳанд, дар ҳоле, ки ақоиди мактаби фикрии ашъария баръакси он буд. Истифода аз таъвил – шарҳу тафсир ва дарёфти маъниҳои ботинии матни муқаддас фарқияти дигар ва асоситарини муътазила ва ашъария ба ҳисоб меравад. Аммо, ин принсип аз замони Абулҳасани Ашъарӣ то замони Ғаззолӣ ва Фахриддини Розӣ хеле тағйир ёфтааст, яъне ҳарчанд Абулҳасани Ашъарӣ истифодаи таъвилро ба таври возеҳ рад кардааст, Ғаззолӣ дар «Қонун ат-таъвил» -и худ баъзе қоидаҳоро барои тавлиди ҳақиқии дониш пешниҳод мекунад ва Фахриддини Розӣ бошад, бо тафсири ақлгароии Қуръон ва таълифи китобаш бо номи «Тафсири Кабир» дар шинохти таъвилу тафсир аз Ғаззолӣ дуртар рафт. Бо вуҷуди ин, принсипҳои парҳез аз зиштиҳо (*танзиҳ*), имони бе гузориши саволи «чӣ тавр» (*иман би ла кайф*) ва мухолифат бо ратсионализми фалсафӣ ҳанӯз ҳам дар осори онҳо, хусусан дар осори Ғаззолӣ вуҷуд доштанд. Профессори амрикоӣ Муҳаммад Саид Шейх навиштааст: «Ғаззолӣ ба таври возеҳ нишон медиҳад, ки ҳатто агар файласуфон ба натиҷаи дурусте расидаанд, он бо эътиқодоти динии детерминистӣ иртибот дошта, далелҳои онҳо нокифоя, номуташаккил ва қонеъкунанда набуданд».[1] Ӯ чунин масъалаҳоро, аз қабили ғайриҷисм будан ва иллияти Худо, вобастагии олам дар офариниш ва абадияти он аз Худо, ҷисмонӣ набудани нафс ва намирандагии он зикр мекунад, аммо нишон намедиҳад, ки Ғаззолӣ кадом далелҳои аз ин ҳам устувортар ва муътамадтаррро барои рад кардани далелҳои файласуфон ва барои дифоъ аз эътиқодоти динӣ пешниҳод намудааст.

Ҳақиқат ин аст, ки зоҳиран Ғаззолӣ нисбат ба файласуфон оид ба масъалаҳои дар боло зикршуда далелҳои ҷолибтаре надошт. Ҳатто дар баъзе асарҳояш ӯ маҷбур шуд, ки ҳамон далелҳои фалсафиро ба такрор ва бо тавзеҳи заифтар истифода намояд. Тавре ки Ҳ. Корбен навиштааст: «Тамоми саъю кӯшишҳои Ғаззолӣ ба он равона шуда буданд, ки ба файласуфон нишон диҳад, ки таҳқиқоти фалсафӣ чизеро кашф карда наметавонад. Мутаассифона (барои Ғаззолӣ – Қ.Қ.), ин корро танҳо аз тариқи таҳқиқоти фалсафӣ ба иҷро расондан мумкин аст. Бо ғазаби бениҳоят ӯ ба муқобили таълимот дар бораи абадияти

[1] Sheikh, M. Saeed (1969), Comparative *Studies in Muslim Philosophy*, Lahore, p. 87.

олам даъво мекунад; дар раванди нузули Ақл ӯ фақат маҷозро мебинад ва аз назари вай зебогию дақиқии ин назария берун мемонад... Ҳадафи «ханҷари тез»-и ӯ – инкори сабабияти ашъариён ва ҳамроҳ бо он – назарияи Ибни Сино дар бораи имкон надоштани вуҷудияти ҷавҳарҳо ба зоти худашон... буд. Барои Ғаззолӣ тамоми равандҳои табиӣ ба низоме мутобиқат мешаванд, ки бо иродаи илоҳӣ пешакӣ маълум буданд ва ин ирода метавонист, ки равандҳои мазкурро ба як лаҳза нобуд кунад».[1]

Маълум аст, ки ҳангоме ки сухан дар бораи таносуби ақл ва фалсафа меравад, масъалаи асосие, ки ба миён меояд, ба ҳақиқат дахл дорад. Ин масъала ҳанӯз аз давраи ибтидоии ислом дар фалсафаи он мавриди таҳлилу баррасии мутафаккирони мактабҳои гуногун, аз ҷумла муътазила ва ашъария буд. Муҳаққиқи маъруфи рус А.В. Смирнов дар истинод бар ақидаҳои ашъария менависад, ки аксарияти намояндагони мактабҳои ақлгарои ислом аз мавқее дифоъ менамуданд, ки ки тибқи он ҳама гуна дониш хусусияти зарурӣ-шартӣ - *изтирорӣ* дорад. Ӯ илова мекунад: «Аз нуқтаи назари онҳо, иродаи инсон қодир бар он нест, ки донишҳои ҳақиқиро дар даст орад ва ё донишҳои ботилро аз байн барад; фаротар аз он, худи дониш дар бораи ботил ё ҳақиқӣ будани дониши худро инсон наметавонад, ки бо кӯмаки иродаи озодаш ҳосил кунад».[2] Муътазилиён бошанд, баҳс дар бораи масъалаи ҳақиқатро тавсиъа дода, амиқтар баррасӣ менамоянд. А.В. Смирнов дар идомаи ин матлаб менависад, ки қабл аз ҳама, муътазилиён доираи ифодаи афкорро муайян мекарданд, ки дар нисбати онҳо масъала дар бораи ҳақиқатро матраҳ кардан мумкин аст. Ӯ нишон медиҳад, ки дар ин доира ифодаҳое монанди *истифҳом, ал-амр ва ан-наҳӣ, ал-‘асаф, таманнин ва мас’ала* мақоми ҳақиқат ва ботилиятро надоранд; дар айни ҳол, маълумоте, ки дар он нафй ва исбот, мадҳ ва замм ва тааҷҷуб ё ҳақ ё ботил буда

---

[1] Корбен А. История исламской философии. Пер. с франц. А.А. Кузнецова. – М.: Прогресс-Традиция, 2010. С. 183.

[2] Смирнов А. Что стоит за термином “средневековая философия” (рассмотрение вопроса в ракурсе проблематики истины и причинности) // Средневековая арабская философия. Проблемы и решения. – М.: Изд. фирма “Восточная литература” РАН, 1998. С. 46.

метавонанд: «Ҳақ будан» ва «ботил будан» тибқи ақидаи муътазилиён, ки ба мувофиқатнокӣ бо «ҳақиқати ашё ишора мекунад, тавсифи ин ифода аст».[1]

Ҷолиби диққат аст, ки дар сарчашмаҳои ересиографӣ («бидъатшиносӣ»), дар байни ақидаҳои яке аз асосгузорони муътазила – Восил ибни Ато дар нисбати мақоми муртакибони гуноҳ метавон далели фосилавиеро пайдо кард, ки он тасдиқи анъанавиро дар бораи ҳақиқати сифатҳои муайяни Худо ва мақоми мавҷудияти онҳо инкор мекунад. Дар он ӯ мегӯяд, ки феълҳои Худо - мешунавад, сухан мегӯяд, зиндагӣ мекунад, хоҳиш дорад, гӯш мекунад ва ғайра ба оқибатҳои антропоморфии хеле ҷиддӣ мерасонад. Маънои мантиқии гуфтори Восил аз он иборат аст, ки касе агар вуҷудияти як сифати инсониро дар зоти Худо эътироф мекунад, дар он зоти илоҳӣ касратро меофарад. Дар ин ҷо маълум аст, ки андешаронӣ дар бораи мавзуъ ба шиносоии Восил бо осори файласуфони қадима алоқаманд аст. Дар бораи тақдир (қадар) сухан гуфта, Восил хунсардона инкор мекард, ки Худо метавонад муаллифи шарр ва бадиҳо бошад ва таъкид мекунад, ки инсон бояд як фоъили озод ва масъул бошад; ӯ асоснок мекард, ки акси чунин ҳукмҳо дар нисбати Худо мантиқан бемаънӣ ва хилофи он аст, ки Ӯ барои инсон майдатарин ҷузъиёти сарнавишти вайро таъин ва муайян намояд, дар акси ҳол Ӯро барои амалҳояш ба ҷавобгарӣ бояд кашид; ӯ ҳатто ба огоҳии шахс ишора мекунад, ки қобилияти дар ботини хеш амал карданро низ дорад. Аммо, мавзуи бартаридоштае, ки дар тамоми доираи далелҳои Восил нақши хосса дорад, аҳамият ва бартарии ақли инсон аст: он ҳамчун довари донишҳои ҳақиқӣ маънӣ мегирад, ки онро метавон дар кашфи ҳақиқатҳои динӣ низ истифода бурда, дар масоили ахлоқӣ одамон имкон пайдо кунанд, ки сифатҳои хуб ва бади ба онҳо хосбударо аз ҳам ҷудо карда тавонанд.[2]

Бо вуҷуди ин, аз умумиятсозии равишҳои муътазилӣ нисбат ба таълимоти дигар бояд канорагирӣ кард, зеро баъзе муҳаққиқони инфиродӣ, чунонки маълум аст, мустақилияти зеҳниашонро нишон дода, дар мавзуъҳои баҳсбарангез ҳукмҳояшонро мебароранд. Ин аз таҳқиқоти Р. Франк ва Д. Гимарет, ки

---

[1] Смирнов А. Что стоит за термином “средневековая философия” (рассмотрение вопроса в ракурсе проблематики истины и причинности). С. 46.
[2] Montgomery W. Islamic philosophy and theology: an extended survey. 2nd edition. Edinburgh, 1985, p.52-54.

мустақилияти фоъили инсониро дар тафаккури муътазилӣ дар нисбати амалҳои фоъил, консепсияи ҳавасмандӣ, ирода ва оқибатҳои амалҳои қасдӣ ва ғайриқасдии инсон баррасӣ намуда, ба хулоса расидаанд, ки ғояе, ки муътазилиён дар таълимоташон дар бораи иродаи озодии ғайришартӣ таълим медоданд, ба тавзеҳоти иловагӣ ниёз дорад. Оё чунин андешаҳо ва ақидаҳои теологии ибтидоӣ ва асосҳои эпистемологи онҳоро дар нисбати таълимоти Восил ибни Ато ба таври қатъӣ пайгирӣ кардан мумкин аст, дар ҳоле ки он аҳамияти дуюмдараҷа дорад, зеро ба андешаи Ш. Пайнес, сохтори консептуалии тафаккури муътазилӣ ба ин гуна таълимот асос ёфта, дар ниҳоят дар шакли мубоҳисаҳои калом мураттаб шудаанд.[1] Вокунишҳои теологӣ ба ақидаҳо ва андешаҳои маъмулии сунниён, инчунин мавқеъҳои шиъа, зайдиён ва хориҷиён асосан заминаи асосиеро таъмин намуданд, ки дар он доираи муҳокимаҳои ақлгароии калом, умуман ва Восил ибни Ато ба таври хосса, муайян гардида, дар ниҳояти кор бо далелҳои диалектикӣ-мантиқӣ ва муқобил, ки доираи баҳсро васеъ менамуданд, пурра карда шуд.

Дар доираи мавзуъҳои ибтидоии баҳс боқӣ монда, Восил ибни Ато пешрави ақидаҳои теологӣ ҳисобида мешавад, дар ҳоле ки як шахсияти дигари ин давраи муътазилӣ, ки ақидаҳои ӯ ҳамчун намунаи омезиши ангезаҳои сиёсӣ ва теологиро дар давраҳои аввали ин мактаби фикрӣ нишон медиҳад, Ҷаҳм ибни Сафвон (ваф. 147/746) мебошад. Дар омӯзиши таълимоти ашъарӣ, ӯ аввал ҳамчун пайрави мурҷиъҳо, ки ҳимоятгарони таълимоти *ирҷоъ* ва ақида дар бораи он ки эътиқод сифати тақсимнашаванда буда, на аз амал ва на рафтору кирдор вобаста аст, маъруф будааст.

Дар таърих ва фарҳанги исломӣ Ҷаҳм ибни Сафвон (ваф. 746) яке аз нахустин касоне буд, ки қоил ба халқи Қуръон шудаанд.

Дар таърих ва фарҳанги исломӣ Ҷаҳм ибни Сафвон (ваф. 746) яке аз нахустин касоне буд, ки қоил ба халқи Қуръон шудаанд. Маълумот дар бораи ӯ каманд ва комилан боэътимод нестанд. Ӯ эҳтимол аз насли порсӣ набуд, зеро аз

[1] Pines Sh. Some Traits of Christian Theological Writing in Relation to Moslem Kalām and to Jewish Thought' in The Collected Works of Shlomo Pines, Vol. III. The Magnes Press, Hebrew University of Jerusalem, 1996, p. 147.

номаш ба назар мерасад, ки ӯ ва ҳамчунин падараш дар муҳити арабизабонҳо ба воя расидаанд. Ибни Ҳанбал ӯро бо Ҳаррон аз Мессопотамия пайвастааст. Шояд ӯ дар он ҷо ба ҳайси маъмури давлатӣ таълим гирифта бошад, ки баъдтар дар Хуросон, дар қатори корҳои дигар барои ҷамъоварии боҷу хироҷ дар наздикии Тирмиз, ки тоҷирон аз дарёи Аму мегузаштанд, масъул буд. Дар давраи бетартибие, ки пеш аз инқилоби Аббосиён буд, ӯ бо охирин ҳокими Умавиён Насар ибни Аҳмади Саййор даргир шуд. Дар як лаҳзаи муайян, тахминан дар соли 126/744, ӯ ба ҷониби ал-Ҳарир ибни. Сорайҷ, ки аз соли 116/734 ба исёнгарон сарварӣ мекард ва гарчанде худаш араб бошад ҳам, ақидаҳоеро, ки дар авоили аср дар мавриди муносибати одилона бо маволиён ва қабилаҳои навмусулмон пайдо шуда буданд, таблиғ мекард.

Дар баъзе аз сарчашмаҳо ишора карда мешавад, ки Ҷаҳм ин ақидаро аз Ҷаъд ибни Дирҳам гирифта аст.[1] Ба ҳар ҳол, шуҳрати ин ақида бештар ба он далел аст, ки шахсияти ӯ ношинохта буд ва бештар дар сатҳи оммавӣ ин гуфторҳо паҳн мегаштанд ва дар байни онҳо ҳар касеро, ки Қуръонро махлуқ мешумориданд бо номи «ҷаҳмӣ» маъруф мегашт. Ҷаҳм дар бораи имон низ назари хосса дошт ва онро маърифат ба Худо дониста, куфрро ҷаҳолат нисбат ба Ӯ меҳисобид. Вай бар ақидае буд, ки имон на кам мешавад ва на зиёд; ҳар кас ба андозае аз он насиб бурдааст ва имони паёмбарон бо дигар ашхос яксон ва баробар аст: «Имон тақсим намешавад, яъне ба эътиқод, калима ва рафтору кирдор ҷудо намешавад. Муъминон бар ҳамдигар дар имонашон бартарӣ надоранд, имони паёмбар ва имони аъзои уммати ислом яксон аст, зеро ки худи донишҳо аз ҳамдигар бартарӣ надоранд».[2] Бо таваҷҷуҳ ба он чи гуфта шуд, Худо аз назари Ҷаҳм нисбат ба он чӣ ҳаст, ба кулли дигар ва мутлақ аст. Ӯ ҳад, ниҳоят ва ғоят надорад ва фаротар аз боқимондаи мавҷудот аст. Ҳеҷ чизе дар бораи Ӯ наметавон гуфт, ҷуз он ки танҳо дар бораи ӯ метавон баъзе сифатҳоро ба кор бурд, ҳамчун қодир, холиқ ва фоъил, ки онҳо ишора ҳам ба феъли Ӯ доранд, на ба зоташ ва ҳамчунин ҳеҷ яке аз мавҷудотро наметавон ба ин сифатҳо васф кард.

---
[1] Ибни ал-Касир. Ал-Бидойа ва ал-ниҳойа. Ҷ. 2. – Бейрут, 1990. С. 112.
[2] Аш-Шахрастани Мухаммад. Книга о религиях и сектах. Ч. 1. Ислам. - М.: "Наука", 1984. С. 85.

Аз ин ҷо, ба ақидаи Ҷаҳм, ба ғайр аз Худо на фоъиле аст ва на қодире ва дар натиҷа, инсон дар ин олам бо ҷабр рӯ ба рӯ ҳаст, вай на қудрат дорад ва на феъле. Аммо ин ҷабр хосси инсон нест, балки ҷабри оламӣ аст. Ҷаҳм зот ва табоеъро рад мекунад.[1] Аз ин рӯ, ҳар чизи дигаре ҷуз Худо маҷбур аст. Дар олам Худо ҳар чӣ мехоҳад, амалӣ мегардад ва инсон аъмолро ба махлуқоти дигар маҷозан нисбат медиҳад. Монанди он ки мегӯем: «Офтоб тулуъ кард» ва «дарахт мева дод», дар ҳоле ки тулуи офтоб ва мева додани дарахт – кори Худо аст. Инсон низ, ба ақидаи Ҷаҳм, маҷбур аст.

Дар ин ҷо бояд ба он таваҷҷуҳ кард, ки хоҳиш ва озодии инсон ба ақли ӯ вобаста аст ва танҳо дар доираи фаъолияти ақл инсон хоҳиш ва иродаи хешро идора карда метавонад. Ин хулосаро метавон бо гуфтаҳои Плотин, ки таъсири афкори ӯ монанди файласуфони дигари юнонӣ ба муътазилиён ва аз ҷумла, ба Ҷаҳм зиёд аст, нишон дод: «...агар фарз кунем, ки ба ғайр аз ва новобаста аз хоҳиш, худи ақл бо дониши хеш мабдаи ҳаракат ва пешбарандаи феъл аст, пас суоле ба миён меояд, ки он ба куҷо равона карда шудааст ва дар куҷо ва чӣ тавр мекунад онро амалӣ менамояд? Оё чунин аст, ки худи он хоҳиши махсусро ба вуҷуд меорад, ё таврест, ки танҳо хоҳишҳоро зинат медиҳад, ки танҳо пас аз он дар натиҷа [дар корамон] озод ҳастем? Аммо ҳатто дар ин сурат ҳам озодӣ на ба худи амал, балки ба ақл тааллуқ хоҳад дошт, зеро ҳама гуна амалия, ба монанди он, ҳатто агар аз ҷониби ақл идора шавад, ҳамеша як чизи мураккаб ва омехта аст, ки дар он озодӣ холис нест».[2]

Албатта, ин тарзи тафаккур аз ақлгароие, ки Плотин маънидод кардааст, пурра дар таълимоти Ҷаҳм ва муътазилиёни дигар мутобиқ шуда наметавонист ва аз он фарқ дошта, бештар ба равиши теологӣ ва дифоъ аз аҳкоми динии исломӣ равона шуда буданд. Аммо худи ин аҳкомро таҳти таҳлилҳои фалсафӣ-мантиқӣ қарор додан (масалан, масъалаи иродаи озоди инсон) ва ба исбот расонидани «ҳақиқат»-и онҳо дар давраи ибтидои рушди тафаккури исломии фалсафӣ гоме муҳим ба ҳисоб меравад. Дар робита ба пайдоиши ин гуна ақидаҳо

---

[1] Ал-Ҷоҳиз Амру. Ал-Ҳайвон. – Бейрут, 1969. С. 74.
[2] Плотин. Сочинения. – СПб.: «Алетейя» при участии Греко-латинского кабинета Ю.А. Шичалина, Москва, 1995. С. 249.

инчунин набудани мавод ва сарчашмаҳои аввалияи шахсиятҳо ва ақидаҳои теологии онҳо маънои онро дорад, ки дақиқ муайян кардани на танҳо нақши таърихӣ, балки фалсафии онҳо дар доираи фақат як-ду асари онҳо низ кори саҳл нест. Бо вуҷуди ҳамаи ин, худи муҳтавои маводи ба дастамон расида аз арзиши волои фалсафӣ-ақлгароии онҳо дарак медиҳад.

Абу-л-Ҳузайл Ал-Аллоф (ваф. 226-36/840-850), ки гӯё яке аз шогирдони Восил ибни Ато буд ва дар замони авҷи даъватҳояш сарвари мактаби муътазила низ номида мешуд, бешубҳа, дар сарчашмаҳои адабии баъдина, ки бисёре аз андешаҳои ӯро ҳифз кардаанд, таъсири вай мушоҳида мешавад ва ин ҳама сарфи назар аз муаллифи эҳтимолии рисолаҳо ва китобҳои сершумор буданаш мебошад, ки аз он асарҳояш то замони мо чизе боқӣ намондааст.

Чунин ба назар мерасад, Ал-Аллоф низ яке аз аввалин муътазилиёне буд, ки ҳақиқатро аз тариқи ақл баррасӣ менамуд. Ҳавасмандӣ ба фалсафа ӯро водор сохт, ки ақли инсониро мадҳу ситоиш намояд, ба эътимоднокии он бовар намуда, қобилияти пурраи онро дар дарки ашё ва тамйизи онҳо қабул кунад. Чунин муносибат ӯро монанди муътазилиёни дигар водор сохт, ки қоидаи машҳури худро дар ҳосил намудани донишҳои нав мураттаб созанд: «андеша пеш аз вуруди шунида» («*ал-фикр қабла вуруд ис-самъ*»). Ба ин маънӣ, илм ва қудрат дар таълимоти Ал-Аллоф ду хислати зотии шахс мебошанд. Ҳамчунон ки илми Худо ҳама чизро дар бар гирифтааст, ҳамон тавр қудрати Ӯ низ ҳамаи чизҳоро фаро гирифтааст. Қудрати Ӯ дар иродааш ифода меёбад ва Ал-Аллоф низ монанди муътазилиёни дигар бар ақидае ҳаст, ки «халқ (офаридан)-и олам мутааллиқ ба иродаи Худо» аст. Иродаи инсон тавассути ақли ӯ ба феъл меояд, аз ҷумла дар маърифати ақлии ӯ ва инчунин дар «масъалаи ҳусн ва қубҳи ақлӣ». Дар «Мақолот»-и Ал-Ашъарӣ таърифи ақл аз назари Ал-Аллоф чунин омадааст: «Ақл – қувваест барои касб намудани илм ва қувваест, ки инсон ба василаи он байни худаш ва боқии ашё фарқ гузошта, як чизро аз ашёи дигар бо ақлаш ҷудо мекунад. Ақли ҳиссиро мо ақле меномем ба маънои он ки он – маъқул аст».[1] Чуноне ки аз ин таъриф бармеояд, мафҳуми ақл дар якчанд ҷанба – аз нигоҳи

[1] Ал-Ашъарӣ Абу ал-Ҳасан. Мақолот ал-исломиин ва ихтилоф ал-мусалиин. С. 480.

қудрат ва илми инсон, аз нигоҳи ҳақиқати вазифаи маърифатӣ, мавзуи маърифати он, ки табиати ин маърифатро мекушояд, тавсиф дода шудааст. Ҷанбаи аввали таърифи Ал-Аллоф, ки ақл «қувва барои касби илм аст», яъне он барои ба хулосаи умум овардани ҷузъиёти донишҳо мебошад. Аз ин ҷо, илм – кашф намудани ҳадди муштараки байни ҷузъиёт аз як ҷинс ё як навъ ва таҳвил додани ин тақсимкунандаи муштарак ба мафҳуми куллии таҷридии умумӣ мебошад. Пас, ақл, таъкид мекунад Ал-Аллоф, қувваест, ки бо он инсон таҳқиқи ин кашфиётро ба ҷо меоварад.

Аммо ҳангоме ки сухан дар бораи «ақл қувваест, ки инсон ба василаи он байни худаш ва боқии ашё фарқ мегузорад», меравад, он қабл аз ҳама, идроки нафси хеш, сипас, кашфи он чизе, ки фарққунандаи байни нафс ва байни дигар ашё, яъне кашфи навъи алоқа байни нафси инсон ва дигар ашёи вуҷуд, сипас, кашфи алоқаҳои байни ашё мебошад. Дар ин ҷо, Ал-Аллоф инсонро бар такмил додани ақлаш масъул медонад. Дар ин ҷо масъалаи балоғати инсон ба миён меояд, ки ба қавли ӯ, одамон дар балоғат мухталифанд ва илова мекунад: «Балоғат фақат ба камоли ақл буда метавонад... ва ақл барои одамон илм аст, зеро ки инсон нафси хешро бо он аз он чизе бозмедорад, ки мамнуъ буда, аз он танҳо девона нафсашро нигоҳ дошта наметавонад... Соҳиби ин сухан мегӯяд, ки ин илмҳо бисёранд, ки аз онҳо ин зарурати иҷборӣ бармеояд ва онҳоро бояд инсон пеш аз такмил додани ақл бо санҷиши ашё, ихтиёру омӯзиши онҳо дарк намояд».[1] Дар масъалаи имконияти амал намудани инсон, Ал-Аллоф тасдиқ мекунад, ки феъл «дар нисбати солимии ақл ва саломатии инсон» яке аз хосиятҳои гузаранда мебошад. Ӯ феъли нафс ва феъли инсонро ҷудо карда, гуфтааст: «Дар нисбат ба [инсон] вуҷудияти феъли нафс ҳангоми нобудии қобилият ва дар баробари он – имконият барои вазъияти феъл номумкин аст». Ӯ ин хосиятро барои афъоли ҷисмҳо ҷоиз дониста, муқаддам будани имкониятро эътироф менамуд, ки аз тариқи он феъл дар вазъи аввал ба иҷро мерасид.[2]

---

[1] Ал-Ашъарӣ Абу ал-Ҳасан. Мақолот ал-исломиин ва ихтилоф ал-мусалиин. С. 569
[2] Аш-Шахрастани Мухаммад. Книга о религиях и сектах. Ч. 1. Ислам. С. 50.

Дар ин ҷо бояд қайд кард, ки шояд яке аз мубоҳисаҳои машҳур дар байни мактабҳои калом, ки Абу Ҳузайл ҳам аз он дар канор набуд, баҳси пайравони атомизм ва зиддиатомизм мебошад, ки аллакай дар асри II ҳиҷрӣ пас аз ба доираи фалсафии мутафаккирони арабзабон ворид шудани мафҳуми хурдтарини тақсимнашаванда ё атом, ки номи «ал-ҷавҳар ул-фард»-ро гирифта буд, ба ҳисоб меравад. Абу-л-Ҳузайл дар байни онҳое, ки ба ҳаллу фасли минбаъдаи мубоҳисаҳои муътазилӣ дар бораи назарияи исломии атомизм, ки барои тавзеҳ додани «муносибати байни Худо ва махлуқоташ» истифода шудааст, мақоми хосса дорад. Мувофиқи ин назария, олам аз ҷузъҳо (атомҳо) иборат аст, ки хурдтарини онҳо зарраҳои ҷисмонӣ буда, моҳиятан тақсимнашавандаанд. Моддаҳо (ҷавҳарҳо)-и олам аз ҷамъшавии атомҳо ва аразҳое, ки дар онҳо вуҷуд доранд, ташаккул ёфтаанд ва аразҳо қобилияти мавҷудияти беохир (*бақо)*-ро надоранд, аммо аз ҷониби Худо бо дахолати доимӣ ва бевоситаи Ӯ ба олам дастгирӣ меёбанд. Маҳз Абу-л-Ҳузайл Ал-Аллоф буд, ки баъдтар ба таҳияи консепсияи марбут ба *ҳудус ул-ҷаваҳир* даст задааст. Далелҳои зиёди Ал-Аллоф ва инчунин теологҳои пешрав барои исботи моҳияти ҷавҳарҳо мавҷуданд, ки аксари онҳоро Абу-ул-Ҳасан Ал-Ашъарӣ дар китоби машҳури худ «Мақāлāт ул-ислāмиин ва ихтилāф ул-мусалиин» («Мақолаҳои исломиён ва тафовути ибодаткунандагон») зикр намудааст. Дар байни ин далелҳо оварда мешавад, ки Абу-л-Ҳузайл Ал-Аллоф қудрати илоҳиро бо ба ҳам овардан, ҷудо намудани ҷисм ва ба ҳолати лойатаҷаззо овардани онро иртибот марбут мекунад. Ӯ навиштааст: «Абу-л-Ҳузайл гуфт, ҷоиз аст, ки ҷисмро Аллоҳи субҳонуҳу тафриқа намояд ва ҳар чизе, ки дар он аз иҷтимоъ аст, ботил созад, то ки он ба ҷузъи ло йатаҷаззо (тақсимнашаванда) бадал шавад. Ин ҷузъ ҳақиқатан ло йатаҷаззоест, ки он на дарозӣ, на паҳной, на чуқурӣ, на иҷтимоъ (ба ҳам омадан) дар он ва на ифтироқ (аз ҳам ҷудо шудан) вуҷуд дорад. Ҷоиз аст, ки он ғайр аз худашро ҷамъ ва ҳам ҷудо месозад».[1]

Ин нуқтаи назари Абу-л-Ҳузайл Ал-Аллоф ва пайравони дигари муътазила минбаъд на танҳо аз ҷониби илоҳиётшиносони ақлгарои ислом, балки дар

---

[1]Ал-Ашъарӣ Абу ал-Ҳасан. Мақолот ал-исломиин ва ихтилоф ал-мусалиин. С.314.

таълимоти мутафаккирону файласуфони асрҳои асримиёнагии аврупоӣ низ инъикос ёфта, дар шакли мукаммалтар ва навшуда пешкаш мегардад. Масалан, файласуф, математик, физик, ҳуқуқшинос ва дипломати машҳури немис Г.В. Лейбнитс (1646-1716) дар гуногунандеши (плюрализм)-и ҷавҳаршиносӣ ва ё монадологияи хеш таъкид намудааст, ки монадаҳо басит буда, аз ҷузъҳо таркиб намеёбанд. Дар маҷмуъ, ин нуқтаи назари Лейбнитсро олими машҳури рус Б.М. Кедров чунин ҷамъбаст кардааст: «Лейбнитс нуқтаи аввали ин консепсияро пазируфт ва онро ба «атомҳо» -и руҳонӣ – «монадҳо» интиқол дод, ки онро моддаҳои тақсимнашаванда, комилан «унсурҳои» олам меҳисобид. Онҳо мабодии руҳонӣ буда, аз ҳама гуна моддиёт ва он аломатҳое, ки бо материя алоқаманданд, масалан, фазо, маҳруманд, ба ибораи дигар, онҳо дар фазо вуҷуд надоранд: фазо ба беохирӣ тақсим мешавад ва монадҳо тақсимнашавандаанд, онҳо ботинан том ва ягонаанд ва муттаҳид шуда, гӯё «воҳид», ҷузъҳои тақсимнашавандаи онро ташкил медиҳанд. Ҳамин тариқ, монадҳои Лейбнитс антиподҳои атомҳои моддӣ мебошанд».[1]

Дар ҳақиқат, дар тӯли давраҳои пайдарпайи таърихӣ, ин консепсия аз ҷониби теологҳо ва мутафаккирони гуногун дар якҷоягӣ бо фарзияҳои дигар ҳамчун далели мавҷудияти метафизикӣ ва физикӣ истифода шудааст ва дар баробари пайравӣ аз он дар баъзе ҷанбаҳои ин масъала мухолифатҳо низ ба назар мерасанд. Чунин гуногунандеширо танҳо равияи ақлгароӣ таъмин карда метавонист. Барои айният ва ҷиҳати маҳдуд будани ҳаҷми кор ба таълимоти яке аз онҳо – шогирди Абу-л-Ҳузайл Ал-Аллоф бо номи Иброҳим ибни Сайёр ан-Наззом руҷуъ мекунем.

Дар мувофиқат бо устодаш Ал-Аллоф ва дар истинод бар назарияи ҷавҳари ҷузъ бо кӯшишҳои исботаш аз ҳудуси олам ва ниҳоӣ будани он, ан-Наззом ошкоро бо ӯ дар назарияаш дар бораи ҷавҳари ҷузъ ё фард ва қавли Ал-Аллоф дар бораи он ки ҷисмҳо метавонанд ба аҷзои кӯчактарин то ҳадди тақсимнашавандагии онҳо (ло йатаҷаззо) тақсим шаванд, мухолиф буд. Ф.О. Новфал дар ин бора чунин навиштааст: «Дар ҳоле ки худи ҳиссачаи хурдтарини

[1] Кедров Б.М. Монадология Лейбница и атомистика // Organon 5, 1968. С. 128.

тақсимнашаванда қисман сарчашмаи хешро дар илоҳиётшиносӣ дармеёбад, сабаби напазируфтани худи ғояи тақсимнашавандагии ҳиссачаҳои хурдтарин аз ҷониби Ан-Наззом дар тамоюлоти моддигароии тамоми тафаккури ӯ нуҳуфта аст. Абулҳузайл, ки мафҳуми атомро ба гардиши фалсафии ислом ворид карда буд, дар бораи маҳдудияти тақсимоти ҷисмҳо... «ҷавҳари ягона»-ро ҳамчун чизе тавсиф меди ҳад, ки на дарозию паҳноӣ, умқ ... ранг ва на маззаю бӯй» дорад ва онро як навъ муҷаррад (абстраксия) гардонд, ки бо он ан-Наззом ҳамчун як ақлгарои ашаддӣ мувофиқат намекард, ки он сабаби ҳамлаҳои шадиди ӯ бар зидди худи диндории файласуф гардид»[1].

Ӯ инчунин таълимоти устодашро дар бораи он ки олам аз ҷузъиёти тақсимнашаванда таркиб меёбад, инкор мекард ва боварӣ дошт, ки ҷисмҳо қобили тақсимшавӣ то ба ниҳоят мебошанд ва ин қавли ӯст: «Ҷузъе нест, ба ғайр аз он ки ҷузъ аст ва баъзеи дигар фақат дар ҳоли баъзеи дигар, нисф дар ҳоле буда метавонад, ки агар он нисф дошта бошад. Дар ҳақиқат, барои ҷузъ таҷзияи абадии он ҷоиз аст ва он аз боби таҷзия ғояте надорад».[2] Дар ин ҷо низ таъсири фалсафаи Юнони қадим ва хусусан, яке аз файласуфони стоикии табиатшиноси он Анаксагор (500-428 пеш аз милод) мушоҳида мешавад, ки гуфтаанд, ки ҷисм ба беохирӣ тақсим мешавад. Ан-Наззом дар ин ҷо бевосита аз Анаксагор иқтибос овардааст: «Ҳар як ҷисми моддӣ аз ҷузъҳои ба ҳам монанд, ки аз ҳамдигар фарқ надоранд, то он даме ки онҳо тақсимшавиашонро то ба бениҳоӣ давом медиҳанд, таркиб меёбад».[3]

Тамоюлоти ақлгароии муътазилиён ҳамчунин бо назари интиқодии худи пайравони ин мактаби фикрӣ нисбат ба таълимоти муътазилиёни дигар, ба хусус чеҳраҳои намоёни он муайян карда мешавад. Нахустин интиқоди возеҳ аз илоҳиётшиносии ислоҳотхоҳи Абу-л-Ҳусайн Ал-Басрӣ (ваф. 436/1045), ки баъзе асарҳояш то замони мо расидааст, аз ҷониби ҳамасраш фақеҳ (караим)-и яҳудитабор Абу Яъқуб Юсуф Ал-Басир аст (ваф. такр. 431/1040). Дар як рисолаи

[1] Нофал Ф. О. Ибрахим ибн Саййар ан-Наззам / Отв. род. Л. В. Смирнов. - М.: ООО «Садра»: Языки славянской культуры, 2015. С. 94.
[2] Нодир ал-Бир Насрӣ. Фалсафа ал-муътазила. Ҷ. 1. - Ал-Искандария, 1950. С. 148.
[3] Абу Рейда Муҳаммад. Иброҳим ибн Саййор. Ал-Низом ва ороуҳу ал-каломийа ал-фалсафийа. – ал-Қоҳира, 1946. С. 121-122.

қисман ҳифзшуда, ки унвонаш номаълум аст, Ал-Басир далели исботи мавҷудияти Худоро дар таъбири Ал-Басрӣ инкор намуда, аз ҷумла тасдиқ кардааст, ки раддияи ӯ дар бораи аразҳо бар пояи муайянкунандагони маънoҳои аслӣ ташакул ёфтааст, ки исботи пайдоиши муваққатии ҷисмҳоро имконнопазир гардонд.[1] Дар оғози боби панҷуми он рисола ӯ мегӯяд, ки вақте Абу-л-Ҳусайн Ал-Басрӣ асари калони теологии худро бо номи «Тасаффуҳ ул-адилла» таълиф кард, мутакаллимони мактаби бартаридоштаи башамии муътазила, ки аз ҷониби Қозӣ Абд-ул-Ҷаббор (ваф. 415/1024-25) барои беэътиноӣ ба баъзе принсипҳое, ки ба мавҷудияти Худо асос ёфта буд, айбдор карданд. Ал-Басир номи ин китобро зикр накардааст, аммо бояд тақрибан маънои онро дошта бошад, ки он китоби гумшудаи Абу-л-Ҳусайн Ал-Басрӣ бо номи «Китаб ғурар ил-адилла» бошад. Дар он порчае ҳаст, ки муаллифаш барои пайдоиши муваққатии ҷисмҳо исбот меорад ва он лаҳзаи ибтидоии исботи вуҷудияти Худо аз ҷониби ӯст.

Далелҳои пурраашро Юсуф Ал-Басир дар асоси танқиди минбаъдаи Ал-Басриро дар «Китāб ал-фиқҳ ва «Китāб ал-муътамад»-и Рукн уд-Дин Малаҳимӣ[2] барқарор кардан мумкин аст: анвоъ ё *аквони* ҳаракат ва сукун дар замон ба вуҷуд меоянд, зеро имконпазирии вуҷуд надоштани онҳо низ ҷой дорад. Азбаски ҷисм ҳаҷми дорои вазниниест, ки қобилияти имтидоди фазоӣ дорад, ҳатман маълум аст, ки вай наметавонад пеш аз ҳаракат ва сукун бошад. Ҳамин тариқ, ҷисм низ бояд дар замон ба вуҷуд ояд. Эътирози асосии Юсуф Ал-Басир ба ин далел он аст, ки он то даме эътибор надорад, ки агар ҳаракат ва сукунт ҳамчун муайянкунандаҳои ниҳоӣ (*гоӣ*) ё аразҳои воқеии ба ҷисм иловашуда аразҳои воқеии иловагии бадан тасаввур карда нашаванд. Зеро, баҳс мекунад ӯ, фарқ кардани ҷисм ва сифатҳо ё аҳволи ҳаракат ва сукун ғайриимкон аст, вақте ки онҳо дар муайянкунандаи энтитативии ҳаракат ва истироҳат муайян нашудаанд. Тафовут байни ҷисми ҳаракаткунанда ва ҳаракати онро танҳо дар сурате муайян шуда метавонад, ки агар ҳардуи онҳо ҳамчун зоти устувор эътироф карда, новобаста аз якдигар шинохтан мумкин аст. Сифатҳои зотӣ ва абадии Худоро

[1] Ниг.: Madelung W.& Schmidtke S. Rational Theology in Interfaith Communication; Abu l-Husayn al-Badri’s Mu’tazil Theology among the Karaites in the Fatiimid Age, Leiden 2006.
[2] Рукниддин ибн ал-Малоҳимӣ. Китоб ал-фоиқ фи усул ал-дин. – Теҳрон, 1386 ҳ.қ. С. 11-15.

монанди илми Ӯ мисол меоварад, ки он барои Абу-л-Ҳусайни муътазилӣ ғайр аз Худо чизи дигаре буда наметавонад ва Юсуф Ал-Басир ба хулосае меояд, ки барои Абу-л-Ҳусайн муқаррар намудани *ғайрия* байни ҷисм ва дар ҳоли дар ҳаракат будани он ғайриимкон аст. Чунин *ғайрияро* танҳо бо хулоса баровардан дар бораи муайянкунандаи шартии ҳаракат тасдиқ кардан мумкин аст. Азбаски Абу-л-Ҳусайн мафҳуми заминаҳои шартиро рад мекунад, вай пайдоиши муваққатии ҷисмҳоро исбот карда наметавонад.[1]

Сипас Юсуф Ал-Басир идомаи баҳси Абу-л-Ҳусайнро иқтибос меорад. Далел барои пайдоиши муваққатии ҳаракат ва сукун, тасдиқ мекунад Абу-л-Ҳусайн, дар он ифода меёбад, ки ҳастии онҳо дар муқоиса бо ҳастии абадӣ, ки нобудии он номумкин аст, имкон надорад. Ҳар як ҳаракати ҷисм метавонад бо ҳаракати дигар ё бо сукун иваз карда шавад ва ҳар як ҳолати сукун метавонад бо ҳаракат иваз карда шавад. Воҷиб бояд ҳатман вуҷуд дошта бошад (воҷиб-ул-вуҷуд). Агар мавҷудияти он ба феъли фоъил вобаста мебуд, пеш аз он вуҷуд надоштани адам (нобудӣ) лозим мешуд, ки ин ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, абадӣ бояд новобаста аз ҳама гуна вазъият ҳамеша вуҷуд дошта бошад. Ал-Басир бар ин нуқтаи назар эътироз мекунад, ки ҳар гуна шоҳиди ҷисми ҳаракаткунанда аз рӯи зарурат медонад, ки он ҳаракат мекунад, аммо ӯ дар бораи пайдоиш ва навшави (*таҷаддуд*)-и он хулосае бароварда наметавонад, ба шарте ки агар эътироф накунад, ки барои он шарти зарурӣ вуҷуд дорад, ки онро ба ҳаракат медарорад. Ҳамин тавр, тасдиқи Абу-л-Ҳусайн дар бораи исботи пайдоиши ҳаракат ва сукун ба мабодии худи ӯ хилоф аст, зеро ки ӯ вуҷудияти ин шартҳоро қабул надорад.

Ҳамин тариқ, таҳлилҳои фавқуззикр масъаларо дар бораи он ки то кадом ҳадд муътазилиён дар фаҳмиш ва таҳлили масоили гуногуни олам ва инсон ба далелҳои ақлгароӣ ва мантиқӣ такя менамуданд, равшан карда метавонанд. Баҳсҳои гносеологӣ оид ба масъалаҳои динӣ дар давраҳои аввали тафаккури исломӣ боиси зарурати пайдо кардани усул ва заминаҳои боэътимоди ба даст овардани дониши ҳақиқӣ гардид. Муътазила аввалин мактаби фикрие буд, ки ин

---

[1] Рукниддин ибн ал-Малоҳимӣ. Китоб ал-фоиқ фи усул ал-дин. С. 151-157.

ниёзро пай бурда, кӯшиш кард, ки методологияи динро дар меҳвари ақл ва илм муқаррар кунад. Муътазила ақлро сарчашмаи ҳамаи донишҳо медонист ва мекӯшид, ки масъалаҳои назариявӣ ва амалии исломро бо таваҷҷуҳ ба ақл ва дониш ба низом дарорад. Муътазила тафаккури самти маърифати олами метафизикиро пеш аз ҷустуҷӯи як принсипи зеҳнии тарбияи амалҳои инсонӣ ва тасниф кардани онҳо ба «некӣ» ва «бадӣ» ҳамчун фарз устувор намудааст, ки онҳо сифатҳои муҳимми афъолу амалҳоянд; ақл метавонад тавассути ин сифатҳо аъмоли инсонро хуб ё бад арзёбӣ намояд.

# БОБИ II. ФАЛСАФАИ АҚЛГАРОИИ МУЪТАЗИЛА

## § 1. Усулҳои бунёдии таълимоти ақлгароии муътазила

Муътазила дар асри VIII дар ҳоле арзи вуҷуд кард, ки намояндагони барҷастаи он - Восил ибни Ато дар баъзе масоили исломӣ бо устодаш Ал-Ҳасани Басрӣ ихтилоф карда буд. Нигоҳи мухталифи онҳо дар атрофи масъалаи он ки оё мавқеи шахс пас аз содир кардани гуноҳи кабира чӣ гуна хоҳад буд ва вай мусулмон боқӣ мемонад ё не, идома меёфт. Восил ибни Ато бар он ақида буд, ки чунин шахс дар мақоми мобайнӣ (на мусалмон ва на ғайримусулмон) қарор мегирад, ки минбаъд ин ақида бо номи «ал-манзил байна-л-манзилатайн» маъруф гашт. Ин як ғоя ва консепсияи наве буд, ки дар таълимоти умумиисломӣ бори аввал пешниҳод гардид. Минбаъд пайравони муътазила андешаҳои худро бар асоси мантиқ тақвият дода, ин консепсияро таблиғ мекарданд ва дар ниҳояти кор панҷ усули бунёдии таълимоташонро мураттаб ва ба тарғиби он шуруъ намуданд. Баъдтар ӯ ва пайравонаш, аз ҷумла Амр бин Убайд фирқаи муътазилиашонро «аҳл-ут-тавҳид ва-л-адл» ном гузоштанд, ки он ба даъвати онҳо пайвастагӣ дошт ва мебоист аз нигоҳи ақлгароӣ ва мантиқӣ низоми таълимоти исломро тақвият медод.

Мактабҳои рақиб бар зидди онҳо айбҳои зиёде гузошта буданд: салоҳияти мутлақ ба меъёрҳои ғайрисломӣ ва инъикоси эътиқодоти заифтари мубоҳисавӣ дар байни мактабҳои гуногуни илоҳиётшиносӣ нисбат ба баррасии ягон ҳақиқати эътиқодии мустақил. Аз ҷониби дигар, онҳо ба баъзе таълимоти илоҳиётшиносӣ мувофиқ буданд, масалан, назарияи офаринишро аз ҳеҷ чиз ба таври дастаҷамъона пазируфта буданд, дар ҳоле ки баъзе файласуфони дигари исломӣ, абадияти оламро дар ин ё он шакл баррасӣ менамуданд. Пазируфтани фалсафаи юнонӣ ҳамчун сарчашмаи таълимоташон ва онро ҳамчун чаҳорчӯбаи консептуалӣ барои ташхис ва таҳлили ҳодисоти олам ба кор бурдан – услуби кории на фақеҳони илоҳиётшинос, балки файласуфони мусалмон буд. Аз ибтидои тамаддуни исломӣ ва бо сабаби омилҳои дохилӣ ва берунӣ, аз қабили

мунокишаҳои дохили мусулмонӣ ва баҳсҳо бо пайравони динҳои дигар саволҳои мавриди баҳси теологҳои мусулмонро эҷод намуданд: оё Қуръон офарида аст ё азалӣ, оё Худо бадиро офаридааст ё на ва инчунин масъалаи озодии ирода бар муқобили тақдиру сарнавишт, сифатҳои Худо, ки дар Қуръон зикр шудаанд, бояд ба таври маҷозӣ ё чуноне ки дар китоби муқаддас омадааст, ҳарфан шарҳ дода шаванд ва ғайра. Муътазилиён саъй намуданд, ки ҳамаи ин масъалаҳоро мавриди баррасӣ ва таҳлили интиқодӣ қарор диҳанд. Чунин масъалагузорӣ, ба ақидаи Е.А. Фролова, ба он оварда мерасонад, ки «на танҳо тафриқагузорӣ байни дониши илоҳӣ, мутлақ ва дониши инсонии маҳдуд, балки донишҳои инсонӣ - ба ду навъи он (Ал-Аллоф) оғоз мешавад: дониши зарурӣ, ки ба маърифати Воҷиб (вуҷудияти Аллоҳ ва исботи ҳастии Ӯ) ва боқимондаи донишҳое, ки тавассути ҳиссиёт ва фаъолияти ақл ба даст омадаанд, мутаваҷҷеҳ аст. Дар асл, ҷудо кардани донишҳои илоҳиётшиносӣ ва донишҳои дунявӣ ҷорӣ карда мешавад. Ин яке аз дастовардҳои бузурги муътазилиён буд».[1]

Сухан дар бораи панҷ усули муътазилиён меравад. Бояд тазаккур дод, ки аслан ба ин тарз ягон таълимоти муназзами муътазила вуҷуд надорад. Таснифи бидъатшиносон (ересиографҳо)-и Ғарб, ки дар бораи панҷ усул (*ал-усул ал-хамса*) -и муътазила сухан меронанд, дақиқ набуда, нокифоя, нопурра ва аз ин рӯ, ба таври сунъӣ сохта шудааст. Бо вуҷуди ин, мафҳуми «панҷ усули муътазила» дар адабиёти шарқшиносӣ роиҷ аст. Гузашта аз ин, ин назария бо он фарқ мекунад, ки аз ҳудуди динии ислом дар баъзе мавридҳо берун мебарояд ва ҳатто ба таълимоти як қатор теологҳои яҳудии асрҳои IX-XI, ба монанди Саадия Гаон (номи арабиаш – Саъид ибни Юсуф Ал-Фаюмӣ (269 / 882-331 / 942) таъсири бузург гузоштааст. Омӯзиши ин ҷанбаи масъала ба таҳқиқоти алоҳида ниёз дорад ва мо онро сарфи назар мекунем.

Муҳимтар он аст, ки «панҷ усул»-ро шарҳ дода, масъалаҳои дигари таълимоти муътазилиёнро дар доираи он таҳқиқ кардан зарур аст. Ба ғайр аз ин, чунин усули кор барои муқоиса бо таълимоти ашъарӣ, суннизми классикӣ ва

[1] Фролова Е.А. История арабо-мусульманской философии. Средние века и современность: Учебное пособие. — М., 2006. С. 34.

мактабҳои фикрии дигар имконияти хуб фароҳам меоварад. Қобили зикр аст, ки дар ҷараёни таҳаввули таълимоти муътазилиён вазифаи ин таълимот низ бетағйир боқӣ мондааст. Баъзе муқарраротиасосии он, аз ҷумла ихтиёр (интихоби озод, иродаи озод) баъдан барои бадном кардани ягон муътазилӣ, албатта, ба таври сатҳӣ ва шитобкорона, аммо моҳирона, чунонки мо дар робита ба ақоиди мактаби ашъариён, қадариён ва ҷаҳмиён хоҳем дид, ба кор бурда мешуданд.

Қобили қайд аст, ки муътазилиён бо таъбири ақлонии далелҳои илоҳиётшиосӣ ба густариши баҳсҳои фалсафӣ мусоидат карданд. Дар маҷмуъ метавон гуфт, ки саҳми муътазилиён бо панҷ асли бунёдии онҳо) маҳдуд шуда, тавассути он на танҳо далелу бурҳонҳои худро рушд медоданд, балки дар мубоҳисаҳои фалсафӣ саҳми аслии худашонро низ гузоштаанд.и «Панҷ усул» («ал-усул ал-хамса») ҳамчун як қадами ҳалкунанда дар эҷоди як чаҳорчӯбаи таълимот, зоҳиран дер ва танҳо дар осори Абу Ал-Ҳузай Ал-Алоф мураттаб шудааст. Маҳз ӯ ин панҷ усулро бори аввал зикр кардааст, ки он замон барои муайян кардани шахсияти муътазилиён шарти ҳатмӣ ҳисобида мешуд. Ӯ дар китобаш бо номи «Китāб ул-ҳуҷҷат» ин усулҳоро чунин номбар кардааст: *тавҳид, адл, ваъд ва ваъид, манзила байн-ал-манзилатайн, амр би-л-маʻруф ва наҳй ʻан-ил-мункар*. Ин усулҳо ҳувияти матлуби муътазилиро дар муқаррар намудани сохтори асарҳои илоҳиётшиносии онҳо барои асрҳои зиёди минбаъда таъмин намуданд.[1]

Баъдтар, Абулқосим Ал-Балхӣ, ки бештар бо номи Ал-Каъбӣ (ваф. 317/929 ё 319/931) маъруф аст, ҳамчун намояндаи мактаби Бағдод ва АбуАлӣ-ул-Ҷуббоӣ (ваф. 303/915), ҳамчун намояндаи мактаби Басра, асосҳои пайдарпайи илоҳиётшиносиро таҳия карданд. Абу Ҳошим (ваф. 321/933), асосгузори мактаби *баҳшамия* ё *баҳашим*, таълимоти теологиашро минбаъд муназзам ва мукаммал намудааст. Бо вуҷуди ин, ҳамаи чунин такмилҳои ақидавӣ дар заминаи панҷ усули умумимуътазилӣ анҷом гирифта буданд ва ин усулҳо то ба ҳол дар мактабҳои муосири муътазилӣ мубрамияташонро новобаста аз он, ки ду ва ҳатто

[1] Ал-Масъудӣ Аби ал-Ҳусайн. Мураввиҷ ал-мазҳаб ва маъодин ал-ҷавҳар. – Бейрут, 1965. С. 221-223.

сетои онҳо дар мубоҳисаҳо зикр намешаванд, аз даст надодаанд ва асоси илоҳиётшиносии онҳоро ташкил медиҳанд.[1]

*Усули аввали муътазила тавҳид* ё ягонагии раднашавандаи Худо аст, ки ба он боварии қатъӣ ва қавӣ доранд. Дар ин масъала онҳо ва аксари мусулмонон яканд. Аммо, мактабҳои гуногуни илоҳиётшиносӣ дар бораи он ки ваҳдати илоҳиро, ки бо аҳкоми ҳам Китоби муқаддас ва ҳам ақл мувофиқат мекунад, ихтилоф доранд - вазифаи душвори аз нигоҳи онтологӣ гуногун ва мақулавӣ комилан фарққунандаи ба Худо таҳмил намудани сифатҳои моддаҳо, одамон ва табиат мавзуи мубоҳисаҳои шадиди онҳо буд. Бо забони маҳдуди инсонӣ тавзеҳ додани хусусияти мовароуттабийи илоҳӣ кори саҳл нест. Масалан, ҳамаи мактабҳои илоҳиётшиносии исломӣ бо мушкилоти таъйиди сифатҳои илоҳӣ бе ҷалб шудани онҳо ба теантропизм бидуни тасфияи сифатҳои илоҳии дар Китоб зикршуда ва берун мондан аз мазмуни аслии он дучор мешуданд. Муътазилиҳо маҳз ҳамин тавр амал намуданд ва кӯшиш карданд, ки мавҷудияти сифатҳои ғайр аз зоти илоҳиро инкор кунанд. Ба ибораи дигар, масалан, Худо донандаи ҳама чиз аст (ё донои ҳама чиз аст), аммо Ӯ на ба воситаи «таҳзиби афкор», ки дорои ҳикмати алоҳида аст, балки ба воситаи зоташ дарк мешавад. Ба қавли муътазилиён, ин изҳорот ба хотири пешгирӣ аз гуногунрангии ҳамабадият бо ҳама чизест, ки метавонад ваҳдати раднашавандаи Худоро маҳкум кунад, мураттаб гардидааст. Гузашта аз ин, ин гурӯҳҳо бо таъвили маҷозии оятҳои Қуръон ё ҳадис ба эътирофи моддаи инсоншабеҳе ворид мешуданд.[2]

Усули тавҳид ба қавли донишманди машҳури муътазилӣ, қозӣ Абд-ул-Ҷаббор ибни Аҳмад, дарки он аст, ки Аллоҳ шабеҳе надошта, дорои сифатҳое мебошад, ки хоси махлуқи дигаре нест. Ин дарк кардани ҳақиқатест, ки олам Офаридгор (Сонеъ) дорад, ки онро офаридааст; Ӯ абадӣ ва тавоно (*қодир*) буда, нотавонӣ (*ал-иҷз*) аз Ӯ истисно аст. Ӯ дар бораи гузашта, ҳозира ва оянда огоҳ аст ва нодонӣ (ҷаҳл) барояш ғайриимкон аст. Ӯ аз он чизе, ки буд, ҳаст ва хоҳад буд, - комилан огоҳ аст. Ӯ абадиятест, ки дар гузашта буд ва дар оянда низ хоҳад

[1] Gimaret, Daniel. Une lecture mu'tazilite du Coran. Le Tafsīr d'Abū 'Alī al-Djubbā'ī (m. 303/915) partiellement reconstitué à partir de ses citateurs. Louvain, Paris: Peeters, 1994, 7:786-88 .
[2] Qazi Abul Hassan Bin Abdul Jabbar, Al-Mutazila and Their Five Princples, Riadh, Saudi Arabia, 1996, pp: 81-82.

буд (*ҳай*); ҳамаи мушкилот ва ташвишҳо барои Ӯ пешбинӣ нашудаанд. Вай шоҳиди падидаҳои ошкор (*мар'ийй̄ат*) буда, маҳсусотро дарк мекунад, ҳарчанде ки ба узвҳои ҳисс ниёз надорад. Ӯ дар оянда ва дар гузашта худкифо аст, бадани ҷисмонӣ ва чунин сифатҳо ба монанди оромӣ, ранг, ҳаракат, тағйирёбӣ, фурӯд ё суъуд рафтан, шаклу таркиб доштан ё дар таркиби чизе будан, ғизо хӯрдан ё бӯй кашидан ва ғайраро надорад. Ҳама чиз, ба ғайр аз Ӯ вобастаи ҳамдигар ва офаридашуда мебошанд.

Бояд қайд кард, ки дар масъалаи тавҳид ислом аз ибтидо дар мубоҳисаҳо бо пайравони пешгузаштагонаш – масеҳиёни сегонапараст ва зардуштиёну монавиёни дуаслпараст дар тазоди шадид қарор дошт, ҳарчанде ки моҳиятан ҳамаи ин динҳо дар масъалаи тавҳид бо ҳам шабоҳат доштанд. Ин нуктаро Е.А. Фролова таъкид намуда, навиштааст: «Бо вуҷуди ин, муътазилиҳо мухолифони қатъии антропоморфизм дар теология буданд. Онҳо мавқеи худро бо он далел исбот менамуданд, ки эътирофи чунин сифатҳои абадии Худо, агар қонунҳои мантиқро думболагирӣ намоем, маънои онро дорад, ки дар баробари Ӯ ҳамеша чизҳои дигаре вуҷуд доштаанд, ки ин сифатҳоро дар худ таҷассум мекунанд. Худое, ки ин тавр тасвир шудааст, аз худоёни асотирии бутпарастон ва худи ҳамон оташпарастони зардуштӣ чандон дур нест».[1] Антропоморфҳое ба монанди муфассири матни муқаддас Муқотил ибни Сулаймон (ваф. 150/767) изҳор доштанд, кофист бигӯем, ки Худо як аст ва на ду ё се ва ё ҳатто агар касе ба ӯ шакли инсониро мисли насрониён нисбат диҳад.[2] Ин антропоморфистҳо ба Худо ҷисми мукаммал, устувор ва ғайриҷинсиро нисбат медоданд, ки он на ғизо мехӯрд ва на об менӯшид. Аз ин рӯ, ин ваҳдати илоҳӣ на бо шакл, балки бо миқдор (дарозӣ, паҳноӣ, баландӣ) ва пайдарҳамӣ маҳдуд буд, зеро чунин Худо ба монанди инсон узвҳои бадан дошт.

Муътазилиҳо, баръакс, ваҳдати илоҳиро ҳамчун ваҳдати зоти Худо маънидод мекарданд ва қотеан, бар ғояи шабеҳи инсон будани Ӯ мебароmаданд. Масалан, қозӣ Абд-ул-Ҷаббор ҷисмӣ будани Худоро рад намуда, гуфтааст:

---

[1] Фролова Е.А. История арабо-мусульманской философии. Средние века и современность. С. 31.
[2] Tohe, Achmad. Muqatil ibn Sulayman: A neglected figure in the early history of Qur'ānic commentary. Diss. Boston University, 2015. p. 33

«Бидон, ки ҷисм васеъ ва амиқ буда, дар он дарозӣ, паҳноӣ ва чуқуриро ҳосил намудан мумкин аст ва агар аз ҳашт аҷзо иборат бошад, мушоҳидакунандае, ки дар муқобили он меистад, як тарафи онро мебинад... Аз ин ҷо бармеояд, ки ин сифатҳоро аз Худо, ки гӯё ҷисм бошад, бояд бардошт».[1] Худо дар ақидаи онҳо берун аз замон ва фазо буда, тағйир намеёбад. Вай на ҷисм, балки танҳо як «шайъ» буд (яъне объекти ақл, объекти маърифат); мавҷуде набуд, ки аз тариқи эҳсос, балки танҳо тавасссути ақл ва ё феъли иродаи офаридгории Ӯ дар табиат дарк шуда тавонад. Аз ин ҷо, монанди ҳамаи чизҳое, ки дар рӯи Замин вуҷуд доранд, ин номутобиқатие, ки дар Қуръон дар бораи чеҳра, дастҳо, чашмони Худо ё ҳатто нишасти ӯ дар арши аъло бояд ба маънои маҷозӣ (зеро Худо ҷисм нест) фаҳмида шуда, тавассути таъвил шарҳу эзоҳ дода шавад: дастҳои Худо саховатмандӣ, чашмонаш - илм, чеҳра – зоти Ӯ ва ғайраҳоро ифода мекунанд. Ҳадафи истифода аз шарҳу эзоҳоти ботинӣ – таъвил ҳамоно дифоъ аз хусусияти зидди антропоморфии Худо аст: «Ҳадафи хуруҷи муътазилиён аз ҳудуди тафсири таҳтуллафзии Матни муқаддас, пеш аз ҳама, инкор намудани ҳар гуна антропоморфизм буд, ки нисбат ба Аллоҳ зоҳир мегардид. Барои ин мутафаккирони муътазилӣ баҳри шарҳу эзоҳи тамоми доираи лексикологии ин ё он истилоҳ даст ба кор мебурданд. Мутлақо ҳамаи муътазилиён, аз ан-Наззом сар карда, то ба Абд-ул-Ҷаббор зарурати таъвили маҷозиро таъкид намуда, аз доираи матни Қуръон баромаданро манъ карда буданд».[2]

Дар воқеъ, муътазилиён ақидаи азалӣ будани Қуръонро ва офарида нашудани матни муқаддасро инкор мекарданд. Бо ин ҳама сабабҳо, ҳангоме ки он дар давраи халифа Аббос Маъмун (813-833) мақоми расмӣ дошт, муътазилиён ба онҳое, ки дар таҳқиқи тавҳиди Худо буданд ва ба ҳар як ходими давлатӣ эълон мекарданд, ки Қуръон офарида буда, он бо Худо якҷоя дар азалият ва ҳамзисти Ӯ набудааст. Дар ин хусус муътазилиён саволҳои муҳимме гузошта буданд, ки илоҳиётшиносонро хеле ба ташвиш оварда буд. Масалан, чӣ гуна тасдиқ кардан мумкин аст, суханоне, ки Худо ба Мӯсо гуфта буд, абадӣ ва

[1] Авод ибни Абдуллоҳ ал-Амиқ. Ал-Муътазила ва усулуҳим ал-хамса ва мавқиф аҳл ал-сунна минҳо. - Риёз, 1414 ҳ. С. 138.
[2] Нофал Ф.О. Ибрахим ибн Саййар ан-Наззам. М.: Языки Славянской культуры и ОО “Садра”, 2015. С. 79.

офарида нашудаанд, дар ҳоле маълум аст, ки Мӯсо шахси мавҷуде буд, ки дар замони муайян зиндагӣ мекард? Дар Қуръон суханони Мӯсо ва бисёре аз дигарон мавҷуд аст ва онҳо тасдиқ мекарданд, ки Худо Қуръонро замоне офаридааст ва ба он ишора мекунанд, ки хитобаҳои Мӯсо ва паёмбарони дигар ҳамроҳ бо Худо азалӣ нестанд. Онҳо аз ин доира боз ҳам дуртар рафта, саволеро ба миён гузоштанд, ки агар фарз кунем, ки Қуръон офариданашуда ва азалӣ аст, пас он ба нусхаҳои дигараш, ки мусалмонон ба забони худ мехонанд ва талаффуз мекунанд, чӣ иртиботе дорад?[1] Ҳамчунин бояд қайд кард, ки ба чунин гуфторҳои муътазилиён бунёдгароёни илоҳиётшиноси ислом ҳар гуна посух гуфтаанд. Ҷавобҳои муҳимтаринро ал-Ашъарӣ додааст, зеро масъалаҳои матраҳкардаи муътазилиён онҳоро водор кардааст, ки посуххояшонро дақиқ сохта, мавқеи равшанеро дар мавриди масъалаҳои печидае, ки барои тафсири ақлонии ваҳӣ зарур буданд, ба кор барад.

Муътазилиён бошанд, инчунин Худоро ба воситаи сифатҳои Ӯ, ки бо «*тавсиф*» («*васф*») ё «*исм*» ҳаммаъно ҳастанд, ки онҳоро фақат ҳамчун сухан мефаҳмиданд (*ал-асмā’ 'ва ас-сифат ҳия ақвāл*) ), тавсиф медоданд. Муътазилиҳо байни сифат ва тавсиф фарқ намегузоштанд[2], аммо онҳо намудҳои сифатҳои дигар – «*сифāт уз-зāт ё ан-нафс*» ва «*сифāт ул-фе‘л» ё* «*сифāт ул-‘амал»*-ро фарқ мекарданд. Сифатҳои зот ё нафси Худо *илм, қудра* (қувват) ва *ҳайй* (зиндагӣ) мебошанд. Ин сифатҳо мисли Худо абадӣ ва тағйирнопазир буда, аз зоти Ӯ ҷудо нестанд, балки бо Ӯ шабеҳанд. Сифāт ул-фе‘л бо ирода ва қувваи Худо вуҷуд дошта, ин ирода (*маши’а*), ки тавассути самъ, басар, назар ва ғайри онҳо амалӣ мегардад. Аз ҷониби дигар муътазилиён бар ақидаанд, ки ин сифатҳо хусусияти замонӣ доранд, яъне ҳангоме зоҳир мешаванд, ки Худо амал мекунад ва вақте қатъ мешаванд, ки феъли Худо қатъ мешавад. Онҳо дар вуҷуди Ӯ ҷо надоранд. Ба маънои дигар, чуноне ки А.В. Смирнов дақиқан қайд кардааст, «муътазилиён масъалаи сифатҳои Худоро мавриди баррасӣ қарор дода, бо тавсифи 99 сифоти ақоидии Худо маҳдуд намешуданд ва ҳамаи он чизеро, ки ба

[1] Abu al-Hasan al-Ash‘ari, Kitab al-Ibana ‘an Usul al-Diyyana, edit. W.C. Klein, American Oriental Society, New Haven, 1940, pp. 57-58.

[2] Абубакр ибн Боқилонӣ. Китоб ут-тамҳид. – Бейрут, 1957. С. 217.

Худо дар навиштаҷоти муқаддас ва қабл аз ҳама, дар Қуръон, таҳмил мегардид, муҳокима менамуданд. Масъалагузории фалсафии масъала дар бораи сифатҳои Худо бо дугоникии қотеи мафҳумҳои *'аллāҳ* «Худо» ва *мā сивā 'аллāҳ* «ҳар чизе, ба ҷуз Худо» марбут дода мешуд».[1]

Восил ибни Ато чунин сифатҳои Худо, ба мисли «илм, қудрат, ирода ва ҳаёт»-ро инкор кардааст. Вай изҳор дошт, ки «ҳар касе, ки ғояи вуҷудияти сифоти абадиро қоил бошад, ӯ ду худоро эътироф кардааст».[2] Мавқеи Восил дар робита ба сифатҳои илоҳӣ аз ҷониби дигар муътазилиён пазируфта шуда буд ва дар давраи ибтидоии он, то он даме ки Абу Ҳошими Ҷуббаӣ назарияи *аҳволро* пешниҳод карда буд, назарияи қолабии онҳо ба ҳисоб мерафт. Муътазилии дигар Дирар ибни Амр (ваф. 200/815) инкор мекард, ки сифатҳо дорои воқеияти қаблан вуҷуддошта буда, онҳоро ба маънои манфӣ дарк карда, сифатҳое ба мисли илм ва қудратро ҳамчун набудани ҷаҳолат ё нотавонӣ шарҳ медод.[3] Ал-Ҳусайн ибни Муҳаммад Ан-Наҷар (ваф. 220/835), ҳамзамони Дирар, сифатҳои абадиро ба маънои манфии онҳо мефаҳмид ва ба хусусияти ирода мақоми махсус медод. Вай омезиши илми азалии илоҳиро бо иродаи илоҳӣ чунин шарҳ додааст: "Худо аз пешиниён мехоҳад (*мурид*), ҳар чизе ки Ӯ медонад, дар вақташ пайдо шавад».[4]

Абу-л-Ҳузайл Худоро комилан дар ягонагии комили зоти Ӯ тавсиф карда, гуфтааст, ки Худо «ба воситаи дониш доно аст», «қодир ба қудрат» ва ғайра. Ӯ тасдиқ мекард, ки ин дониш, ки ба шарофати он Худо медонад, ҷуз Худо чизи дигаре нест. Сипас, ӯ изҳор мекард, ки «Худо ба воситаи донише, ки бо худи Ӯ, яъне тавассути қуввае, ки бо Ӯ шабеҳ аст, медонад. Вай (Худо) ба ҳамин тавр, дар бораи шунавоӣ, биниш ва абадият, фазилат, бузургӣ ва азамат ва ҳамаи сифатҳои зоти Ӯ медонад.[5] Чунин ба назар мерасад, ки Абу-л-Ҳузайл ҳамаи сифатҳои илоҳиро камолоти абадии Худо мешуморад.

---

[1] История арабо-мусульманской философии: Учебник / Под ред. А.В. Смирнова. – М.: Академический Поект, 2013. С. 75.
[2] Аш-Шахрастани Мухаммад. Книга о религиях и сектах. Ч.1. Ислам. Пер. с араб. введ. и коммент. С.М. Прозорова. - М.: «Наука», 1984. С. 56.
[3] Ҳамон ҷо. С. 87.
[4] Ал-Ашъарӣ Абу ал-Ҳасан. Мақолот ал-исломиин ва ихтилоф ал-мусалиин. – Висбаден, 1980. С. 283.
[5] Ҳамон ҷо. С. 53.

Мутафаккири дигари муътазилӣ, сарвари муътазилиёни Басра Абу Алӣ Муҳаммад ибни Абду Ал-Ваҳҳоб Ал-Ҷуббоӣ (850-915) дар таҳияи таълимоти муътазилӣ нақши ҳалкунанда бозида, чаҳорчӯбаи нави илоҳиётшиносиро дар доираи ин таълимот таҳия кардааст. Ақидаҳои илоҳиётшиносии ӯ дар тӯли ҳаёташ ба баъзе тағйирот дучор шуданд. Азбаски ба истиснои «Мақāлāт»-и ӯ ягон асари Ал-Ҷуббоӣ то ба замони мо нарасидааст, ақоиди ӯро танҳо аз сарчашмаҳои дигар ва иқтибосҳои пароканда дар осори баъдинаи муътазилиён ва «Мақāлат-ул-ислāмиин»-и Абу-ул-Ҳасани Ашъарӣ, ки яке аз шогирдони барҷастаи ӯ буд, омӯхтан мумкин аст. Ал-Ҷуббоӣ ба таълимоти Абу-л-Ҳузайл дар бораи ягонагии Худо пайравӣ карда, онро такмил додааст, аммо дар баробари ин, ӯ на бо ҳамаи дидгоҳҳои Абу-л-Ҳузайл розӣ будааст. Вай ба принсипи ягонагии илоҳӣ пайравӣ карда, баҳс мекард, ки «(Худо) дар зоти худ доно, қодир ва ҳай ба шарофати зоти хеш аст. Маънии ифодаи «дар зоти хеш» дар он аст, ки Худо дар илми худаш на ба сифате, ки дониш аст ва на ба василае, ки тавассути он Ӯ медонад, эҳтиёҷ надорад».[1]

Барои Ал-Ҷуббоӣ моҳият (*шайъ*) ё зот (*нафс*) як объекти маърифат аст, ки вуҷуд дорад (*вуҷида*) ё вуҷуд надорад (*ʻудима*) ва ҳамчун объекти дониш метавонад мустақиман зикр шуда бошад (*закара*) ва мумкин аст, ки мавзуи хабар шавад (*ухбира ʻанҳу*).[2] Ба қавли Ал-Ҷуббоӣ, азбаски Худо мутлақо якто буда, тақсимнашаванда аст ва вақте гуфта мешавад, ки «Худо медонад» («*Аллāҳу ʻāлим*»), воқеияти ягон мавҷуди ғайр аз Худо (*нафсуҳу*) тасдиқ нашудааст ва мувофиқан, ба ин маъно истилоҳи сифатро ҳамчун *сифат нафсиҳи* меноманд. Ҳамаи истилоҳоте, ки зот ё моҳияти ашёро номбар мекунанд ё тавсиф мекунанд, ҳангоми хусусияти предикативӣ пайдо кардани онҳо ҳамчун *сифоти нафс* маънидод мешаванд. Ҳамин тариқ, агар сифат ба маънои муқаррарии он фаҳмида шавад, Ал-Ҷуббоӣ дар бораи сифатҳо дар ҳеҷ куҷо сухане намегӯяд.

Ҳамин тариқ, мӯътазила инкор мекунад, ки Худо дорои ҷисм, шакл, гӯшту хун буда, на ҷавҳари фардӣ, на ранг, на маззаю бӯй, на гармию хунукӣ, на

[1] Аш-Шахрастани Мухаммад. Книга о религиях и сектах. Ч.1. Ислам. С. 79.
[2] Ал-Ашъарӣ Абу ал-Ҳасан. Мақолот ал-исломиин ва ихтилоф ал-мусалиин. – Висбаден, 1980. С. 519.

ҷудошавию тақсимшавӣ, на ҳаракат, на узве дошта, на тавлидкунанда ва на тавлидшуда аст. Гумон меравад, ки дар ин ҷо бештар на мазмуни қуръонӣ, балки тафсири навафлотунии ҳувияти Худо маънӣ мегирад. Масалан, В.А. Гура бо таҳлили ақоиди навафлотуниён дар бораи хусусияти мартабавӣ доштани войеияти кайҳонӣ сухан ронда, қайд мекунад, ки «Воҳид, ки дар мартабаи олии он қарор дорад, бо ягон навъи таъриф тавзеҳ намеёбад, ба Он ҳатто мафҳуми ҳастӣ ва болотар аз он, ҳар гуна тавсифҳои мушаххас дахлнопазир аст. Плотин дар ин ҷо анъанаи апофатикии Афлотунро инкишоф медиҳад ва мувофиқи он чизе ҳаст, ки дар бораи он танҳо қайд карда гуфта метавонем, ки он нест»[1].

*Усули дуюм, адли илоҳӣ аст*, ки умуман дар илоҳиётшиносии исломӣ дар баробари масъалаи сифатҳои Худо яке аз масъалаҳои асосӣ ва бисёр баҳснок ба шумор меравад. Мактаби фикрие, ки аз адолати Худо ба таври куллӣ дифоъ мекунад, маҳз муътазилиён буданд, ки онҳоро барои ҳамин «аҳл-ул-адл» меномиданд. Муътазилиён нисбат ба иродаи мутлақи Худо назарияи адолати илоҳиро бештар пайравӣ менамуданд, ба маънои дигар барои онҳо Худои одил нисбат ба Худое, ки дорои иродаи мутлақ буд, бештар афзалият дошт. Онҳо ин назарияро аз нуқтаи назари манфиатҳои ҳаётии инсон баррасӣ менамуданд. Чунонки Абд-ул-Ҷаббор шарҳ медиҳад, адолат бо ҳуқуқ робитаи устувор дорад. Ӯ адолатро ҳамчун «ба одамон ато намудани ҳуқуқ» маънидод мекард. Мафҳуми «Худо одил аст» маънои онро дорад, ки ҳамаи аъмол ва муносибатҳои Худо хубанд, Ӯ наметавонад ба чизе муносибати бад кунад ва «уҳдадориҳо»-и худро дар назди одамон нодида нагирад. Аз ин рӯ, Худо наметавонад бо ҷазо додани инсон золимона муносибат кунад.[2] Шарқшиноси маъруфи франсавӣ А.Корбен дар шарҳи ин усул таъкид намудааст, ки барои муътазилиён озодӣ ва масъулияти инсон аз усули адолати илоҳӣ бармеояд ва бе он ғояи ҷазо ё иқоб дар олами баъдимарг ва ғояи адолати илоҳӣ моҳият ва маъниашонро аз даст медиҳанд. А. Корбен савол мегузорад, ки пас, дар ин ҳолат муътазилиён тезис дар бораи озодии инсон ва тезисро дар бораи он ки инсон дар кору пайкораш озод аст, бо

---

[1] Гура В.А. Проблема Бога и духовной реалӣности в античной философии. С. 167. https://cyberleninka.ru/article/n/problema-boga-i-duhovnoy-realnosti-v-antichnoy-filosofii Рӯзи руҷуъ 17.01.2022.
[2] Аҳмад ибни Захр. Ал-Ислом. Ҷ. 3. – ал-Қоҳира, 1946. С.44.

нукоти қуръонӣ, аз ҷумла он ки ҳар як кору фаъолияти мо аз *маши'аи* илоҳӣ ва аз навиштаҳои *Лавҳи самовӣ* вобастаанд, ки акси ин нукотанд, чи тавр мутобиқ карда метавонанд? Муҳаққиқ менависад, ки ба ин савол муътазилиён посух додаанд, ки «*маши'аи* илоҳӣ..., ки ҳамаи ашёро дар бар мегирад, на феъли *ирāда* ва на феъли *амр* аст. Он нияти абадӣ ва эҷоди ирсии Худо (ки ду ҷанбаи номаҳдудии дониши Ӯро ташкил мекунанд) мебошад. Аммо тасдиқи ҳукм дар бораи он ки «ҳама чиз дар Лавҳи самовӣ навишта шудааст», ифодаи метафизикии дониши илоҳӣ мебошад».[1]

Мувофиқи ақидаи муътазила *ал-адл* – Худо аст, ки ба инсон ҳуқуқ медиҳад, то ки ӯ амалеро анҷом диҳад. Аз ин рӯ, мафҳуми *ал-адл* бо мафҳуми *халқ-ул-аф'āл* (офариниши феълҳо) иртибот дорад. Маънии ин мафҳум дар он ифода меёбад, ки инсон дар иҷрои амалҳои худ озод буда, барои онҳо масъул аст. Ба туфайли ин озодӣ, ӯ ҳақ дорад мукофот ё ҷазо гирад. Баръакс, нотавонии инсон дар иҷрои коре, бешубҳа, ӯро аз ҳуқуқи гирифтани мукофот ё ҷазо маҳрум мекунад. Дар ин замина, ҷазои Худо бар бандагони хуби худ як амали нодуруст (золимона) аст, ба шарте ки агар ин амал бо озод будани инсон ҳамроҳ набошад. Ба маънои дигар, озодии инсон ва адолати Худо мисли ду тарафи як танга шарҳ дода мешавад, ки онро байни худ тақсим кардан мумкин нест. Аз байн бурдани яке аз онҳо маънои барҳам додани ҷанбаи дигарро дошта, моҳияти ҳардуи онҳоро бекор месозад. Аз ин рӯ, ҳукмронӣ ва иродаи Худо ба амали бандааш ягон рабте надорад.[2] Ба маънои дигар, ба ақидаи пайравони муътазила агар Худо ноодил хоҳад буд, агар касеро ҷазо диҳад, ки барои аъмоли содиркардааш масъулият надорад. Муътазила бар асоси ин принсип таълимоти қазою қадарро нафратовар ва ғайри қобили қабул мешумориданд, зеро агар он мавҷуд бошад, маънии онро медошт, ки Худо инсонро барои амалҳое, ки иҷрои онҳоро худи Худо ба ӯ фармудааст, муҷозот медиҳад. Аз ин ҷо, муътазидиён ба озодии иродаи инсон ва адолати Худо бовар доштанд.

[1] Корбен А. История исламской философии. Пер. с фр. – М. Академический Проект; ООО "Садра", 2013. С. 118.
[2] Ал-Усамин Муҳаммад Солеҳ. Шарҳ ақида ал-восита. Риёз, 1421 ҳ. С. 282.

Аввалин шахсе, ки дар бораи ин ирода сухан ронд, Муовия буд. Ӯ иброз дошт, чизе, ки бо худи ӯ рӯй дод, бар ихтиёри Худо асос ёфта, он ба хилқати Ӯ дахл дорад. Дар асоси ин, ӯ фарзияи худро ҳамчун асоси ҳама ҳодисоте, ки бо ӯ рӯй дода буд, қабул кард. Ҳатто даъво мекард, ки Худо ӯро ба мақоми халифа ва пешвои оламӣ расонда, дар миёни хулафои Бани Уммавиён машҳур кардааст. Қозӣ Абд-ул-Ҷаббор бо ин фарзия ва консепсияҳои ҳаммонанди мазҳаби ҷабариён бошиддат баҳс мекард, зеро ин гуна консепсияҳо, ба андешаи ӯ, метавонанд тартиботи иҷтимоиро вайрон кунанд, сифати қонунро халалдор ва дар ниҳояти кор шариат ва динро вайрон кунанд.[1]

Муътазилиҳо бар он ақидаанд, ки бадию шарр дар ботини инсон, дар иродаи инсон вуҷуд дорад ва рафтори ӯ аз шарри дарунӣ бармеояд. Худо бо бадӣ коре надорад ва аз одамон бадӣ намехоҳад. Ҷазо маъние намедошт, агар Худо ба одамон шарру бадиро ваъда мекард, зеро онҳо амри илоҳиро бояд иҷро мекарданд. Муътазилиён бо истифода аз принсипи *таклиф* мегӯянд, ки Худо бар одамон вазниниеро, ки онҳо тоқати бардошти онро надоранд, таҳмил намекунад ва ин хилофи ихтиёри инсон ва озодии ирода хоҳад буд. Одамон бояд имон дошта бошанд ва нисбат ба Худо эътиқод дошта бошанд; корҳои некро иҷро кунанд; имони онҳо бояд дар амалҳо, интихоби ахлоқ ва муносибат бо Худо, одамони дигар ва махлуқоти ғайр зоҳир шавад. Нобаробарӣ дар сарнавиштҳо ва азобҳое, ки одамон бо онҳо дучор меоянд, қисми таркибии озмоишҳои ҳаёташон мебошанд. Ҳар як инсон бо ин мушкилот рӯ ба рӯ мешавад. Аммо онҳое, ки сарватманд, солим ва тавоно ҳастанд, бояд аз имтиёзҳои худ барои кӯмак ба ниёзмандон истифода кунанд ва ранҷи онҳоро сабук кунанд.[2]. Ҳамин тавр, усули адл, ба қавли Абд-ул-Ҷаббор, эътиқод ба он аст, ки Худо аз ҳар гуна қабоҳат дур буда, ҳамаи афъоли Ӯ хайранд. Гузашта аз ин, ин матлаб бо он ҳукм тасдиқ мешавад, ки тамоми амалҳои инсонии марбут ба зулм, нофармонӣ ва монанди инҳо наметавонанд офаридаи Ӯ (*лā мин халқиҳи*) бошанд. Агар касе ин сифатҳоро ба Худо нисбат диҳад, пас вай дар қонуншиканӣ (*сафаҳ*) шарик аст.

---

[1] Абу Зайд Носир Ҳомид. Ал-Иттиҷоҳ ал-ақлӣ фи ал-тафсир. – Бейрут, 1982. С. 218.218.
[2] Ал-Бағдодӣ Абдулқодир. Ал-Муътазила ва хамс усулуҳим. Риёз, 1986. С. 81-82.

Гузашта аз ин, Худо ба ғайримуъминон озодии ирода додааст ва онҳо ҳар кореро, ки мехоҳанд, иҷро мекунанд. Худо фарзандони мушриконро барои гуноҳи падару модарашон дар оташи дӯзах ҷазо намедиҳад. Ҳар як шахс ҷавоби ҳар он чиро, ки содир кардааст, мегирад ва Худо ҳукмҳои худро вайрон намекунад. Ӯ роҳи ботилро нишон додааст, то мардум аз тариқи он аз бадиҳо канорагирӣ кунанд.

Аз ин ҷо, муътазилиҳо якдилона розӣ ҳастанд, ки «Офаридгор (Худо) ҳамеша одил буд» (*«Ал-Бāрӣ лам язал ʻāдилан»*)[1] ва ҳамаи амалҳои илоҳӣ хайранд. Ин принсип бар таълимоти озодии иродаи муътазилиён асос ёфтааст. Ба ақидаи онҳо, инсон дар феълу фаъолияташ ихтиёри озод ва қобилият (*иститāʻ*) ва инчунин қудрати амал дорад. Ба ибораи дигар, «ҳар гуна қобилият ба ҳадди баробар қувваи феъл ва зидди он аст» (*қудра алайҳи ва-л-зиддиҳи*) ва «он феълро зарур намекунад» (*ва ҳийа ғайр муҷиба лил-фиъл*). Онҳо инкор мекунанд, ки Худо ба шахс воҷиботеро таҳмил намекунад, ки аз қудрати ӯ берун аст.[2]

Тибқи андешаҳои Абу Алӣ-ул-Ҷуббоӣ ва Абу Ҳошим Ал-Ҷуббоӣ «ҳар касе, ки дорои қудрат аз болои чизе бошад, метавонад онро ба таври баробар хуб анҷом диҳад ё анҷом надиҳад».[3] Барои ҳамин, Худо дар вуҷуди одамон қувваҳоро барои иҷрои амалҳо меофарад, ки қонуни Ӯ бар онҳо вогузор мекунад. Ҳама гуна шакли «уҳдадорӣ ба амалҳои имконнопазир» (*таклиф мā лā йутақ*) хилофи адолати Ӯст, зеро, таъкид мекунанд онҳо, Худо одил аст, бадиро барои инсон намехоҳад. Ӯ бо аъмоли бади онҳо ҳеҷ иртиботе надорад; ҳамаи амалҳои инсонӣ аз озодии иродаашон бармеоянд, зеро онҳо пеш аз иҷрои амалҳои худ қудрат ва қобилияти шахсиашонро ба кор мебаранд. Онҳо барои аъмоли некашон подош ва барои бадкирдориашон ҷазо мегиранд.[4]

Дар ин бахш мо *усули сеюми ал-ваʻд ва ал-ваʻид* ва *усули чоруми ал-манзила байна-л-манзилатайнро* муттаҳид мекунем, зеро байни онҳо робитаи мустаҳками мантиқӣ ҷой дорад. Ин ду усул бар консептҳои муътазилиён дар бораи имон ва адли илоҳӣ асос ёфтаанд. Ҷаҳм ибни Сафвон мафҳуми имонро

---

[1] Ал-Ашъарӣ Абу ал-Ҳасан. Мақолот ал-исломиин ва ихтилоф ал-мусалиин. – Висбаден, 1980. С. 579.
[2] Ҳамон ҷо. С. 230.
[3] Ҳамон ҷо. С. 443.
[4] Ҳамон ҷо. С. 73.

таърифи дода, гуфтааст, ки «имон танҳо маърифати Худо аст ва куфр танҳо ҷоҳилӣ (бехабарӣ) аз Ӯст».[1] Бояд қайд кард, ки таърифи имони аксарияти муътазилиён аз ҳам фарқ мекунанд ва дар ин бора якчанд ақида вуҷуд дорад. Аввалан, бархе аз онҳо мегӯянд, ки имон ҳамаи амалҳои ибодатро дар бар мегирад: *фарз* ва инчунин *нофил* ва гуноҳҳо ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд: гуноҳҳои кабира (*кабоир)* ва хурд (*сағоир*). Сониян, масалан, Ҳишом Ал-Фуватӣ мегӯяд, ки имон маҷмуи ҳама амалҳои итоаткорӣ, воҷиб ва нофила аст. Сеюм, ба ақидаи Аббод ибни Сулаймон, имон фармонҳои Худоро дар бар мегирад, ки амалҳои воҷиб ва он чиро, ки Ӯ мехоҳад ҳамчун амалҳои нофилӣ иҷро кунад. Чаҳорум, баъзеҳо бар он ақидаанд, ки имон ин канорагирӣ аз он чизест, ки барои он таҳдиди азоби Худо вуҷуд дорад ва ғайра.[2] Ҳамин тавр, муътазилиён боварӣ доранд, ки Худо барои иҷрои адолати худ, ҳамаи аъмоли нек ва бади инсонро дар ин олам «сабт» мекунад ва ин нукта аз ояти Қуръон бармеояд: «Пас, ҳар кӣ ҳамвазни заррае некӣ кунад, натиҷаи онро хоҳад дид. Ва ҳар кӣ ҳамвазни заррае бадӣ кунад, натиҷаи онро хоҳад дид».[3] Умуман, имон ба некӣ ва зиштӣ ба василаи ақл ва эътирофи намунаҳои неку бад дар рафтори одамон барои муътазилиён асоси посух додан ба ин саволро ташкил медиҳад.

Ҳамин тавр, муътазилиён «ал-ваъд»-ро ба маънои навиди подош ва «ал-ваъид»-ро ба маънои таҳдид ба азоб мефаҳманд, ки чунин фаҳмиш пурра ба таълимоти умумиисломӣ мувофиқат мекунад. Дар маҷмуъ, муътазилиён барои ин усулашон чаҳор исботро овардаанд: аввалан, онҳо муътақиданд, ки хилоф варзидани Худо аз амалӣ намудани таҳдидҳо (ваъидҳо) хилофи ваъда маҳсуб меёбад ва ин аз набудани илм ва ҳикмати Худо дар бораи корҳои дунё дарак медиҳад, ки ғайриимкон аст. Дар натиҷа, таҳаққуқ ёфтани таҳдидҳои илоҳӣ зарурӣ аст; ҳамчунон ки иҷрои ваъдаҳои илоҳӣ барои муъминон зарур аст ва хилоф варзидан дар ин масоил низ бар зидди илм ва ҳикмати Худо аст; сониян, муътазилиён муътақиданд, ки хилоф варзидан ё тахаллуфи Худо ба ваъда ва ҷазо зишт аст, зеро тахаллуф муҷиби дурӯғ баромадани Сухани Худо хоҳад буд, ки он

---

[1] Ал-Ашъарӣ Абу ал-Ҳасан. Мақолот ал-исломиин ва ихтилоф ал-мусалиин. С. 279.
[2] Ҳамон ҷо. С. 266-270.
[3] Қуръон 99:7-8.

қабеҳ аст. Дар ҳоле ки тибқи принсипҳои муътазилӣ Худо амалҳои зишт надорад. Дар натиҷа, онҳо ба зарурӣ будани ваъд ва ваъиди илоҳӣ ҳукм меронанд;[1] сеюм, ақидаи онҳо дар бораи адли илоҳӣ онҳоро аз бовар кардан ба он, ки Худо метавонад ба ваъдаҳояш тахаллуф дошта бошад, бозмедорад. Зеро муътазилиён нақзи иҷрои ваъда ва ҷазоро намунаи зулм медонистанд, дар ҳоле ки онҳо қаламрави илоҳиро аз робита бо нақзи ваъда дур медонистанд; чаҳорум, агар ваъдаи илоҳӣ иҷро нашавад, одамон ба гуноҳ барангехта мешаванд.[2] Ба ин маънӣ, дар иртиботи усули мазкур бояд қайд кард, ки муътазилиён чунон шарҳ додаанд, ки Худо низ ба ҳамон қоидаҳое, ки инсон фармонбардори онҳост, итоат мекунад: кори одилонае, ки инсон бо ақл кашф мекунад, ҳамон қадар барои Худо низ ҳатмист. Хайр ва шарр – падидаҳои айнианд ва аз ин айнияти ахлоқӣ, вуҷудияти ҳуқуқи табиӣ идома меёбад - аз ин рӯ, Худо онҳоро намеофаридад. Муътазилиён ба ин хулоса аз тариқи қиёси дигар расидаанд: ҳар як мавҷудоти оқил барои як ангеза, як сабаби ниҳоӣ ба маънои арастуии он (*ғараз*) амал мекунад; ин кор бо Худо низ ҳамин тавр аст. Ин ғарази ниҳоӣ хайр аст, ҳатто беҳтар аз он, яъне дар мавриди махлуқот - саодати онҳост. Дар ин ҷо, набояд фаромӯш кард, ки дар замонҳои қадим ва асрҳои миёна асоси ахлоқ ва қонунро дар таълимоти, масалан юнониён, эдемонизм ташкил мекарданд. Дар натиҷа, ба ақидаи муътазилиён, Худо бояд одил бошад: ғайриимкон аст, ки Ӯ корҳои хайрро бо азобу машаққатҳо мукофот диҳад. Аз ин рӯ, Ӯ вазифадор аст, ки ба гунаҳкорон ҷазо ва ба накукорон мукофот диҳад.

Ал-Ашъарӣ бо усули муътазилиён дар бораи «ваъдаю ваъид» розӣ набуд ва мегуфт, ки ҳукмҳои ниҳоӣ наметавонанд, ки аз маънои таҳтуллафзии оятҳое, ки аз онҳо иқтибос ва тафсир карда мешаванд, бароварда шаванд. Бо вуҷуди ҳамаи инҳо, ақоиди муътазилиён дар бораи ин масъала ба пояҳои пазируфташудаи ақлӣ ва мантиқии онҳо пайвастагӣ дорад. Баррасӣ ва таҳлили ҳусн ва қубҳи масъалаҳо аз нигоҳи ақл ва муаррифии намунаҳои хайр ва шарр тавассути он мабонии муътазила барои ҷавоб додан ба ин масъалаҳо ташкил медиҳад. Худи гузориши

[1] Аллома Маҷлисӣ Муҳаммад Боқир. Биҳор ул-анвор. Ҷ.6. – Бейрут-Лондон, 1404 ҳ.қ. С. 7.
[2] Ал-Ҳусайнӣ Маъруф. Ал-шиъа байн ал-ашоъира ва ал-муътазила, б/т. С. 228.

савол дар бораи он ки «тахаллуфи Худо ба ваъдаҳояш» хусусияти шаккокона ва аз пайи он – ақлгароёна дорад, аллакай мақоми ақлгароёнаи онҳоро нишон медиҳад.

Муътазилиён ҳамаи ин се принсипро бодиққат баррасӣ карда, дар баҳсҳо дар бораи он, ки масалан, оё далели куштор маънои марги ҷабрдидаро дар ҳамон рӯзи муқаррарнардида дорад, ба баҳси амиқтарин расонда буд. Масалан, Ал-Ҳузайл бо истинод бар ногузирии нақшаҳои Худо изҳор дошт, ки агар ҷабрдида кушта намешуд, ӯ ҳатман он рӯз бояд ба таври дигар ба қатл мерасид.[1] Дар баробари ин, ҳамаи баҳсҳои тафсилотии илоҳиётшиносӣ, муътазилиён барои таъбиру ташреҳи мафҳумҳои *аҷал* (мӯҳлати муайяншудаи умри инсон), *ризқ, ҳуда* (ҳидоят) ва ғайра низ саъй варзидаанд. Ин масъалаҳо принсипҳои қудрати Худо ва масъулияти инсониро инъикос мекунанд. Аммо илоҳиётшиносони муътазилӣ асли қудрати Худоро ба як сӯ гузошта, ба масъулияти инсон таъкид намудаанд: «Инсон озод аст ва тавоноӣ ё қудрати иҷрои аъмоли худро дорад.»[2] Онҳо ҳамчунин дар бораи ғояи қудрат ва мукаллаф будани шахс (*юкаллифа*) баҳ намудаанд. Ба ин далел ва ҳамчунин ба иллати он ки мутакаллимон мафҳумҳои *қувват ул-имон* ва *қувват ул-куфр* ба ин истилоҳот таваҷҷуҳ карданд, барояшон лозим омад, ки дар ниҳояти кор се мафҳуми қудратро ба вуҷуд оваранд: *қудра, қувва ва иститоъа* ва ба ин васила тафовути маънои фалсафии онҳоро дар муқоиса бо илоҳиётшиносӣ муқаррар намоянд, ки тибқи он – қудрат аз феъл муқаддамтар аст, бар амал қувва дорад ва амалро зарур мегардонад ё на.

Айнан ба ҳамин тарз муътазилиён *усули ал-манзила байна-л-манзилатайнро* мавриди баррасӣ қарор додаанд. Он ба истилоҳ мавқеи миёнаравӣ байни муъмин ва кофир буда, аслан маънои «манзалат байни ду манзалат»-ро дорад. Дар асл, ин аввалин принсипест, ки Восил ибни Ато мафҳумҳои «муъмин», «кофир», «мунофиқ» ва «фосиқ»-ро бо сабабҳои ихтилофи мусалмонон бо ҳуқуқ ва таълимоти мухталифи ислом пешниҳод кардааст. Ин усул, дар муқоиса бо усулҳои дигар шояд, аз ҳама аввал таҳия шуда буд, аммо мактаби фикрии муътазила бар

---

[1] Ниг.: Watt, Montgomery. The Formative Period of Islamic Thought, Edinburgh University Press, Edinburgo, 1973, p. 232.

[2] Tritton, A.C. Muslim Theology, Luzac, Londres, 1967, p. 177.

асари мубоҳисаҳои теологӣ дар бораи аввалин ихтилофоти дохили ҷомеа, ки бо ба сари қудрат омадани Муавиён оғоз ёфта буданд, ба вуҷуд омадааст. Ҳамин тавр, ин усули таълимот он замон ҳам эътибор дошт, аммо аҳамияти воқеии хешро танҳо дар баҳсҳое, ки пеш аз Восил роиҷ буданд, касб намуд. Он як навъи созише буд, ки байни ду ҷараёни ин давра - хориҷиён ва мурҷиъиён аҳамият пайдо кард. Восил ибни Ато мехост, ки мусалмоне, ки дар гуноҳи кабира гунаҳкор аст, бо ҳама ҳуқуқҳое, ки дар назар дошта шудааст (ҳуқуқ ба амнияти шахс ва моликият, ҳуқуқи мерос ва ғ.) дар ҷомеа бимонад ва дар як вақт исрор менамуд, ки ин гунаҳкор ба ҳар ҳол, мисли кофирон бояд ба ҷаҳаннам равад, ба шарте ки агар тавба карданро рад мекард. Ин муносибат нисбат ба мусалмоне, ки гуноҳи кабира содир кардааст, баробар ба илова намудани мақоми сеюм ба мақомҳои муъмин ва кофир буд, ки номи *ал-манзила байн ал-манзилатайн* ном гирифт. Ин мавқеъ аз мавқеи Ҳасани Басрӣ чандон фарқ надошт. Аммо маҳз Восил буд, ки бо тағйири истилоҳот барои ба вуҷуд овардани як консепсияи муфассал комёб гардид.

Ҳасани Басрӣ чунин мусалмони гунаҳкорро «мунофиқ» номида буд, ки он дар Қуръон ба маънои хоин ва «душмани дарунӣ» баробар аст, ки агар ин мусулмон сидқан тавба накунад, ба дӯзах маҳкум карда мешуд, зеро ки ӯ мустақиман барои амалӣ гардидани умури илоҳӣ баҳри созмон додани ҷомеаи муъминон халал ворид менамуд. Ин мушкилоти экзегетикиро ба миён овард: маълум гардид, ки заминаи матни Қуръон на ҳама вақт барои таърифи теологии зарурӣ мувофиқ буд. Пас, Восил «мунофиқ»-ро ба «фосиқ» («таҷовузкор») иваз намуд, ки он дар Қуръон низ ҷой дорад, аммо дорои мазмунҳои ахлоқӣ буд ва бо гузаштаи таърихӣ камтар пайвастагӣ дошт.[1] Ҳамин тариқ, ҳалли муътазилии ин мушкилот, гарчанде ки аз ҷониби аҳли суннат рад карда шуда бошад ҳам, дар асл танҳо ба таълимоти хориҷиён мухолиф аст. Он амалан ба урфу одат ҳамроҳ мешавад, ки тибқи он танҳо Худо мунофиқонро, ки бо ҷомеаи диндорон омехтаанд, доварӣ хоҳад кард. Муътазилиён ба шарофати ин усул қонунӣ будани ҳокимияти чор халифаи аввалро эътироф кардаанд.

---

[1] van Ess J. (1984). Une lecture à rebours de l'histoire du mu'tazilisme . Paris : P . Geuthner, p . 78.

Ибни Ровандӣ Восилро барои он зери танқид қарор дод, ки гӯё ӯ бо таълимоти худ – *ал-манзила байна-л-манзилатайн* аз ҳамраъйи (иҷмоъ)-и ҷомеа, ки гунаҳкори мусалмонро ё муъмин меномиданд ва ё кофир (мунофиқ) дур рафта бошад. Ин нуктаро Абу-л-Ҳусайн Ал-Ҳаййат дар китобаш «Ал-Интисāр» қайд намуда, дар посухаш ба ӯ изҳор дошт, ки Восил ақидаеро, ки дар он се гурӯҳ, - басриён, мурҷиъиён ва хориҷиён мувофиқат кардаанд, яъне мусалмони гунаҳкор ё муъмин аст (ақидаи мурҷиъиён) ва ё муъмин нест (ақидаи хориҷиён), канорагирӣ кардааст.[1] Восил ибни Ато дар истинод ба Қуръон, ки дар он муборизаро бо одамони аҳли китоб ҷоиз медонад, ки онҳо ба Худо ва рӯзи қиёмат имон намеоваранд ва он чиро, ки Худо ва паёмбараш ҳаром кардааст, ҳаром намедонанд ва ба дини ҳақиқӣ эътиқод намекунанд, то он даме ки ба дасташон ва бо «фармонбардорӣ андози муҳофизатиро насупоранд».[2] Дар мавриди мунофиқ, агар ӯ мунофиқиашро пинҳон кунад ва маълум нагардад, зоҳиран ӯ мусалмон маҳсуб меёбад, аммо агар куфри худро ошкор кунад ва тавба кунад, бояд ӯро мусалмон донист, дар акси ҳол, бояд кушта шавад. Дар ин ҳолат гуноҳи кабира ба ин навъи ҷазо дохил намешавад. Дар мавриди муъмин бошад, - мегӯяд Восил, ҳукми Худо ин аст, ки Ӯ дӯсти муъмин аст ва барояш биҳишт ваъда медиҳад. Восил онро бо оятҳои Қуръон исбот мекунад. Ал-Ашъарӣ ҳамчунин бо усули ал-манзила байна-л-манзилатайни муътазилиён, яъне миёнаравӣ байни имон ва куфр розӣ нест. Умуман, ин усул, чуноне ки А. Корбен қайд кардааст, «ҳам аз нигоҳи илоҳиётшиносӣ ва ҳам фиқҳӣ гунаҳкорро дар ҳолате вомегузорад, ки ҳам аз вазъи мусулмон ва ҳам ғайримусулмон фарқ дорад».[3]

Усули панҷум ва охирини муътазила *амр би-л-маʻруф ва наҳй ʻан-ил-мункар* аст, ки онро дар асоси Қуръон, суннати паёмбар ва ҳамраъйи (иҷмоъ)-и ҷомеа асоснок мекунанд. Пайравони муътазила бар он назар буданд, ки барои бадиҳои олам на Худо, балки инсон масъул аст. Онҳо тасдиқ мекарданд, ки шарру бадиро ба Худо нисбат додан имкон надорад ва ба хулосае омаданд, ки инсон бояд амри

---

[1] Ҳусайн ал-Хаййот. Китоб ал-интисор ва ал-рад ало ал-Ровандӣ ал-мулҳид. - Ал-Қоҳира, 1925. С. 118-120.
[2] Ҳамон ҷо. С. 120.
[3] Корбен А. История исламской философии. С. 119.

маъруф ва наҳй аз мункар кунад. Тафсилот ва вижагиҳои ин усул дар давраи аввали муътазила ночиз аст. Ибни Надим зикр мекунад, ки Абу Бакри Арҳам (ваф. 201/816) ва Ҷаъфар ибни Мубашшир (ваф. 234/848) китоби «ал-Амр би-л-маʻруф ва ан-наҳй ʻан ил-мункар»-ро навиштаанд. Ҳишом Ал-Фувоҳӣ (ваф. тақрибан 230/844) «Китāб усул ил-ҳамс»-ро тартиб додааст. Ба эҳтимоли зиёд, шояд Ҳишом Ал-Фувотӣ ин усулро дар китоби худ зикр ва баррасӣ карда бошад, зеро худи номи китоб ба он далолат мекунад. Ба қавли Ал-Ашъарӣ, ҳамаи муътазилиҳо, ба истиснои Арҳамм, «шартҳои ал-амр би-л-маʻруф ва ан-наҳй ʻан ил-мункар»-ро воҷиб медонанд, «ба шарте агар онҳо қодир бошанд, ки онро бо забон, даст ва шамшер ва ба ҳар тарзе ки дар қудрати онҳо аст, иҷро кунанд».[1] Ал-Ҳайёт (ваф. 320/932) шахсеро муътазилӣ ҳисоб мекунад, ки ба ҳамаи усул ул-хамса пайравӣ мекунад ва ал-амр би-л-маʻруф ва ан-наҳй ʻан ил-мункарро дар мақоми панҷуми маъмулии он мегузорад. Ба ҳамин монанд, Ал-Масъудӣ (ваф. 346/956) қайд мекунад, ки ҳар касе, ки ба «панҷ усул» бовар дорад, муътазилӣ аст ва агар касе ба каму беши он бовар кунад, ӯро наметавон муътазилӣ номид. Дар бораи усули ал-амр би-л-маʻруф ва ан-наҳй ʻан ил-мункар мегӯяд, ки «бар ҳамаи муъминон ба ҳадди тавоноии онҳо иҷрои ин вазифа воҷиб аст». Вай инчунин изҳор медорад, ки ин кор мисли ҷиҳодест, ки дар он «мубориза бар зидди кофирон ва бар зидди фосиқ фарқе вуҷуд надорад».[2]

Байни Абу Алӣ-ул-Ҷуббоӣ ва писари ӯ Абу Ҳошим Ал-Ҷуббоӣ дар бораи он ихтилоф вуҷуд дорад, ки оё моҳияти ал-амр би-л-маʻруф ва ан-наҳй 'ан ил-мункар тавассути ақл ё ваҳй маълум шуда метавонад. Нуқтаи назари Абу Алӣ чунин аст, ки ин моҳият ба воситаи ақл ва аммо Абу Ҳошим чунин мешуморад, ки он ба воситаи ҳам ақл ва ҳам ваҳй маълум мегардад, ба истиснои ҳолате, ки агар шахс мушоҳида мекунад, ки касе хато мекунад, ӯ бояд ба василаи ақлаш барои он монеъ гардад. Абу Ҳошим инчунин мегӯяд, ки хайр (*маʻруф*) ду навъ аст: яке воҷиб ва дигаре нофил. Хайри маъруф зарур аст, дар ҳоле ки хайри нофил ҳатмӣ нест, балки он аз хайрҳои воҷиб болотар аст. Аз тарафи дигар,

[1] Ал-Ашъарӣ Абу ал-Ҳасан. Мақолот ал-исломиин ва ихтилоф ал-мусалиин. С. 278.
[2] Ҳусайн ал-Хаййот. Китоб ал-интисор ва ал-рад ало ал-Ровандӣ ал-мулҳид. .С. 9.

*хайри мункар* танҳо як навъ аст ва таснифоте ба мисли мункари хурд ё мункари бузург вуҷуд надорад.[1]

Тибқи ақидаи Абд-ул-Ҷаббор, панҷ амр барои амр ба ҳақ ва манъ кардан аз ботил вуҷуд дорад. Аввалан, шахс бояд бидонад, ки кадом кору кирдорҳо дуруст ва кадомашон баданд. Агар касе байни ин ду фарқе гузошта натавонад, дар ҳукми худ хато мекунад. Сониян, ӯ бояд дарк кунад, ки «хато рӯй медиҳад» (*ал-мункар ҳāсир*); масалан, мавҷуд будани воситаҳои зарурӣ барои нӯшидани машрубот, навохтани асбобҳои мусиқӣ ва гузаронидани истироҳату фароғат. Сеюм, инсон бояд дарк кунад, ки амали иҷро мекардаи ӯ ба «зарари бузургтар» (*музаррāт аʻзам*) нахоҳад расонд - агар ӯ медонад ё эҳсос мекунад, ки манъ кардани нӯшокиҳои спиртӣ метавонад боиси хунрезии мусалмонон ё сӯхтор дар маҳаллае гардад, пас ухдадории иҷрои ин амал вуҷуд надорад. Чаҳорум, инсон медонад ё бовар дорад, ки маслиҳати ӯ таъсир хоҳад дошт. Панҷум, ӯ дарк мекунад ё эҳсос мекунад, ки амалаш ба амнияти шахсӣ ё амволи шахсе зарар нахоҳад расонд.[2] Абд-ул-Ҷаббор таъкид мекунад, ки азбаски ҳадафи усули панҷум амр бар хайру ростӣ ва мамнуъ аз шарру бадӣ аст, инсон набояд ба чораҳои душвор ва ногувор даст занад, зеро ки ин корро бо усулҳои осон ва қулайтар анҷом додан мумкин аст. Ин кор, ба андешаи ӯ, ҳам дар доираи ақл ва ҳам ваҳй маълум аст. Ба маънои дигар, агар ягон вазифаро ба осонӣ иҷро кардан мумкин аст, пайравӣ кардани аз роҳи душвор ақлонӣ нест. Дар доираи ваҳй бошад, Худо амр медиҳад, ки тавассути гуфтугӯи байни ду гурӯҳи дар ҳолати ҷанг будаи муъминон миёнаравӣ карда шавад: агар онҳо аз ҷанг даст накашанд, гурӯҳи гунаҳкор бояд аз тариқи зӯрӣ ва ҷанг ба сулҳу оромӣ оварда шавад. Ӯ шаробхӯрро мисол меорад, ки бо ӯ чӣ гуна бояд муносибат кард: аввалан, ӯро бо суханони нарм (*би-л-қавли-л-лайин*); агар ӯ корашро идома диҳад, пас ӯро бояд сахт бигӯянд (*хашшана лаҳу ал-қавл*); агар истодагарӣ кунад, ӯро латукӯб кардан лозим аст; ва ниҳоят, агар ӯ бас накунад, бояд бо ӯ мубориза шавад.[3]

---

[1] Абдулҷаббор ибни Аҳмад ал-Ҳамадонӣ. Шарҳ ал-усул ал-хамса. - Ал-Қоҳира, 2006. С. 142-146.
[2] Абдулҷаббор ибни Аҳмад ал-Ҳамадонӣ. Шарҳ ал-усул ал-хамса. - Ал-Қоҳира, 2006. С.142-1.42-143.
[3] Ҳамон ҷо. С. 144.

Муътазилиён баҳс мекунанд, ки шахси оқил медонад, ки ба даст овардани фоида ва беҳбудӣ ва пешгирӣ аз зарар ба манфиати ӯст. Агар ба мардум зулму ситам расонанд, онро бояд бас кард. Барои татбиқи ин усул ду нуқтаи назар вуҷуд дорад. Мувофиқи ақидаи аввал, танҳо имомон (*а'имма*) барои иҷрои ҷазоҳои муқарраршуда (*ҳудуд*), муҳофизати марзҳо, бандарҳои баҳрӣ, нигоҳ доштани артиш ва таъйини қозиҳо ва роҳбарони дигар масъуланд. Одамон умуман (*кā̆ффат ан-нас*), метавонанд бар зидди майнӯшӣ, дуздӣ, зино ва амсоли инҳо чора андешанд. Аммо, агар ҳокими қонунӣ вуҷуд дошта бошад, беҳтар аст, ки ӯ ин вазифаҳоро иҷро кунад. Мувофиқи ақидаи дуюм, ин вазифаи дастаҷамъӣ аст (*фарзи кифоя*), ки иҷрои он аз ҷониби баъзеҳо ашхоси дигарро аз иҷрои он озод мекунад. Дар ин ҳолат, агар шумораи кофии одамон масъулияти татбиқи ин усулро бар дӯш гиранд, то ки мардум роҳи дурустро пеш гиранд ва бар зидди бадфитратию бадахлоқӣ муқобилат кунанд, он узвҳои дигари ҷомеаро барои иҷрои ин вазифа озод хоҳад кард.[1] Новобаста аз он ки ин усул тавассути ҳоким ё аз ҷониби баъзе ашхоси алоҳида ба иҷро мерасад, ҳадафи асосӣ аз он иборат аст, ки бояд механизме вуҷуд дошта бошад, ки мардумро ба корҳои нек амр диҳад ва аз амалҳои бад манъ кунад. Ал-Замахшарӣ онро «вазифаи дастаҷамъӣ» (*фарз 'ала-л-кифāя*) медонад, ки иҷрои он аз ҷониби баъзе одамон дигаронашонро озод мекунад.[2] Хулосаи калом, се хусусияти асосии усули муътазилиҳо дар бораи ал-амр би-л-ма'руф ва ан-наҳй 'ан ил-мункар вуҷуд дорад: пайдарҳамӣ дар нуқтаҳои назари онҳо, ҳамҷинсии усули кор дар фазо ва вақт ва фаъолнокӣ дар дараҷаҳои гуногун.

Аз ин гуфторҳо чунин натиҷа гирифтан мумкин аст, ки таълимоти муътазила, бо вуҷуди он ки як навъ мактаби озодандешӣ дар ислом аст, аммо то ҳадде хусусияти тоқатнопазирӣ низ вуҷуд дорад. Вақте сухан ба баҳс дар бораи баъзе таълимоти хоссаи ислом меравад, равияҳо ва пайравони муътазила ҳам далелҳои ақлӣ ва ҳам нақлӣ ба кор бурда, бархе аз онҳо то ҳадде рафтаанд, ки тибқи ақидаашон фалсафа ақл ва тафаккури инсонро ба ҷонибӣ бединӣ моил

---

[1] Абдулҷаббор ибни Аҳмад ал-Ҳамадонӣ. Шарҳ ал-усул ал-хамса. - Ал-Қоҳира, 2006. С. 148.
[2] Ниг.: Cook M. Commanding Right and Forbidding Wrong in Islamic Thought. Cambridge: Cambridge University Press, 2000, 5:436.

месозад ва пас, баҳсҳояшон гоҳе ба сӯи таҳаммулнопазирӣ, ба хусус дар даврае, ки онҳо мақоми расмии давлатӣ дошта буданд.

Ҳамин тариқ, панҷ усули муътазилиҳо дар доираи услуби ақлгароии онҳо қарор дошт ва онҳоро дар доираи ин услуб ба таври худ, ки ба таълимоти ортодоксии ислом баъзан ихтилоф дошт, маънидод мекардаанд. Ҳарчанд ҳанӯз дар ин таълимоти муътазилиён афкори илоҳиётшиносӣ бартарӣ дошт, аммо таъвилҳои ақлгароии онҳо барои пайдоиши фалсафаи онҳо ва минбаъд барои фалсафаи мактабҳои фикрии ақлгарои исломӣ заминаҳои устувор эҷод намуд. Дар усул-ул-хамса низ онҳо дар матлабҳои зиёд назар ба фақеҳону уламои муътадили ислом фарқ мекунанд ва аз ин рӯ, ба эътиқоди муътазилиён дар ҳамаи давраҳои ташаккулёбии афкори динию фалсафии исломӣ мухолифатҳои зиёд ба мушоҳида мерасанд.

## § 2. Хусусиятҳои ақлгароии таълимоти муътазила бар пояи назарияҳои метафизикӣ ва табиатшиносии он

Фазои санҷишҳо ва озмоишҳои нахустини муътазила, ки мавзуъ, миқёс ва соҳаҳои ба кор бурдани фанҳои нав – илмҳои табиатшиносиро муайян мекарданд, ҳамагӣ пас аз якуним аср аз муносибати илоҳиётшиносон ба он фанҳо пурра фарқ мекард. Намояндагони табиатшиноси муътазилӣ, ба истилоҳ, дар сояи таъсири чандинасраи мактабҳои фикрии гуногуни ҳам дохилии ислом ва ҳам берун аз он, хусусан эллинизми Юнони қадим дар сарзаминҳои марказии Шарқи Наздик фаъолият мебурданд ва он таъсире ба ҳисоб меравад, ки ба ҳаёти зеҳнӣ ва динии ин минтақа амиқан ворид шуда буд. Ба фазли иртиботи ногузир бо осори намояндагони ин анъанаҳои зеҳнӣ, мутафаккирони муътазила бо ақидаҳое рӯ ба рӯ шуда, ба ғояҳои хоссае вокуниш нишон доданд, ки сарчашмаҳои онҳо ошкоро ва ё бавосита дар низомҳои фалсафӣ ва динии қадима реша доштанд ва ҳатто баъзе аз ин ақидаҳоро дар таҳлилҳо ва шаклбандиҳои низоми фикрии худашон, ки бунёди мавзуъҳои каломӣ буданд, ногузир мавриди таҳлилу баррасӣ қарор доданд.

Аз миёни онҳо, чунонки қайд гардид, таъсири эллинизми юнонӣ қавитар ва амиқтар буд. Табиист, ки ин вохӯрӣ бо эллинизм мундариҷа ва барномаи фалсафии каломиро дар назарияҳои метафизикӣ ва табиатшиносӣ равшан зоҳир мегардад. Аз ин ҷо, тадқиқотҳои зиёди ин давраи аввал ба миён омада буданд, аммо вазъияти таҳқиқи онҳо аз он ҷиҳат мураккаб аст, ки ягон матни давраи қаблии муътазилиён то ба мо нарасидааст ва тамоми иттилооти мо аз пораҳои дар матнҳои баъдӣ ҳифзшуда гирифта мешаванд. Бо вуҷуди ин, дар кӯшиши барқарор кардани рушди табиатшиносии муътазила ва ҷанбаҳои ақлгароии он, мо бо мушкилоти методологие дучор мешавем, ки ба ихтилофоте монанд ҳастанд, ки дар онҳо, масалан, сабабҳои пайдоиши фирқаҳо ё бидъатҳо баррасӣ мешавад.[1] Мавзуъҳое, ки бо масоили ақлгароӣ фаро гирифта шудаанд, асосан ба мушкилоти табиатшиносӣ-кайҳоншиносӣ марбутанд, ки ба маънои васеъ аз

[1] Drijvers H, Bardaican of Edessa. Gronigen: Van Gorcum, 1966, p. 137.

мушкилоти табиат ва сифатҳои ашёе, ки оламро ташкил медиҳанд, инчунин мушкилоти иллату маълули ашё ва табиати инсонӣ бармеоянд.

Аввалин масъалаи кайҳоншиносӣ дар доираи омӯзиши масоили табиатшиносӣ, яъне табиат ва сифатҳои ашё, барои таълимоти каломи муътазилӣ муҳим ба шумор меравад, зеро он барои баррасӣ ва муҳокимаи масоили дигари табиатшиносӣ ва мавзуъҳои вобастаи он дар таълимоти муътазилӣ асос мегузорад. Ҳамин тариқ, дар ибтидои рушди каломи муътазилӣ се назарияи табиат ва сифатҳои ашёро ёфтан мумкин аст, ки ҳамаи онҳо аз фалсафаи қадимаи эллинӣ сарчашма мегиранд. Онҳоро дар асарҳои нахустини муътазила ва инчунин таълимоти санавиён (дуалистҳо) ва ба ном «файласуфони табиатшинос» (*даҳрия, аҳл-ут-табā‘ия, асҳāб ал-ҳайула*) мушоҳида кардан мумкин аст. Ба қатори ин мавзуъҳо дохил мешаванд: а) таълимот дар бораи он ки ашё ё ҷисмҳо аз маҷмуи аразҳо таркиб меёбанд; б) таълимот дар бораи он ки ашё ё мавҷудоти ақлонӣ аз маҷмуи ҷисмҳои ба ҳам воридшаванда иборатанд; в) таълимот дар бораи он ки ҷисмҳо аз ҷузъҳо (атомҳо) ва аразҳои ба онҳо хос иборатанд. Тибқи ақидаи пайравони таълимоти аввал (*асҳāб ул-‘араз*, яъне Дирар ибни Амр (ваф. 200/815), Ҳафс Ал-Фард (тав. 195/810) ва Ал-Ҳусайн ан-Наҷҷāр (ваф. тақр. 220-230 / 835-845), олами офаридашуда танҳо аз аразҳо иборат аст ва аз ин рӯ объектҳои ҷаҳон аз маҷмуи аразҳое иборатанд, ки сифатҳо ва хосиятҳои онҳоро муайян мекунанд.[1] Пайравони таълимоти дуюм, яъне Ҳишом ибни Ал-Ҳакам (ваф. 179 /795), Ал-Асамм (ваф. 200/815), Иброҳим ибни Сайёр ан-Наззом (ваф. 220-230)/835-845) ва пайравони ӯ) боварӣ доштанд, ки олами офаридашуда танҳо аз ҷисмҳо иборат аст ва аз ин рӯ, ашёи он аз маҷмуи ҷисмҳои ба ҳам воридшаванда ташаккул ёфтаанд, ки хосиятҳо ва сифатҳои онҳоро муайян мекунанд. Ниҳоят, пайравони таълимоти сеюм, ки дар байни мутакаллимони давраи баъдӣ васеъ паҳн шуда буданд, боварӣ доштанд, ки олами офаридашуда аз атомҳои ҷисмонӣ ва аразҳои ғайриҷисмонии хосси онҳо ва инчунин аз таркиби ин атомҳои мутааллиқ ба аразҳо барои ташаккул ёфтани воҳидҳои нисбатан бузургтар, ки ҷисми инсон ном дорад, ташкил меёбанд. Аз чунин

[1] Ал-Ашъарӣ Абу ал-Ҳасан. Мақолот ал-исломиин ва ихтилоф ал-мусалиин. – Висбаден, 1980. С. 307.

тавсифи мухтасари ин се таълимот дар бораи табиат ва сифатҳои ашё бармеояд, ки назарияи физикӣ дар асоси ин се формулаи рақобаткунанда коркард мешавад.[1] Таълимоти сеюм дар бораи табиат ва сифатҳои ашё, яъне атомизм, дар кайҳоншиносии муътазилиён мақоми махсус дорад ва ҳақиқатан дар суннатҳои ақлгароии исломӣ дар мадди аввал меистад. Дар баъзеҳо ҳолатҳо, рақобатҳои кайҳоншиносие, ки дар осори қадимаи юнонӣ байни атомистҳо аз як тараф ва стоикҳо, навафлотуниён ва машоиён вуҷуд доштанд, рақобате буд, ки онро Д. Фурли «бухрони кайҳоншиносии қадимаи классикӣ»[2] меномид ва он пас, аз чандин асрҳо дар муҳити исломӣ, ки дар он мутакаллимони муътазилӣ пайравони атомистҳо буданд ва фалсафа, ки ақоиди навафлотуниён ва машоиёни юнониро тарафдорӣ менамуданд, ҷунбиши наверо ба вуҷуд овард. Робитаи байни суннатҳои ақлгароии машоӣ ва навафлотунияи классикии қадим ва файласуфҳои ҷаҳони ислом тавассути тарҷумаи матнҳои фалсафӣ ва илмии юнонӣ ба арабӣ, ки дар асрҳои нахустини пайдоиши ислом дар ин минтақа роиҷ буд, маълум аст. Аксаран, таълимоти кайҳоншиносии файласуфҳои шарқӣ ба таълимоти машоиёни юнонӣ ва навафлотуниён наздик буданд.

Масъалаҳои муҳимтарини табиатшиносие, ки дар таълимоти муътазилиён матраҳ шуданд, таҳти саволҳои мантиқӣ-ақлгароӣ гузошта шуда, таҳлил мешуданд: оё ҷузъҳои аввалии зот, ки аз онҳо олам таркиб ёфтааст, кадомҳо ва чӣ гунаанд, сифат ва аҳкоми онҳо чӣ гуна аст? Ба қавли муътазилиён, ин гузориши саволҳоро дар алоҳидагӣ аз чунин саволҳои бунёдии гносеологии онҳо баррасӣ кардан мумкин нест: мо аз куҷо медонем, ки фалон чиз ҷузъи ниҳоӣ аст ва чӣ гуна мо метавонем сифатҳо ва хосиятҳои ин ҷузъҳои ниҳоиро донем? Асоси гносеологии тадқиқоти кайҳоншиносии юнониёни қадим кайҳо боз эътироф шуда буд ва ҳатто қабл аз пайравони Суқрот онро пазируфта буданд. Дар ҳақиқат, танқиди пайравони мактаби эллинӣ аз табиатшиносии монистии ибтидоӣ асосан хусусияти эпистемологӣ ва ақлгароӣ дорад. Аз ин рӯ, дар мубоҳисаҳои матнҳои табиатшиносии муътазилӣ пайдо кардани як таҳқиқоти

[1] Dhanani, A. Kalam and Hellenistic Cosmology: Minimal Parts in Basrian Mu'tazili Atomism. Ph.D. diss., Harvard University, 1991, p. 37-119.
[2] Furley D. The Cosmological Crisis in Classical Antiquity. Proceedings of the Boston Area Colloquium in Ancient Philosophy: Volume II , ed. John J. Cleary, Lanham: University Press of America, 1986, p. 1-19.

бунёдӣ бо масъалаҳои асосии гносеологӣ дар доираи ратсионализм ҳайратовар нест.

Ин масъалаҳо дар асари табиатшиносии Ал-Ҳасан ибни Аҳмад Ибни Маттавейҳи муътазилӣ (415/1025) «Ал-Тазкира фи аҳкāм ал-ҷавāҳир ва ал-а‘рāд» бо таснифи намудҳои гуногуни донишҳо ворид шудаанд. Ӯ изҳор мекунад: «Бидонед, ки маҷмуи донишҳо (*ал-ма‘лумāт аҷма‘*) бояд ба [синфҳо, гурӯҳҳо] аз тариқи нафй ва исботи чандинкарата тақсим шавад. Ҳамин тавр, он (яъне объекти дониш) ё дорои сифати вуҷуд [дар ин ҳолат он бо истилоҳи «мавҷуд» ишора карда мешавад], ё хусусияти мавҷудиятро надорад ва дар ин ҳолат он бо истилоҳи «ма‘дум» ишора карда мешавад. Гузашта аз ин, объекте, ки дорои сифати мавҷуд аст, ин хусусиятро дар [ягон] лаҳзаи ибтидоӣ ба даст меорад ё дар лаҳзаи аввал онро ба даст намеорад. Ин тақсимот ба тақсимоти қаблӣ монанд аст. Объекти донише, ки лаҳзаи ибтидоии мавҷудиятро надорад, ба ҷуз аз Худои ҷовидонӣ (*ал-қадим*) касе нест».[1]

Мутафаккир дар коркарди масоили вобаста ба шинохти табиат дастгоҳи истилоҳоти зиёдро ба кор бурдааст: истилоҳи «офаридашуда» («муҳдас») маънои объекти донишро дорад, ки он як навъ лаҳзаи муайяни ибтидоӣ шарҳ дода мешавад. Он чиро, ки офарида шудааст, метавон минбаъд ба он чизе тақсим кард, ки ҳангоми вуҷуд буданаш фазоро ишғол мекунад ва инчунин ҳар он чизе, ки ҳангоми вуҷудияташ фазоро ишғол намекунад. Аввали онҳо атом (ҷавҳар) ва дуюм араз аст. Танҳо як ҷинси атом вуҷуд дорад, аз ин рӯ зарурати зикр намудани тақсимоти он монанди араз, ки аз анвоъ ва ҷинсҳои гуногун таркиб меёбад, вуҷуд надорад. Маҷмуи ашё, ки дар натиҷаи исбот ҳамчун араз эътироф шудаанд, - рангҳо, маззаҳо, бӯйҳо, гармӣ ва хунукӣ, намӣ ва хушкӣ, маконҳо, таълиф, эътимод, алам, савт, ҳаёт, қудрат, шаҳват, ирода, нафрату кароҳат, эътиқод, гумон (занн), ақл ва қатъшавии вуҷуд (фано) ва ғайра ба шумор меравaнд. Хулоса, ин тасниф, ки бар асоси тақсимоти се меъёр, яъне меъёрҳои вуҷудият, пайдоиши муваққатӣ ва мавқеи фазоӣ, тасдиқ мекунад, ки дониши мо аз дониш дар бораи ашё, ки вуҷуд надоранд ва дониш дар бораи объектҳои

---

[1] Ибни Маттавейҳ. Ат-тазкира фи аҳком ал-ҷавоҳир ва ал-аъроз. - Ал-Қоҳира, 1975. С. 62.

мавҷудбуда иборат аст. Объектҳое, ки вуҷуд доранд, аз Худои абадӣ, атомҳо ва аразҳое, ки пайдоиши муваққатӣ доранд, иборатанд. Илова бар ин, атомҳо (ва ҷисмҳои таркибдиҳандаи онҳо) маконро ишғол мекунанд, аммо аразҳое, ки шумораи онҳоро то бисту ду навъ ҳисоб кардаанд, маконро ишғол намекунанд.[1]

Дар бораи ин таснифот ду шарҳи пешакиро гуфтан мумкин аст: аввалан, ин онтология, ки дар он объектҳои олам аз Худо, атомҳо ва аразҳо иборат аст, дар ин сатҳи бунёдӣ онтологияи пароканда аст. Дар чунин низом ин се воҳиди онтологӣ бояд бори тавзеҳот ва шарҳу эзоҳи ҳамаи падидаҳои ҷаҳон, хоҳ ҷисмонӣ ва хоҳ руҳонӣ, инчунин барои муносибатҳои байни онҳо, масалан, муносибати сабаб (иллат) ва натиҷа (маълул) ва ҳатто барои фаъолияти илоҳӣ бар дӯш дошта бошанд. Бояд тазаккур дод, ки принсипи сабабият дар ҳамбастагӣ ва таъсири мутақобилаи табиат ва ҷомеа чуноне ки З. Вазиров қайд намудааст, «яке аз комёбиҳои бузурги калом мебошад. Аммо мутакаллимони алоҳида, сабабият ва робитаи байниҳамдигарии онҳоро то ҳадафҳои мутанoҳӣ расонда, дар афкорашон вижагиҳои илоҳиётшиносӣ бартарӣ дорад».[2]

Тавре ки мо дар зер хоҳем дид, назарияи сифатҳо ва назарияи аразҳои муътазилӣ, алалхусус, хусусиятҳо (аҳком)-и ҳар як арази мушаххас (масалан, хосиятҳои атом) хеле рушд ёфтаанд ва дар шарҳи падидаҳои дар боло зикршуда нақши муҳим доранд. Баъзе мисолҳои хеле мухтасари онҳо чунинанд: а) Худое, ки муътазилиён ба он бовар доранд, дорои сифатҳои аввалия аст: Ӯ - абадӣ (*қадим*), зинда (*ҳайй*), доно (*ʻāлим*), қудрати амали мустақилро дорад (*қāдир*) ва вуҷуд дорад (*мавҷуд*). Аз ҷониби дигар, амалҳои хоҳиш (*ирāда*) ё нафрат (*карāҳа*) ва аз ин рӯ, фармонҳо ва суханони Ӯ муваққатӣ буда, хусусияти аразӣ доранд;[3] б) соҳаҳои бештар маъмули таҷрибаи инсонӣ низ дар ҳамин чорчӯба шарҳ дода шудаанд. Тавре ки таснифоти Ибни Маттавейҳ нишон медиҳад, мутакаллимон танҳо як намуди ҷавҳар, ё дурусттараш, зерсохти моддӣ, яъне атом ва аз ин рӯ, ҷисмҳоро, ки аз муттаҳидшавии маҷмуи атомҳо иборатанд, баррасӣ менамоянд. Онҳо бар хилофи ҳамтоёни худ - файласуфҳо, дар

[1] Ибни Маттавейҳ. Ат-тазкира фи аҳком ал-ҷавоҳир ва ал-аъроз. - Ал-Қоҳира, 1975. С. 33-34.
[2] Вазиров З. Социально-политическое учение калама. Душанбе, 1993. С. 6.
[3] Frank R. Beings and their Attributes: The Teaching of the Basrian School of the Muʻtazila in the Classical Period. Albany: State University of New York Press, 1978, p. 55.

онтологияи худ барои шарҳу тафсири падидаҳое, ки бо мавҷудоти зинда иртибот доранд, нафси ғайримоддӣ надоранд. Дар низоми фикрии онҳо ин вазифа ба аразҳо вогузор карда мешавад, ки аз ин сабаб дар тавсифи зуҳуроти психологии фикр, ирода, хоҳиши ҳадсӣ ва инчунин феълу амал нақши муҳим доранд. Дар шакли умумитарин ин матлаб чунин ба назар мерасад: мутакаллимон бовар доранд, ки атомҳо метавонанд бо ҳам пайваст шуда, ҷисми калонтарро ташкил кунанд. Аммо вақте ки ҷисм дорои таркиб ё сохтори муайян (*бунйа*) ҳаст (дар мисоли сохтори бадани инсон ё ҳайвон) имконпазир мегардад, ки аразҳои ҳаёт дар ҳар як ҷузъҳо (атомҳо)-и таркибии он мавҷуд бошанд, ки он дар навбати худ замина барои вуҷудияти аразии қувваи худмухтори амал, хоҳиш, дониш, хоҳиши ҳадсӣ ва ғайра муҳайё мекунад.[1] Аммо дар муқоиса бо вуҷудияти ранг дар ҷузъ (атом)-и мушаххас, дар бораи ин қувваҳои аразии мустақили феъл, хоҳиш, дониш ва ғайра, тасдиқ кардан мумкин нест, ки онҳо ба ягон ҷузъ (атом)-и алоҳидае мансуб бошанд, ки он ҷисми инсонро ташкил медиҳанд, балки онро дар нисбати ҷисми инсон дар маҷмуъ ифода кардан мумкин аст. Ҳамин тариқ, ҷисм дар маҷмӯъ ба атом ба он маъно монанд аст, ки дар он аразҳое монанди дониш вуҷуд доранд. Ин аразҳо дар якҷоягӣ бо баъзеи дигар амалҳои мавҷуди зинда инчунин амалҳои фоъилҳои худихтиёриро низ шарҳ медиҳанд; в) шарҳу тавзеҳ дар бораи қобилияти инсон барои муошират бо олами беруна ва ҳамчун фоъил амал кардани ӯ аст. Масалан, муаллим дар шогирд донишеро бедор мекунад ё шахсе бо зарба задан ба шахси дигар дард меорад ё шахсе бо партофтани санг онро ба ҳаракат медарорад.[2]

Муътазилиҳо ба монанди ҳамаи мутакаллимон эпистемологҳои воқеъбин (реалист) буданд. Онҳо итминон доштанд, ки ҷузъҳои таркибии ниҳоии олам зотҳои воқеӣ ва мушаххас (на идеалӣ ва назариявӣ) мебошанд. Онҳо инчунин тасдиқ мекарданд, ки инсон дар бораи ин ҷузъҳои таркибӣ ва хосиятҳои онҳо дониши ҳақиқӣ дошта метавонад. Чунин эпистемологияи воқеӣ мустақиман муътазиларо ба ҳукми шаккоконае, ки тибқи он маърифати ашё чунонки онҳо

---

[1] Абдулҷаббор ибни Аҳмад ал-Ҳамадонӣ. Шарҳ ал-усул ал-хамса. С. 51-60.
[2] Ибни Маттавейҳ. Ат-тазкира фи аҳком ал-ҷавоҳир ва ал-аъроз. - Ал-Қоҳира, 1975. С. 104.

зотан вуҷуд доранд, имкон надорад, мухолиф мекунад. Ҳақиқатан, ин эпистемологияи воқеӣ дар пояи инкор намудани чунин ақидаи шаккокона қарор медиҳад. Намунаи муътазилии ин эпистемология аз ҷониби Абд-ул-Ҷаббор дар асараш бо номи «Ал-Муғнӣ», ки ба *ан-назар ва ал-ма‘āриф* бахшида шудааст, инчунин дар инкори имконияти ба чашм дидани Худо (*ру’йат ул-Бāрӣ*), новобаста аз он ки ин руъё дар ин олам хоҳад буд ё дар оянда, инъикос меёбад.[1]

Дар ҷараёни баҳс дар бораи он ки Худоро ҳеҷ гоҳ ба таври босиравӣ мушоҳида кардан мумкин нест, Абд-ул-Ҷаббор дар бораи тахайюлоти босиравӣ ба мубоҳиса ворид мегардад, ки он асоси баҳси шаккокона бар зидди ҳақиқати дарки босиравие, ки онро дар фалсафаи атиқаи юнонӣ тарафдорӣ менамуданд ва аз ин рӯ, донишҳои бадастомада дар натиҷаи чунин идрок донишҳои даркшавандаанд, мебарояд. Абд-ул-Ҷаббор ин далели шубҳанокро рад мекунад ва ҳақиқати идрокро шадидан ҳимоя мекунад. Идрок, - мегӯяд, Абд-ул-Ҷаббор, - «объекти даркшавандаро наметавонад тавре нишон диҳад, ки он дар ҳақиқат вуҷуд дорад (*‘ала мā ҳува биҳи*). Аз ин рӯ, идрок танҳо сарчашмаи дониш аст».[2] Ин мавқеи қавии ӯст дар бораи ҳақиқати донише, ки аз ашёи тасаввуршаванда гирифта мешавад. Аслан, идома медиҳад Абд-ул-Ҷаббор, вақте ки инсон ашёро дарк мекунад, ӯ мутмаин аст, ки ин ашё дар ҳақиқат ҳамон тавр ҳастанд, ки ӯ дарк кардааст ва ӯ (ё нафси ӯ) барои чунин эътиқод ором аст ва худро аз ин эътиқод ба табиати ашё чӣ аз тариқи шубҳа ё шакк халос кунад.[3] Дар натиҷа, Абд-ул-Ҷаббор ва мутакаллимони дигари муътазилӣ дониши даркшударо ҳамчун донишҳои фаврӣ ё зарурӣ (*‘илм зарури*) тасниф мекунанд. Ҳамин тариқ, он аз ягона синфи дигари донишҳои эътирофшудаи муътазилиён, яъне донишҳои ғайримустақим ё бадастомада (*‘илм муктасаб*) фарқ мекунад. Масалан, дониши мо дар бораи Худо, ба ақидаи онҳо, бавосита аст, зеро он дар натиҷаи инъикос ба даст омадааст.

Муътазилиён инчунин дониши мустақими инсонро донишҳои ҳолатҳои ботинии инсон мешуморанд, масалан, шуури ӯ дар бораи он ки он айни хашм ё

---

[1] Абдулҷаббор ибни Аҳмад ал-Ҳамадонӣ. Ал-Маъно фи абвоб ал-тавҳид ва ал-адл. - Ал-Қоҳира, 1964. С. 41-68.
[2] Ҳамон ҷо. С. 70.
[3] Ҳамон ҷо. С. 70.

тарс ва ғайраро эҳсос мекунад ва инчунин дониши модарзодии ӯ дар асоси принсипи мухолифат сохта шудааст, масалан, он ки ду зиддият нисбат ба ҳамон як объект ё ки ҷисм наметавонад ва ё ҷисм дар як вақт дар ду ҷой вуҷуд дошта наметавонад, бошад, дуруст ҳисоб намекунанд. Аз ин ҷо бармеояд, ки дониши даркшаванда монанди дониши экзистенсиалии инсон дар бораи ҳолати ботинии худаш ва дониши пешакии ӯ дар бораи принсипҳои мантиқӣ ба мисли принсипи зиддиятҳо боэътимод аст. Ҳарчанд мутакаллимон эпистемологҳои воқеъгаро буданд, ақида доштанд, ки объекти даркшавандаи инсон донишест, ки баъзе ҷанбаҳои он ё бо истилоҳи муътазилиён баъзе «сифатҳо» -и онҳоро дар бар мегирад ва аз ин рӯ, объект бо зоти худаш ҳеҷ гоҳ танҳо тавассути идрок пурра шинохта намешавад. Аз ин рӯ, назарияи муътазилиён дар бораи сифатҳои ашё робитаи байни ашёро бо зоти худи он ва донишҳои инсон дар бораи он, ки дар натиҷаи идрок ба вуҷуд меояд, ташкил медиҳад.

Ба ақидаи Абд-ул-Ҷаббор, дониш дар бораи объекти даркшаванда ба тарзи эҳсос ва идроки он вай мувофиқат мекунад. Ӯ қайд мекунад, ки инсон «шайъро дар ҳоле ки он вуҷуд дорад, фақат аз рӯи сифатҳои махсуси он (*‘ала ахасс авсāфиҳи*) дарк мекунад, зеро ҳангоме ки шайъ вуҷуд дорад, он ҳатман бояд сифатҳояшро дошта бошад. Идрок донишро дар бораи [ҳама]-и онҳо ба даст намеорад, ба истиснои сифате, ки аз зоти ашёи даркшаванда бармеояд, масалан, ишғоли фазо (*таҳайюз*) аз ҷониби атом ва ё мисол, [араз]-и ранги сиёҳ бо навъи махсуси босиравие тавсиф мешавад, ки онро аз ашёҳои дигар фарқ мекунад».[1] Ҳамин тариқ, возеҳ аст, ки ашёи даркшавандаи олам метавонад дорои сифатҳо ва хосиятҳои зиёд бошанд, аммо объекти воқеии идрок сифатҳои хоссатарини онҳост. Ба ибораи дигар, сифате, ки тавассути он мо ашёро дарк мекунем, хусусиятест, ки тавассути он объекти даркшаванда аз навъҳои дигари объектҳои даркшаванда фарқ мекунад. Аз ин рӯ, ин сифати хосса ва мушаххас барои ҳар як навъи муайяни объектҳои дарккунанда ягона ва беҳамто буда, хусусияти муайянкунандаи ин навъ аст. Агар мо объектро бо сифате қабул кунем, ки хусусияти муайянкунандаи он набошад, дурустии идрок кафолат дода

[1] Абдулҷаббор ибни Аҳмад ал-Ҳамадонӣ. Ал-Маъно фи абвоб ал-тавҳид ва ал-адл. С. 61.

намешавад ва идрок боиси ҷаҳолат мегардад, зеро инсон дар ин ҳолат ашё ё падидаҳоро дуруст маърифат карда наметавонист.[1]

Дар мавриди атом, ки намунаи қолабии таълимоти муътазилиён аст, ин сифати хосс ва мушаххас, сифати фазо ва ҳаракат дар таълимоти табиатшиносии он мебошад. Аз ин бармеояд, ки ҳама гуна дониши минбаъда дар бораи объект, ба мисли «он вуҷуд дорад», - ғайримустақим ва бавосита мебошад ва он дуюмбора ҳамчун натиҷаи дониши ибтидоӣ дар бораи ашё, ки бар асари идроки бевоситаи ин сифати мушаххас падид меояд, ҳосил мегардад. Ба қавли Абд-ул-Ҷаббор, «дар натиҷаи идрок, мо медонем, ки шайъи даркшаванда вуҷуд дорад, гарчанде ки идроки [сифати мушаххас] ин хусусиятро ифода намекунад. Аммо, азбаски сифате, ки тавассути он шайъ дарк мешавад, бидуни вуҷудияти худи шайъ амалӣ намегардад, пас, чунин хулоса кардан мумкин аст, ки мо бояд дар бораи вуҷудияти он маълумот гирем».[2]

Дар истинод бар эпистемология ва назарияи сифатҳои ҷисм, ки дар боло мавриди таҳлил қарор гирифт, муҳокимаҳои муътазилиён дар бораи ҷузъҳо (атомҳо)-и олам, сифатҳо ва хосиятҳои онҳо бояд бар дониши инсон дар бораи олами беруна асос ёбад. Азбаски аз нигоҳи муътазилиён се навъи дониш вуҷуд дорад, яъне: аввалан, дониши мустақим дар бораи ашёи маъқули олам, ки тавассути идрок ҳосил мешавад; сониян, касби дониш дар бораи ашёи ғайримаъқули олам, ки дар бораи вуҷудияти онҳо мо дар асоси исбот ва ё далелҳо хулоса мебарорем; сеюм, дониши касбшуда дар бораи субъектҳои ғайримавҷуд - ҳама гуна муҳокимаҳо дар бораи ҷузъҳои олам ва хосиятҳои онҳо бояд дар ниҳоят аз он вобаста бошад, ки ин се намуди дониш мавҷудияти як ҷузъ ё таркиби мушаххасро чӣ тавр тасдиқ ё инкор мекунанд. Ҳамин тавр, возеҳ аст, ки эпистемология ва табиатшиносию кайҳоншиносии муътазила дар бораи ҷузъҳо, унсурҳои олам ва хосиятҳои онҳо бо ҳам зич алоқамананд ва аз ин рӯ, тааҷҷубовар нест, ки баҳсҳои табиатшиносии онҳо, бахусус дар бораи ҷузъҳо (атомҳо), аразҳо ва хосиятҳои онҳо мақоми хосса пайдо мекунанд.

[1] Ан-Нисобурӣ Абу ал-Рашид. Масоил ал-хилоф бан ал-бағдодиин ва ал-басриин. – Бейрут, 1979. С. 31.
[2] Абдулҷаббор ибни Аҳмад ал-Ҳамадонӣ. Ал-Маъно фи абвоб ал-тавҳид ва ал-адл. С. 61.

Масъалаи араз масъалаест, ки таваҷҷуҳи мутакаллимони муътазилиро аз ибтидои пайдоиши ин мактаби фикрӣ ҷалб карда буд. Ал-Ашъарӣ мавқеъҳои мухталифи онҳоро дар робита ба саволи зерин чунин баён кардааст: «Чаро мавҷудоте, ки дар аҷсом вуҷуд доранд, араз номида мешаванд? Баъзеҳо гуфтаанд: «Ҷисмҳо чунин номро барои он гирифтаанд, ки онҳо падидаҳои муваққатӣ мебошанд ва ҷисмҳо пайдо шуда, дар онҳо вуҷуд доранд (*тақуму биҳа*)». Онҳо вуҷудияти аразҳоеро рад карданд, ки дар ягон макон нестанд (*лā фи макāн*) ва аразҳое, ки дар ҷисм офарида нашудаанд. Ин таълимоти ан-Наззом ва бисёр муътазилиҳои пайрави ӯ (*аҳл ан-Наззāм*) аст[1]. Ал-Ашъарӣ дар идомаи он тафсилот ва муносибати муътазилиҳои дигарро низ ба масъалаи араз овардааст, ки ба таври маҷмуъ чунинанд: баъзе гурӯҳҳо аразҳоро ба сабаби он чунин ном намондаанд, ки аразҳоро падидаҳои муваққатӣ шуморидаанд ва гӯё онҳо дар ҷисмҳо зоҳир мешаванд, дар ҳоле ки имкони пайдоиши аразҳо дар мавҷуде ё ҳодисае имкон дорад, ки он ҷисм нест, монанди лаҳзаи вақт, қатъи ҳаёт (*фанā*), феъли офаридан ва ғайра. Ин таълимотро ӯ ба Абу-л-Ҳузайл мутааллиқ медонад. Гурӯҳи дигар онро ба иллати он араз номидааст, ки он гузаранда аст. Ин мафҳумро, ба қавли онҳо, аз як ояти Қуръон гирифтаанд: «Онҳо гуфтанд: «Ин абрест (ʻāриз), ки бар мо борон меборад».[2] Онҳо онро «*ʻāриз*» меномиданд, зеро он гузаранда аст. Ба ин маънӣ, дар Қуръон оятҳои дигар ҳам ҳастанд, ки дар бораи аҳамият надоштани молу сарвати дунё ҳарф мезанад. Ҳамин тариқ, сарвати дунё низ «гузаранда» номида мешавад, зеро он ба охир мерасад ва аз байн меравад. Ал-Ашъарӣ дар бораи гурӯҳи дигар низ маълумот овардааст, ки тибқи ақидаи онҳо араз ба ин хотир чунин номгузорӣ шудааст, ки он ба зоти хеш вуҷуд надорад (*лā йақуму бинафсиҳи*) ва навъи ягон ҷинсе нест. Гурӯҳи дигар низ аз ҷониби ӯ тавсиф дода шудааст, ки тибқи ақидаи онҳо моҳияте, ки дар ҷисмҳо вуҷуд дорад, араз буда, он дар мувофиқат бо муътазилиёни дигар қабул шудааст. Ба қавли ин гурӯҳ, « агар касе истифодаи ин истилоҳ (яъне араз – Қ.Қ.)-ро мехоҳад инкор кунад, мо ба ӯ далеле (*ҳуҷҷа*) на бар асоси Қуръон, на бар асоси

---

[1] Ал-Ашъарӣ Абу ал-Ҳасан. Мақолот ал-исломиин ва ихтилоф ал-мусалиин. С. 369-370.
[2] Қуръон 46:24.

суннати Паёмбар, на бар асоси иҷмоъи ҷомеа ва на бар пояи тафсирҳои луғатшиносон дода наметавонистем.[1]

Аён аст, ки «араз» дар баробари масъалаи фазо, масъалаест, ки мутакаллимони ибтидоӣ ва ворисони онҳоро амиқан аз ҳам ҷудо кардааст, аммо ҳамаи онҳо мувофиқ бар як ақида будаанд, ки аразҳо гузарандаанд. Аммо мушкили давомнокии воқеии ҷараёни сареи онҳо ду роҳи мухолифи ҳаллу фасли онро дошт: аз як тараф, қарори мутлақи окказионалӣ вуҷуд дошт, ки он ба ан-Наззом нисбат дода шудааст. Тавре ки мо дар боло қайд кардем, ягона аразҳо дар системаи ақоиди ӯ ҳаракатҳо мебошанд. Мутакаллимунҳои баъдӣ баҳс мекарданд, ки ба андешаи ан-Наззом, ин ҳаракатҳо ва инчунин ҷисмҳое, ки ба онҳо шомиланд, танҳо як лаҳза давом мекунанд ва аз ҷониби Худо аз сари нав дар ҳар лаҳзаи вақт офарида мешаванд.[2] Намунаи тағйирёфтаи аразшиносии муътазилиҳои баъдӣ талқин мекард, ки аразҳо наметавонанд зиёда аз як лаҳза вуҷуд дошта бошанд, дар ҳоле ки атомҳо ва ҷисмҳое, ки ба онҳо дохил мешаванд, метавонанд муддати тӯлонӣ вуҷуд дошта бошанд, зеро Худо метавонад дар онҳо арази «идомаи вуҷудият» (*бақо*) -ро эҷод кунад. Ин ақидаи асфариён ва муътазилиёни Бағдод буд.[3] Ал-Ашъарӣ ин мавқеъ, алалхусус нисбати масъалаи аразҳоро дар ақидаи Абу-л-Ҳузайл чунин баён мекунад, ки ба ақидаи вай аразҳо дар худ инчунин аразҳои дигареро дар бар мегиранд, ки метавонанд барои муддати тӯлонӣ вуҷуд дошта бошанд ва ё аразҳое, ки зиёда аз як лаҳза вуҷуд дошта наметавонанд. Ба андешаи Абу-л-Ҳузайл ҳаракат наметавонад зиёда аз як лаҳза вуҷуд дошта бошад, дар ҳоле ки баъзе аразҳои сукун ё ором метавонанд муддати тӯлонӣ арзи вуҷуд кунанд. Ал-Ашъарӣ дар идомаи ин фикр навиштааст, ки Абу-л-Ҳузайл «тасдиқ мекард, ки оромии сокинони биҳишт сукунест, ки то [беҳудудӣ] идома ёбад. Ҳамин тавр, дақиқан ҳудуси маконҳо (*акван*) ва ҳаракатҳои онҳо то ба нуқтаи ниҳоӣ расиданашон фосилавӣ ва детерминистӣ мебошад. Вай исбот кард, ки рангҳо то даме вуҷуд дошта метавонад, ки агар таъм, бӯй ва [аразҳои] ҳаётии онҳо дар ҳастиашон

---

[1] Ал-Ашъарӣ Абу ал-Ҳасан. Мақолот ал-исломиин ва ихтилоф ал-мусалиин. С. 371.

[2] Encyclopaedia Iranica. 1 vol., Ed. E. Yarshater. London, Boston, and Henley: Roudedge and Kegan Paul, 1982, 275-280.

[3] Ал-Ашъарӣ Абу ал-Ҳасан. Мақолот ал-исломиин ва ихтилоф ал-мусалиин. С. 358.

идома меёбанд. Қувваи мустақили феъл [инчунин] бе ҷойгирӣ дар макон идома дорад».[1]

Аз ин порча маълум мешавад, ки ба қавли Абу-л-Ҳузайл , ҷисмҳо ва мувофиқан атомҳое, ки онҳоро таркиб додаанд ва инчунин баъзе аразҳо метавонанд муддати тӯлонӣ вуҷуд дошта бошанд. Аз ин рӯ, ақидаҳои ӯ ҳам ба аразшиносии пешина ва ҳам тағйирёфтаи ҳамзамононаш мухолиф буданд, зеро вай ба идомаи мавҷудияти баъзе аразҳо иқрор буд, дар ҳоле ки дигарон идомаи мавҷудияти ҳамаи аразҳоро инкор мекарданд. Бо вуҷуди ин, нуқтаи назари ӯ бо аразшиносии тағйирёфта ба ҳадде мувофиқтар буд, ки он имконияти вуҷудияти пайваста ё пайдарҳамии ҷисмҳоро ҷоиз медонист. Ҷолиби диққат аст, ки Абу-л-Ҳузайл бо аразшиносоне, ба мисли ан-Наззом ҳамфикр буд, ки онҳо боварӣ доштанд, ки арази ҳаракат наметавонад идома ёбад ва он танҳо як лаҳза давом меёбад.[2] Абу-л-Ҳузайл барои фаҳмондани сабаби он ки чаро баъзе аразҳо, атомҳо ва ҷисмҳо метавонанд муддати тӯлонӣ вуҷуд дошта бошанд, маҷбур мешавад, ки ба ғояи динии он мурочиат намояд - аз он сабаб, ки Худо барои вуҷуди онҳо амр медиҳад: «Кун файакун» («Бош, то бишавад!»). Дар баробари ин, ӯ қайд мекунад, ки «бори тавзеҳ додани сабаби мавҷудият ва идомаи ин ашё бар дӯши онҳое афтодааст, ки ба мавҷудияти идомаи аразҳо ва атомҳо бовар кардаанд, на бар дӯши онҳое, ки мавҷудияти идомаи худро инкор карда, мегӯянд, ки онҳо дар ҳар лаҳза дубора аз нав эҳё мешаванд».[3]

Дар маълумоти Ал-Ашъарӣ далели возеҳе вуҷуд надорад, ки ба ақидаи Абу-л-Ҳузайл , Худо бояд ҳар лаҳза фармон диҳад, ки ашё ё падида дар лаҳзаи баъди он ҳатман идомаи вуҷуд дошта бошад. Эҳтимолияти кам ҷой дорад, ки ба ақидаи мутафаккир, чунин амри илоҳӣ бояд дар ҳар лаҳза дода шавад, зеро ин маънои онро медошт, ки мавқеи Абу-л-Ҳузайл аз мавқеи муътазилиёни Бағдод, ки онро Ал-Ашъарӣ дар китобаш алоҳида зикр кардааст, фарқ надорад. Он мавқеест, ки муътазилиёни бағдодӣ барои Худо мувофиқ намудани идомаи мавҷудияти ҷисмҳо ё атомҳоро бо ташкил додани аразҳои идомаи вуҷудияти

---

[1] Ал-Ашъарӣ Абу ал-Ҳасан. Мақолот ал-исломиин ва ихтилоф ал-мусалиин. С. 358-359.
[2] Ибни Маттавейҳ. Ат-тазкира фи аҳком ал-ҷавоҳир ва ал-аъроз. С. 459 и 467.
[3] Ниг.: Ал-Ашъарӣ Абу ал-Ҳасан. Мақолот ал-исломиин ва ихтилоф ал-мусалиин. С. 366.

онҳо дар ҳар лаҳзаю вақт зарур мешумориданд. Дар ин ҳол, Абу-л-Ҳузайл барои Худо дар ҳар лаҳза фармон додани «вуҷуд доштанро идома диҳед!» дар вақти дилхоҳ баҳри ашё (аз ҷумла аразҳо), ки бояд вуҷудияташонро идома диҳанд, зарур медонад. Чунин тафсири таълимоти Абу-л-Ҳузайл бо ақидаҳои ӯ дар бораи нобудшавии атомҳо мувофиқат намекунад, зеро, тавре ки муфассири ин масъала Ибни Маттавейҳ дар назарияаш дар бораи нобудшавии атомҳо иброз медорад, «... ё нобудшавии атомҳо натиҷаи фармони Худо мебошад. Ин таълимоти Абу-л-Ҳузайл аст».[1] Аз ин рӯ, агар ба Худо зарур бошад, ки чизеро, ки барои муддати тӯлонӣ вуҷуд дошта метавонад, маҳв созад, нобудшавии он наметавонад натиҷаи далели он бошад, ки Худо амр надодааст. Аммо, тавре ки дар боло дидем, онҳо, ба фарқ аз дигар аразҳо ашёи зербинояшонро надоранд.

Мутакаллимони муътазилии баъдии басрӣ қисман ба ақидаҳои Абу-л-Ҳузайл пайравӣ мекарданд, зеро онҳо мутмаин буданд, ки баъзе аразҳо метавонанд муддати тӯлонӣ идома ёбанд. Аммо онҳо бо ақидаи ӯ розӣ нестанд, ки сабаби идомаи мавҷудияти аразҳо ё атомҳо фармони Худо – «вуҷудатро идома деҳ!» бошад. Муфассир Ибни Маттавейҳ изҳор мекунад: «Андешаи ҳаштум, ки мувофиқи он табдилёбии ҷузъҳо (атомҳо) метавон танҳо бо амрҳои илоҳии «фано шав!» (*ифна*) ва «нобуд шав!» (*иʻдам*) ботил аст. [Амри Худо] «бош!» буда наметавонад... Сабаб дар он аст, ки агар фармон дар нест кардани атомҳо муассир мебуд (*лаҳу та'сирун*), пас ҳар вақте ки мо [ҳамчун мавҷуди инсонӣ] ҳамон як амрро талаффуз намоем, атомҳо бояд нобуд шаванд, зеро он чизе, ки фоъил аст, [дар фоъилии хеш] бо сабаби тағйир ёфтани фоъили аввал монанди тағйир ёфтани ҳаракат, ҳатто агар ин амрҳоро талаффуз кунем, дигаргун намешаванд. Аммо мо медонем, ки ҳатто агар мо ин фармонҳоро талаффуз кунем, ҷузъҳо (атомҳо) нобуд намешаванд».[2] Ҳамин тавр, муътазилиҳои басрӣ ин андешаро инкор мекунанд, ки атомҳо ё ҷисмҳо бо сабаби фармони Худо – «вуҷуд доштанро давом диҳед!», вуҷудияташонро давом медиҳанд, зеро дар муқоиса бо Худо вақте ки инсон низ чунин амр медиҳад,

[1]Ан-Нисобурӣ Абу ал-Рашид. Зиёдат ал-шарҳ. - Ал-Қоҳира, 1969. С. 131-132.
[2] Ал-Ашъарӣ Абу ал-Ҳасан. Мақолот ал-исломиин ва ихтилоф ал-мусалиин. С. 366.

ҳамон таъсирро надорад. Ба андешаи онҳо, сабаби мавҷудияти тӯлонии атомҳо ва баъзе гурӯҳҳои аразҳо комилан дигар аст: вуҷудияти минбаъдаи онҳо оқибати он аст, ки онҳо ба кадом чизҳо тааллуқ доранд. Абу-л-Ҳузайл бошад, муътақид аст, ки баръакс, атомҳо ва ҷисмҳое, ки онҳо ташкил медиҳанд, ба ғайр аз аразҳо, ба монанди ранг, мазза, бӯй, гармӣ, хунукӣ, намӣ, хушкӣ, ҳаёт, қувваи мустақили феъл, ҷойгиршавӣ, пайвастшавӣ ва ғайра метавонанд дар як муддати тӯлонӣ вуҷуд дошта бошанд, зеро онҳо хосиятҳои он навъҳои ашёи худи онҳо мебошанд.

Нобудшавии ҷузъҳо (атомҳо) ва аразҳои мухолифи онҳо принсипест, ки назарияи тағйироти муътазилиёни басрӣ бар он асос ёфтааст. Онҳо бовар намекунанд, ки Худо фаъолияти атомҳо ё ҷисмҳоро бо фармонаш таваққуф намояд. Бар ивази ин, онҳо муътақиданд, ки Худо онҳоро бо офаридани чизи муқобил (зидд)-и онҳо, аниқтараш арази қатъи вуҷуд (*фанā*) нобуд мекунад ва дар натиҷа онҳо аз байн мераванд. Бояд гуфт, ки ин арази қатъшавии вуҷудият танҳо як лаҳза идома ёфта метавонад ва ягон навъи субстратро ишғол намекунад. Пайравони Абу Ҳошим низ бар ин назаранд, ки ҳангоми ташаккул ёфтани атом, вай бояд аз рӯи табиати худ фазоро ишғол намуда, макони ҷойгиршавие дошта бошад, ки ба андешаи онҳо, араз аст. Дар ин лаҳзаи ташаккул ёфтани атом дар он набояд аразҳои дигар ҷой дошта бошанд.[1] Минбаъд бо сабабҳои гуногун дар атом аразҳои дигар пайдо шуда метавонанд. Масалан, инсон метавонад чунин аразҳо, ба монанди ҷойгиршавӣ (ки ҳаракатро дар бар мегирад), қувва, пайвастшавӣ, дард, садо аз берун, яъне аз дигар ҷисмҳо, инчунин аразҳои ақл, хоҳиш, нафрат, эътиқод ва ақидаро бевосита ё бавосита эҷод кунад. Аммо аразҳои ранг, мазза, бӯй, гармӣ, хунукӣ, намӣ, хушкӣ, ҳаёт, қудрати мустақили амал, хоҳиши ғаризӣ, пайдоиш ва нобудшавӣ бошанд, бевосита аз ҷониби Худо офарида шудаанд.[2] Худо инчунин метавонад бевосита ё бавосита он аразҳоеро, ки дар доираи имкониятҳои инсонӣ ҳастанд, эҷод кунад.

---

[1] Ан-Нисобурӣ Абу ал-Рашид. Зиёдат ал-шарҳ. - Ал-Қоҳира, 1969. С. 62.
[2] Ибни Маттавейҳ. Ат-тазкира фи аҳком ал-ҷавоҳир ва ал-аъроз. С. 284 ва 294.

Дар луғати табиатшиносии муътазилиҳо атом ва араз қариб ҳамеша бо истилоҳи ҷавҳар ба кор мераванд. Аммо, барои файласуфони машоияи шарқӣ худи ҳамон истилоҳ консепсияи онҳоро дар бораи моддаҳо ифода мекунад. Мутакаллимони муътазилии асри IX аз корбурди мухталифи мафҳуми ҷавҳар огоҳ буданд ва кӯшиш мекарданд, ки истифодаи хоси худро шарҳ дода истеъмоли махсуси худашонро бо дигарон муқоиса кунанд. Дар асри X, муътазилиён атомро ҳамчун чизе, ки «фазоро ишғол мекунад (*мутаҳаййиз*)», таъриф кардаанд. Ин таъриф вобастагии мутақобилаи назарияи моддаи муътазилӣ ва назарияи фазои онро таъкид мекунад, зеро ба гуфтаи ин муътазилиён, агар атомро ҳамчун чизе, ки фазоро ишғол мекунад, тасаввур накунанд, набояд баҳо дод. Вобаста ба он, масъала дар бораи вуҷудияти ҷойҳои холӣ дар фазо ба он иртибот дорад, зеро, аз нуқтаи назари муътазилиҳо,саволе матраҳ хоҳад шуд, ки оё фазои фосилавии байни ду атом холӣ буда метавонад ё на. Ҳамин тариқ, ин чор мафҳум – ҷавҳар, атом, фазо ва хало - асоси назарияи физикии муътазилиён ба ҳисоб мераванд.

Ҷавҳар шакли арабишудаи истилоҳи форсии гавҳар (дар забони паҳлавӣ ба маънои «модда») аст. Дар ҳақиқат, дар анъанаи файласуфони исломӣ низ ҷавҳар пеш аз ҳама моҳияти моддаро ифода мекунад ва атом бошад, бо ибораҳое чун «ҷузъе, ки тақсимнашаванда аст» ишора шудааст ва ғайра. Аз тарафи дигар, дар анъанаи каломи муътазилӣ, ҷавҳар қариб ҳамеша моҳияти ҷузъ (атом)-ро ифода мекунад, сарфи назар аз он ки дар фалсафаи минбаъдаи исломӣ он ҳамчун мақулаи ҷуфт ҳамроҳ бо «модда» (ҷавҳар-модда) ба кор меравад. Мутакаллимони муътазилӣ аз истифодаи махсус ва фарққунандаи ҷавҳар дар динҳои ҷаҳонӣ ва фирқаҳои гуногуни исломӣ огоҳ буданд. Ин матлаб аз маълумоти Ал-Ашъарӣ дар бораи намудҳои гуногуни истифодаи мафҳуми ҷавҳар дарак медиҳад. Ӯ навишта буд: «Насрониҳо бовар доштанд, ки ҷавҳар ба зоти худаш як мавҷуд аст (*ал-қāиму би-зāтиҳӣ*). Аз ин рӯ, ҳар он чизе, ки ба зоти худ мавҷуд аст, ҷавҳар аст ва ҳар як ҷавҳар – зоти хешро дорад. Баъзе фалсафашиносон (*мутафалсафа*) боварӣ доштанд, ки ҷавҳар чизест, ки ба зоти худ вуҷуд дошта, қабулкунанда (*қобил*)-и муқобил (*мутазадāт*) мебошад.

Баъзеҳо муътақид буданд, ки ҷавҳар, ҳангоме ки он вуҷуд дорад, ҳомили аразҳо буда метавонад. Муаллифи ин таълимот тасдиқ кардааст, ки ҷавоҳир худ ба худ (*би-анфусиҳā*) ҷавоҳиранд ва баҳс мекард, ки ҷавоҳир пеш аз зоҳир шуданашон маълум буда метавонанд».[1] Ин гуфтор ба Абу Алӣ-ул-Ҷуббоӣ тааллуқ дорад. Муътазилии дигар Ас-Солеҳ боварӣ дошт, ки ҷавҳар чизе аст, ки аразҳоро дар бар дорад. Ба андешаи ӯ, ҷавҳар метавонад вуҷуд дошта бошад, ҳатто агар Худо дар он араз офарида набошад ва ҷавҳар як зерсохтори аразҳо набуда, балки як макони эҳтимолиест барои онҳо.[2] Ин маълумот ба таври возеҳ нишон медиҳад, ки мутакаллимони муътазилӣ аз он, ки ҷавҳар истилоҳи духӯра аст, огоҳ буданд.

Он чизе, ки асари Ал-Ашъарӣ то рӯзҳои нигоҳ доштааст, рӯйхати истифодаи мухталифи истилоҳи «ҷавҳар» дар асри IX мебошад. Аз рӯи навиштаҳои ӯ, истифодаи нахустини «ҷавҳар», ки ба насрониён нисбат дода мешавад, маънои «зоти худ»-ро дорад. Ин шаклсозӣ ба масеҳиён имкон медиҳад, ки ҷавҳарро барои ифодаи ҳувияти Худо, яъне се сифати Ӯро, ки ҳувияти Сегонаи масеҳиро ташкил медиҳанд, истифода баранд. Се навъи истифодаи дигари ҷавҳар, ки дар бораи онҳо Ал-Ашъарӣ хабар додааст, муносибати ӯро бо аразҳо мефаҳмонад, яъне оё ҷавҳар ҳамчун ҷои нигаҳдории колбадҳо, ҳомил ё махзани онҳо хидмат мекунад. Аз маълумоти Ал-Ашъарӣ инчунин маълум мешавад, ки ҷавҳар дар ҳамаи ин ҳолат ба маънои «моҳият, ҳувият» ишора мекунад.

Насрониҳо ҷавҳарро мавҷуд ба зоти хеш, баъзе файласуфон онро мавҷуд ба зоти хеш бо иловаи колбади мутазоди он, Абу Алӣ-ул-Ҷуббоӣ онро ҳомили аразҳо ва Абу-л-Ҳусайн ас-Солеҳӣ онро колбади аразҳо медонистанд. Ҳамин тавр, ҳам мутакаллимони муътазилӣ, ҳам Ал-Ҷуббоӣ ва ҳам ас-Солеҳӣ, ки ба онҳо Ал-Ашъарӣ таълимоти сеюм ва чоруми маълумоташро ба онҳо нисбат медиҳанд, атомгаро буданд. Дар мавриди ас-Солеҳӣ бошад, Ал-Ашъарӣ дар ҷои дигар мегӯяд, ки вай изҳор доштааст, ки ҷузъҳои тақсимнашаванда (*ал-ҷуз' аллази ла ятаҷазза*) як ҷисмест, ки дар он аразҳо шомиланд. Айнан ҳамин тавр,

---

[1] Ал-Ҷувайнӣ Абу ал-Маъалло. Аш-Шомил фи усул ад-дин. – Ал-Искандария, 1969. С. 148.
[2] Ибни Маттавейҳ. Ат-тазкира фи аҳком ал-ҷавоҳир ва ал-аъроз. С. 149-150.

моҳияти ҷавҳар дар он ифода меёбад, ки он дорои аразҳо аст. Ҳамин тавр, ҷузъи ло-йатаҷаззо, ҳадди ақалл барои ас-Солеҳӣ, ба ҷавҳар ба ҳадде айният дорад, ки дар ҳар ду ҳолат он колбади аразҳо маънидод мегардид. Аз ин ҷо, ҷавҳар атомро ба он маъно ифода мекунад, ки он колбади аразҳо аст. Минбаъд айният додани ҷисм бо атом, ки аз ҷониби Ашъарӣ хабар дода шудааст, ба ас-Солеҳӣ тааллуқ дорад, зеро вай ба фарқ аз мутакаллимони дигар, боварӣ дошт, ки ҷисм аз як атом ташаккул ёфта метавонад.[1] Бояд қайд кард, ки ас-Солеҳӣ ягона мутакаллими муътазилие набуд, ки ҷавҳарро бо атом муаррифӣ кардаанд. Мутакаллими дигаре, ки дар китоби Ал-Ашъарӣ ишора шудааст, Абу Алӣ-ул-Ҷуббоӣ буд, ки ӯ дар пайравии баъзе мутакаллимони асри IX низ дар таълимоташ ҳамин гуна мушаххасот додааст. Хулосаҳои ӯро Ал-Ашъарӣ дар маълумоти дигар ба таври возеҳ баён кардааст: «Ҳар як ҷавҳар ҷисм нест. Ҷоиз нест, ҷавҳаре, ки тақсимнашаванда аст (*ла янқасиму*), ҷисм бошад, зеро ҷисм чизест, ки дарозӣ, паҳноӣ ва чуқурӣ дорад. Атоми ҷудогона чунин нест. Ин таълимоти Абу-л-Ҳузайл ва Муъаммар аст. Ин таълимотро [Абу Алӣ ] Ал-Ҷуббоӣ пайравӣ кардааст».[2]

Чунонки қаблан зикр карда будем, Ибни Маттавейҳ ҷузъҳо (атомҳо)-ро ҳамчун мутаҳаййиз, яъне чизе, ки фазоро ишғол мекунад ва сипас хосиятҳои зерини ҷузъ (атом)-ро, ки фазоро ишғол мекунад, тасниф менамояд: аввалан, он воҳиди калонеро аз тариқи ба худ илова намудани атоми дигар ташкил медиҳад; сонияи, он як қисми фазо (макон)-ро пур мекунад; он фазоро чен мекунад (*мā йуқаддиру тақдира-л-макāни*); он имкон намедиҳад, ки атоми дигаре дар он ҷое, ки худи он вуҷуд дорад, ҷой ишғол кунад. Ибни Маттавейҳ ба ин рӯйхат ду хосияти дигарро илова мекунад: аввалан, он имкон медиҳад, ки дар атом осоре аз аразҳо боқӣ намонад; сониян, онро тавассути ҳиссиёти биниш ва ламс ҳис мекунанд.[3] Барои ҳамин, ишғоли фазо аз ҷониби атом, ки бо истилоҳи *мутаҳаййиз* ишора карда мешавад, бояд ба ишғоли фазо аз ҷониби мавҷудоти ақлонӣ шабеҳ бошад. Далели он, ки мавқеи фазоии чунин мавҷудоти ақлонӣ

[1] Ибни Маттавейҳ. Ат-тазкира фи аҳком ал-ҷавоҳир ва ал-аъроз. С. 141-145.
[2] Ҳамон ҷо. С. 60.
[3] Ҳамон ҷо. С. 90-95.

мавҷудияти ҳаҷм ё массаро дар онҳо ифода мекунад, аз таҷрибаи ҳаррӯзаи мо равшан аст. Мутаҳаййиз, ба андешаи ин мутафаккир, наметавонад дар заминаи атомҳо маънои дигаре дошта бошад, яъне он наметавонад як навъи машғули фазо бошад. Аз ҷумла, маънои онро дошта бошад, ки вай дар фазо аст, аммо ҳамзамон фазоро мисли як нуқтаи математикӣ ишғол намекунад. Баръакс, барои он ки вай ҳам монанди ҷирми осмонӣ ҳамон маъноро дошта бошад, мутаҳаййиз бояд чизеро ифода кунад, ки дар фазо имтидод дорад ва монанди шайъе фазоеро ишғол намояд. Ин нуқтаи назар ба мутаҳаййиз ҳамчун ифодаи чизи соҳиби имтидод бо хосиятҳое, ки Ибни Маттавейҳ ва муфассири ӯ номбар кардааст, инчунин бо дигар хосиятҳое, ки онҳоро Ал-Боқиллонӣ ва Ал-Ҷувайнӣ зикр кардаанд, мувофиқат намояд. Ҳамин тавр, равшан мегардад, ки чизи соҳиби имтидод ҳангоме ки онро ба чизи дигари соҳиби имтидод пайваст мекунанд, дар ченакҳояш зиёд мешавад ва дар айни ҳол, чизи соҳиби имтидод бояд як қисмати фазоро ишғол намуда, дорои андозаи муайян бошад. Тасдиқи возеҳе, ки дар бораи мутаҳаййиз, дурусттараш шакли мухтасари он – «ҳаййиз» гуфтан мумкин аст, дар он ифода меёбад, ки он худ ба худ фазоро ишғол мекунад (*иннаҳу мутаҳаййизун би-нафсиҳи*). Гузашта аз ин, муносибати атом ба мутаҳаййизро монанди муносибати ҳастӣ ба атом тасаввур кардан душвор нест. Ифодаи «он чи фазоро тақсим мекунад, дар «Инсāф»-и Ал-Боқиллонӣ ҷой дорад: «Ҷавҳар чизест, ки як қисми фазоро ишғол мекунад ва ҳаййиз - ин фазоест (макон) [ки ишғолшуда аст], ё чизест, ки фазоро тақсим мекунад (*ма йуқаддиру тақдира-л-маканӣ*) ва намегузорад, ки дар он чизи дигар пайдо шавад».[1]

Ин суханони Ал-Боқиллонӣ ва муътазилиёни дигар нишон медиҳанд, ки ду намуди фазо тавассути истилоҳҳои *макāн* (инчунин *ҷиҳа* ва *муҳаза* ифода мешаванд) ва *ҳаййиз* фарқ мекунанд. Макон фазои холии ишғолнашударо ифода мекунад, аммо ҳаййиз - як қисми муайяни фазои қаблан холиро, ки ҳоло онро объекти имтидоднок ишғол мекунад ва аз ин рӯ, аз фазои холӣ ҷудошуда ва ё ба ҳамин шакл чен карда мешавад. Аз ин рӯ, ба маънои қатъӣ, ҳаййиз – фазоеро, ки акнун чизи имтидоддор ишғол мекунад, ифода менамояд. Ал-Ҷувайнӣ

[1] Абубакр ибн Боқилонӣ. Ал-Инсоф фимо йаҷиб эътиқодаҳу ва ло йаҷуз ал-ҷаҳл биҳи. Ал-Қоҳира, 1950. С. 15.

масъалаеро ба миён мегузорад, ки оё ҳаййиз дар як вақт бо ташаккул ёфтани атом, ки онро ишғол мекунад, шакл мегирад ё на? Чунин гузориши савол ба он оварда мерасонад, ки ҳаййиз маънои фазои холиро дошта наметавонад. Ин тафсири ҳаййиз ҳамчун фазои ишғолшуда бо таъбири Ибни Маттавейҳ дар бораи он ки чизи имтидоддор фазоро бо ишғоли як қисми муайяни фазо, онро тақсим мекунад. Як муфассири маҷҳул дар тафсири ақоиди Ибни Маттавейҳ боз меафзояд: «Атом он аст, ки фазоро тавре тақсим мекунад, ки ба фазои холӣ ҳамсоя бошад»,[1] ё ба ибораи дигар, фазои ишғолшуда ба фазои холӣ ворид намешавад. Бо ҳамаи ин, ин ду намуди фазо минтақаҳои ҳамҷавори худи фазо ба он тарзе мебошанд, ки фазоҳои ишғолкардашуда дар фазои холӣ ҷойгир шуда, онро иҳота кардаанд. Ҳамин тариқ, нуқтаи назаре, ки макон маънои фазои холиест, ки онро ягон чиз ишғол накардааст, боиси эътимоди бештар ба мавҷудияти хало (ҷои холӣ) мегардад ва он таълимоте буд, ки онро ҳам муътазилиёни басрӣ ва ҳам ашъариёни мутакаллими асрҳои X ва XI пайравӣ намудаанд.

Аз таҳлилҳои фавқуззикр дар бораи хусусиятҳои маърифати ақлонии муътазила бар пояи назарияҳои метафизикӣ ва табиатшиносии он ба хулоса мерасем, ки дар дарк ва маърифати масоили вобаста ба табиатшиносӣ ва метафизикӣ муътазилиён дар зери таъсири ақоиди эллинӣ қарор доштанд. Мушаххасан, ин ақоидро дар се ҷанба ҷамъбаст кардаанд, ки онҳо иборатанд аз таълимот дар бораи он ки ашё ё ҷисмҳо аз маҷмуи аразҳо таркиб меёбанд; таълимот дар бораи он ки ашё ё мавҷудоти ақлонӣ аз маҷмуи ҷисмҳои ба ҳам воридшаванда иборатанд; таълимот дар бораи он ки ҷисмҳо аз ҷузъҳо (атомҳо) ва аразҳои ба онҳо хос иборатанд. Дар иртибот бо онҳо саволҳои маърифатшиносии дигар дар боби ҷузъҳои аввалии зот, сифат ва аҳкоми он бо ташаккул ёфтани дастгоҳи мафҳумҳои хос матраҳ меёфтанд. Эпистемологияи воқеии онҳо мустақиман муътазиларо ба ҳукми шаккокона бурда, дар он пояҳои ақлгароиро тавлид намудааст.

[1] Муаллифи маҷҳул. Шарҳ китоб ал-тазкира фи аҳком ал-ҷавоҳир ва ал-аъроз. – Теҳрон-Берлин, 2006. С. 69-70.

## § 3. Инсон, ақл ва иродаи ӯ дар таълимоти муътазила

Каломи муътазилӣ аввалин таҳкурсии таълимоти худро дар коркардҳои ғоявие гузошт, ки он аз таълимоти гурӯҳҳои ибтидоии динӣ-сиёсӣ дар натиҷаи муносибати онҳо ба масъалаи ҳокимиятдорӣ - аз тариқи мерос ва ё иҷмоъ созмон додани он бармеояд. Маҷмуи ақидавии ин коркардҳо номуайян ва тағйирёбанда буд, аммо дар баробари рушди табиии тафаккури динӣ дар Мадина дар давраи қабл аз ташаккулёбиии дини ислом ба маънои пуррааш, он масъалаҳоеро, ба мисли офарида ё азалӣ будани Қуръон, гуноҳ ва озодии инсон ва амсоли онҳоро ба миён овард. Пойдор шудани калом ҳамчун мактаби фикрӣ дертар, пас аз он тақвият гирифт, ки тафаккури тавлидшавандаи исломӣ бо таълимоти динию фалсафии динҳои дигар, хусусан масеҳӣ тамос гирифт. Мубоҳисаҳо дар байни насрониҳо ва пайравони дини исломӣ ба он оварда расонд, ки мусулмононро барои дифоъ аз эътиқоди худ водор намуд.

Оқибати кор чунин буд, ки мусалмонон маҷбур шуданд аз ҳамон усулҳое, ки теологияи масеҳӣ барои мубориза аз он истифода мебурданд, ба кор баранд. Дар мадди аввал ақлгароӣ меистод, ки онро аз фалсафаи юнонӣ мерос гирифта буданд. Барои Иоанн (Йуҳанно)-и Димишқӣ (675-753 (780), илоҳиётшинос ва файласуфи масеҳӣ ҳадафи фалсафа аз он иборат буд, ки он бояд унсурҳои заруриро барои таъбирҳои теологӣ таъмин кунад, яъне дар он фалсафа ҳамчун абзори илоҳиёт буд, ки барои муайян кардани дастгоҳи истилоҳот ва муайян намудани ҳудуди масъалаҳо ва консепсияҳо хизмат мекард; аммо теология ҳеҷ гоҳ ҳадафи тасарруф кардани фалсафаро надошт. Масалан, дар масъалаи инсоншиносӣ чунин дефинитсияи масоили вобастаи онро мушоҳида кардан мумкин аст: «Юҳанно табиати инсонро тавассути баррасии зоти илоҳӣ ва инсонии Исои Масеҳ ошкор мекунад. Ӯ ба мушкилоти масеҳшиносӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир мекунад. Ҳолати психологии инсон, шавқу ҳавас ва азобу ранҷҳои табиати инсониро меомӯзад. Дар бораи маърифати Худо баҳс мекунад, ки он танҳо тавассути муҳаббат ба Худо имконпазир аст. Таҷаллии илоҳӣ бошад, амали бузургтарин муҳаббати Худо ба офаридаҳояш аст. Иоанни Димишқӣ

дастгоҳи дақиқи мақулаҳои мантиқӣ таҳия кардааст, ки имкон медиҳад то ӯро намояндаи самти схоластикии теология ҳисоб кунем».[1]

Ҳамин тарзи омӯзиш ва муносибат ба масъалаҳои илоҳиётшиносиро дар калом низ пайдо карда метавонем, гарчанде ки бар хилофи Иоанни Димишқӣ мутакаллимҳои муътазилӣ теологияро бештар дар доираи дастгоҳи мақулаҳои фалсафӣ-мантиқӣ ва бо усулҳои ақлгароӣ (ратсионализм) ва шаккокия (скептитсизм), чунонки дар яке аз бахшҳои ин таҳиқотамон ба исбот расонида будем, мавриди баррасӣ қарор медиҳанд. Инчунин дар таълимоти уламои муътазилӣ низоми муназзами гносеологӣ ва эпистемологӣ вуҷуд дорад, ки дониш ва ҳукмҳои мантиқиро таҳқиқ мекунад; кайҳоншиносии онҳо дар шакли атомизм, таҳияи мантиқ, фалсафаи табиат ва метафизика ва монанди онҳо, дар маҷмуъ фалсафаест, ки талошҳои диалектикии муътазиларо тасдиқ мекунанд: ҳамаи он дар ниҳояти кор ба дифоъ аз ақл равона шудааст.

Ҳамин тавр, таълимоти муътазилӣ на танҳо ҳамчун апологияи дифоӣ, балки ҳамчун фаҳмиши ақлгароии эътиқоди динӣ ва табиати воқеӣ (инсон – ҷузъи он!) ба назар мерасад. Дарвоқеъ, ин истилоҳ дар ҳама гуна талошҳое, ки дар ислом барои дар доираи ақлгароӣ тафсир додани маълумоти ба дастомада ба кор рафт, бинобар ин талошҳо ба таври муайян ба теологияи масеҳӣ мувофиқат мекарданд, зеро ки ҳадаф аз онҳо хулосаҳои нав баровардан аз ин маълумотҳо буд, гарчанде ки дар муътазила инчунин кӯшиши ба таври возеҳ баён кардан ва ба воситаи ақл маънидод намудани ваҳйи илоҳӣ ва масоили вобастаи он низ дар доираи диалектикаи ақлонӣ баррасӣ мегардиданд. Маҳз ҳамин маъниро шарқшиносони ғарбӣ дастурашон қарор дода, муътазила ва таълимоти онро аз илоҳиётшиносии масеҳӣ болотар намедонанд. Масалан, А.Корбен низ ба ҳамин тамоюл рафта, навиштааст: «Калом ҳамчун схоластикаи исломӣ бо диалектикаи ақлоние тавсиф меёбад, ки бо мафҳумҳои илоҳиётшиносӣ фаъолият мекунад... Мутакаллимон – инҳо қабл аз ҳама,

[1] Мичурина Ю.Ф. Антропологические воззрения Иоанна Дамаскина // Сумма философии. Вып. 2. -Екатеринбург: Изд-во Урал. ун-та, 2005. С. 24.

мудофеони динанд, ки на барои ҷустуҷӯи ҳақиқат, балки барои исботи диалектикаи теологӣ бо ҳар гуна василаҳо талош кардаанд».[1]

Ҳамин тариқ, густариши империяи исломӣ, бархӯрди ақидаҳо ва афкори мухталиф дар гӯшаю канори мухталифи ҷаҳони ислом боис шуд, ки мутафаккирони мусулмон дар шахси муътазилиён дар тақобул бо фирқаҳои гуногуни фикрӣ ночор далелҳои нақлиро, ки барои муқобилони фикрӣ аз динҳои дигар ё ба истилоҳ, мулҳидони дохилии ислом беаҳамият буд, канор гузошта, ба далелҳои ақлӣ рӯ овардaнд. Ин фарзия аз он ҷо қувват мегирад, ки шаҳрҳои маркaзии муътазила – Бағдод ва Басра марказҳои таҷаммуъи қавмҳо ва динҳои гуногун буданд. Омили муҳимми дигар барои рӯй овардани муътазила ба истидлоли ақлонӣ таъорузот ва таассубҳои кинахоҳони қавмӣ буд, ки дар даврони Бани Уммавия ва Бани Аббос дар ду шакли қавмгароии арабӣ ва форсӣ зуҳур карданд.

Умуман, муътазила ақлро чунин таъриф кардаанд, ки онро метавон ақли солим ё ақли би-л-малака (мартабаи тааққули тасаввурот ва тасдиқҳои бадеҳӣ) донист. Ба ҳамин далел, ба осонӣ тасаввур кардан мумкин аст, ки муроди муътазилиён аз ақл ҳамон ақли назарии файласуфони юнонӣ мебошад. Ал-Ҷоҳиз, яке аз муътазилиёни маъруф муътақид буд, ки инсон бо ақл зода мешавад ва кӯдаки гирёне, ки аз тарсу гуруснагӣ ба модар паноҳ мебарад, дар ҳоли истифода аз ақл аст. Ниёзҳои табиӣ ва ҳаётии инсон таркибдиҳандаи ақли инсон ва ниёзҳои ҷадид ниёзманди абзорҳои нав аст ва ин шинохти нав инсонро бар ҷаҳон мусаххар месозад.[2] Ин масири шинохт ҳастиро ба шинохти ақлӣ наздик мекунад. Муътазилии маъруфи дигар қозӣ Абд-ул-Ҷаббор дар исботи дутарафаи идрок, яъне исботи воқеъияти беруна ва исботи идрок ва мавзуъияти он бар ақидаест, ки идрок нақше дар маърифати табиате ё сифатҳои он надорад, бинобар ин, идроки ноқис ё иштибоҳ тағйире дар моҳияти шайъи беруна намедиҳад. Аз назари ӯ, илм ба мудрикот натиҷаи ҳосил аз идроки ҳиссӣ аст, ки муқаддимае барои донишҳои зарурӣ ва иктисобӣ ба шумор меравад. Инҳо донишҳои ақлӣ ҳастанд, ки бар

[1] Корбен А. История исламской философии. Пер. с франц. А.А.Кузнецова. - М.: Прогресс-Традиция, 2010. С. 218.
[2] Ал-Ҷоҳиз Амру. Ал-Ҳайвон. – Бейрут, 1969. С. 16.

натиҷаҳои ҳосил аз идроки ҳиссӣ доварӣ мекунанд.[1] Аз назари муътазилиён, ҳатто исботи вуҷуди Худо ва нубувват танҳо аз тариқи тафаккури ақлӣ муяссар шуда метавонад ва тақлид дар ин боб ҷоиз нест, чунонки қозӣ Абд-ул-Ҷаббор менависад: «Агар касе бипурсад, аввал чизе,ки Худованд бар ту воҷиб кардааст, чист? Бигӯ: «Тааммул ва тафаккуре аст, ки мунҳасир ба шинохти Худои таоло шавад, зеро шинохти Худои таоло бадеҳӣ нест ва бо мушоҳидаи ҳиссӣ ҳам ба даст намеояд, пас Ӯро бояд бо тафаккур ва тааммули ақл бишиносем».[2] Ӯ таъкид мекунад, ки донишҳои иктисобӣ бар асоси таваҷҷуҳ ва тааммули ақлӣ дар инсон ҳосил мешавад, пас, тааммул ва тафаккур феъли инсон аст ва маърифати Худо, ки ба тааммул ҳосил мешавад, феъли нафси мост ва пас, он амре иктисобӣ аст. Қозӣ Абд-ул-Ҷаббор на танҳо маърифати Худоро ба равиши ақлӣ қобили таҳсил медонад, балки сифатҳои иҷобии Ӯро, ба монанди қодир, олим, ҳайй, самиъ, басир, мудрик ва сифатҳои салбӣ, монанди инкори ҷисмият, аразият, ҳулул, ҳубуту суъуд, зиёдату нуқсон, дида ва идрок шудан ба ҳавос ва ғайраро бар асоси ақл исбот мекунад.[3]

Равшан аст, ки муътазилиён барои муайян ва исбот кардани омӯзаҳои эътиқодии хеш ва дифоъ аз онҳо аз тафаккури ақлӣ истифода мекарданд. Пешфарзи ин равиш дар он ифода меёбад, ки муътазилиён ақлро ба манзалати як абзори мустақил барои касби маърифат ва дониш, аз як тараф, ва имкони фаъолияти озоди инсонро, аз ҷониби дигар, қабул доштанд. Ба маънои дигар, аз нигоҳи маърифатшиносии онҳо тавоноии ақлро дар касби дониш пазируфта, ҷанбаи шаръии он низ ба далелҳои ақлӣ ва вобаста ба ирода, хоҳишҳо ва завқи худи инсон муътамад бошад. Ин як навъ диалектикаест, ки майл ба сӯи бовар кунонидан ва ғолибият дар ҳама гуна мубоҳисаҳо дошт. Е.А. Фролова дар истинод бар ҳукмҳои ду муътазилӣ - Абд-ул-Ҷаббор ва Ал-Ҷоҳиз дар бораи ақл, чунин хулоса кардааст: «Муътазилиён мартабаи ақлро боло мебардоштанд ва муътақид буданд, ки ақл – довар дар ҳаллу фасли масоили шариат ва ҳам умуман дониш мебошад. «Инсон як чизро аз дигари он ба василаи ақл фарқ мекунад»

---

[1] Ниг.: Абу Зейд Наср Ҳомид. Ал-Насс ал-султа ал-ҳақиқийа. – Бейрут, 1995. С. 77-79.
[2] Абдулҷаббор ибни Аҳмад ал-Ҳамадонӣ. Шарҳ ал-усул ал-хамса. С. 39.
[3] Ҳамон ҷо. С. 65-66.

(иқтибос аз Абд-ул-Ҷаббор – Қ.Қ.), ақл барои аз ҳам ҷудо кардани муфид ва зарарнок, дар интихоби аввалӣ ва гурез аз дуюмӣ кӯмак мерасонад...»Қасам ба умрам, - навишта буд адиби маъруф Ал-Ҷоҳиз (ваф. 868), ки пайрави ақоиди муътазилиён буд, - чашмон хато мекунанд ва узвҳои эҳсос фиреб мекунанд, фақат ба ақл маърифати ҳақиқӣ дастрас аст...».[1]

Ҳамин тариқ, муътазилиён яке аввалинҳо шуда, дар илоҳиётшиносии исломӣ манзалати олии ақлро тасдиқ карданд, гарчанде ки онҳо натавонистанд ақлро ба натиҷаҳои болотари он расонанд, аммо маҳз муносибати ақлонии он буд, ки роҳи пайдоиши фалсафа дар исломро омода ва ҳамвор кард. Бо фирор аз фарзияҳои догматикии каломи ибтидоӣ онҳо тавонистанд ба таҳияи афкори фалсафӣ шуруъ кунанд: барои онҳо ақл акнун танҳо қуввае ба ҳисоб намерафт, ки барои таъмини усулҳои тафсири ваҳйи илоҳӣ хидмат кунад, балки он як худкифое буд барои ба даст овардани ҳақиқат. Маҳз масъала дар бораи ҳақиқати чизи мавриди баҳс қароргирифта, яке аз воситаҳои куллисозии масъалаҳои динию фалсафӣ ба шумор мерафт. Ин нуқтаи назарро давом дода, А.В. Смирнов қайд мекунад, ки ба ин васила хусусиятҳои сифатҳои илоҳӣ ба майдони баҳс кашида шуда, инчунин масъала дар бораи он ки то кадом ҳадд инсон ҳамчун фоил ба маънои ҳақиқӣ ва ё маҷозии он буда метавонад, матраҳ мегардид. Ин муҳаққиқ менависад: «Ба истинои теъдоди ночиз, ҳамаи муътазилиён инсонро дар баробари Худо фоъили ҳақиқӣ медонистанд. Барои иҷро шудани *фиъл* ду шарт зарур аст ва танҳо бо вуҷуд доштани ҳардуи онҳо гуфтан мумкин аст, ки фоъил ҳамин гуна на ба таври маҷозӣ, балки аз рӯи ҳақиқат аст. Ин ду шарт – ирода (*ирāда*) ва қудрат (*қудра*) ва ё қобилият (*иститā‘а*) барои иҷро кардани феъл мебошанд. Мазмуни мафҳуми «ирода» ҳамчун ихтиёр (*ихтийāр*)-и яке аз ду тарафи мутақобил дар шакли умумитарини он – ҳамчун интихоб байни «кардан» ва «накардан» кушода мешавад».[2]

Ба таври мухтасар, далелҳои муътазилиёнро барои исботи иродаи илоҳӣ ва иродаи инсон метавон ба таври зерин ҷамъбаст кард: далели аввал ба консепсияи

---

[1] Фролова Е.А. Арабская философия. Прошлое и настоящее. – М.: Языки славянских культур, 2010. С. 57.
[2] История арабо-мусульманской философии: Учебник / Под ред. А.В. Смирнова. – М.: Академический Проект, 2013. С. 84.

адолати илоҳӣ дахл дорад, ки онро низ ба ду қисм тақсим кардан мумкин аст: а) муътазила тасдиқ мекунад, ки Худо накукор ва одил аст ва бадӣ ва беадолатӣ ба Ӯ набояд нисбат дода шавад. Агар Худо шарру бадӣ офарад, пас Ӯ бояд бадкор бошад ва агар адолат офарад, пас Ӯ одил хоҳад буд. Аммо азбаски Худо комилан накукор ва одил аст, шарр ва беадолатиро ба Ӯ нисбат додан мумкин нест.[1] Аммо камолоти ахлоқии Худо маънои онро надорад, ки Худо қудрати бадӣ карданро надорад, балки дар он ифода меёбад, ки Ӯ қудрати иҷрои ҳама чизро дорад ва қудраташро фақат дар он сарф мекунад, ки хайр бошад; агар гӯем, ки Худо қудрати бадӣ карданро надорад, пас ин маънои онро дорад, ки қудрати Ӯ маҳдуд аст; б) адолати илоҳӣ озодии инсонро тасдиқ мекунад, зеро агар инсон муаллифи ҳаёти худ набошад, пас ӯ набояд барои амалҳои худ ҷавобгӯ бошад. Худо ваъда медиҳад, ки гунаҳкоронро ҷазо медиҳад, ин бошад, маънои онро дорад, ки инсон озод аст. Дар акси ҳол, агар Худо инсонро барои гуноҳҳое, ки накардааст, ё онҳоро маҷбуран иҷро карда бошад, ин беадолатӣ хоҳад буд. Агар боварӣ медоштем, ки амалҳои инсониро Худо муайян мекунад, пас одамон сазовори гуноҳ ва ё ҷазо намешаванд. Пас озодии инсон талаботи мантиқии адолати илоҳист. Одамон метавонанд озодона амал кунанд ва аз ин рӯ, масъулияти маънавӣ доранд. Дар «Китāб ул-хамса»-и Абд-ул-Ҷаббор чунин омадааст: «Илм дар бораи он ки Худо аз ҳар чизе, ки қабеҳ аст, дур буда, ҳамаи рафтори ӯ хайр (*ҳасана*) мебошад. Ин ҳукм бо он шарҳ дода мешавад, ки рафторҳои золимона, ситам ва монанди инҳоро, ки наметавонанд аз офаридаи Ӯ бошанд (*мин халқиҳи*) бароятон маълуманд. Касе, ки ин рафторро ба Ӯ нисбат медиҳад, беадолатӣ ва густохӣ (*сафаҳ*) зоҳир намуда, ба ин васила аз таълимот дар бораи адолат дур мешавад».[2]

Далели дуюм, ки аслан дар ибтидо аз ҷониби Восил ибни Ато пешкаш шуда буд, қобилияти андешаронӣ ва интихоб кардани шахсро таъкид мекунад: «Инсон медонад, ки дорои қобилият ва афъоли ботинии хеш аст ва ҳар касе, ки инро инкор мекунад, заруратро инкор мекунад». Ба андешаи ӯ, қобилияти инсон

---

[1] ‘Abd al-Jabbar. ‘Kitab al-Usul al-Khamsa’ in Defenders of Reason in Islam. Richard C Martin and others, Oneword, Oxford, 1997, p. 92.

[2] Ал-Шаҳристонӣ Муҳаммад. Ниҳойат ал-ақсом фи илм ал-калом. – Бағдод, 1965. С. 95.

ҳамчун ирода ва дониш маънидод карда мешавад, ки онҳо ягона фарқи байни инсон ва дигар мавҷудоти зинда ва ғайризиндаи олам ба ҳисоб меравад. Сипас, чунонки Восил қайд мекунад, «инсони дар ҷояш нишаста метавонад бархезад, дар ҳоли ҳаракатбуда метавонад истироҳат кунад, гӯянда - хомӯш бошад».[1] Далели сеюм дар он ифода меёбад, ки одамон дорои шууранд, онҳо метавонанд интихоб кунанд, дар ҳоле ки намудҳои дигари махлуқот аз ин имтиёз маҳруманд. Ашё ва падидаҳои табиӣ бо муносибатҳои мувaққатии иллатӣ-маълулӣ муайян карда мешаванд. Масалан, курсӣ бо дасти инсон ҳаракат мекунад, ки бо таъсири дастҳо маконеро ишғол менамояд. Ҳаракати курсӣ ва дасти инсон ба ду навъи гуногуни сабабият таааллуқ дорад ва сабаби охирӣ хосса ном гирифта метавонад, зеро ки он аз ҷониби инсон ҳамчун фоъил анҷом мепазирад. Ғояи Восил ба консепсияи Арасту дар бораи муҳаррики аввал шабоҳат дорад, ки он Худоро ҳамчун фоъиле тасвир мекунад, ки ҳодисаро маҷбур мекунад, ки он рух диҳад; фоъил тавассути иллати мувaққатӣ муайян намегардад. Вобаста ба усул ул-хамсаи муътазилиён, далели чоруми муътазилиён тасдиқ мешавад, ки он вобаста ба муқаррар намудани гуноҳи кабираи мусулмон дар робита бо низоъҳои дохилӣ ва бенизомиҳои сиёсии он давра ба вуҷуд омада буд. Ба ин маънӣ, яке аз мухолифони муътазила – хориҷиён муътақид буданд, ки ҳар фарде, ки гуноҳи кабира содир карда бошад, кофир аст, дар ҳоле ки мазҳабҳои хилофи он тасдиқ мекарданд, ки одамон ҳуқуқи ҳукм кардани ин гуноҳро надоранд. Муътазила бошад, чунонки аллакай бароямон маълум аст, бар он ақида буданд, ки агар касе гуноҳи азим содир карда бошад, на муъмин аст ва на кофир, балки дар мавқеи мобайнӣ, ба истилоҳ, ал-*манзила байна-л-манзилатайн,* дар байни имону куфр қарор дорад. Далели панҷум низ дар асоси *ал-усул ул-хамса* таркиб ёфта, бо номи *амр би-л-маʻруф ва наҳй ʻан-ил-мункар* маъмул аст ва аҳамияти маънавӣ ва сиёсӣ дорад, зеро он чораҳои ҳатмии пешгирии беадолатии иҷтимоӣ дар ҷомеа ва боло бардоштани сатҳи ахлоқи инсонро баррасӣ мекунад. Тавре ки Абд-ул-Ҷаббор қайд мекунад, «зарур аст, ки агар имкон дошта бошад, ба дараҷае бояд расид, ки дар он шарру бадӣ (*ал-мункар*) дар ҳолатҳои одитарин рух надиҳад ё боиси

[1] Ал-Шаҳристонӣ Муҳаммад. Ниҳойат ал-ақсом фи илм ал-калом. С. 47.

ҳолати бадтар нашавад, зеро ҳадаф ин аст, ки бадӣ умуман бояд вуҷуд надошта бошад».[1]

Детерминизми сабабии муътазила мутобиқ ба принсипи сотриологии исломӣ аст, ки тибқи он инсон вазифадор аст, ки иродаи Худоро иҷро кунад. Аммо ин маънои онро надорад, ки инсон ҳамеша фармонбардор ва ё мунтазири амру фармони илоҳӣ бошад. Хусусияти биологӣ ва психологии ӯ чунин таркиб ёфтааст, ки дар вуҷуди ӯ иродаи қавӣ, ки онро баъзан бо мафҳуми «Ман» ифода мекунанд, ҷойгир аст. Ан-Наззом ба «Ман» таърифи аҷиб дода, онро нафсе медонад, ки «нафси сабукест, ки ба ҷисми ношаффоф ворид мешавад...руҳест, ки ҳаёти тору пуди ҷисм аст... [ва] ҷисмест, ки дар он одам зоҳир ва мушоҳида мешавад».[2] Дар асоси ин тақсимоти нафс ва ҷисм, муътазила барои нафс ва анвои он вазифаҳои алоҳидаро муқаррар намудааст. Танҳо «тааққул кардан ва хоҳишу ҳавас», ба андешаи онҳо, «феъли нафсанд, боқимондаи афъол ба ҷисм тааллуқ дорад. Албатта, тасдиқ мекунанд онҳо, нафс ҳам дар «ҳаёт» ва ҳам дар «ҷисм» фаъол аст. Аммо дар «муҳокимаронӣ» ҳамчун шакли маърифати ҳақиқатҳои абадӣ ва дар «хоҳиш» ҳамчун тарзи амалӣ сохтани озодии ахлоқӣ, на «ҳаёт» ва на «ҷисм» василаи маърифат ва тасмим гирифтан барои ягон феъл нестанд, гарчанде ки онҳо бояд ҳомили фазоӣ-замонии ҳардуи онҳо ба шумор меравананд. Ин тафовути куллии нафс аз ҷисм аз нуқтаи назари табъ ва вазифаашон ва инчунин аз «ҳаёт» (ё «нафс» дар таъбири арастуӣ) барои тафриқаи қотеи байни объектҳои ҳар кадоми онҳо асос гардида буд. Объекти нафс дар вазифаи маърифатии он, яъне ақл, ҳақиқати ақлонӣ ва хайру некӣ аст. Объекти «ҳаёт» дар зинда кардани инсон қонеъ намудани ғаризаҳо, ҳавасҳо, хоҳишҳо ва фурӯ нишондани лаззатҳои шаҳвонӣ аст. Объекти ҷисм дар ҳаракатҳои дохилӣ ва берунии он унсурҳои табиат мебошанд. Объекти аввал – мисолӣ (идеалӣ), дуюм – зеҳнӣ (субъективӣ) ва сеюми онҳо – моддӣ мебошанд.

Объекти аввали мисолӣ (идеалӣ) барои муътазила олами ақл аст. Дар он қонунҳои тафаккур ва инчунин қонунҳои ахлоқ мавриди корбурд қарор доранд,

---

[1] ‘Abd al-Jabbar. ‘Kitab al-Usul al-Khamsa’ in Defenders of Reason in Islam. Richard C Martin and others, Oneword, Oxford, 1997, p. 91-93.
[2] Ал-Бағдодӣ Абдулқодир. Ал-фарқ байн ал-фирақ. - Ал-Қоҳира, 1328 ҳ. С. 117.

ки дар якҷоягӣ як олами идеалии худидоракунандаро ташкил медиҳанд, ки аз инсон ва ҳам олами табиӣ мустақил аст. Дар мавриди объекти дуюм, яъне олами хоҳишҳо ва ҳавасҳою манфиатҳо ва намунаҳои фурӯнишонии онҳо масъала ранги дигар мегирад: онҳо аслан аз инсон ва иродаи ӯ вобастаанд.[1] Ба осонӣ мушоҳида кардан мумкин аст, ки муътазилиҳо мақоми алоҳидаи метафизикиро барои қонунҳои ахлоқӣ, ки танҳо нафс аз тариқи ақл метавонад аз «ҷисм» ва «ҳаёт» маърифат намояд, пешкаш намудаанд. Пас, ақл тавассути нафс як ҷузъи «Ман» буда, нақши он дар шинохти сифатҳои илоҳӣ, ки барои инсон ирода ё амри илоҳӣ аст, муайян мегардад. Чунин шинохт маҳз ҳамон маърифатест, ки онро муътазилиён «дониши ақлонӣ» номидаанд. Аз имкониятҳои он ухдадорӣ ва масъулияти ахлоқӣ вобаста аст. Маҳз барои ҳамин ҳайвонҳоро бинобар надоштани дониши ақлонӣ аз нигоҳи ахлоқӣ ухдадор ва масъул намешуморем.[2] Барои муътазила ҳардуи онҳо далелҳои аввалини инсони комил мебошанд ва онҳо пурракунандаи ҳамдигаранд.

Тибқи ақидаи муътазила, зоти шахс дорои қобилиятест, ки нақши дугона дорад. Ин қобилият – ақл ва ду нақши он – ҳукм, ки мавзуи он дониш аст ва муроқиба (назорат), ки ҳадафи он ҳидоят аст, маънидод мешаванд. Ба воситаи аввали онҳо, яъне ақли назариявӣ ё мантиқӣ, «мо донишҳоямонро ба даст меорем», «куллро аз тариқи ҷузъ маърифат мекунем» ва «муносибатҳои байни ашёро дарк мекунем».[3] Тавассути қобилияти дуюм, яъне ақли амалӣ бошад, инсон вуҷудият ва зиндагии худро ба нақша мегирад ва идора мекунад. Гарчанде ки дониш муқаддамтар аз идоракунӣ аст, қобилияти дуюм хусусияти шартӣ дорад ва аз ин рӯ, мақоми болотар дорад. Бо назардошти чунин афзалияти амалии қобилият, муътазилиҳо эътироф мекарданд, ки дониш ба хотири амал аст ва барои ҳамин, ба фаъолияти ақли амалӣ аҳамияти калон медоданд. Аз ин сабаб, онҳо дар муқобили ақл на ғариза (инстинкт), балки беақлиро мегузоштанд ва тасдиқ мекарданд, ки маҳз одамони ноқисулақл аз назорати рафторашон

---

[1] Ниг.: Perry R.B. General Theory of Value. Cambridge: Harvard U. Press, 1954, p. 115
[2] Ал-Бағдодӣ Абдулқодир. Ал-фарқ байн ал-фирақ. - Ал-Қоҳира, 1328 ҳ. С.157
[3] Ал-Ашъарӣ Абу ал-Ҳасан. Мақолот ал-исломиин ва ихтилоф ал-мусалиин. С. 480.

озоданд.[1] Чунин таърифи ақл якбора манфиати муътазиларо муайян мекунад, ки он ахлоқ аст. Ба андешаи онҳо, агар «Ман» зиндагии ахлоқӣ дошта бошад, он бояд дорои қобилияти ақлонӣ бошад, ки тавассути он ӯ метавонад саъю кӯшиш ва хайру некиро маърифат намуда, ҳаёташро идора кунад, то дар пайи чунин хайру некиҳо бошад. Вазифаи ақл дар маърифати хайру некӣ, ҳангоме ки онҳо имконнопазир ва амалӣ шуданашон беҳуда ба назар мерасад; идора кардани маҷрои ҳаёт ба хотири хайру некии ношинос, ки ғайриимкон вонамуд мешавад ва ғайра.[2]

Ин чаҳорчӯбаи назариявӣ-ахлоқии маърифати ақлонии муътазила аст. Онҳо дар маҷмуъ баҳсашонро бо рад кардани таълимоти Афлотун дар бораи дониш ҳамчун анамнезис ё тазаккур оғоз кардаанд ва он ҳам ба хотири ҳадафҳои ахлоқӣ буд. Барои он ки касби дониш шоиста бошад, муътазилиён муътақиданд, ки он бояд озод бошад. Анамнезис ба иллати «доя» -и афлотунӣ ба вуҷуд омадааст ва аз ин рӯ озод нест, балки бо фаъолияти тарбиявии «доя» вобаста аст. Фаъолияти маърифати хештан пурра ба омӯзгор вобастагӣ надорад. Пас чӣ гуна ӯ метавонад барои донишҳои ба дастовардаи худ масъул бошад? Аммо масъулият надоштан барои дониши худ маънои онро надорад, ки ӯ барои аъмоле, ки аз он донишҳо бармеоянд ва ба онҳо вобастаанд, масъул набошад. Аз ин рӯ, хулоса мекунанд муътазилиён, ки анамнезис ба озодии ахлоқии инсон мухолиф аст ва он бар дӯши инсон масъулияти комилро барои амалҳои ӯ, барои рӯйдодҳо дар фазо, инчунин барои ҳама чизҳое, ки онҳо пешбинӣ мекунанд, ба истиснои ҳолати дониши ӯ вогузор менамояд.[3]

Дар ин ҷо бояд ба нуқтаи назари Афлотун таваҷҷуҳ кард, ки тибқи он дониш аз нафс комилан ҷудо намешавад, балки дар он пӯшида буда, то даме, ки барои субъект дар бораи он ёдрас намешаванд, дар ҳолати би-л-қувва боқӣ монда, хусусияти олами мисоли (идеали)-ро дорад. Нафс баъди хотиррасон (тазаккур) кардан донишро аз нав эҳё мекунад. Ӯ дар «Менон» муколамаи Суқротро бо Менон ба қалам оварда, аз ҷумла навиштааст: «Ва азбаски нафс

---

[1] Ал-Ашъарӣ Абу ал-Ҳасан. Мақолот ал-исломиин ва ихтилоф ал-мусалиин. С. 480.
[2] Ҳамон ҷо. С. 459.
[3] Ҳамон ҷо. С. 461.

намиранда аст, аксар вақт тавлид мешавад ва ҳама чизро дар ин ҷо ва дар Аида дидааст, пас чизе вуҷуд надорад, ки вай маърифат накарда бошад; аз ин рӯ, тааҷҷубовар нест, ки сухан дар бораи фазилат аст ва дар бораи ҳама чизи дигар нафс қодир аст он чизеро, ки қаблан барояш маълум буд, ки ба хотир оварад. Ва азбаски ҳама чиз дар табиат бо ҳам дар иртибот аст ва нафс ҳамаи онро маърифат кардааст, ҳеҷ чиз монеи касе, ки чизеро ба хотир оварда бошад шуда наметавонад, - одамон онро маърифат меноманд... зеро ҷустуҷӯ ва маърифат кардан маҳз маънои хотиррасониро дорад».[1] Хотиррасон кардан (тазаккур), чунонки аллакай медонем, дар фалсафаи юнониёни қадим бо истилоҳи анамнезис ифода меёбад.

Барои муътазила, низ ин як ҳолати созишкорӣ барои озодии маърифат аст, он, қисман бошад ҳам, озодии ахлоқии таълимоти муътазиларо ташаккул медиҳад. Зеро ҳузури би-л-қувва ё потенсиалии дониш дар нафси инсон аллакай муайян мекунад, ки ҳангоми рух додани анамнезис ӯ бояд чиро донад. Аммо агар шинохти ақлонӣ фаъолияти озод набошад, балки аввал аз ҷониби объекти он, ки дар дохили нафс ҷой дорад ва сипас тавассути зикри қисмҳои ин объект ва на аз ҷониби худи маърифаткунанда муайян гардад, арзиши ахлоқии маърифати ақлонӣ беаҳамият хоҳад буд.[2] Аммо маърифати ақлонӣ, ба ақидаи муътазила, шинохти Худо, ҳақиқат ва хайру некӣ буда, он вазифаи асосии ахлоқии одамони одӣ ва яке аз ду вазифаи асосии нафс аст. Барои муътазилиён, ин аксиомаест, ки онро метавон танҳо ба василаи ягон ҳаккокии амиқ инкор кард; ва онҳо ба хулосае омаданд, ки шинохти ақлонӣ бояд озод бошад ва аз ин рӯ, на ба он тарзе бошад, ки онро Афлотун тасдиқ намудааст. Гузашта аз ин, шинохти ақлонӣ ё фаъолияти назариявии нафс, чунонки дар боло қайд кардем, тасодуфан бо фаъолияти амалӣ, назорат ва роҳнамоӣ алоқаманд нест. «Шинохти хайр – ин на танҳо заминаи аввалии ин таҳаққуқи он аст. Ҳадди байни дониш ва феълу амал новобаста аз афзалияти аввалӣ, нозук аст. Ҳақиқатан, агар худи пешгӯии муқаддами назорати ақлонӣ таҳти хусусияти детерминистӣ қарор гирифта

[1] Платон. Сочинения в четырех томах. Т. 1. Пер. с древнегреч. - СПб.: Изд-во С.-Петерб. ун-та, Изд-во Олега Абышко, 2006. С. 393.
[2] Ал-Бағдодӣ Абдулқодир. Ал-фарқ байн ал-фирақ. - Ал-Қоҳира, 1328 ҳ. С. 117.

бошанд, пас назорат бидуни таъсири он буда наметавонад. Ва шубҳанок аст, ки оё дар ин сурат озодии ахлоқӣ имконпазир боқӣ хоҳад монд».[1]

Бар хилофи Афлотун, муътазила боварӣ дорад, ки шинохти ақлонӣ на анамнезис, балки озодона амалӣ гаштани қобилиятҳои ақлонӣ, таҳқиқи ҳақиқат ва ботил, эътирофи хайр ҳамчун хайр ва шарр – ҳамчун шарр мебошад. Ин нуқтаи назар ва далели аввали онҳо буд. Далели дуюми муътазила дар он ифода меёбад, ки дониши ақлонӣ ҳам дар сатҳи назариявӣ ва ҳам амалӣ на яку якбора монанди ишроқи нур, балки тадриҷан тавассути машқҳои тадриҷии қобилияти ақлонӣ ба даст оварда мешавад.[2] Ин ба донишҳои амалӣ дахл дорад, ки ба онҳо, албатта, ҳамеша таҷрибаро илова кардан лозим аст. Аммо, дар баробари ин, муътазилиён мутмаинанд, ки машқи қувваи ақлонӣ инсонро бояд ва ҳатман ба маърифати Худо ва хайру шарр бидуни кӯмакҳои беруна мерасонад. Саволе ба миён меояд, ки чӣ гуна чунин тамрини ақлонӣ ба он маъно зарурат пайдо карда метавонад, ки инсон бояд онро ҷустуҷӯ карда, ба он ноил шавад ва ё умуман, барои чунин ҳадаф мароқе ҳам зоҳир намекунад? Агар ӯ мароқ зоҳир мекард, маълум мегардид, ки тасаввуроте, масалан, ягон уҳдадории ахлоқӣ ӯро ба уҳдадории дигар водор мекард ва дар ниҳояти кор, то ба хулосаи барои ӯ муносиб дар бораи Худо мерасонд. Он гоҳ дониши ӯ ба он маъно зарур мегардид, ки саъю талошҳои заминавии вай тибқи қоидаҳои қатъии дедуксияи мантиқӣ бо ҳам пайваст мешуданд. Аммо оё гуфтан мумкин аст, ки ин дониш ба он маъно зарур буд, ки субъект умуман маҷбур аст, ки чунин шиддати мантиқиро оғоз ва пайравӣ кунад? Ба ин савол муътазилиён посухи мусбат дода, барои қонеъ гардонидани андешаи нав мафҳуми «хавфи ақлонӣ»-ро ихтироъ карданд: «Ғояи Худо, ки баъдтар И. Кант ва Г. Отторо тасхир карда буд, дар он ифода меёбад, ки худи тасаввур намудани он дар шакли ҳукме, ки довталаби муқаррароти ақлонӣ буд, чунин як чолиши даҳшатовар ва ҷолиберо нишон медиҳад, ки инсонро то он даме ки ин тасдиқи онҳоро баррасӣ накарда, дар бораи он ба қарори қатъӣ нарасад, дар ҳолати «хавфи ақлгароӣ» қарор мегирад.

[1] Ал-Шаҳристонӣ Муҳаммад. Ниҳойат ал-ақсом фи илм ал-калом. С.51-52.
[2] Ал-Бағдодӣ Абдулқодир. Ал-фарқ байн ал-фирақ. - Ал-Қоҳира, 1328 ҳ. С. 111.

Шабаҳи ҷазо ва марг, инчунин ҷаззобияти зебоӣ ва хайру некии бепоён, ки онҳоро ғояи Худо дар бар мегирад, танҳо шахсеро бетараф мемонад, ки аз қобилияти ақлгароӣ ва хирад маҳрум аст».[1] Азбаски муътазила муътақид буд, ки даъво алайҳи ҳақиқате, ки ғояи Худо пешкаш мекунад, ба шарти эътироф гардидани он ба инкори вуҷудият ва иродаи Ӯ, ки аз талаботи ахлоқии муътазилиён аст, оварда мерасонад ва пас, «хавфи ақлгарои»-ро ба зарурат баробар медонистанд.

Муътазила дар истинод ба яке аз оятҳои Қуръон,[2] ки тибқи он Худо эътимоди хешро ба фариштагон, осмон ва кӯҳҳо пешкаш кардааст ва онҳо бо даҳшат онро рад, аммо инсон онро қабул кардааст, тасдиқ мекунад, ки бояд тибқи иродаи Ӯ арзандатарин иҷрои ин эътимод корест, ки инсон анҷом диҳад. Албатта, илова мекунанд муътазилиён, фариштагон, кӯҳҳо, осмон ва замин иродаи илоҳиро амалӣ мекунанд, аммо онҳо ин корро бо зарурати қонуни табиӣ иҷро мекунанд. Ҳар қадар амалӣ шудани фармони илоҳӣ аз ҷониби онҳо кори бузург бошад ҳам, аммо на ба қадри бузургии аъмоли инсон аст, ки барои ӯ имконияти иҷро намудани амали ихтиёрӣ ҳамеша ҷоиз аст. Инсон, тасдиқ мекунад муътазила, ончунонки дар Қуръон таъйид шудааст, аз фариштагони Худо бузургтар аст[3] ва ин маҳз ба хотири он аст, ки фариштагон наметавонанд нофармонӣ кунанд, дар ҳоле ки инсон метавонад фармони Худоро иҷро накунад. Аз ин ҷо, нофармонӣ, ки озод ва бошуурона аст, барои инсон афзалтар аз фармонбардорӣ аст, ки он ҳатман уҳдадорона ва бидуни интихоб ба иҷро мерасад. Дар он ҷое, ки дарвозаҳои шарру бадӣ боз ҳастанд ва инсон бо ин ҳама накукорӣ мекунад, рафтору кирдораш ба сатҳи дигари ҳастӣ боло меравад. Ӯ ҳомили арзишҳои маънавӣ мегардад ва баръакс, бидуни озодӣ анҷом додани кору пайкоре нисбат ба он ки ба амри илоҳӣ бе имконияти дарк кардани беарзишии рафтораш итоат кунад, фармонбардории инсон метавонад дорои тамоми арзишҳои амалие бошад, ки иҷрои онҳо дар қудрати вай имкон дорад, аммо аз ҷиҳати ахлоқӣ шояд ба ягон арзише сазовор набошад. Аз ин рӯ,

[1] Ал-Ҷурҷонӣ ал-Шариф. Шарҳ ало ал-мавоқиф ли-л Изд ал-Иҷӣ. Ҷ. 2. б/т. С. 459.
[2] Қуръон 33:72
[3] Қуръон 2:30

муътазила озодии маънавиро ҳамчун аксиома шарти тамоми теология ва фалсафаи худ меҳисобид.

Бо чунин муносибаташон ба ин масъалаҳо онҳо мутмаин буданд, ки онҳо ба асли қудсии ислом содиқанд. Аммо озодӣ на ҳамаи он чизест, ки ба ақидаи онҳо таълимоти ислом ифода мекард. Онҳо дарёфтанд, ки Қуръон низ таъйид кардааст, ки чизе ҷуз дар илми Худо дар осмону замин сурат намегирад: ҳар чизе, ки рух медиҳад, бо фармони Ӯ ба амал меояд: Ӯст, ки офтобу замин, ситораҳо ва моҳро ҳаракат медиҳад[1], борон меборад ва ба Замин ҳаёт мебахшад[2] ва ғайра. Ҳамин тавр, ба ақидаи муътазилиён, детерминизм дар олами табиат ба таври дақиқ ва комил аён аст. Аммо табиат на танҳо қаламрави моҳу ситораҳо, кӯҳҳо ва дарёҳост. Ин детерминизмро ба инсон наздиктар карда, Қуръон мефармояд, ки Худост, ки замон ва тарзи зиндагии фардро, ҳаёт ба сар бурдан ва ё мурданро таъин мекунад[3] ва кай ва чӣ тавр ҳар як инсон корҳои кӯчаки ҳаётиашро анҷом медиҳад.[4] Ҳамин тариқ, Худои ислом як коиноти комилан мукаммалеро эҷод кардааст, ки он аз нуқтаи назари матни муқаддас комилан муайян буда, ҳатто камтарин имконияти халалпазириро дар тартиб ва таъйини он ҷоиз намешуморад. Албатта, ин – ҳимояи озодӣ нест.

Бо ин ҳама, ислом барои мутафаккиронаш зиддияти байни муқарраროти мутақобиларо, ки бо воситаҳои мантиқӣ ба таври боварибахш исбот карда мешаванд, ба мерос мондааст. Ин зиддиятҳо ва исботи мантиқии онҳоро дар фалсафаи муосир бо номи антиномия (ин истилоҳро бори нахуст Р. Гоклениус (1547-1628), намояндаи навсхоластикаи протестантӣ пешкаш карда буд, ҳарчанд ки ғояи тафаккури антиномӣ дар афкори Афлотун ва Арасту ҳам мушоҳида мешавад, аммо онҳо бештар истилоҳи «апория»-ро ба кор мебурданд) ифода мекунанд ва ба ин маънӣ, ислом як навъ антиномияи озодиро барои мутафаккиронаш пешкаш намуд. Ба ин шакли антиномия пеш аз ҳамаи мутафаккирони дигари исломӣ муътазилиён ба василаи усулҳои ақлгароии хеш руҷуъ намуда буданд. Дар иртибот бо ин, бояд қайд кард, ки пешгузаштагони

[1] Қуръон 7:54
[2] Қуръон 6:99
[3] Қуръон 3:145.
[4] Қуръон 10:61.

муътазила, ба ин масъала чунин муносибат мекарданд, ки гӯё ҳам тезис ва ҳам антитезис дуруст аст ва аз ин ҷо, дар ҳақиқат, гуфтан мумкин нест, ки онҳо аз хусусияти антиминомии ин масъалаҳо огоҳ набуданд. Аммо вақте ки дар асрҳои дуюм ва сеюми ҳиҷрӣ насли нави мусулмонон, ки дар ин пайравии пурра, аммо ҳадсию ақлонии маърифати динӣ тақлид карда наметавонистанд, ба фаҳмиши ҷанбаи дугоникии озодии инсон шубҳа бурдан мегирифтанд ва бо таъкиди як мушкил аз пайи дигари он, то ба нуқтаҳои барои илоҳиётшиносӣ хатарнок мерасиданд. Маҳз дар ҳамин шароит муътазилиён ба майдон омаданд ва анъанаи исломӣ маҳз барои хизмати онҳо дар пешбурди шарҳи антиномия қарздор аст ва ин яке аз муҳимтарин саҳми муътазила дар таълимоти умумии исломӣ боқӣ мемонад.

Мутафаккирони муътазилӣ тезисро ба мисли антитезис қотеъона пуштибонӣ менамуданд. Барои детерминизм, онҳо бо такя ба шахсияти Муаммар ибни Аббод (ваф. 830) ва таълимоти ӯ исбот мекарданд, ки ҳамаи аразҳои ҷисм (ҳаракат, сукун, ранг, таъм, гармӣ, хунукӣ, намӣ, хушкӣ ва ғайра) табиатан амалҳои худи ин ҷисм мебошанд; ҳаёт – фаъолияти зиндаҳо ва марг – фаъолияти мурдагон аст; ки тамоми ҳаракатҳои осмонӣ, ҳаракат ва сукуни сайёраҳо, мавзунӣ ва тӯлонияти онҳо - фаъолияти худи онҳост.[1] Чунин ҳукмронӣ баъд аз он имконпазир шуд, ки муътазила табиати ашёро устувор (*собит*) ва тағйирнопазир муқаррар карда, ин давомият (*даймума*т)-ро бо дониши абадии Худо дар бораи онҳо пайваст карда буд. Бо такя бар муътазилии дигар - ан-Наззом таъкид мешуд, ки аз ҳамон як ҷавҳар ду маълули гуногун баромада наметавонад ва он, ки маълулот ё фаъолияти ҷавҳар бояд хосси табиати он бошанд ва он табиатест, ки бе тағйир ёфтани ҷавҳар дигаргун шуда наметавонад.[2]

Дар ин мақулоти аслан арастуӣ муътазила фазои кайҳонии мураттаберо сохтаанд, ки дар он ягон халои сababӣ вуҷуд дошта наметавонад. Дар айни ҳол, ҳангоме ки онҳо таваҷҷуҳашонро ба таҳқиқи озодӣ равона карданд, дарк

---
[1] Ал-Ашъарӣ Абу ал-Ҳасан. Мақолот ал-исломиин ва ихтилоф ал-мусалиин. С. 405.
[2] Ҳамон ҷо. С. 405.

намуданд, ки ин масъала бо як нофаҳмиҳои бузург рӯ ба рӯ аст ва онҳо дар навбати аввал дар наздашон муайян кардани мушкилотро вазифа гузоштанд. Барои ин, онҳо байни феълҳои *би-т-табъ* ва феълҳои *би-л-ирода* фарқ гузошта, аввалиро ба ҳамаи мавҷудоти зинда ва ғайризинда нисбат дода, дуюмии онҳоро бо инсон маҳдуд мекарданд. Чунин таъбир дар байни мусалмонони ҳамдини онҳо, ки аз ҳама гуна нисбат додани қудрати офариниш ба табиат комилан норозӣ буданд, боиси нигаронии шадид ва хавфе гардид, ки мабодо масъалаи тавҳид ба осеб дучор ояд.[1] Дар ҳақиқат, тасдиқи боисрори онҳо дар бораи он ки байни қувваҳои табиӣ ва иродӣ фарқи муҳим ҷой дорад, ба он оварда расонд, ки мусулмонони дигар муътазиларо дар боби он ки гӯё онҳо ду холиқ – Худо ва инсонро тасдиқ менамуданд, муттаҳам ва ба ширк ё муттаҳид гардидани худоён дар Худо айбдор мекарданд. Аслан, нияти муътазила тамоман баръакс буд. Онҳо байни ин ду мафҳум ва вазифаи онҳо фарқ гузошта, хилқатро ба Худо нисбат дода, ба инсон қобилияти камтарро нисбат ба силсилаи сабабиятҳои аллакай офаридашудаи дорои қазою қадар раво медиданд. Маҳз ҳамин матлабро онҳо дар назар дошта, инсонро на «холиқ»-и аъмолаш, балки танҳо интихобкунанда ё хоҳишманди иҷроиши онҳо ҳисоб менамуданд. Аш-Шаҳристонӣ дар истинод бар гуфтаҳои яке аз муътазилиҳои маъруф Абу-л-Қосим Ал-Каъбӣ (ваф. 931) навиштааст: «Инсон офарандаи ягон феъле нест, ба ҷуз аз хоҳиш дар шакли фаъолияти мустақим ва ё эҷодкорӣ. Фаъолияти ҳатмии ӯ дар нисбати хайру шарр чизест ба монанди хестан ва нишастан, ҳаракат ё сукун, ки ҳамаи онҳо ба хоҳиши ӯ вобастаанд ва на аз роҳи феъли мустақим ва на тавлидкунӣ».[2]

Ин нуқта ба он дараҷае, ки нозук аст, ҳамон қадар муҳим ба шумор меравад. Ба иҷро расонидани ягон феъл ё амал, эҷоди маълулот ҳамеша натиҷаи тавлиди ягон чизи дигар, хулласи калом, - иллати силсилавӣ ва ё иртиботи сababӣ мебошад. Ба ақидаи муътазилиён, маълулот бе иллатҳо, новобаста аз дурии масофаҳои байни онҳо вуҷуд дошта наметавонанд. Аз ҷониби дигар, хоҳиши касе ҳеҷ гоҳ ба объекти хоҳиш алоқа надорад, то он даме, ки ин хоҳиш

[1] Ҳусайн ал-Хаййот. Кито ал-интисор ва ал-рад ало ал-Ровандӣ ал-мулҳид. С. 51-52.
[2] Аш-Шахрастани Мухаммад. Книга о религиях и сектах. Ч. 1. Ислам. - М. “Наука”, 1984. С. 71.

пайдо нагардад. То ин дам, субъекти хоҳишманд ҳамеша метавонад ин объектро ба дараҷаи иродааш монанди объектҳои дигар интихоб кунад. Ба шакли умум бошад, чӣ тавре ки Сумама ибни ал-Ашрас (ваф. тақр. 828) қайд кардааст, ки «инсон бар фаъолият, ба ҷуз аз хоҳиш, соҳибият надорад ва ҳар чизе, ки берун аз ӯ вуҷуд дорад, бе офаранда пайдо мешавад».[1]

Дар ин ҷо саволе ба миён меояд, ки пас, маҳдудиятҳои фаъолияти инсон дар чӣ ифода меёбанд? Муътазилиён барои таҳия намудани маротиби сабабию натиҷавии фаъолияти инсон мақулаҳоеро монанди «феъли мубошир») ва «феъли мутаваллид» ҷорӣ кардаанд. Ин феълҳоро Ф.О. Нофал шарҳ дода, қайд мекунад, ки феъли мубошир амалест, ки аз он танҳо ирода муқаддамтар аст, дар ҳоле ки феъли мутаваллид – натиҷаи фаъолияти мост, ки аз иродаи мо новобаста аст. Аммо, савол мегузорад муҳаққиқи мазкур, ки пас фаъолият ё амали инсон чист ва дар посухи он фарзияи Абулҳузайл ал-Аллофро оварда, навиштааст: «[Ӯ] тахмин кардааст, ки амалҳои синоие, ки ба инсон бо механизмҳои сабабу натиҷаашон маълум аст, инсониянд, дар ҳоле ки агар онҳо номаълум бошанд, - фаъолияти Худо мебошанд... Ан-Наззам дар ин ҷо намунаи худашро пешниҳод мекунад: «Инсон ба ҷуз ҳаракат амале надорад: ҳаракатро бошад, ба ҷуз аз дохили худаш дар ҷои дигар содир намекунад». Аммо амалиёти нисбат ба шахс берунӣ бошанд, - бевосита ё натиҷавӣ, онҳо, ба қавли файласуф «амали Аллоҳ аз рӯи табъи зотии онҳо мебошанд: яъне, Аллоҳ сангро аз рӯи табиати он: агар ин сангро тела кунӣ, он ба ҳаракат медарояд ва чун то ба ҳадди ҳаракаташ мерасад, санг табъант ба ҷои худ бармегардад»[2].

Муътазилии дигар Абу Ҷаъфар-ул-Искофӣ бошад, феъли мутаваллидро ҳамчун «ҳар гуна амале, ки бе ихтиёри пешакӣ байни он ва афъоли дигари интихобӣ рух медиҳанд, муайян карда, илова кардааст, ки «инсон метавонад бештар аз хоҳишаш чизеро иҷро кунад; ҳамаи ҳодисаҳо фаъолияти ҷисм би-т-табъ мебошанд».[3] Офариниши амалҳо ё феълан ба вуҷуд овардани таъсирҳои воқеӣ дар фазо барои инсон имконнопазир аст; аммо таҳти иродаи хеш қарор

---

[1] Аш-Шахрастани Мухаммад. Книга о религиях и сектах. Ч. 1. С. 74.
[2] Нофал Ф. О. Ибрахим ибн Саййар ан-Паззам / Отв. род. Л. В. Смирнов. М.: ООО «Садра»: Языки славянской культуры, 2015. С. 90.
[3] Ал-Бағдодӣ Абдулқодир. Ал-фарқ байн ал-фирақ. - Ал-Қоҳира, 1328 ҳ. С. 137.

додани чунин таъсирҳо дар фазою замон, ки аз сабабҳои муайян ба вуҷуд пайдо мешаванд, дар ихтиёри инсон аст ва ин ҳама қудрати ӯст.[1] Бо вуҷуди ин, таъсирҳо бо сабабҳои хосси худашон ва тибқи қоидаҳои умумикайҳонӣ ба вуҷуд меоянд ва итоати онҳо ба ҳукмронии сабабҳои аввал тартиботи офариниш аст. Дар ин соҳа одам комилан нотавон аст ва мисли ҳамаи махлуқоти дигар дар кайҳон муайян карда мешавад. Аз ин рӯ, тасдиқ кардани озодии инсон маънои онро надорад, ки иқтидори ӯро барои ба як дафъа эҷод кардан ё тавлид кардани чизе ифода кардан мумкин бошад. Чунин маънии озодӣ барои инсон комилан ғайриимкон маҳсуб меёбад.

Ҳамин тариқ, ба андешаи мутафаккирони муътазилӣ иродаи шахс дар ҷанбаи метафизикии он тобеи ирода ва хости Худо буда, дар ҷанбаи дунявии он ба ҳеҷ ваҷҳ як ҳодисаи пешакӣ муайяншудае нест, ки дар ниҳоят ба фаъолияти ихтиёрӣ ё ғайриихтиёрии ӯ оварда расонад; балки он дар як шабакаи мураккаби хоҳишҳо, эътиқодҳо ва ирода, инчунин дар якҷоягӣ бо таъсири қувваҳои берунӣ ташаккул меёбад. Аён гардид, ки ба ҳадди зиёд шудани маҳдудиятҳои дохилӣ ва берунӣ, ки ин фоъилро таҳти тасарруф қарор додаанд, майдони ирода ва озодии шахсро низ бештар маҳдуд мегардонад. Аммо, мутафаккирони машшоӣ муътақиданд, ки аввалан, масъулияти ҳуқуқӣ ва маънавии шахс ба доираи озодии иродаи ӯ мутаносиб аст ва сониян, фоъили ҷанбаи моддӣ, яъне шахс, наметавонад ин маҳдудиятҳоро паси сар накунад; фоъили озод метавонад озодона ва бар асоси интихоб ва тасмимҳои худ қарор қабул кунад, аммо танҳо дар ҳудуди муайян, зеро вай ирода ва хоҳишҳои ботинии худро пурра иҷро карда наметавонад.

Бо дарназардошти таҳлилҳои фавқуззикр ба хулоса омадан мумкин аст, ки муътазила бо истифода аз усули ақлгароӣ ва баланд бардоштани мақоми ақл дар идрок ва натиҷабандии мантиқии масъалаҳои мавриди баҳс қароргирифта эътиқод ва таълимоти диниро бо принсипҳои асосии он дар доираи муайян маҳдуд намуда, ба онҳо хусусияти фалсафӣ бахшидаанд. Назарияҳои онҳо дар бораи ташаккулёбии худшиносӣ ҳамчун як сохтори сегона (ақл-ирода-феъл) бар

[1] Al Shahrastani. Nihayait al-Iqdiim fi ‘Ilm al-Kalfim, ed. by A. Guillaume. Oxford, 1934), p. 79.

пояи фаъолияти ахлоқии мисоли (идеалӣ)-и умумиисломӣ (ҳама чиз тобеи амри ё иродаи Худо) ташаккул ёфта, иҷро шудан ё нашудани он вуҷудияти нафс-субъектеро тақозо мекунад, ки он аз субъект-ҷисм ҳамчун ҳомили он, комилан фарқ дорад. Дар ин раванд, назарияи шинохти ақлонии муътазила ба миён меояд, ки он натиҷаи принсипи чунин шинохт ва масъулияти ахлоқӣ барои ноил шудан ба он мебошад, ки дар он ғояи озодии ахлоқии инсон оқибати амалисозии ҳадафҳои идеалии илоҳӣ, инчунин тағйирпазирии инсон ва дигар дар фазою замон барои ин амал аст.

# ХУЛОСА

Бо дар назардошти таҳлил ва хулосабарориҳо аз бобҳо ва фаслҳои диссертатсия маълум мегардад, ки илоҳиётшиносӣ ва фалсафаи муътазила дар муқоиса бо таълимоти мазҳабҳои дигари ибтидои ислом, инчунин саҳми арзишманди онҳо дар баҳсҳо бо илоҳиётшиносону файласуфон, истифода аз ғояҳо ва назарияҳои динҳою мазҳабҳои дигар ва мактабҳои фалсафӣ ба мисли фалсафаи юнонӣ, дар ислом равияи ақлгароӣ ба вуҷуд омад. Таҳаввули каломи мӯътазилӣ, асосҳо ва усулҳои консептуалии ҳифзи озодии иродаи инсон ва масоили дигари марбутаи он бо тағйири сохтори иҷтимоию иқтисодии ҷомеаи мусулмонӣ, бо пайдоиши муносибатҳои нави ҷамъиятие вобаста буданд, ки ба пайдоиши муносибатҳои нави иҷтимоӣ, муқаррароти арзишӣ-меъёрии аз он бароянда мусоидат намуда, пояҳои нахустинашонро дар таълимоти муътазилиён дар нимаи аввали асри IX гузошта буданд.

Муътазила як навъи ақлгарои (ратсионализм)-ро, ки қисман зери таъсири фалсафаи юнонӣ буд, бар пояи се асли асосӣ: тавҳид ва адолати Худо, озодии амали инсон ва офарида будани Қуръон таҳия кардаанд. Дар тӯли таърихи тафаккури исломӣ ин ақидаҳо мавриди баҳс қарор гирифта, сипас ба нафъи бунёдгароёни исломӣ аз онҳо даст кашидаанд, ки натиҷаи ин амал бахусус дар таълимоти ашъария инъикос ёфтааст. Бо вуҷуди ин буҳрон муътазила дар тафаккури исломӣ зинда боқӣ монда, дар замони мо он эҳёро аз сар мегузаронад ва ин ба он сабаб аст, ки таҳаввулоти таърихи ислом маҷбур гардидааст бо ҷаҳони муосир рӯ ба рӯ омада, дар ҷустуҷӯи роҳҳои навини мафкурасозӣ ва таҷдиди назари таълимоти хеш шавад. Бисёре аз мутафаккирони муосири исломӣ ба ақлгароии муътазила ва усулҳои он рӯ овардаанд, то ба тафаккури исломӣ нафаси тоза бахшида, онро барои муқовимат бо чолишҳои таърих муҷаҳҳаз созад.

Муътазилиён яке аз аввалин ақлгароёни исломӣ буданд ва таваҷҷуҳи онҳо ба авлавияти ақл ва иродаи инсон, таъвили масъалаҳо барои дарки маъниҳои ботинӣ, тасаввуроти ақлонии онҳо дар бораи Худо ва садоқат ба озодии ирода ва

масъулияти инсон, баъзан онҳоро на ҳамчун ақлгаро, балки ҳатто озодандешон дар доираи суннати исломӣ муаррифӣ намуд. Аммо, ин ҳукм то андозае носаҳеҳ аст: новобаста аз пойбандии хеш ба ақлгароӣ, онҳо баъзан дар таҳаммулнопазирии ақидавии худ гунаҳкор буданд, хусусан, вақте ки онҳоро дастгоҳҳои қудратии хилофати Аббосиён барои манфиати сиёсиашон дастгирӣ менамуданд. Дар ҳақиқат, мувофиқи принсипи панҷум (ал-усул ал-хамса)-и худ, ки амалан маҷбуркунӣ ва зӯроварииро барои дифоъ аз эътиқод асоснок мекард, онҳо душманони зеҳнии худ (хусусан онҳое, ки дар масъалаи махлуқ будани Қуръон бо онҳо ихтилоф доштанд) бо ҷидду ҷаҳд таъқиб мекарданд ва онҳоро ба хомӯшӣ водор намуда, зиндонӣ ва дар баъзе ҳолатҳо ба қатл мерасониданд. Ба иллати қисман руҳияи аз ҳад зиёд сиёсӣ ва қисман аз сабаби он ки онҳоро созишҳои эътиқодӣ ва синтезҳои афкори гуногуни мактаби нисбатан барои он замон муътадили ашъарӣ пахш карда буданд, нуфузи зеҳнӣ ва сиёсии муътазила дар нимаи асри IX хеле коҳиш ёфта, он тадриҷан ҳамчун як қувваи ҳаётан муҳим дар ҷаҳони ислом нуфузашро аз даст дод. Бо вуҷуди ин, сарфи назар аз мақоми ниҳоии ночизи муътазилиён, албатта, аҳамият ва нуфузи таърихӣ ва ғоявӣ-назариявии онҳоро, хусусан дар боби озодандешӣ ва ақлгароиашон нодида гирифтан мумкин нест.

Дар ҳоле ки мутафаккирони озодандеши муътазилиён бо тафаккури интиқодӣ ва шаккокия фарқ мекунанд, онҳо низоми тафаккури навоваронае эҷод карданд, ки барои муқовимат бо догмаҳои исломӣ асос ва пояҳои нахустинро гузошт. Тафаккури муътазилӣ аввалин низомҳои фалсафии нисбатан мукаммал дар исломро ташаккул додааст. Маҳз тавассути ақоиди онҳо гузариш теологияи фалсафӣ (дар замони Уммавиён) ба фалсафаи теологӣ (дар давраи Аббосиён) ва тадриҷан ба фалсафаи мувофиқ ба замони мо ба вуқуъ пайваст. Хусусияти асосии таълимоти пайравони муътазила дар гуногунандешии онҳо ифода меёфт ва онҳо имкон доштанд, ки дар бораи ҳамон як масъала афкори мухталиф дошта бошанд, Масалан, ҳамаи муътазилиҳо дар бораи масъалаи иродаи озоди инсон ва қобилияти ақлонии ӯ муттафиқ буданд, аммо онро маҷбур намекарданд, ки ҳамчун догмаи қатъӣ дар гардани дигарон бор кунанд. Ратсионализми

методологии онҳо ва даъвои масъулияти инфиродии инсон аз нигоҳи онҳо танҳо гуногунфикрии байни муаллифонро ба вуҷуд оварад: ҳар кадоми онҳо дар алоҳидагӣ зери таъсири афкори форсӣ ё ҳиндуӣ монда, дигаре аз тафаккури юнонӣ ва сеюмӣ аз ақоиди суриёнӣ илҳом мегирифтанд.

Усули таҳқиқотии ҳамаи мутафаккирони муътазила, пеш аз ҳама, ақл ба ҳисоб меравад. Ин боиси он мегардад, ки намояндагони он тақлидро рад намуда, қудрати ақлро дар тафсир ва баҳогузории анъана, қабули ошкори ин ё он тафсири матнҳо муҳим мешумориданд ва усули таҳлили танқидӣ ва усули диалектикиро дар муқоиса бо тафсирҳои суннатии ҳанбалиҳо ва шарҳҳои зоҳирии онҳо махсусан, барои фаҳмидани Китоби муқаддас ба кор мебаранд. Дар марҳилаи ташаккул ва рушди тафаккури фалсафӣ, иҷтиҳоди ақлгароии онҳо тадриҷан бар зидди тақлид боло меравад. Ба қудрати ақл бовар карда, муътазила хурофот ва илмҳои бардурӯғро маҳкум мекунад. Аммо ин маънои онро надорад, ки муътазила аз таълимоти ислом даст кашида бошад, ҳатто, масалан, усули коркарди ахлоқи муътазила ҳарчанд ба табиатшиносӣ ва кайҳоншиносии онҳо шабеҳ буда, ба ақлгароии қатъӣ асос ёфтааст, аммо дар ниҳоят бо аҳком ва ваҳйи илоҳӣ мувофиқат мекунад. Дар сатҳи сирф фалсафӣ ахлоқ, ақл, иродаи озоди инсон ва табиатшиносӣ масъалаҳои асосии таълимоти он мебошанд. Муътазила баъзан барои «оштӣ додани» ваҳйи илоҳӣ бо детерминизми табиат ва қудрати эҳтимолии Худо мубориза мебарад, аммо онҳо дар ин нуқтаи бунёдӣ созиш намекунанд: инсон озод ва барои худ масъул аст. Чунин муносибат ба фаҳмиши ин масъала дар ниҳояти кор мебоист ба фалсафаи сиёсӣ оварда расонда, аз теократизм, ки дар таълимоти илоҳиётшиносии исломи ибтидоӣ ҳукмфармо буд, хеле дур буд. Онҳо барои теократияи муътадил ҷаҳду ҷадал мекарданд: ҳокимияти сиёсӣ бояд ба давомдиҳандаи қонунии пайғамбар – имом бошад ва имомат танҳо дар сурате қонунӣ буда метавонад, ки агар ӯ сиёсати одилонаеро, ки барои манфиатҳои ҳамагон мусоид аст, пеш барад.

Муносибати ақлонии муътазила ба масоили гуногуни олам ва инсон дар ҳамаи ҷанбаҳои фалсафа имкон бахшид, ки дар тафаккури муътазилиён қисман, вале ба таври назаррас раҳошавӣ аз догмаҳои динӣ ба нафъи тарзи тафаккури

ақлонӣ, илмӣ ва гуманистӣ сурат гирад. Бо вуҷуди ин, муътазилиҳо пеш аз ҳама, одамони мусулмони эътиқодманд боқӣ мемонанд ва сохторҳои метафизикии онҳо дар чаҳорчӯбаи илоҳиётшиносӣ навишта шудаанд. Аммо дар боқимондаи масоили динӣ бо истифода аз ақл ва усули ақлгароӣ онҳо ба фалсафа рӯ оварда, онҳоро ҳадди ақалл дар чаҳорчӯбаи фалсафаи динӣ таъбир медоданд. Мисоли он, чунонки дар диссертатсия матраҳ гардид, *ал-усул ул-хамса* буда метавонад. Дар усули аввали он – тавҳиди Худо ва сифатҳои Ӯ муътазилиён кӯшиш кардаанд, ки мавҷудияти сифатҳои ғайр аз зоти илоҳиро инкор кунанд ва муътақид буданд, ки Худо донандаи ҳама чиз аст, аммо Ӯ на ба воситаи «таҳзиби афкор», ки дорои ҳикмати алоҳида аст, балки ба воситаи зоташ дарк мешавад, нотавонӣ (*ал-иҷз*) нисбат ба вай истисно аст; дар бораи гузашта, ҳозира ва оянда огоҳ аст ва нодонӣ (ҷаҳл) барояш ҷоиз нест; аз ҳар чизе, ки буд, ҳаст ва хоҳад буд, - комилан огоҳ аст; абадиятест, ки дар гузашта буд ва дар оянда низ хоҳад буд; ҳамаи мушкилот ва ташвишҳо барои вай пешбинӣ нашудаанд; шоҳиди падидаҳои ошкор буда, маҳсусотро дарк мекунад, ҳарчанде ки ба узвҳои ҳисс ниёз надорад. Усули дуюм – адли илоҳӣ аст, ки дар тафсири он муътазилиён нисбат ба иродаи мутлақи Худо назарияи адолати илоҳиро бештар пайравӣ менамуданд ва Худои одилро нисбат ба Худое, ки дорои иродаи мутлақ аст, бартар медонистанд ва ин назарияро аз нуқтаи назари манфиатҳои ҳаётии инсон баррасӣ менамуданд. Моҳияти адли илоҳӣ дар он ифода меёбад, ки Худо бо ҷазо додани инсон золимона муносибат карда наметавонад, дар акси ҳол адолат ва одилиаш аз байн меравад; Худо ба инсон ҳуқуқ додааст, то ки ӯ амалеро анҷом диҳад ва дар иҷрои амалҳои худ озод ва барои он масъул аст; Худо бо бадкориҳои инсон коре надорад ва аз одамон бадӣ намехоҳад, ба одамон шарру бадиро ваъда намекунад; вазниниеро, ки инсон тоқати бардошти онро надорад, таҳмил намекунад. Усули сеюми ал-ваʻд ва ал-ваʻид, ки ба маънои подош ва ҷазои оқибат, таҳдид ба азоб таъбир мешавад, бештар хусусияти динӣ дорад ва муътазилиён барои он исботҳои теологии худашонро овардаанд ва нақзи иҷрои ваъда ва ҷазоро намунаи зулм медонистанд, дар ҳоле ки онҳо қаламрави илоҳиро аз робита бо нақзи ваъда дур медонистанд, аммо агар ваъдаи илоҳӣ иҷро нашавад, одамон ба

гуноҳ барангехта мешаванд. Усули ал-манзила байна-л-манзилатайни муътазила низ хусусияти шариатӣ дорад ва он, ба истилоҳ, мавқеи миёнаравӣ байни муъмин ва кофир мебошад. Он муносибат нисбат ба мусалмоне мебошад, ки гуноҳи кабира содир кардааст ва баҳс дар бораи он ки ӯро ба кофир ё мунофиқ мутааллиқ донист, ҷавҳари ин усул аст. Усули панҷум амр би-л-ма‘руф ва наҳй ‘ан-ил-мункар аст, ки хусусияти динӣ-ахлоқӣ дошта, ба ҳақ будани рафтору кирдори инсон ва манъ кардан аз ботили онҳо, амр бар хайру ростӣ ва мамнуъ аз шарру бадӣ аст, рост меояд; инсон набояд ба чораҳои душвор ва ногувор даст занад, зеро ки ин корро бо усулҳои осон ва қулайтар анҷом додан мумкин аст ва он ҳам дар доираи ақл ва ҳам ваҳй маълум аст.

Ақлгароии муътазила, ба таври возеҳ дар илмҳои табиатшиносӣ ва кайҳоншиносӣ бештар муайян мегардад. Ба фазли иртиботи ногузир бо осори намояндагони ин анъанаҳои зеҳнӣ, мутафаккирони муътазила бо ақидаҳое рӯ ба рӯ шуда, ба ғояҳои хоссае вокуниш нишон доданд, ки сарчашмаҳои онҳо ошкоро ва ё бавосита дар низомҳои фалсафӣ ва динии қадима реша доштанд ва ҳатто баъзе аз ин ақидаҳоро дар таҳлилҳо ва шаклбандиҳои низоми фикрии худашон, ки бунёди мавзуъҳои каломӣ буданд, ногузир мавриди таҳлилу баррасӣ қарор доданд. Ҳамин тариқ, дар ибтидои рушди каломи муътазилӣ се назарияи табиат ва сифатҳои ашёро ёфтан мумкин аст, ки ҳамаи онҳо аз фалсафаи қадимаи эллинӣ сарчашма мегиранд. Онҳоро дар асарҳои нахустини муътазила ва инчунин таълимоти санавиён (дуалистҳо) ва ба ном «файласуфони табиатшинос» мушоҳида кардан мумкин аст. Онҳо таълимоти зеринанд: ашё ё ҷисмҳо аз маҷмуи аразҳо таркиб меёбанд, ашё ё мавҷуди ақлонӣ аз маҷмуи ҷисмҳои ба ҳам воридшаванда иборатанд; ки ҷисмҳо аз ҷузъҳо (атомҳо) ва аразҳои ба онҳо хос иборатанд. Таълимот дар бораи табиат ва сифатҳои ашё, яъне атомизм, дар кайҳоншиносии муътазилиён мақоми махсус дорад. Нобудшавии атомҳо ва аразҳои мухолифи онҳо принсипест, ки назарияи тағйироти муътазилиёни басрӣ бар он асос ёфтааст. Онҳо бовар намекунанд, ки Худо фаъолияти атомҳо ё ҷисмҳоро бо фармонаш таваққуф намояд. Бар ивази ин, онҳо муътақиданд, ки Худо онҳоро бо офаридани чизи муқобил (зидд)-и онҳо, аниқтараш арази қатъи

вуҷуд (фанā) нобуд мекунад ва дар натиҷа онҳо аз байн мераванд. Бояд гуфт, ки ин арази қатъшавии вуҷудият танҳо як лаҳза идома ёфта метавонад ва ягон навъи субстратро ишғол намекунад. Муътазилиён ду намуди фазоро қабул кардаанд: макон ва ҳаййиз. Макон фазои холии ишғолнашударо ифода мекунад, аммо ҳаййиз - як қисми муайяни фазои қаблан холиро, ки ҳоло онро объекти имтидоднок ишғол мекунад ва аз ин рӯ, аз фазои холӣ ҷудошуда ва ё ба ҳамин шакл чен карда мешавад.

Ҳамин тавр, таълимоти муътазилӣ ҳамчун фаҳмиши ақлонии эътиқоди динӣ ва табиати воқеӣ ба назар мерасад. Ниёзҳои табиӣ ва ҳаётии инсон таркибдиҳандаи ақли инсон ва ниёзҳои ҷадид ниёзманди абзорҳои нав аст ва ин шинохти нав инсонро бар ҷаҳон мусаххар месозад. Аз ин ҷо, муътазилиён дар илоҳиётшиносии исломӣ манзалати олии ақлро тасдиқ карданд, гарчанде ки онҳо натавонистанд ақлро ба натиҷаҳои болотари он расонанд, аммо маҳз муносибати ақлонии он буд, ки роҳи пайдоиши фалсафа дар исломро омода ва ҳамвор кард: барои онҳо ақл акнун танҳо қуввае ба ҳисоб намерафт, ки барои таъмини усулҳои тафсири ваҳйи илоҳӣ хидмат кунад, балки он як худкифое буд барои ба даст овардани ҳақиқат. Ақл тавассути нафс як ҷузъи «Ман»-и инсон буда, нақши он дар шинохти олам ва инсон муайян мегардад. Тибқи ақидаи муътазила, зоти шахс дорои қобилиятест, ки нақши дугона дорад. Ин қобилият – ақл ва ду нақши он – ҳукм, ки мавзуи он дониш аст ва муроқиба (назорат), ки ҳадафи он ҳидоят аст, маънидод мешаванд. Вазифаи ақл дар маърифати хайру некӣ, ҳангоме ки онҳо имконнопазир ва амалӣ шуданашон беҳуда ба назар мерасад; идора кардани маҷрои ҳаёт ба хотири хайру некии ношинос, ки ғайриимкон вонамуд мешавад, ки он чаҳорчӯбаи назариявӣ-ахлоқии маърифати ақлонии муътазила аст. Аммо агар шинохти ақлонӣ фаъолияти озод набошад, балки аввал аз ҷониби объекти он, ки дар дохили нафс ҷой дорад ва сипас тавассути зикри қисмҳои ин объект ва на аз ҷониби худи маърифаткунанда муайян гардад, арзиши ахлоқии маърифати ақлонӣ беаҳамият хоҳад буд.

Аз мазмуни бобҳо ва фаслҳои диссертатсия бармеояд, ки пазируфтани табиати ақлонӣ ва маънавии инсон дар муътазила маънои тасдиқи куллиро

дорад. Аммо, ба монанди ҳама гуна тасдиқҳои дигар дар муътазила дарки инсон ҳамчун мавҷуди таърихӣ ҳанӯз равшан ба назар намерасад ва шояд ниёз ба таҳқиқоти иловагӣ бошад ва таҳқиқоти мо ҳамчун як пояи мубоҳисаи куллӣ барои баррасии табиати инсон ва муносибатҳои шахсии ӯ бо одамони дигар, ки ҳар қадоми онҳо қувва ва иродаи хосси худашонро доранд, ба кор рафта метавонад.

# РӮИХАТТИ АДАБИЁТ

## Сарчашмаҳо

[1]. Ал-Аш‘ари, Абу-л-Хасан. О чем говорили люди ислама и в чем разошлись творившие молитву) [Матн] /Абу-л-Хасан Ал-Аш‘ари// Пер. с араб. Смирнова А.В. // Степанянц М.Т. Восточная философия: вводный курс. Избранные тексты. – М.: Восточная литература, 1997. - С. 367-384.

[2]. Ал-Аш‘ари, Абу-л-Хасан. Одобрение занятия каламом [Матн] /Абу-л-Хасан Ал-Аш‘ари / Введ., пер. и коммент. Т. Ибрагима // Средневековая арабская философия. Проблемы и решения. – Москва: Издательская фирма «Восточная литература» РАН, 1998. – С. 367– 378.

[3]. Ал-Багдади, ‘Абд Ал-Кахир ибни Тахир. Усул ад-дин фи ‘илм Ал-калам (Основы религии в богословии) [Матн] /‘Абд Ал-Кахир ибни Тахир Ал-Багдади // Пер. с араб. Туманяна Т.Г. // Философия идеальной власти. Политические концепции средневекового ислама. – СПб.: Изд-во СПбГУ, 2009. – С. 226–242.

[4]. Аристотель. Сочинения [Матн] /Аристотель. В 4-х т. Т. 4 //Пер. с древнегреч.; Общ. ред. А. И. Доватура. - М.: Мысль, 1983. - 830 с.

[5]. Платон. Диалоги [Матн] /Платон. - Харьков, 1999. - 383 с.

[6]. Платон. Законы [Матн] /Платон. - М.: Мысль, 1999. - 831 с.

[7]. Платон. Сочинения в четырех томах. Т. 1. [Матн] /Платон//Пер. с древнегреч. - СПб.: Изд-во С.-Петерб. ун-та, Изд-во Олега Абышко, 2006.

[8]. Плотин. Космогония [Матн] /Плотин. - М.: «REFL-book» и «Ваклер», 1995. – 298 с.

[9]. Плотин. Сочинения [Матн] /Плотин. – СПб.: «Алетейя» при участии Греко-латинского кабинета Ю.А. Шичалина, Москва, 1995. – 673 с.

[10]. Плотин. Эннеады. О двух материях [Матн] /Плотин. - Киев, 1996. - 236 с.

### Таҳқиқот ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ


[11]. Абид, Ал-Джабири. Современный арабский дискурс [Матн] /Абид Ал-Джабири//Пер. с араб. Е.А. Фроловой // История арабо-мусульманской философии: Антология. Под ред. А.В. Смирнова. – М.: Академический Проект, 2013. – С. 256–258.

[12]. Али-заде, А. Исламский энциклопедический словарь [Матн] /А. Али-заде. – М.: Ансар 2007. – 396 с.

[13]. Аль-Ашкар, У.С. Судьба и предопределение (Ал-Када ва-л-кадар) [Матн] /У.С. Аль-Ашкар// Пер. с арабского, вступ. слово и прим. Э.Р. Кулиева. Серия «Вероучение в свете Корана и сунны». Выпуск 8. - М.: Фонд, 2007. - 116 с.

[14]. Аль-Джанаби, М.М. Ислам. Цивилизация, культура, политика [Матн] / М.М. Джанаби. – М.: ООО «Садра», 2015. – 407 с.

[15]. Аль-Джанаби, М.М. Философия современной мусульманской реформации [Матн] / М.М. Джанаби. – М.: ООО «Садра», 2014. – 436 с.

[16]. Асмус, В.Ф. Античная философия [Матн] /В.Ф. Асмус. -2-е изд. -М.: Высш. шк., 1976. - 543с.

[17]. Ахмедов, С. Философия калама в современном исламе [Матн] /С. Ахмедов. – Душанбе, 2004. – 228 с.

[18]. Аҳмадов, С. Сароб (муборизаи ғоявӣ дар исломи муосир) [Матн] /С. Аҳмадов. – Душанбе, 1990. – 162 с

[19]. Аш-Шахрастани, Мухаммад ибни Абд Ал-Карим. Книга о религиях и сектах. Ч. 1. Ислам [Матн] /Мухаммад ибни Абд Ал-Карим аш-Шахрастани //Пер. с араб., введ. и коммент. С.М. Прозорова. - М.: «Наука», 1984. - 275 с.

[20]. Беков, К. Мухаммад Шахристани - историк философии [Матн] /К.Беков. - Душанбе, 1967. – 116 с.

[21]. Беляев, Е.А. Мусульманское сектанство (исторические очерки) [Матн] /Е.А. Беляев. М.: Изд-во вост. лит-ры, 1957. – 101 с.

[22]. Борисов А.Я. Мутазилитские рукописи Государственной Публичной библиотеки в Ленинграде [Матн] /А.Я. Борисов // Православный

Палестинский сборник. Вып. 99 (36). – СПб.: Изд.-во «Дмитрий Буланин», 2002. – С. 219–238.
[23]. Вазиров, 3. Очерки социальной философии калама и футуввата [Матн] / З. Вазиров. –Душанбе, 1991. - 270 с.
[24]. Вазиров, 3. Социальная философия калама [Матн] /З. Вазиров. - Душанбе, 2000.
[25]. Вольф, М.Н. Средневековая арабская философия: аш‘аритский калам [Матн] /М.Н. Вольф. - Новосибирск, НГУ, 2005. –154 с.
[26]. Вольф, М.Н. Средневековая арабская философия: му‘тазилитский калам [Матн] /М.Н. Вольф. - Новосибирск, НГУ, 2005. – 79 с.
[27]. Гайденко, П.П. История греческой философии в её связи с наукой [Матн] /П.П. Гайденко. Изд. 3-е. - М.: Книжный дом «ЛИБРОКОМ», 2012. - 264 с.
[28]. Гогиберидзе, Г. М. Исламский толковый словарь [Матн] /Г. Гогиберидзе. - Ростов н/Д: Феникс, 2009. - 266 с.
[29]. Григорян, С.Н. Средневековая философия народов Ближнего и Среднего Востока [Матн] /С.Н. Григорян. - М.: Наука, 1966. - 352 с.
[30]. Грюнебаум, фон Г.Э. Классический ислам. Очерк истории (600-1258) [Матн] / Г.Э. фон Грюнебаум. - М.: «Наука», 1988. – 216 с.
[31]. Гурлянд, И. О влиянии философии мусульманской религии, а именно: мутакаллимовъ, мутазилитовъ и ашаріевъ на философію религии великаго еврейскаго раввина Моисея Маймонида [Матн] / И. Гурлянд. – СПб.: Тип. Императорской Академии Наук, 1863. – 162 с.
[32]. Диноршоев, М. Абу Хамид Мухаммад Ал-Газали и его «Опровержение философов» [Матн] /М. Диноршоев // Абу Хамид Мухаммад Ал-Газали. Опровержение философов. - Душанбе, 2008.
[33]. Диноршоев, М. Натурфилософия Ибни Сины [Матн] /М. Диноршоев. - Душанбе, 1985. - 256 с.
[34]. Диноршоев, М. Философия Насириддина Туси [Матн] / М. Диноршоев. - Душанбе, 1968 - 157 с.

[35]. Диноршоева, З.М. Мухаммад Ал-Газали и его отношение к философии [Матн] /З. М. Диноршоева. - Душанбе, 2002. – 159 с.
[36]. Додихудоев, Х. Философия крестьянского бунта [Матн] /Х. Додихудоев. - Душанбе, 1987. - 432с.
[37]. Жузе, П. Мутазилиты: догматико-историческое исследование в области ислама. Вып. XXII [Матн] /П. Жузе. – Казань, 1899. – 282 с.
[38]. Зиёев, И. Проблема человека в философии Мухаммада Икбала [Матн] /И. Зиёев. Душанбе, 1998. -115 с.
[39]. Зиёев, Х.М. Суфийский орден мавлавия [Матн] /Х.М. Зиёев. - Душанбе, 2007. – 276 с.
[40]. Ибрагим, Т. Каламское опровержение антропоморфизма [Матн] /Т. Ибрагим // Ишрак: ежегодник исламской философии. – М., 2011. – № 2. – С. 364–398.
[41]. Ибрагим, Т. О каламе как «ортодоксальной философии» ислама [Матн] /Т. Ибрагим // Народы Азии и Африки, 1986. № 3. С. 205–212.
[42]. Ибрагим, Т.К. Религиозная философия ислама: калам[Матн] /Т.К. Ибрагим. - Казань: Казанский ун.-т, 2013. - 212 с.
[43]. Ибрагим, Т.К., Ефремова Н. В. О критике Ибни-Рущдом ашаритского калама [Матн] /Т.К. Ибрагим, Н.В. Ефремова //Minbar. Islamic Studies. 2018;11(3):553–562.
[44]. Ибрагим, Т.К., Ефремова Н.В. Мусульманская религиозная философия фалсафа: учеб. Пособие [Матн] /Т.К. Ибрагим, Н.В. Ефремова. – Казань: Изд-во Казан. ун-та, 2014. – 236 с.
[45]. Игнатенко, А.А. В поисках счастья (Общественно-политические воззрения арабо-исламской философии средневековья) [Матн] /А.А. Игнатенко. - М.: Мысль, 1989. –255 с.
[46]. Ислам. Энциклопедический словарь [Матн]. – М.: Наука, 1991.-315с.
[47]. Ислам: религия, общество, государство [Матн]. - М.: Наука, 1984. - 232 с.
[48]. История арабо-мусульманской философии: Антология [Матн] /Под ред. А.В. Смирнова. – М.: Академический Проект, 2013. – 267 с.

[49]. История арабо-мусульманской философии: Учебник [Матн] /Под ред. А.В. Смирнова. – М.: Академический Проект, 2013. – 255 с.
[50]. Камали, З.Д. Философия ислама: в 2 т. Т. 1: Часть 1. Философия вероубеждения [Матн] /З.Д. Камали //Пер., вст. сл., прим. и ком. Л. Алмазовой. – Казань: Татар. кн. изд-во, 2010. – 319 с.
[51]. Кедров, Б.М. Монадология Лейбница и атомистика [Матн] /Б.М. Кедров // Organon 5, 1968.
[52]. Кирабаев, И.С. Социальная философия мусульманского Востока [Матн] /И.С. Кирабаев. - М.: УДЫ, 1987. – 174 с.
[53]. Корбен, А. История исламской философии [Матн] /А. Корбен //Пер. с франц. А.А. Кузнецова. – М.: Прогресс-Традиция, 2010.
[54]. Лауст, А. Религиозные волнения в Багдаде в IV–V вв. [Матн] /А. лауст // Мусульманский мир. 950–1150 гг. – М., ГРВЛ 1981. – С. 189–206.
[55]. Лимэн, О. Введение в классическую исламскую философию [Матн] /О. Лимэн// Пер. с англ. Г.М. Северской. - М.: Весь мир, 2007. – 280 с.
[56]. Лосев, А. Ф. ИАЭ. Поздний эллинизм [Матн] /А.Ф. Лосев. - М: «АСТ», 2000. - 960 с.
[57]. Массэ, А. Ислам. Очерк истории [Матн] /А.Массэ //Пер. с франц. 3-е изд. - М.: Наука. Глав.ред.вост. лит-ры, 1982. -191 с.
[58]. Месяц, С.В. Движение [Матн] /С.В. Месяц //Античная философия: Энциклопедический словарь. - М.: Прогресс-Традиция, 2008.
[59]. Мец, А. Мусульманский Ренессанс [Матн] /А. Мец //Пер. с нем. Д.Е.Бертельса. 2 изд. - М.: «Наука», 1973. - 473 с.
[60]. Музаффари, М. Введение в антропологию [Матн] /М. Музаффари. - Душанбе, 1999. - 127с.
[61]. Мусаев, М. Мутазилиты [Матн] /М. Мусаев. – М.: Институт востоковедения, 1997. – 101 с.
[62]. Мухаммад-Али, М. Введение в антропологию [Матн] /М. Мухаммад-Али. - Душанбе, 1999. -130 с.

[63]. Мухаммадходжаев, А. Мировоззрение Фаридуддина Аттора [Матн] /А. Мухаммадходжаев. - Душанбе, 1974. -116 с.

[64]. Мюллер, А. История ислама: от доисламской истории арабов до падения династии Аббасидов [Матн] /А. Мюллер //Пер. с нем. – М.: ООО «Издательство Астрель», 2004. – 911 стр.

[65]. Назариев, Р.З. Социальная философия «Ихван ас-сафа» и Насира Хусрава [Матн] /Р.З. Назариев. - Душанбе, 2011. - 350 с.

[66]. Насер, А.Р. Универсализм и исламская концепция права и свобод человека. Дисс. к.ю.н. [Матн] /А.Р. Насер. - М., 1999. - 187с.

[67]. Нофал, Ф.О. Ибрахим ибни Саййар ан-Наззам [Матн] /Ф.О. Нофал. - М.: Языки Славянской культуры и ОО «Садра», 2015.

[68]. Проблема свободы воли и предопределения в раннесредневековой арабской мусульманской мысли: материалы научной конференции [Матн]. - С.-Петербург, 6- 9 февраля 2008 г. [сост. И.А.Федорова]. – С.-Петербург, 2008.

[69]. Прозоров, С.М. Ислам как идеологическая система [Матн] /С.М. Прозоров. – М.: Восточная литература, 2004. – 472 с.

[70]. Прозоров, С.М. К истории мусульманской догматики: мурджииты // Ислам в истории народов Востока (сборник статей) [Матн] /С.М. Прозоров. - М.: «Наука», 1981. - 197 с.

[71]. Рационалистическая традиция и современность. Ближний и Средний Восток [Матн]. - М.: Наука, 1990. - 280 с.

[72]. Рациональное и эмоциональное в морали [Матн] /Под ред. А.И.Титаренко, Е.Л. Дубко. - М.: Изд-во МГУ, 1983. -156 с.

[73]. Роузентал, Ф. Торжество знания. Концепция знания в средневековом исламе[Матн] /Ф. Роузентал //Пер. с англ. С.А.Хомутова. Под ред. А.В.Сагадеева. - М.: Наука, Глав. ред. вост. лит-ры, 1978. - 372 с.

[74]. Сагадеев, А.В. Калам (Обзор) [Матн] /А.В. Сагадеев //Классический ислам: традиционные науки и философия. Сборник обзоров. – М.: Мысль,1988. – С. 47–85.

[75]. Садыкова, Н.Н. Философия Мирзо Абдулкодира Бедиля [Матн] /Н.Н. Садыкова. - Душанбе, 2007. - 248 с.
[76]. Самиев, Б.Д. - Социально-философский анализ взглядов таджикских просветителей о структуре социальных отношений конца XIX и начала XX в. [Матн] /Б.Д. Самиев. - Душанбе, 2008. - 267 с.
[77]. Смирнов, А.В. Логика смысла: Теория и её приложение к анализу классической арабской философии и культуры [Матн] /А.В. Смирнов. - М.: Языки славянской культуры, 2001. - 504 с.
[78]. Смирнов, А. В., Анисов А. М. Логические основания философии времени мутазилитов [Матн] /А.В. Смирнов, А.М. Анисов //Философский журнал. № 2(3). 2009. - С. 132-163.
[79]. Смирнов, А.В. Великий шейх суфизма (опыт парадигмального анализа философии Ибни Араби) [Матн] /А.В. Смирнов. – М.: Наука, 1993. – 330 с.
[80]. Смирнов, А.В. Что стоит за термином «средневековая философия» (рассмотрение вопроса в ракурсе проблематики истины и причинности) [Матн] /А.В. Смирнов //Средневековая арабская философия. Проблемы и решения. – М.: Изд. фирма «Восточная литература» РАН, 1998.
[81]. Степанянц, М.Т. Мусульманские концепции в философии и политике [Матн] /М.Т. Степанянц. - М., 1982. – 248 с.
[82]. Туманян, Т.Г. Философия идеальной власти. Политические концепции средневекового ислама [Матн] /Т.Г. Туманян. – СПб.: Изд-во СПбГУ, 2009. – 280 с.
[83]. Фролова, Е.А. Арабская философия. Прошлое и настоящее [Матн] /Е.А. Фролова. – М.: Языки славянских культур, 2010. – 460 с.
[84]. Фролова, Е.А. История арабо-мусульманской философии. Средние века и современность: учебное пособие [Матн] /Е.А. Фролова. — М., 2006. - 199 с.
[85]. Фролова, Е.Н. Проблема веры и знания в арабской философии. - М.: «Наука», 1983. – 169 с.

[86]. Шаймухамбетова, Г.Б. Арабоязычная философия средневековья и классическая традиция (начальный период) [Матн] /Г.Б. Шаймухамбетова. - М.: Наука, 1979. – 152 с.
[87]. Шамолов, А.А. Философско-теологические воззрения Газзали [Матн] /А.А. Шамолов. – Душанбе, 2002. – 384 с.

**Таҳқиқот ба забонҳои аврупоӣ**

[88]. Al-Shahrastani M. Nihayait al-Iqdiim fi ‘Ilm al-Kalfim /M. Al-Shahrastani // Ed. by A. Guillaume. - Oxford, 1934. – 353 p.
[89]. Bouamrane, C. (1978), Le problème de la liberté humaine dans la penséemusulmane / C. Bouamrane. - Paris, Vrin. – 377 p.
[90]. Cahen, C. Les peuples musulmans dans l’histoire médiévale /C. Cahen. - Damas: Institut Français de Damas, 1977. - 496 с.
[91]. Cook, M. Commanding Right and Forbidding Wrong in Islamic Thought /M. Cook. - Cambridge: Cambridge University Press, 2000, 5:436.
[92]. Dhanani, A. Kalam and Hellenistic Cosmology: Minimal Parts in Basrian Mu'tazili Atomism / A. Dhanani. - Harvard University, 1991, p. 37-119.
[93]. Drijvers, H. Bardaican of Edessa /H. Drijvers. - Gronigen: Van Gorcum, 1966. - 326.
[94]. Encyclopaedia Iranica. 1 vol., Ed. E. Yarshater. - London, Boston, and Henley: Roudedge and Kegan Paul, 1982, 275-280.
[95]. Fakhry, M. A History of Islamic Philosophy / M. Fakhry. - Columbia University Press, 1983. - 394.
[96]. Frank, R.M. Beings and their attributes: The teaching of the Basrian school of the Mu‘tazila in the classical period / R.M. Frank. - Albany, 1978. – 216 p.
[97]. Furley, D. The Cosmological Crisis in Classical Antiquity. Proceedings of the Boston Area Colloquium in Ancient Philosophy: Volume II, ed. John J. Cleary / D. Furley. - Lanham: University Press of America, 1986, p. 1-19.

[98]. Gimaret, D. Une lecture mu‘tazilite du Coran. Le Tafsīr d’Abū ‘Alī al-Djubbā’ī (m. 303/915) partiellement reconstitué à partir de ses citateurs / D. Gimaret. - Louvain, Paris: Peeters, 1994, 7:786-88.
[99]. Goldziher, I. (2005). Muslim Studies /I. Goldziher //Edited by S. M. Stern. Translated by C. R. Barber and S. M. Stern. London, Routledge) Vol. I, p. 381. - 254 p.
[100]. Grunebaum, G.E. Von, 1970. Classicall Islam: Classical Islam: a history, 600–1258 /G.E. Grunebaum. - London: George Allen and Unwin Ltd., 1970. – 243 p.
[101]. Hourani, G.F. Islamic Rationalism: the Ethics of 'Abd al-Jabbar /G.F. Hourani. - Oxford: Clarendon Press, 1971. – 158 p.
[102]. Iqbal, M. (2001) The Development of Metaphysics in Persia /M. Iqbal. - East Lansing, Mi (1st pub. London 1908). – 143 p.
[103]. Madelung, W.&Schmidtke, S. Rational Theology in Interfaith Communication; Abu l-Husayn al-Badri’s Mu’tazil Theology among the Karaites in the Fatiimid Age /W. Madelung&S. Schmidtke. - Leiden 2006. - 144 p.
[104]. Montgomery W. The Formative Period of Islamic Thought /W. Montgomery. - Edinburgh University Press, Edinburgo, 1973. - 424 p.
[105]. Nader A. N. Le système philosophique des Mu‘tazila /A.N. Nader. – Beyrouth: Les lettres orientales, 1956. - 354 p.
[106]. Nyberg N.S. «Mu’tazila», en Encyclopaedia of Islam (1) / N.S. Nyberg. – Leiden: E. J. Brill, 1928, vol. III, pp. 787-789.
[107]. Pellat Ch. The Life and Works of Jahiz /Ch. Pellat. - The University of California Press, Berkeley & Los Angeles, 1969. – 286 p.
[108]. Perry R.B. General Theory of Value / R.B. Perry. - Cambridge: Harvard U. Press, 1954. – 497.
[109]. Pines Sh. Some Traits of Christian Theological Writing in Relation to Moslem Kalām and to Jewish Thought’ /Sh. Pines //The Collected Works of Shlomo Pines, Vol. III. - The Magnes Press, Hebrew University of Jerusalem, 1996. – 452 p.

[110]. Qazi Abul Hassan b. Abdul Jabbar. Al-Mutazila and Their Five Princples /Q.A.H. b. Abdul Jabbar. - Riadh, Saudi Arabia, 1996, - 94 p.

[111]. Rahman, F. 1979. Islam /F. Rahman. - University of Chicago. – 278 p.

[112]. Sheikh, M. S. Comparative Studies in Muslim Philosophy /M.S. Sheikh. - Lahore, 1969. - 250 p.

[113]. Tohe, Achmad. Muqatil ibn Sulayman: A neglected figure in the early history of Qur'ānic commentary /Ach. Tohe //Diss. - Boston University, 2015. – 391 p.

[114]. van Ess, J. (1984). Une lecture à rebours de l'histoire du mu'tazilisme /J. van Ess. - Paris: P. Geuthner. - 139 p.

[115]. Wolfson H.A. The Philosophy of the Kalam /H.A. Wolfson. - Cambridge, Massaghusets and London, Harward Univ. Press, 1976. – 779 p.

[116]. Zaman, M. Q. Religion and Company. Politics under the Early Abbasids: The Emergence of Proto-Sunnī Elite (Islamic History and Civilization) /M.Q. Zaman. - Leiden: E. J. Brill, 1997. - 256 p.

**Сарчашмаҳо ва таҳқиқот ба забонҳои форсӣ ва арабӣ**

[117]. Абдулазиз Бадавӣ. Ал-Ислом байн ал-уламо ва ал-ҳукком. – Бағдод, 1965. – 260 с.

[118]. Абдулҷаббор ибни Аҳмад ал-Ҳамадонӣ. Ал-Маъно фи абвоб ал-тавҳид ва ал-адл. - Қоҳира, 1964.

[119]. Абдулҷаббор ибни Аҳмад ал-Ҳамадонӣ. Шарҳ ал-усул ал-хамса. - Қоҳира, 2006. – 322 с.

[120]. Абдулҷаббор ибни Аҳмад ал-Ҳамадонӣ. Шарҳ ал-усул ал-хамса. - Қоҳира, 2006. – 412 с.

[121]. Абу Зайд Носир Ҳомид. Ал-Иттиҷоҳ ал-ақлӣ фи ал-тафсир. – Бейрут, 1982. 292 с.

[122]. Абу Зейд Наср Ҳомид. Ал-Иттиҷоҳ ал-ақлӣ фи ал-тафсир. – Бейрут, 1982. 280 с.

[123]. Абу Зейд Наср Ҳомид. Ал-Насс ал-султа ал-ҳақиқийа. – Бейрут, 1995. 186 с.

[124]. Абу Рейда Муҳаммад. Иброҳим ибн Саййор. Ал-Низом ва ороуҳу ал-каломийа ал-фалсафийа. – ал-Қоҳира, 1946.
[125]. Абубакр ибн Боқилонӣ. Китоб ут-тамҳид. – Бейрут, 1957. – 256 с.
[126]. Авод ибни Абдуллоҳ ал-Амиқ. Ал-Муътазила ва усулуҳим ал-хамса ва мавқиф аҳл ал-сунна минҳо. - Риёз, 1414 ҳ.. – 312 с.
[127]. Ал-Аш‘ари Абу-л-Хасан. Макалат ал-исламиййин ва-хтилаф ал-мусаллин (О чем говорили люди ислама и в чем разошлись творившие молитву) / пер. с араб. Смирнова А.В. // Степанянц М.Т. Восточная философия: вводный курс. Избранные тексты. – М.: Восточная литература, 1997. С. 381.
[128]. Ал-Ашъарӣ Абу ал-Ҳасан. Мақолот ал-исломиин ва ихтилоф ал-мусалиин. – Висбаден, 1980. – 580 с.
[129]. Ал-Бағдодӣ Абдулқодир. Ал-Муътазила ва хамс усулуҳим. Риёз, 1986. – 322 с.
[130]. Ал-Бағдодӣ Абдулқодир. Ал-фарқ байн ал-фирақ. – Қоҳира, 1328 ҳ. – 304 с.
[131]. Ал-Бағдодӣ Абдулқодир. Ал-фарқ байн ал-фирақ. - Бейрут, 1328 ҳ. –101 с.
[132]. Ал-Бағдодӣ Абдулқодир. Ал-фарқ байн ал-фирақ. - Қоҳира, 1328 ҳ. – 264 с.
[133]. Ал-Бағдодӣ Абдулқодир. Тафарруқ байн ал-фирақ. - Қоҳира, 1988. – 465 с.
[134]. Ал-Боқилонӣ Абу Бакр. Ал-Интисоф фимо йаҷиб эътиқодаҳу ва ло йаҷуз ал-ҷаҳл биҳи. – Қоҳира, 1950. – 203 с.
[135]. Алӣ Мустафо ал-Ғуробӣ. Абу Ал-Ҳузайл Ал-Аллоф. Аввал мутакаллим исломӣ. Таассур би ал-фалсафа. – Ҳиҷоз, 1949. – 253 с.
[136]. Аллома Маҷлисӣ Муҳаммад Боқир. Биҳор ул-анвор. Ҷ.6. – Бейрут-Лондон, 1404 ҳ.қ. – 510 с.
[137]. Ал-Мақризӣ Аҳмад ибни Алӣ. Ал-Мавоъиз ва ал-эътибор фи зикр ал-хуттат ва ал-осор. – Бейрут, 1314 ҳ. – 486 с.
[138]. Ал-Масъудӣ Аби ал-Ҳусайн. Мураввиҷ ал-мазҳаб ва маъодин ал-ҷавҳар. – Бейрут, 1965. – 327 с.
[139]. Ал-Усамин Муҳаммад Солеҳ. Шарҳ ақида ал-восита. Риёз, 1421 ҳ.
[140]. Ал-Шаҳристонӣ Муҳаммад. Ал-миллал ва ал-ниҳал. Қоҳира, 1416 ҳ. 628 с.

[141]. Ал-Шаҳристонӣ Муҳаммад. Ниҳойат ал-ақдом фи илм ал-калом. – Бағдод, 1965. 408 с.
[142]. Ан-Нисобурӣ Абу ал-Рашид. Зиёдат ал-шарҳ. - Қоҳира, 1969. – 312 с.
[143]. Ан-Нисобурӣ Абу ал-Рашид. Масоил ал-хилоф бан ал-бағдодиин ва ал-басриин. – Бейрут, 1979. – 346 с.
[144]. Атвон Ҳусайн. Фирқаҳои исломӣ дар сарзамини Шом дар асри Уммавӣ. Тарҷ. Ҳамид Ризо Шайхӣ. – Машҳад, 1371. – 432 с.
[145]. Аҳмад ибни Заҳр. Ал-Ислом. Ҷ. 3. – ал-Қоҳира, 1946. – 362 с.
[146]. Аш-Шаҳристонӣ Муҳаммад. Ал-Милал ва ан-ниҳал. Қоҳира, 1416 ҳ. – 568 с.
[147]. Баҳор Малик-уш-шуаро. Муҷмал ат-таворих ва ал-қиссас. – Теҳрон, 1318. – 359 с.
[148]. Ибн Касир. Ал-бидоя вал-ниҳоя. – Бейрут, 1990. – 420 с.
[149]. Ибн Мискавейҳ. Таҷоруб ал-уммам. – Теҳрон, 1376 ҳ.қ. 166 с.
[150]. Ибн Надим. Ал-Фиҳрист. – Бейрут, 2009. 1976 с.
[151]. Ибн Халикон. Вафиёт ул-аъён. Ҷ. 6. – Бейрут, 1972. – 496 с.
[152]. Ибни Маттавейҳ. Ат-тазкира фӣ аҳком ал-ҷавоҳир ва ал-аъроз. – Қоҳира, 1975. 647 с.
[153]. Козим Мусавӣ Буҷнурдӣ. Доират ал-маорифи бузурги исломӣ. Ҷ. 12. – Теҳрон, 1367. – 333 с.
[154]. Қозӣ Абу ал-Ҳасан Абдулҷаббор. Ал-Муътазила ва хамс усулиҳим. – Риёз, 1996. – 513 с.
[155]. Қозӣ Абу ал-Ҳасан Абдулҷаббор. Табақот ал-муътазила. - Қоҳира, 1972. – 280 с.
[156]. Муаллифи маҷҳул. Шарҳ китоб ал-тазкира фи аҳком ал-ҷавоҳир ва ал-аъроз. – Теҳрон, 2006. С. 110.
[157]. Неъматӣ Фарҳод. Нақши Кӯфа дар густариши ташаййуъ то қарни чаҳоруми ҳиҷрӣ. – Қум, 1385. –376 с.
[158]. Нодир ал-Бир Насрӣ. Фалсафа ал-муътазила. Ҷ. 1. - Ал-Искандария, 1950. – 428 с.

[159]. Носир Гузашта ва Алӣ Рамазони Дамовандӣ. Торшиносии ангораҳои эътизолӣ дар мутуни Зардуштӣ // Маҷаллаи «Илоҳиёти татбиқӣ (илмӣ-пажуҳишӣ)». № 17. 1396 ҳ.қ. – 276 с.

[160]. Рукниддин ибн ал-Малоҳимӣ. Китоб ал-фоиқ фи усул ал-дин. – Теҳрон, 1386 ҳ.қ. –284 с.

[161]. Табарӣ Муҳаммад ибни Ҳарир. Таърихи Табарӣ (ар-Русул ва ал-мулук). – Теҳрон, 1575. – 577 с.

[162]. Умарҷӣ Аҳмад Шавқӣ. Ал-Муътазила фи ал-Бағдод ва асаруҳм фи ал-ҳаёт ас-сиёсийа ва ал-Фикрийа. Қоҳира, 1420. – 344 с.

[163]. Ҷаҳонгирӣ Муҳсин. Қурбони нахустин // Маҷаллаи «Маориф». Фарвардин-Тир. № 13, 1367 ҳ.қ. С. 6-15.

## МАНБАЪҲОИ ЭЛЕКТРОНӢ

[164]. Ибрагим Т. Обоснование бытия Бога и Его единства в каламе. – М.: Институт востоковедения РАН. – С. 284–299. [Манбаи электронӣ]: реҷаи дастрасӣ: http://iph.ras.ru/uplfile/ smirnov/ishraq/1/t_ibrah.pdf Таърихи руҷуъ: 12.10.2019.

## РӮЙХАТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМӢ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ба табъ расидаанд:**

**[1-М]** Қосимов Қ.А. Сарчашмаҳои ғоявии фалсафаи ақлгароии муътазила [Матн] / Қ.А. Қосимов // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳо Тоҷикистон. – Душанбе. - 2021. - №4. - С. 175-181. ISSN 0235-005X ;

**[2-М]** Қосимов Қ.А. Масъалаи инсон, ақл ва иродаи ӯ дар таълимоти муътазила [Матн] / Қ.А. Қосимов // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – Душанбе. - 2022. - №4. – С. 150-154. ISSN 0235-005X;

**[3-М]** Қосимов Қ.А. Усулҳои бунёдии ақлгароии муътазила [Матн] / Қ.А. Қосимов // Паёми филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе. – Душанбе. - 2022. Т. 2. - № 1(21). - С. 132-142. ISSN 2709-6246;

**[4-М]** Қосимов Қ.А. Таҳқиқи масъалаи ақл ва иродаи инсон дар таълимоти муътазила [Матн] / Р.З. Назариев., Қ.А. Қосимов // Ахбори Институти фалсафа., сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқ ба номи А. Баҳоваддинов, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – Душанбе. - 2023. - № 3. - С. 38-43. ISSN 0235-005X;

**II. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои дигари илмӣ ба табъ расидаанд:**

**[5-М]** Қосимов Қ.А. Сарчашмаҳои ғоявии фалсафаи ақлгароии муътазила [Матн] / Қ.А. Қосимов // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳо Тоҷикистон. – Душанбе. - 2021. - №4. - С. 175-181. ISSN 0235-005X;

**[6-М]** Қосимов Қ.А. Шароити таърихӣ ва иҷтимоии пайдоиши муътазила [Матн] / Қ.А. Қосимов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе. - 2021. - №2 (2). – С. 47-53. ISSN2710-4672;

**[7-М]** Қосимов Қ.А. Тамоюли метафизикӣ ва табиатшиноси муътазила ва маърифати ақлонии онҳо [Матн] / Қ.А. Қосимов// Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ/ – Душанбе. - 2021. - №3-4 (3-4). – С. 49-55. ISSN2710-4672.